**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАКУЛТЕТИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ**
**КАФЕДРАИ ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ ВА АУДИТ**

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**ФАКУЛЬТЕТ УЧЕТА И ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ**
**КАФЕДРА ЭКОНОМИЧЕСКОГО АНАЛИЗА И АУДИТА**

# М А В О Д И
# КОНФРОНСИ ИЛМӢ-АМАЛИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАХШИДА БА 80-СОЛАГИИ АРБОБИ ИЛМ ВА ТЕХНИКАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ, ПРОФЕССОР УРОҚОВ Д.У. ДАР МАВЗУИ «ИҚТИСОДИЁТ, МОЛИЯ, ҲИСОБГИРӢ, ТАҲЛИЛ ВА АУДИТ: АФЗАЛИЯТҲОИ РУШДИ СТРАТЕГӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ»
**Қисми - 1**

# М А Т Е Р И А Л Ы
# МЕЖДУНАРОДНОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ ПОСВЯЩЕННОЙ 80-ЛЕТИЮ ЗАСЛУЖЕННОГО ДЕЯТЕЛЯ НАУКИ И ТЕХНИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН, ДОКТОРА ЭКОНОМИЧЕСКИХ НАУК, ПРОФЕССОРА УРАКОВА Д.У. НА ТЕМУ «ЭКОНОМИКА, ФИНАНСЫ, УЧЕТ, АНАЛИЗ И АУДИТ: СТРАТЕГИЧЕСКИЕ ПРИОРИТЕТЫ РАЗВИТИЯ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ»
**Часть – 1**

**Душанбе-2022**

**УДК: 330.534 (575.3)**
**ББК: 65.052(1)**
**М-12**

Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. дар мавзуи «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (Қисми 1) (21-23 юми майи соли 2022) / зери назари д.и.и., проф. Хушвахтзоа Қ.Х. – Душанбе, матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022.- 338 с.

Маҷмӯаи мазкур мақолаҳо ва фишурдаи маърӯзаи олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин мутахассисони соҳаҳои гуногуни иқтисодиётро, ки дар кори конференсия ширкат варзидаанд, дар бар мегирад.

*Матни маърӯзаҳо бо забон ва таҳрири аслии муаллифон пешниҳод шудааст.*

**Котиби масъул:**
**Тоҳирова Р.С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**

**Ҳайати таҳририя:**
**Калемуллоев М.В. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**Ҷӯраева А.О. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**Абдулмуминзода Н.А, -- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**Зокирова Ф.Дж. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**Одинаев М.А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**Мураттибон:**
**Абдуллозода Р.А.**
**Ғаниев У.Ф.**
**Муҳаррири техникӣ: Табарзода О.С.**

Материалы международной научно-практической конференции посвященной 80-летию Заслуженного деятеля науки и техники Республики Таджикистан, доктора экономических наук, профессора Уракова Д.У. на тему «экономика, финансы, учет, анализ и аудит: стратегические приоритеты развития в условиях цифровой экономики» (21-23 мая 2022) /под. ред. д.э.н., проф. Хушвахтзода Қ.Х. – Душанбе, типография ТНУ, 2022. -839 с.

Данный сборник содержит статьи, тезисы доклады отечественных и зарубежных ученых и специалистов разных отраслей экономики, принявших участие в работе конференции.

**Тезиси докладов представлены на языке оригинала их авторов (без изменений).**

*ISBN: 978-99985-73-92-5*

*© Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
***©Таджикский национальный Университет***

# ПРИВЕТСТВЕННОЕ СЛОВО РЕКТОРА ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА УЧАСТНИКАМ КОНФЕРЕНЦИИ!

Я рад приветствовать Вас в Таджикском национальном университете!

От имени ректората Таджикского национального университета тепло и сердечно поздравляю Вас с началом работы Международной научно-практической конференции посвященной 80-летию Заслуженного деятеля науки и техники Республики Таджикистан, доктора экономических наук, профессора Уракова Д.У. на тему “Экономика, финансы, учет, анализ и аудит: стратегические приоритеты развитие в условиях цифровой экономики”, которая является важным вкладом в развитие экономического потенциала стран СНГ.

На площадке этой конференции будут обсуждаться актуальные проблемы теории и практики экономики, финансов, учета и аудита, которые позволяют обрести новое лицо в условиях информационного и трансформационного общества. Глобализация в экономике, сложные политические процессы в мире, социокультурная трансформация - таковым предстал перед человечеством XXI век у своих истоков. Уже сегодня всем ясно, что развитие бизнеса невозможно без существенного продвижения вперед в деле развития новых парадигм экономической мысли. Век науки, знаний и высоких технологий немыслим без становления нового качества высшего образования в постсоветских странах. Это глубокое доказательство и яркий пример исследований вопросов экономики в свете парадигмы мирового развития, его движущую силу по сплочению научных школ, утверждению потенциала и значимости экономической науки, ее объединяющей мощи.

Решение актуальных проблем теории и практики экономики, финансов, учета, анализа и аудита открывают новые пути и возможности для развития экономики, становление и формирование нового общества, основанных на знаниях. Основополагающая цель решения актуальных проблем теории и практики экономики - обеспечить более эффективное развитие всего общества.

Учитывая, что мероприятия такого масштаба и такого уровня в СНГ начинает принимать традиционный характер, хочу поблагодарить инициаторов конференции. Хочу отметить, что дальнейшее развитие сотрудничества в сфере экономики на пространстве СНГ позволит эффективно использовать накопленный опыт, получать весомую отдачу от реализуемых в этой области деятельности.

Уважаемые коллеги! Таджикский национальный университет сегодня это одна из основных опор прогресса Республики Таджикистан. Развитие университетской науки и образования всё теснее увязывается с приоритетами нашего содружества. Для нас они четко обозначены в межгосударственных соглашения по стратегическому партнерству во благо обеспечения мира и межнационального согласия, сохранения исторических, национальных и духовных традиций, культур, языков народов, защита традиционных ценностей, формирования и накопления человеческого капитала. Немаловажное место в реализации этих приоритетов отводится экономическому сообществу.

Желаем участникам конференции интересных дискуссий, научного анализа и обобщения, глубокого осознания значимости экономики в свете парадигмы мирового развития!

Желаем участникам конференции насыщенного профессионального общения, дальнейших успехов и творческих достижений, постоянного поиска истины!

Выражаю благодарность всем участникам конференции и гостям, которые нашли время, чтобы принять участие в работе конференции. Желаю плодотворных дискуссий и новых достижений!

Счастья и благополучия!

***С уважением,***
***Ректор Таджикского национального университета,***
***доктор экономических наук,***
***профессор*** ***Хушвахтзода К.Х.***

**МУНДАРИЧА**

**БАХШИ I. АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ**


1. *Ғаниев Т.Б.* **МАҚОМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ РОҲБАРИИ ИҚТИСОДӢ ......7**

2. *Ҳусейнов Б.А.* **НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ ДАВЛАТДОРӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ........ 12**

3. *Абдуллаев А.А.* **ИНКИШОФИ ВОСИТАҲОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ ........ 18**

4. *Абдуллоев А.Х.* **БОЗОРИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА РОҲҲОИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ ОН ........ 22**

5. *Азимов А.Дж.* **НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ИЗМЕНЕНИЯ РОЖДАЕМОСТИ В ПЕРСПЕКТИВЕ ........ 28**

6. *Бадалов Ш.Қ., Шарифов М.М., Муҳиддинов Ш.Ш.* **НАҚШИ ТАКМИЛДИҲИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ ДАР ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲО ... 31**

7. *Байматова М.М., Абдуганиев А.М.* **ФОРМИРОВАНИЕ СИСТЕМЫ ОПЛАТЫ ТРУДА НАУЧНО-ИЗЫСКАТЕЛЬСКИХ РАБОТ ........ 35**

8. *Бахтиёри Р.* **НАҚШИ КЛАСТЕРҲОИ САНОАТӢ ДАР РУШДИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ...... 42**

9. *Бобохонова Ш.Х.* **СОХТОР ВА ХУСУСИЯТҲОИ АМАЛКУНИИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН............ 44**

10. *Бобосадыкова Г.Б., Файзуллоев А.Х.* **АНАЛИЗ МЕР ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ РАЗВИТИЯ ЛЕГКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РЕГИОНЕ ........ 49**

11. *Джураев Ф.М., Исоков М.Т.* **НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ И МЕХАНИЗМЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СИСТЕМЫ МЕЖОТРАСЛЕВОГО ОБМЕНА В АПК ........ 54**

12. *Джоналоев М.С.* **РАЗВИТИЕ ФОРМ И ИНСТРУМЕНТОВ ЭКОЛОГО – ЭКОНОМИЧЕСКОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЗЕМЛЕПОЛЬЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН........ 57**

13. *Дустов Б.Т., Бахтиёри Р.* **СТРАТЕГИЯИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ НАВОВАРИҲОИ КОРХОНАҲО ДАР ДАВРАИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ МАМЛАКАТ........ 63**

14. *Закурдаев К.Ю.* **АНАЛИТИЧЕСКОЕ СОПРОВОЖДЕНИЕ УПРАВЛЕНИЯ ЖИЗНЕННЫМ ЦИКЛОМ ОРГАНИЗАЦИИ........ 65**

15. *Исайнов Ҳ.Р.* **ИҚТИСОДИЁТИ ПАСОКОРОНАВИРУСИИ ТОҶИКИСТОН: ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ ИМРӮЗА ВА ДУРНАМОИ ПЕШРАФТ........ 67**

16. *Каримова И.И.* **РАЗВИТИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО ПРОСТРАНСТВА РЕГИОНА И ПРЕОДОЛЕНИЕ ДИСПАРИТЕТА ЦЕН В АПК: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ........ 75**

17. *Кодирзода Д. Б.* **КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ БЛАГОСОСТОЯНИЯ НАСЕЛЕНИЯ ........ 78**

18. *Кодирова М.Д.* **СУЩНОСТЬ И СОДЕРЖАНИЕ МЕХАНИЗМА УПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЕМ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СФЕРЕ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ ........ 86**

19. *Комилов А.К.* **СОЦИАЛЬНО-ДЕМОГРАФИЧЕСКИЕ ПОСЛЕДСТВИЯ ВЫСОКОГО ПРИРОСТА НАСЕЛЕНИЯ ........ 93**

20. *Ҷӯраева М.Н.* **АМАЛИСОЗИИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ВА РАВАНДИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ ........ 96**

21. *Мирзоев С.С., Одинаев М.А., Азимов А.Дж.* **ТЕНДЕНЦИИ ИЗМЕНЕНИЯ СОСТОЯНИЯ НАСЕЛЕНИЯ И ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ С УЧЁТОМ ВЛИЯНИЯ ОТДЕЛЬНЫХ ФАКТОРОВ ........ 101**

22. *Нестеренко Н.А., Ткаченко И.Ю.* **ВЛИЯНИЕ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ НА РАСЧЕТЫ С НАСЕЛЕНИЕМ ЗА ГАЗОСНАБЖЕНИЕ ........ 106**

23. *Нидоев Ш.Н.* **ВЛИЯНИЕ КОРРУПЦИИ НА ЭКОНОМИЧЕСКИЙ РОСТ И ОБЩЕСТВЕННОЕ БЛАГОСОСТОЯНИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН ........ 109**

24. *Норов Х.Г.* **СОВРЕМЕННЫЕ ПРОБЛЕМЫ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ ДЛЯ ПРОИЗВОДСТВА ПРОДОВОЛЬСТВЕННЫХ ПРОДУКТОВ...... 119**

25. *Орифова Ш.Р., Икромова М.Х.* **ТАҲЛИЛИ МЕТОДОЛОГИИ ШАРОИТИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА ДАРАҶАИ ТЕХНИКИЮ ТАШКИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ ШИРКАТҲОИ СОХТМОНӢ........ 122**

26. *Одинаев М.А., Азимов А.Ч., Ахмедов К.А.* **ТАЪМИНИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАСЪАЛАИ МУҲИМИ ЗАМОНИ МУОСИР........ 127**

27. *Одинаев М.А., Табарозода О.С.* **МОҲИЯТ ВА САБАБҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР ........ 133**

28. *РАҶАБОВ Ҳ.Ҳ.* МОҲИЯТИ ДАРОМАДҲОИ ПУЛӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲ ВА СИФАТИ ҲАЁТИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР ........ 138
29. *РАХИМОВ У.ДЖ.* НАПРАВЛЕНИЯ УЛУЧШЕНИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПОТЕНЦИАЛА ПЕРСОНАЛА ПРЕДПРИЯТИЯ ........ 144
30. *ЛЮ ТАО М.* АҲАМИЯТИ СИСТЕМАҲОИ ИТТИЛООТИЮ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИОНӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲО ........ 150
31. *РАХИМОВ У.ДЖ.* ОСОБЕННОСТИ УПРАВЛЕНИЯ КАДРОВЫМ ПОТЕНЦИАЛОМ В РАЗЛИЧНЫХ ВИДАХ СТРОИТЕЛЬНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ ........ 155
32. *РУЗМАТЗОДА Ғ., ҚАЛАНДАРОВ Ҳ.Ҳ.* ВОБАСТАГИИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ АЗ ТЕХОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ........ 158
33. *РУСТАМ А.Р.* ШАРОИТИ ТАТБИҚИ МЕХАНИЗМИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........ 161
34. *РОЗИЕВ Д.А.* АФЗАЛИЯТҲОИ АСОСӢ ДАР СОҲАИ САНОАТИ САБУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТ ВА АМАЛҲО БАРОИ НОИЛ ШУДАН БА АФЗАЛИЯТҲО ........ 166
35. *САБУРОВ И.М.* АМСИЛАБАНДИИ РУШДИ МАҶМӮИ САЙЁҲӢ ........ 172
36. *САИДУМАРОВ С.С., САЙДУМАРОВА М.С.* САРЧАШМАҲОИ АСОСИ ҲОДИСАҲОИ ГИДРОМЕТРОЛОГӢ ДАР ТАБИАТ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ........ 177
37. *САТТАРОВ А.Ҷ., ҶОБИРОВ Ҷ.Қ.* МОҲИЯТ ВА МАФҲУМИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ........ 180
38. *СИДИКОВ Н., ТУЕВ Ш.Ш.* СУЩНОСТЬ И ЗАДАЧИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ ПРАВЯЩЕЙ ПАРТИИ ИЛИ ИСТОРИЧЕСКИЙ УРОК КПСС ........ 189
39. *ТАБАРЗОДА О.С., МУМИНОВА Н.З.* БАЪЗЕ МУАММОҲОИ МОДЕЛСОЗИИ РЕГРЕССИОНӢ БО ЯКЧАНД ОМИЛҲО ........ 194
40. *ТАБАРЗОДА О.С., РАСУЛОВ А.Р., МУМИНОВА Н.З.* ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН ИҚТИСОДИЁТИ РУШДИ ТЕХНОЛОГӢ ........ 198
41. *ТАИБОВ О.Р.* САМТҲОИ ВОҚЕИИ ТАБДИЛДИҲИИ РАҚАМИИ МАОРИФ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........ 203
42. *ТАШМУРЗАЕВА Г.Т.* АНАЛИЗ СОСТОЯНИЯ ИННОВАЦИЙ В ОРГАНИЗАЦИИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА В КЫРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ ........ 207
43. *ФАЙЗИЕВА А.Т.* МЕСТО И РОЛЬ АГРОПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ........ 211
44 *ХОДЖАБЕКОВА М.К.* ОБ ОДНОЙ МОДЕЛИ СТОХАСТИЧЕСКОГО РАСПРЕДЕЛЕНИЯ РЕСУРСОВ ........ 214
45. *ҲАМИДОВ Э.А.* ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ........ 218
46. *ХАЙДАРОВ А.Д.* НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И ИХ ПЕРСПЕКТИВЫ ........ 221
47. *ХУҶАМУЛЛОЕВА Р.Т.* ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ ВА БОЗОРИ АМВОЛИ ҒАЙРИМАНҚУЛИ ИСТИҚОМАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........ 225
48. *ХОФИЗОВ Х.А.* ЭКОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИНВЕСТИЦИОННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРИРОДНО-РЕСУРСНОГО ПОТЕНЦИАЛА ........ 228
49. *ХУРАМОВА З.М.* К ВОПРОСАМ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА ПРИ ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ........ 233
50. *ШАРИПОВА Х.Р., МАХКАМОВ Ф.Ф., АМРОХОНЗОДА Д.Ш.* ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОЙ ЛОЯЛЬНОСТИ, КАК ФАКТОР КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ГОСТИНИЧНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ ........ 238
51. *ШАРОФУДИНЗОДА С.С.* ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ........ 244
52. *ЮСУПОВ Ш.Н.* ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН ........ 252
53. *АСКАРОВА С.С.* ФИШАНГҲОИ КОРКАРДИ СИЁСАТИ САНОАТИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ ........ 257
54. *ТОЛИБОВ К.Б., САИДУМАРОВ С.С.* МОНИТОРИНГИ ЗАМИНҲОИ КОРАМИ ОБЁРИШАВАНДА ДАР НОҲИЯИ НОСИРИ ХИСРАВ ........ 261
55. *БАЙМАТОВА М.М., АБДУГАНИЕВ Ш.А.* НОВЫЙ ПОДХОД ОЦЕНКИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРОЕКТНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ СТРОИТЕЛЬНОЙ ОТРАСЛИ РТ ........ 266
56. *КОЖОМБЕРДИЕВ Б.К.* ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ, КАК СПОСОБ ОПТИМИЗАЦИИ СОВЕРШЕНИЯ ТАМОЖЕННЫХ ОПЕРАЦИЙ ПРИ ПОМЕЩЕНИИ ТОВАРОВ ПОД ТАМОЖЕННУЮ ПРОЦЕДУРУ ........ 273

57. *Низомов С.Ф., Файзуллоев А.Х.* АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ И ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ЛЕГКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ.... 280
58. *Кадыров А.Л., Кадыров Х.А.* ЦИФРОВИЗАЦИЯ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ............ 285
59. *Қодирӣ А.Ҳ.* ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР ҶАРАЁНИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ............ 287
60. *Каримова М.У.* ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ ПАРТНЕРСТВА ГОСУДАРСТВА И ЧАСТНОГО СЕКТОРА ДЛЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В ГОРНЫХ РЕГИОНАХ ТАДЖИКИСТАНА ............ 290
61. *Атоева Ш.А.* ОЦЕНКА СТОИМОСТИ КОМПАНИИ: СУЩНОСТЬ, ЭТАПЫ ПРОВЕДЕНИЯ, ОСОБЕННОСТИ ПРИМЕНЯЕМЫХ МОДЕЛЕЙ ............ 295
62. *Ашуров И.И., Лю Сяньбо, Ашуров М.И.* ПРИВЛЕЧЕНИЕ КИТАЙСКОЙ ИНВЕСТИЦИИ В ЭКОНОМИКУ ТАДЖИКИСТАНА ............ 299
63. *Азимов Б.Б.* ФОРМИРОВАНИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫХ ОСНОВ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ТУРИЗМА В ТАДЖИКИСТАНЕ ............ 307
64. *Саидмуродова М.А.* АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОҲҲОИ ТАЪМИНИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР ............ 310

**ФИШУРДАҲО-ТЕЗИСЫ**

145. *Одинаев Х.А.* ВОДНЫЕ РЕСУРСЫ В СИСТЕМЕ ФАКТОРОВ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ............ 315
146. *Мухаббатов Х.М.* РОЛЬ КРУГОВОРОТА ВОДЫ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРИРОДНОГО БАЛАНСА: ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ............ 317
147. *Комилов С.Дж.* ПРИНЦИПИАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ ВОДОПОЛЬЗОВАНИЯ И ВОДНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ............ 319
148. *Обидов Ф.С., Одинаев Ҳ.А.* ФУНКСИЯҲОИ АСОСИИ ОБ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҲИФЗИ ИНСОН ВА ЭКОСИСТЕМАҲО ............ 321
149. *Файзулоев М.К.* МЕХАНИЗМЫ И ИНСТРУМЕНТЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ВОДОПОЛЬЗОВАНИЯ В КОНТЕКСТЕ ЦЕЛЕЙ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ............ 323
150. *Абдурахмонов Ф.А.* СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И УРОВЕНЬ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ В УСЛОВИЯХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ............ 326
151. *Абдуллоева Ш.Б.* ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКАЯ СИТУАЦИЯ В ВОДОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ОТРАСЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ............ 327
152. *Ёров Ҷ.Н.* ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ............ 328
153. *Ёров Ҷ.Н.* САРВАТҲОИ ОБӢ-РЕКРЕАТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР РУШДИ САЙЁҲӢ ............ 330
154. *Норов Х.Г.* РОҲҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ............ 332
155. *Сатторова И.И.* ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ ҲАМГИРОЁНАИ ЗАХИРАҲОИ ОБИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ............ 333
156. *Дустмуродзода Сураё* - МЕРОСИ ПАДАР ХОҲӢ, ИЛМИ ПАДАР ОМӮЗ… ............ 336

# БАХШИ I. АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

## МАҚОМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ РОҲБАРИИ ИҚТИСОДӢ

*Ғаниев Т.Б.- д.и.и., профессор, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ, Донишгоҳи милии Тоҷикистон*

***Лидер*** калимаи англисӣ «Leader» буда, дар забони тоҷикӣ маъноаш пешво мебошад. Асоси пешво будан дар илми менеҷмент, ин қобилияти ояндабинии ҳодисаҳо ва дидану дарк кардани ҳодисаҳои ҷорӣ (қобили таҳлили ҳолатҳо) мебошад. Соҳибкорон ва менеҷерон медонанд, ки дар мавриди ба онҳо муайян гардидани ҳолатҳо, қисми зиёди вазифаҳо ҳалли амалии худро меёбанд. Маълум аст, ки самаранокии натиҷаҳо вобаста аз малакаю дониши менеҷерон ва иҷрокунандагон аз якдигар фарқ мекунанд, аз тарафи дигар, ин пеш аз ҳама ба «симои психологии роҳбар» ва дараҷаи пешвоии менеҷер вобаста мебошад.

***Пешвоӣ*** – ин сифати шахсияте мебошад, ки бояд «низоми зиндагии ӯ» қисми ҷудонашавандаи «симои рӯҳии роҳбарон» гардад.

Илм дар бораи пешвоён нисбати илми менеҷмент давраи тӯлонии таърихӣ дорад. Шоҳиди ин китоби профессори америкоӣ Ҷ. Хейдер, мебошад, ки дар бораи китоби Лао Сизӣ аст, ки дар Хитой дар асри V1 то солшумории мо барои **хирадмандон ва сиёсатмадорон мураттаб намудааст.** Китоб дар забони хитой «Дао Да Чинг» ном дорад, ки аз маънии «Дао-чизҳо», «Да-кор» «Чинг-Китоб» иборат аст. Ҷ. Хейдер баъзе маводҳои китоби Лао Сизиро ба талаботи имрӯзаи роҳбарӣ доир ба муайян кардани сифатҳои пешвоӣ гардонидааст.

Дар ин китоб се мавзӯи асосӣ дида баромада шудааст.

1. «Қонуни табиӣ», ё «чизҳо чӣ хел ба вуҷуд меоянд»?
2. Чӣ тавр дар алоқамандии бошуурона бо қонунҳои табиӣ зистан.
3. Усули идоракунӣ, ё худ чӣ хел идора кардан ва омӯхтани дигарон дар мувофиқати қонунҳои табиӣ.

Чӣ хеле ки дар боло қайд намудем, китоб барои хирадмандон ва сиёсатмадорону пешвоёни Хитои Қадим навишта шудааст. Аммо мазмуни аксари навиштаҳо гувоҳӣ он мебошанд, ки онҳоро пешвоёни зинаҳои гуногуни идоракунӣ метавонанд истифода баранд. Дар ин гуфтаҳо роҳҳо ва усулҳои инкишофи раванди пешвоӣ нишон дода шудааст.

Мазмуни асосии китоб дар он мебошад, ки пешвоӣ – намунаи рафтори шахсии роҳбар – пешво буда, на даъват ба гурӯҳ ва ё тарзи рафтори онҳо мебошад.

Донишмандони форсу тоҷик А. Фирдавсӣ, Мавлонои Балхӣ, А. Ҷомӣ вка М. Бедил дар асрхои миёна Шохномахо, Маснавию Хирадномахову Искандарномаҳо ва Насиҳатномаҳо навишта зарурати пешвоиро баён намудаанд. Чуноне, ки Мавлонои бузург дар китоби таърихии Маснавии маънави менависанд:

**Асли лашкар бегумон сарвар бувад,**
**Кавми бесарвар тани бесар бувад.**

**<u>Пешвоӣ</u>** - ин фаҳмиши беҳтарини ҳодисаҳои пайдошуда ҳисобида мешавад. Чунин муносибати пешво ба итоаткунандагон ки диққати асосӣ ба ташаккули «кушоду равшанкорӣ»-и гурӯҳ барои имконоти нав ва тайёр будан ба омӯзиш ва омӯзандагон мебошад дар китоб ба таври зерин омадааст:

Пешвои хирадманд – роҳбар барои тамоми намуди рафтор диққати зарурӣ медиҳад ва маҳз бо шарофати ӯ гурӯҳ «кушоду равшан» бо истифодаи имконоту рафторҳои нав ба нав ба комёбиҳо ноил мегардад.

Одамон дар он маврид бисёр чизҳоро метавонанд омӯзанд, ки онҳо худ барои ҳама чиз кушодаанд, на дар он ҳолате, ки пешгӯии онҳо фақат роҳбарро қаноатманд мекунонад.

*Пешвои хирадманд ҳаракати онро намекунад, ки одамонро аз худашон ҳимоя созад. Фаҳмиш ба ҳама чиз новобаста аз мақбулӣ ва ғайримақбули таъсирӣ якхела дорад. Ҳар як шахс қадру қиммати худро дорад, бинобар ин пешво дар роҳбарӣ якеро нисбати дигаре дар зинаи боло ва ба худ наздик намегузорад.*

Дар натиҷаи муносибати беғаразона ва ҳавасмандии ҳақиқӣ барои дигарон, пешво муносибати худро ба дигарон нишон медиҳад.

*Пешвои миллат ба ҳар як шахс - фард барои ташаккули шахсияти ӯ кор мебарад ва новобаста аз ҳақмузд дарк созад, ки чӣ гуна ӯ фоида ё зарар меорад. Пешво ҳамеша сӯҳбати оддӣ ва рӯирост дошта, баланд ва барои он ба сӯҳбат ҳамроҳ шавад, ки ҳолати ба амал омадаро ба назар гирифта, дар мавриди зарурӣ мувозинат ташкил менамояд.*

Хирадмандони хитоӣ чунин ақида доранд, ки пешво бояд монанди об бечунучаро тоза буда, озодона ба анбуҳ дохил шуда, бе ҳама гуна маҷбурсозӣ ба одамон таъсир расонида тавонад. Дар фаъолияти пешво фаҳмишҳо ва дараҷаҳои зерин мақом доранд: пешво, талабот ба он гурӯҳ, «майдони гурӯҳ» ва натиҷаҳои бадастомада. Қувваи алоқамандӣ ва самаранокии фаъолияти гурӯҳ нисбати пешво қонунҳои воқеӣ мебошанд.

Пешво ва миллат ба якдигар дар шакли воқеӣ зарур мебошанд. Пешво ба миллати рушдкарда эҳтиёҷ дорад, чунки мувофиқи имкон пешво мехоҳад, ки қувваю имкониятҳои худро дар ҷомеа зиёд намояд. Пешвои миллат одамонро бо роҳи нишон додани тарз ва усули иҷрои кору фаъолиятҳо дар мисоли рафтори худ меомӯзонад.

Пешвои миллат якбора ҳам дар накшаи «ҷанговар» ва ҳам дар нақши «табиб» баромад кунад. Илм дар бораи пешвои миллат тасдиқ мекунад, ки маҳз якҷояшавии ин ду хислат фаъолияти ӯро самаранок ва пурқувват месозад. Пешвои миллат медонанд, ки кадом вақт ба сухани мардум гуш диҳад ва кадом вақт ба ҳуҷум гузарад ва кадом вақт мунтазири ҷавоб бошад. Ин имкон медиҳад, ки ӯ на танҳо бо одамони алоҳида, балки бо гурӯҳҳои алоҳида кор кунад.

Пешво миллат медонад, ки омӯзиш ва худмуҳофизатии соҳаҳои иқтисодӣ ва гурӯҳҳо дараҷаи дониш ва шуурнокии ҳар яке аз аъзоёни соҳа мебошанд. Шахсияти пешво, ки дигаронро дилпурона ва мунтазам пеш мебарад, дар идоракунии давалт дар умум пурра инкишоф ёфта, мустаҳкам мегардад. Ба ақидаи аксари мутахассисони бахши менеҷмент ***қувваи пешво аз ҳамкорӣ ба гурӯҳ пайдо мегардад ва мустақилияти он аз хизмати он*** қувваи роҳбарӣ ин натиҷаи хирадмандии пешво мебошад.

Пешвои миллат дарк менамояд, ки соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ асосан ба рафтори «берунаи» вай диққат медиҳад ва танҳо вақти оромона сухан кардани пешво, гурӯҳ боварии дохили ӯро ҳис менамояд. Пешво ниҳоят кам ба саросемагӣ роҳ дода, ҳамеша бо боварӣ кор мекунад.

Соҳаҳои иктисодӣ ҳамон вақт нағз кор мекунад ва корашон самаранок мешавад, агар дахолати зиёдатиро аз тарафи пешво ҳис накунад.

*Хирадмандии пешво* дар он зоҳир мегардад, ки вай ҳолатҳоро хуб дарк карда, таҳлил мекунад ва онро ба инобат гирифта, ҳаракат мекунад, ки ҳалли масъалаҳои пешомадаро ва стратегии тамаддунсозиро барои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ осон бигардонад ва онҳоро молиягузории давлатӣ кунад.

*Пешвои хирадманди миллат ягон* вақт соҳа ва ё шахсонро маҷбур намесозад, ки системаи арзишҳои ӯро иҷро мекунанд, ё аз худ менамояд. Вай нисбати ҳама ҳолатҳои бавуҷудомада муносибати кушоду равшан менамояд.

Пешвои миллат касеро таъна занад, ё барои одамони «хуб» ва «бад» хизмат намояд, чунки аз суханони ростӣ ва тамаддунсозиву ояндаи миллат ба ӯ равонашуда, фаҳмидани инкишофи равандҳои алоҳидаи рушди иқтисодии мамалакат , аз ҷумлаи саршавӣ, миёна ва охир мебошад. Чунки пешвои миллат дар рафтори роҳбарӣ фарқият ва мувофиқ омадани назария ва таҷрибаи стратегиро донад. Назария - барои фаҳмиш ва таҳлили моҳияти ҷараён, хизмат намуда, таҷриба - ин танзимдарории кори худ ва фаъолияти гурӯҳ ва ё соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди мамалакат мебошад.

Яке аз санъати дигари **пешво** истифодаи қобилияти мотиватсияи одамон бо роҳи маҷбур насохтани онҳо, барои имкониятҳои нави ояндасозии роҳбарӣ мебошад.

Пешвои хирадманд на танҳо барои дастовардҳо, балки барои дастгирии дигарон фаъолият мекунад.

Фаҳмиши имрӯзаи пешвоӣ дар асоси қонунҳои тамаддунсозии иҷтимоию – иқтисодӣ ва адолату ҳақшиносии роҳбарӣ сурат мегиранд.

Дар расми 1 механизми таъсиррасонии пешвои миллат ба рушди иқтисоди кишвар дар омили вақт дида мебароем.




**<u>Коркарди боварӣ</u>** – таъсиррасонӣ бо роҳи ахбори мақсаднок ба ин, ё он ҳодиса шахсро ва ё ҷомеаро бовар мекунонад. Рафторӣ - ҳаракатҳои ҳавасмандкунии фаъолияти соҳаҳоро ёфта, онҳоро ба пеш даъват месозанд. Барои пешво гурӯҳе идеалӣ мебошад, ки аллакай тайёрии хуби касбӣ ва рӯҳӣ дорад. Дар ин ҳолат пешвои миллат ҳуқуқи худро ба яке аз намояндагони соҳаҳо гузошта, худаш боз пеш меравад. Кори мушкил барои пешвои миллат ин фаъолият бо роҳбарони соҳаҳое мебошад, ки он қобилияти мустақилонаи қарори роҳбарӣ карданро надорад.

Вобаста аз сифатҳои шахсии пешвои миллат бо дараҷаи ҳаракати мустақилият ва ҳокимияти роҳбарӣ онҳоро ба панҷ гурӯҳ тақсим кардан мумкин мебошад.

- мутобиққунонӣ;
- вобастагӣ;
- тамаддунсозӣ;
- демократӣ;
- стратегӣ.

Стратегияи давлатсозии асри ХХ1 таҷрибаи чандинсоларо оиди *назарияи* пешвоӣ давом дода истодааст ва вобаста аз дастовардҳои охирин доир ба идоракунии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва стратегияи тамаддунсозии роҳбарӣ талаботҳои аниқи рушдёбандагии давлату давлатдориро пешниҳод менамояд.

Беҳтар шудани техника ва технологияи нав, махсусан таҷрибаи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда (Ҷопон, Олмон, Россия ва Амрико), ва сафарҳои ҳамасолаи пешвои миллат Эмомали Раҳмон исбот намудаанд, ки дар шароити имрӯза дар идоракунии давлатӣ инкишофи ҳайат ва мақоми пешвоӣ моҳияти калонро доро мебошад. Бо назардошти он, ки ҳар як давлат ва соҳаҳои алоҳидаи идоравӣ хислати хоси марзиву соҳавию касбиву ҳунарии ва этносотсиалии худро доранд, пешвоии миллат маҷбур мебошад, ки стратегияи универсиалии тамаддунсозиро барои Тоҷикистони азизи мо барои давраҳои алоҳидаи рушдёбандагӣ пешниҳод намояд. Дар тули зиёда аз 30 соли истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мо шоҳиди чандин ҷашнгириву гиромидошти давлатдории таърихии миллати тоҷик ва донишмандони фарҳангсозу тамаддунсози худ ва инчунин масъалагузориҳои байналмилалии иқтисодии пешвоӣ миллатро аз минбари баланди ТММ, аз ҷумлаи соли «оби тоза» соли 2003 юм, «10 солаи Об барои рушди босубот (соли 2018 -2028)» будем.

Ҷашнвораи 1100 солагии давлати Сомониён соли 1999, 2700 солагии шаҳри Кулоб, 3000 солагии шаҳри Ҳисор, 5500 солагии Саразми бостонӣ, соли бузургдошти донишмандони таърихии миллати тоҷик, аз ҷумла; Абуабдуллои Рудакӣ, Мавлонои Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ, Эмоми Аъзам, Мир Саиди Ҳамадонӣ ва чандин ҷашнвораҳои дигари давлатсозиву миллатсозии пешвои миллатро бояд қайд кард.

Инчунин пеш гирифтани сохтмонҳои азим, аз қабили роҳи оҳани Қурғонтеппа - Кулоб, шоҳроҳи автомобилгарди Кӯлоб - Хоруғ - Кулма - Қароқорум, сохтмони неругоҳи барқии Сангтуда

1 ва 2.,сохтмони азими неругоҳи Роғун, туннелҳои Анзоб, Шаҳистон, Нақби Хатлон ва Шар – Шар, Қасрҳои зебои миллӣ, аз қабили қасрҳои Миллат, Наврӯзгоҳ, боғҳои Ирам, боғи Айнӣ, боғи Куруши Кабир ва дигар иншоотҳоеҳоеро метавон ном бурд, ки дар он рафтори стратегии созандагии пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баръало эҳсос мешавад.

Маҳз барои ҳамин ҳам дар идоракунии стратегии давлату давлатдорӣ мақоми пешвои миллат хеле бузургу арзанда буда, эҳтироми хосаи шоистасолории таърихиву худро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷаҳон пайдо кардааст.

Сифатҳои пешвои миллат оиди рушдёбандагии иқтисоди миллиро аз нигоҳи сарварӣ, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мувофиқи мақсад мебошад:

1. Қобилияти асосноккунии мусбии созандагии образи «миллати тоҷик дар саҳифаи таърих ва имрӯзу фардои давлатсозии ҷаҳонӣ дар арвишҳои зайли роҳбарӣ:

- ✓ нақши мусбат, дар шакли тарҳи консептуалӣ - таърихӣ;
- ✓ исбот карда тавонистани мақсаднокии нуқтаи назари пешниҳодшуда ва имкони иҷрои он дар шароити ҷаҳони глобалӣ;
- ✓ қобилияти пешниҳоди роҳҳои аниқи ба мақсадрасии давлатсозиву фарҳангсозӣ дар асри ХХ1.
- ✓ Боварӣ ба рушди созандагии давлату миллат дар замони муосири бозори глобалии ҷаҳонӣ.
- ✓ Боварӣ ба одамон, халқу миллат ваояндаи неки давлатдориву созандагӣ;
- ✓ Ҷонфидои пешвои миллат дар роҳҳои стратегии рушдёбандагии Тоҷикистони азиз.

2. Мақсаднокӣ ва қобилияти баланди сарварӣ:

- ✓ боварӣ ба сухан, ба меъёрҳои умумиинсонӣ такя кардан;
- ✓ ягонагии арзишҳо дар шакли мақсад ва воситаҳои ба он расидан.
- ✓ хизмат ба одамон ва ҷомеа,
- ✓ фикрронии созандагӣ ва ҷустуҷӯи роҳу равиши навин;
- ✓ фаъолона ҷорӣ намудани навоварие, ки ба хуб шудани кори корхона меорад.
- ✓ Қобилияти баланди хушмуомилагӣ ва муомилаи касбии корӣ;
- ✓ қобилияти сӯҳбатӣ аз сидқи дилро ба ҷомеа ташкил карда тавонистан;
- ✓ доимо истифодаи усулҳои хосаи хабардор намудани аъзоён доир ба ҳолатҳои давлату давлатдорӣ.

**3. Устуворӣ ва қобилияти баланди пешвоии сарварӣ:**

- ✓ талаботи баланд аз худ ва тамоми роҳбарону ҷомеа;
- ✓ мавҷуд будани ҳокимияти воқеӣ дар шакли мукофот ва ҷазо;
- ✓ муносибати мусбӣ ба яккасардорӣ ва такя карда тавонистан ба арзишҳои он.
- ✓ Қобилияти таваккалкорӣ ва тайёр будан ба таваккал:
- ✓ тайёр будан ва хоҳиши дар ҷомеа одамон пайдо кардани навоварӣ;
- ✓ тайёр будани дастгирии навоварон ва эҷоду кашфиётҳои бузурги созандагӣ дар Тоҷикистони азиз.

**4. Қобилияти «дар вақти талабшуда дар ҷои зарурӣ будан» ва «доимо дар дар сафи пеш назар будан»:**

- ✓ Доимо бо халқаш буда, дар ҳолатҳои зарурии мушкили ҳолатҳо дар сафи пешвоӣ қарор доранд;
- ✓ Аз «мушкиливу мухолифин» натарсидан, қобилияти дар чашми мухолифи руирост сухан гуфтан ва пешниҳоди сулҳҷӯёнаи доимӣ доштан;
- ✓ қобилияти ба обрӯи ҷамъиятӣ такя карда, талаботи ҷомеа ва арзишҳои миллиро дар навбати аввал гузоштан;
- ✓ . Эҳтироми шахсиятҳои бузург ва арзишҳои баланди адолат ва ҳақшиносӣ дар роҳбарӣ.

5. Пайваста тарафдори Консепсияи созандагии пешвоӣ дар ҳолатҳоро дошта, дар мавриди пайдо кардан ва истифода намудани сифатҳои пешвоӣ вобаста аз ҳолати ба миён омада дида мешавад.

Андешаи хирадмандона ва рафтори сулҳҷӯёнаи пешвои миллат:

Эмомалӣ Раҳмонов 16-ноябри соли 1992 ҳанӯз дар синни 40 солагӣ дар шароити хеле вазнини иқтисодию сиёсии То¿икистон ба арсаи *пешвоӣ* қадам ниҳоданд. Эмомалӣ Раҳмонов иқтисодшинос буда, як қатор хислатҳои хирадмандонаи пешвоиро доро мебошанд, ки аз нигоҳи мо чунинанд:

1. Симои зебои хирадмандона ва ҳусни сухану қабули хотираи бузурги иллоҳӣ дорад.

Ба арсаи пешвоӣ Эмомалӣ Раҳмоновро тақдир - қисмат ва худододии мардуми тоҷик даъват намудааст.

2. Аз рӯзи аввали фаъолияташ шиори **“Ман ба Шумо Сулҳ- меорам», «Сулҳ асоси давлатдориву муваффақиятҳои мо мебошад”**- ро сармашқи кори худ намуда, дар як муддати кутоҳи таърихӣ, соли 1997 миллати тоҷикро муттаҳид намуданд.

3. Чунин як сиёсати сулҳҷуёнаро нисбат ба тамоми давлатҳои дунё пеш гирифта тавонистанд, ки Тоҷикистонро ҳамчун як мамлакати сулҳпарвар дар ҷаҳон муаррифӣ намоянд.

4. Дар ҳама ҷабҳаҳои фаъолияташон ба илм ва фарҳанг такя карда, бо эҳтироми гузаштагони бузург ва хирадмандон хазинаи илмию фарҳангӣ ва тамаддунсози навини иқтисодиву иҷтимоии миллати тоҷикро дар асри ХХ1эҳё намуданд.

5. Дар интихобу ҷобаҷогузории роҳбарони касбиву ҳунарӣ ва мақсадгузорӣ ба аҳли зиё якдил буда, ноқобилонро намепарастанд.

Рафтори тамаддунсозии стратегӣ ва адолатпарастиву ҳақшиносӣ дошта, ба ояндаи дур назари некбинона дорад.

Бояд қайд кард, ки чунин хислатҳои хирадмандонаи ин марди пешвои тамаддунсози таърихии миллат Эмомали Раҳмон хело муҳиму созандагии ҷаҳонӣ дошта, бояд мавриди тадқиқоту омӯзиши аҳли илми иқтисоду сиёсатмадорӣ қарор гашта, барои ҷаҳониён ҳамчун намунаи пешвоии тамаддунсозу адолатхоҳу ҳақшиносӣ ҷаҳонӣ дар асри ХХ1 муаррифӣ карда шавад.

**Адабиёт.**


1. Президент Эмомали Рахмонов. ©London.flint river editions Ғ.K. Ltd, 1998.-144 с.
2. Эмомали Рахмонов //Журнал «Огонёк», специальный выпуск. - М., 2001. -99 с.
3. Кэ де Ври Манфред. Мистика Лидерства. Пер. с англ.-М., 2003. -311с.
4. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент (китоби дарсӣ иборат аз 16. қисм). Душанбе 2004 -2022.
5. А.В. Сорокин. Теория общественная богатства. Курс лекции в 2ч.М. МГУ.2013. - 224 с.
6. А.П. Балашов. Организационная культура. Уч.пособ. М.2017. - 278с.
7. В. Янь. От великой стены до уолл – стрит.Перевод от англ.М. «Олимп – Бизнес, 2018. – 448с.
8. В.А. Фмичев, О.С. Фомичева. Когнитоника. В цифровом веке. - М.: МАКСПресс, 2018.-344с.
9. В.В. Хурматуллин. Интеллектуальная собственность. М.: МаксПресс. 2017,-180с.
10. В.М. Распопов, В.В. Распопов. Корпоративное управление. М. Магистр. М.2017. -352с.
11. Зеленная экономика и цели устойчивого развития для Росии. Научная монография. Под.общ.ред С.Н. Бобылева, М. : МГУ. 2019.-284с.
12. Клаус Шваб. Четвертая промышленная револютция. Пер. с англ. М. Эксмо. -2019.-209 с.


## МАҚОМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ РОҲБАРИИ ИҚТИСОДӢ


**Аннотатсия:** Муаллиф дар мақолаи худ қайд менамоянд, ки пешво будан дар илми менеҷмент, ин қобилиятиояндабинии ҳодисаҳо ва дидану дарк кардани ҳодисаҳои ҷорӣ (қобили таҳлили ҳолатҳо) мебошад. Соҳибкорон ва менеҷерон медонанд, ки дар мавриди ба онҳо муайян гардидани ҳолатҳо, қисми зиёди вазифаҳо ҳалли амалии худро меёбанд. Маълум аст, ки самаранокии натиҷаҳо вобаста аз малакаю дониши менеҷерон ва иҷрокунандагон аз якдигар фарқ мекунанд, аз тарафи дигар, ин пеш аз ҳама ба «симои равонии роҳбар» ва дараҷаи пешвоии менеҷер вобаста мебошад.

Муаллиф дар мақолаи худ оид ба андешаҳои хирадмандона ва рафтори сулҳҷуёнаи пешвои миллат суханрони намуда, қайд мекунад, ки чунин хислатҳои хирадмандонаи ин марди пешвои тамаддунсози таърихии миллат Эмомали Раҳмон хело муҳиму созандагии ҷаҳонӣ дошта, бояд мавриди тадқиқоту омӯзиши аҳли илми иқтисоду сиёсатмадорӣ қарор гашта, барои ҷаҳониён ҳамчун намунаи пешвоии тамаддунсозу адолатхоҳу ҳақшиносӣ ҷаҳонӣ дар асри XXI муаррифӣ карда шавад.



**Калидвожаҳо:** пешвоӣ, идоранамоӣ, қобилиятнокӣ, дарки масъулият, самаранокии фаъолиятҳо, менеҷер.

**РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В РАЗВИТИИ УПРАВЛЕНИЯ ЭКОНОМИКИ**

**Аннотация:** Автор в своей статье подчеркивает, что быть лидером в науке управления - это способность предвидеть, видеть и понимать текущие события (аналитические). Предприниматели и менеджеры знают, что большинство задач будут решены, как только для них будет определена ситуация. Понятно, что эффективность результатов зависит от навыков и знаний руководителей и исполнителей, с другой стороны, она зависит в первую очередь от «ментального образа руководителя» и уровня лидерства руководителя.

В своей статье автор говорит о мудрых мыслях и миролюбивом поведении лидера нации, отмечая, что такие качества Эмомали Рахмона в исторической цивилизации нации очень важны и созидательны в мире, а также должны быть изучены, исследованы и представлены как пример мировой цивилизации и справедливости в XXI веке.

**Ключевые слова:** лидерство, управление, способность, ответственность, эффективность, менеджер.

**THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE DEVELOPMENT OF ECONOMIC MANAGEMENT.**

**Abstract:** The author emphasizes in his article that being a leader in management science is the ability to foresee, see and understand current events (analytical). Entrepreneurs and managers know that most problems will be solved once the situation is set for them. It is clear that the effectiveness of the results depends on the skills and knowledge of managers and performers, on the other hand, it depends primarily on the "mental image of the leader" and the level of leadership of the leader.

In his article, the author speaks about the wise thoughts and peaceful behavior of the leader of the nation, noting that such qualities of Emomali Rahmon in the historical civilization of the nation are very important and creative in the world, and should also be studied, researched and presented as an example of world civilization and justice in the 21st century.

**Key words:** leadership, management, ability, responsibility, efficiency, manager.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Ғаниев Т.Б. – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 907-70-40-77

**Сведение об авторе:** Ганиев Т.Б. – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры управления человеческими ресурсами. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 907-70-40-77

**Information about author:** Ganiev T.B. - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Human Resource Management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 907-70-40-77

**НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ ДАВЛАТДОРӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ**

*Ҳусейнов Б.А., н.и.п., дотсент, мудири шӯъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти ДДТТ*

Миллати тоҷик ҳамчун як узви мардуми ориёи, яке аз халқҳои қадимтарини ҷаҳон ба ҳисо маҳсуб меравад. Аз ин рӯ халқи тоҷик таърихи бисёрҳазорсоларо дорост, ки он аз саҳифаҳои дар таърих дурахшони қаҳрамонию мардонагии фарзандони равшанфикраш дар қатори 25 чеҳраҳои мондагор фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоии ибтидои солҳои 90 – уми асри гузашта халқи тоҷик баъди ҳазор сол аз нав ба эҳё намудани давлати миллии худ шурӯъ намуд. Истиқлолият дар таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик воқеаи хеле бузурги таърихи аст. Мутаассифона, Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои Истиқлолият дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории навини худ, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иҷтимоии кишвар бо мушкилоту монеаҳои вазнин рӯ ба рӯ гардид. Танҳо бо кӯшиш ва талоши халқи тоҷик ин мушкилиҳо бартараф ва роҳ ба сӯи фардои дурахшон оғоз гардид. Гузаштаи таърихии тоҷик борҳо нишон додааст, ки халқи тоҷикро хатари парокандашавию нести дар пайраҳаҳои зиндагӣ доим домангир буданд. Барои исботи ин таърих гувоҳ аст, ки ҳуҷуми душманони аҷнабӣ ба ин сарзамин ба монандӣ: юриши юнону мақдуниҳо (а. IV п.м.), арабҳо (а. VII – VIII п.м), қабилаҳои туркнажоди қарахонӣ, ғазнавӣ, салҷуқӣ (а. X – XII), муғулҳо (а. XIII), ва

аштархонӣ (а. XVI – XVIII), манғитҳо (а. XVIII – ибтидои асри XX), ҳамзамон мустамликадории Россияи подшоҳӣ (нимаи дуюми асри XIX – то ибтидои асри XX) – ро пеши назар овард. Аммо дар ҳамаи ин марҳилаҳои ҳассосу ҷонгудоз миллати мо, бо хиради баланду хислати созандаи хеш ва бо фарзандони далеру шуҷоъи худ тавонистаанд аз худу ҳувияти миллии худ дифоъ намоянд. Тавре, ки кишваршиноси рус Н.Г.Павлов дар китоби «История Туркестана» менависад: «Мо акнун шоҳиди эҳёи ин миллати ҷонсахт, боистеъдод, яъне тоҷик ҳастем. Аз рӯи ақлу дониш бояд гуфт, ки тоҷикон то кунун халқи аз ҳама азияткашидаанд: миллатҳои хело кам мисли тоҷикон ба ин зарбаҳои сахт дучор омадаанд, аммо қадре вақт кифоя буд, ки онҳо боз ҷон бигиранд». Дар ин росто зикри номи як зумра симоҳои барҷастаи равшанфикрони халқи тоҷик, ки барои давлату давлатдори ва нигоҳдории забони тоҷик мубориза бурдаанд аз қабили Куруши Кабир, Спитамен, Ардашери Бобакон, Анушервони Одил, Абӯмуслим, Яъқуби Саффорӣ, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик, Восеъ, С.Айнӣ, Ҷ. Зокиров, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдуқодир Муҳиддинов, Бобоҷон Ғафуров, аз солҳои 90 ум Эмомалӣ Раҳмон ва дигарон ба маврид аст. Тоҷикистони мо дар остонаи солҳои 90-ум истиқлолияти нави хешро ба даст овард. Нуҳуми сентябри соли 1991 аз ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид, ки аз пайдоиши давлати нави соҳибихтиёр дар арсаи ҷаҳонӣ дар саҳифаи нави таърих гувоҳи дод. Барои ҳамин ҳам, сарфи назар аз вазъи мураккаби дохилии кишвар, бо кӯшиш ва ҷаҳду талошҳои пайвастаи Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон манфиатҳои миллии худ ва самтҳои асосии сиёсати хориҷиашро пурра муайян намуд.

Барои ҳифзи миллат аз хатари парокандашавӣ ва бо мақсади аз байн бурдани ҳар гуна зуҳуроти номатлуб дар дохили кишвар, аз қабили маҳалгароӣ ва бегонапарастӣ, ки омилҳои бевоситаи заифкунандаи пояҳои Истиқлолияти давлатӣ мебошанд, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳалли масъалаҳои зеринро ҳамчун омил ва заминаҳои пойдор намудани давлати соҳибистиқлол таъкид кардаанд: «якум, муттаҳидшавии миллат, пойдор намудани ягонагӣ, тамомияти арзӣ ва таҳкими иқтидори давлати миллии соҳибистиқлол, сулҳпарвар, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократӣ; дуюм дар заминаи ваҳдати миллат, муҳаббат ба Ватан, забон, илму адабиёту фарҳанг ва тафаккури миллӣ бедор намудани ҳисси худшиносию ифтихори миллӣ; сеюм, тахти парчами Ватан ва ғояҳои ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон сарҷамъ омадани ҳамаи ҳизбу созмонҳо ва ташкилотҳои сиёсиву ҷамъиятӣ, дар доираи қонун бо роҳи мусолиҳа ва гуфтушунид ҳал намудани ҳамаи ихтилофоти бамиёномада; чорум, ҳифз намудани бойигариҳои моддӣ ва маънавии миллат, бузургдошт ва қадршиносии ашхосе, ки дар ҷодаи ваҳдати миллат, худшиносию ифтихори миллӣ, муттаҳидии мардуми Тоҷикистон хизматҳои арзанда кардаанд»

Расидан ба ин неъмати пурарзиш таърихан халқи тоҷик ҷафоҳои зиёдеро пушти сар намуд, аммо дар он замон зоҳиран хело осон ба даст омад. Агар дар он айём ба даст овардани истиқлолият осон ба даст оварда шуда бошад, пас ҳифзу нигоҳдошти он дар солҳои минбаъда дар дохили кишвар мушкилиҳои вазнинеро пеш овард. Дар паи талоши бемантиқонаи афроди алоҳида барои ба даст овардани молу мансаб ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон мубталои ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Хатари парокандашавии миллат, забон ва суқути давлатдории он баръало дар ҷомеа эҳсос мегардид. Неруҳои марказгурезу манфиатхоҳ таҳти шиорҳои авомфиребонаи хеш бо мақсади амалӣ сохтани ниятҳои нопоки худ бо ҳам дар муқовимат буданд. Ҳатто бархе аз чунин гуруҳҳо дар иртибот бо қуввахои хориҷии манфиатхоҳ дар паи тақсиму нобудкунии давлати навини Тоҷикистони соҳибистиқлол буданд. Махсусан ҳодисаҳое, ки дар соли 1992 ба вуҷуд омаданд, ифшогари муаммоҳои дар боло зикршуда мебошанд.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ сатҳи худшиносӣ, асолати ватандорӣ ва ифтихори миллии шаҳрвандонро хеле боло бурда раиятро оиди масъалаи мазкур хушдор намуд.

Рӯзи 6-уми ноябри соли 1994 барои мардуми тоҷик, санаи тақдирсози миллат мебошад, зеро маҳз дар ҳамин рӯз бо роҳи райпурсии умумираият Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 ба талаботҳои байналмилалии ҷаҳонӣ ҷавобгӯ буда, аз меъёрҳои Эъломияи ҳуқуқи башар сарчашма гирифтааст. Зеро дар моддаи якуми боби аввали Конститутсияи кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ муаррифӣ карда шудааст. Давлат ба тамоми табақаҳои ниёзманди аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакону наврасони ятиму бепарастор, оилаҳои камбизоат, пирони дастнигару бемор, маъюбон ва ғайраро зери парасторӣ ва ғамхории махсус гирифтааст.

Инчунин, Президенти мамлакат дар яке аз баромадҳои худ қайд карданд, ки Конститутсия ба

сифати Қонуни Олӣ заминаҳои ҳуқуқии пешрафти ҷомеаро аз тариқи қабули қонунҳои нав гузошта, муносибатҳои ҷамъиятии мухталифро таҳти танзим қарор медиҳад.

Ин санад дар таърих ба унвони Конститутсия эҷод гардид ва то имрӯз ҳамчун санади асосӣ шинохта мешавад. Чи хеле дар боло қайд карда шуд, ҳарчанд қаблан мо дорои чунин санад будем, аммо он ҷавобгӯи ҳадафҳои давлату миллат набуд ва соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон зарурати ба низом даровардани самтҳои асоси сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати тоҷиконро ба миён овард. Масалан, забони тоҷикӣ чун забони давлатӣ расман эълон гардид ва рамзҳои давлатӣ ҳамчун муқаддасот шинохта шуданд. Мутобиқи ин талаботи Конститутсия коргузорӣ, ҳуҷҷатнигорӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сабти асноди шаҳрвандӣ ва дигар муносибатҳои меҳнатӣ бо забони давлатӣ сурат мегиранд.

Афзалияти дигари ин санад таҳияи боби алоҳида оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон аст ва бори аввал мафҳуми инсон дар чаҳорчӯбаи қонуни асосии давлат баррасӣ ва эътироф гардид. Мутобиқи конститутсия ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳаматарафа ҳимоя карда мешаванд ва давлат ба ин кафолат медиҳад.

Аз ҷониби дигар, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандонро вазифадор менамояд, ки риояи ҳама талаботи ин санад ҳатмӣ аст, яъне шаҳрвандон дар ҳама ҳолат бояд талаботи конститутсияро риоя кунанд. Дар вақти риоя накардани талаботи конститутсия мутобиқи қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ҷавобгарӣ муайян мешавад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофу эҳтироми арзишҳои миллӣ, расму оинҳо дар раванди пуртаззоди ҷаҳонишавӣ омили воқеии пойдорӣ ва таҳкими истиқлолият арзёбӣ шуд.

Воқеан, дар ҷомеаи суннатӣ, ки асрҳо бо анъаноти вижа шакл гирифтааст, таъмини низоми одилона ва устувор дар пояи меъёрҳои ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд. Чунини низомро маҳз Конистутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳукми як санади асосӣ бо шинохт ва риояи меъёрҳои байналмилалӣ рисолати воқеии худ қарор додааст. Он ба ҳукми Қонуни асосӣ тамоми самтҳои фаъолияти дав¬лату давлатдориро танзим наму¬да, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандонро зери ҳимоя гирифтааст. Муҳимтар аз ҳама, роҳнамоест барои имрӯзу фардои давлату миллат. Чун бахтно¬маи сарнавиштсоз моро ҳифз мекунад ва мебарад сӯйи оян¬даи неку дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол. Бо эътимод метавон изҳор намуд, ки 22 - солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷашни муборакн миллӣ ба густариши бештари худогоҳиву худшиносӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори ватандории ҳар фарди бонангу номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол нерӯи тоза мебахшад.

Низомнома дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва қабул када шуд.

Низомнома дар бораи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳокима гузошта шуд, ки якдилона қабул шуд.

Дар ин анҷумани таърихӣ хушбахтона ақли закию хиради воло ғалаба намуд, ки фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи намояндагони мардумии кишвар интихоб шуд. Ба қавли устоди шодравон Лоиқ «Раҳми парвардигори мо омад, нури ҳақ бар диёри мо омад», ки чунин шахсият дар он солҳои пурдаҳшат сарварии миллату давлати моро ба ӯҳда гирифтанд, ки хело душвор буд Пас аз ин маҷрои давлатдории навини тоҷикон роҳи навро пеш гирифт, ки ин роҳ роҳи ҳаёти дурахшон, роҳи саодат, роҳи адолат, роҳи созандагӣ, роҳи ваҳдат ва роҳи худшиносию меҳанпарастӣ буд. Аз ин рӯ ин иҷлосияро дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол пурра дар ҳақиқат нуқтаи таҳаввул ва омили сарнавиштсозу тақдирсоз ҳисобидан мумкин аст.

Аз ибтидо дар суханронию фаъолияти фарзанди фарзонаи тоҷик маълум буд, ки ин шахс инсони меҳанпарасте, ки сухану корашон якест.

Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои нахустин бо суҳбатҳою мулоқотҳояш бо мардум онҳоро аз дилшикастагию озурдахотирӣ яъне аз торикию зулмот ба нуру равшанӣ, созандагӣ ҳидоят менамуд. Мулоқотҳои Сарвари давлат дар он солҳо як умеде ё як шуълае азояндаи нек дар замири мардум ба вуҷуд меовард.

Таваҷҷуҳ намоед, ки дар он солҳои пурдаҳшат, кӣ аз нангу номуси миллат ҳарф мезад, кӣ ёди ҳазор сол баъдро мекард ва билохира, ки ояндаи ҳазор сол баъди давлати тоҷиконро мекард? Албатта касеро аз роҳбарони он вақта ёфтан душвор аст, ки дар чунин фикрҳо бошанд.

Ҳамзамон дар аввалин муроҷиатномаи худ Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми кишвар гуфта буд, ки «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гул-гулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона хизмат мекунам.

Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷоннисорӣ мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам боварӣ дорам». Аввалин вохӯриашон дар шаҳри Душанбе дар кули комсамол бо ҷавонони кишвар шуд, ки чунин гуфтанд; ” Ман такя ба ҷавонон дорам ва ба онҳо чун қувваи пешбарандаи ҷомеа,ояндаи ҷомеа ҷавонон мебошанд бовари дорам”

Аз ин гуфтаҳо ба таври возеҳу равшан бармеояд, ки ӯ аз рӯзҳои аввал ба хуби ин масъулиятро яъне масъулияти роҳбариро хуб дарк намуда, хизмат барои миллату давлатро қарзи виҷдонии худ мешумориданд. Дар ин радиф файласуфи Чини қадим Конфутсий дуруст мефармояд, ки «Некон ба ҳукми виҷдон анҷоми вазифа мекунанд ва бадон ба хотири рутба ва мақом».

Аз он рӯзгор инак 30 сол сипарӣ шуд. Таҷрибаи солҳои минбаъда нишон дод, ки ин марди шариф бо талошҳои созандаи хеш тавонист ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандиро бо Ваҳдати миллӣ мубаддал созад. 27 июни соли 1997 баъди талошҳои ҳадафмандонаи Пешвои миллат мо ба шароити сулҳу ваҳдат расидем. Ҳар фарди соҳибхирад имрӯз хуб дарк мекунад, ки Тоҷикистони мо таи ин муддат бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон дар тараққиёти ҳама соҳаҳо муваффақ гаштааст. Аввалан, нурафшонии хуршеди оромиву осоиш ва баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ ба Ватан ва парвози кабутари сулҳу ваҳдат дар фазои хонадони ҳар як сокини кишвар хизмати арзандае ба ҳисоб меравад. Аксари муҳаққиқони илми таъриху ҷомеашиносӣ ба ин назаранд, ки таъмини сулҳу ваҳдат дар кишвар бузургтарин ва бебаҳотарин хизмати Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Таъмини ваҳдату оромӣ дар мамлакат тақдириояндаи давлатдории тоҷиконро мустаҳкам намуд. Агарчанде дар роҳи ба даст овардани он мушкилиҳои зиёде пеш омада буданд, аммо ин марди бузурги таърих тавонист чун сиёсатмадори хирадманду фурӯтан онро бо як усули беназир ба даст орад. Ин ҳодисаи таърихӣ ва симои Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмори аслии сулҳ дар Тоҷикистон аз ҷониби бисёр сиёсатмадорону коршиносони байналмилалӣ баҳои арзандаю мувофиқ гирифтаанд. Тавре, ки Президенти Федератсияи Россия В.В.Путин мегӯяд: «Эмомалӣ Раҳмон яке аз симоҳои барҷаста буда, дар байни сиёсатмадорони ИДМ мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки мислаш дар ҳеҷ мамлакате, ки чунин вазъияти мутташаниҷ дошт, дида намешуд. Ҳар он чӣ оиди ин масъала дар Тоҷикистон амалӣ гардидааст, мисоли хубест барои бисёр халқҳову мамлакатҳои дигар». Дар ҳамин радиф собиқ раиси Ҷумҳурии Халқии Чин Сзян Сзэмин чунин мегӯяд: «Мардуми Тоҷикистон бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ба ҳазораи сеюм бо боварӣ қадам мезананд. Ба ҳама маълум аст, ки саҳми Сарвари давлати Тоҷикистон баҳри ҳаракати мустаҳкамкунии робитаҳои дӯстии халқҳои Осиё назаррас аст. Мо ҳама ҷонибдори сулҳ ва якдигарфаҳмию тараққиётиояндаи Тоҷикистонем».

Боиси ифтихору сарфарозист, ки имрӯзҳо таҷрибаи сулҳи тоҷиконро ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун як мактаби бузурги сулҳпарварӣ ва барои ҳалли низоъҳои дохилию байни давлати эътироф намуда, мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор медиҳанд. Дар замони муосир ҷомеае метавонад пояҳои давлатдории хешро қавӣ созад, ки сатҳи дониш ва ҳисси худогоҳию ватанпарварӣ, худшиносии миллиаш баланд бошад. Табиист, ки омили асосии баланд бардоштани худшиносии миллӣ мактаб буда, он аз сатҳи донишу ҷаҳонбинии мардуми кишвар вобаста аст. Бо дарки ин нукта муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давоми солҳои роҳбарии худ диққати аввалиндараҷаро ба соҳаи маориф дода онро соҳаи афзалиятноки давлату ҳукумат эълон намуда, пайваста барои рушди соҳа ғамхориҳо зоҳир менамоянд.

Қабули қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 4 – уми июли соли 2013 №537 чун қонуни замони истиқлол ва солҳои минбаъда, таҳия ва қабули дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ташкили таълимгоҳҳои типи нав, зиёд намудани муассисаҳои таълимӣ, афзудани биноi кӯдакистону марказҳои донишандӯзӣ ва касб азхудкунӣ, ташкили даҳҳо донишгоҳу донишкадаҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, давра ба давра афзудани сатҳи маоши кормандони соҳа ва ғайра гувоҳи гуфтаҳои болоянд.

Дар қатори ин, баҳри баланд бардоштани дараҷаи худогоҳии миллии ҷомеа бо фармони Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин ҷашнҳои таърихию фарҳангӣ ба монандӣ: 1000 солагии «Шоҳнома»-и А.Фирдавсӣ (с.1994), 1100 солагии давлати Сомониён (с.1999), 2700 солагии китоби муқаддаси «Авесто» (с.2001), 2500 солагии Истаравшан, Тамаддуни ориёи, Симпозиуми байналхалқӣ доир ба «Саҳми тоҷикон дар тамаддуни ҷаҳонӣ» (с.2002), соли тамаддуни ориёӣ, 2700 солагии шаҳри Кӯлоб (с.2006), 1150 солагии А.Рӯдакӣ (с.2007), 1310 солагии Имоми Аъзам (с.2009), 1200 солагии Имом Бухорӣ (с.2010), 100 солагии М.Турсунзода (с.2011), 3000 солагии Ҳисори бостон, 5500 солагии Саразми бостон ( соли 2020) ва ғайра дар сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ бо шукуҳи хосае т ҷашн гирифта шуд. Зимни ин ҷашнҳо як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ ва корҳои

тадқиқотӣ аз тарафи олимону коршиносон ба анҷом расонида шуд, ки дар афкори ҷомеа бе таъсир нахоҳад монд. Фақат ҳаминро иброз доштан ба маврид аст, ки имрӯз моро мебояд ба қадри ин навгониҳои бузурги даврони истиқлол ва ин пешравиҳои бемайлон расида хидмати нафаронеро, ки дар ин самт равона шудааст абади гиромӣ дорем.

Як нуктаро таъкид намудан ба маврид аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи тоҷикон яке аз роҳбароне мебошад, ки нақши беҳтарин хислатҳои роҳбариро чун; ҳақиқатпарастӣ, адолатпарастӣ, боварӣ дар вуҷуди худ парваридааст. Ӯ дар воқеъ Пешвои миллат мебошад, зеро дар ҳама ҳолат чӣ дар рӯзҳои ғаму дарднокӣ ва чӣ дар рӯзҳои шодию нишот ӯ бо мардум буданд ва ҳастанд. Ӯ яке аз роҳбароне мебошад, ки ғамхору мушфиқи бенавоёну муҳтоҷон ва ятимону маъюбон дар маҷмӯ раият мебошанд.

Мардуми Тоҷикистон хушбахтона ҳақиқатро худ давоми солҳои соҳибистиқлолӣ хело хуб фаҳмидааст ва роҳи зиндагии осоиштаро акнун пурра ба даст овардааст. Агар мо ба таърих дақиқтар назари илмӣ намоем ин гуна амалкардҳоро нисбати бисёр шахсиятҳои варзида ба монанди сиёсатмадорон, олимон, шоирон ва ҳатто паёмбарон баръало мушоҳида намудан мумкин аст. Сарвари кишвари мо низ чун абармардони дунёи ҳикмату сиёсат амал намуда ақлу заковат созандагию бунёдкорӣ инсонгарию раиятпарвариро дар фаъолияти хеш нишон доданд. Кору амали ӯ як мактаби бузурги ватанпарварӣ, ҷавонмардӣ, таҳаммулгароӣ, далерӣ, ватандорӣ мебошад. Бо итминони комил метавон гуфт, ки бо чунин хислату хӯй дар таърихи халқи тоҷик номи ин абармарди миллат бо неки абадӣ хоҳад монд. Вуҷуди чунин абармард дар таърихи ҳар қавму миллат боиси ифтихори халқи тоҷик аст. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳақиқат яке аз нафарони намоёнтарини таърихи тоҷикон мебошанд.

Хулоса гуфтаҳои боло шабоҳат медиҳанд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ягона шахсияте мебошанд, ки баъди асосгузори аввалин давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ дар таърих ҳамчун сарвари раиятпарвар ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон баъд аз эҳё намудани давлати бузурги тоҷикон баъди солҳои 90 -ум, Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ муаррифӣ намуда, дар мувофиқасозии санадҳои байналмилалие, ки сарчашмаи ҳамкориҳои Тоҷикистон гаштаанд, саҳми беандоза гузоштанд ва дар таҳким ва рушди чунин ҳамкориҳо то имрӯз бо 179 давлати ҷаҳон ҷаҳду талош намуданд.

Ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, байналмилаӣ, фарҳангӣ ва тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлолият таҳавуллоти бузургро ба миён овард.

Олимони соҳаи иқтисодӣ ва сиёсатшиносӣ, инчунин олимони соҳаи таърих маълум намуданд, ки ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёти кишварамон зиёда аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зарари моддӣ расонд. Аз ҷониби дигар, гусасташавии риштаҳои ҳамкории шарикӣ байни давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистонро ба бунбасти коммуникатсионӣ рӯ ба рӯ намуд. Сатҳи бекорӣ дар ин давра ба ҳадди ниҳоии худ расида сатҳи камбизоатӣ 80%-ро ташкил дод. Мавриди зикр аст, ки татбиқи барномаҳои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат имконият фароҳам овард, ки дараҷаи сатҳи камбизоатиро бошиддат паст намуд яъне ба 26% расид, ки натиҷаи ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ буд. Натиҷаи ислоҳоти тандурусти он аст, ки ҳоло дар соҳаи тандурустии кишвар 68 фоиз табибонро бонувон - занон ташкил медиҳанд.

Ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон: Таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар ба ҳисоб меравад. Яъне ин ҳадафҳо ҳамчун таъминкунандаи рушди устувори иқтисоди милли ба ҳисоб меравaнд.

Дар баробари ин, баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ низоми ягонаи иқтисодии он кишвар низ аз байн рафт, ки мушкилиҳои зиёди иқтисодиву иҷтимоиро барои Тоҷикистони тозаистиқлол ба бор овард. Чунин мушкилиҳо тамоми соҳаҳои иқтисодии кишвар, хосатан соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ ва ғайраро фаро гирифт. Баъд аз он, ки дар кишвар сулҳу субот пойдор гардид, дар назди Ҳукумати Тоҷикистон масъалаи таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, байналмилаӣ, фарҳангӣ ва тандурустӣ ба миён омад.

***Таъмини истиқлолияти энергетикӣ.*** Роҳбари давлат борҳо таъкид намудаанд, ки рушди мунтазами иқтисодиёти кишвар бе истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини пурраи ҳамаи соҳаҳо бо нерӯи барқғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз барои истифодаи имкониятҳои берунӣ барои рушди

энергетика, ки чун яке аз заминаҳои асосии рушди иқтисодии кишвар дониста мешавад, бояд саъй кард.

Роҳбари давлат дар Паёми худ ба парлумони кишвар зикр намуд, ки таъмини иҷрои барномаҳои мухталифи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва дар сатҳи устувор нигоҳ доштани рушди иқтисодӣ, ки аз Стратегияи миллии рушди иқтисодиёт то соли 2030 бармеоянд, ба ҳалли мушкилоти энергетикии кишвар вобаста буда, дар ин самт бояд вазифаҳои зерин амалӣ карда шаванд:

1. Бунёди нерӯгоҳҳои хурду миёна ва бузург, хатҳои интиқоли қувваи барқ ва таъсиси системаи ягонаи энергетикии мамлакат;

2. Бо роҳи таъмиру таҷдиди иншооти гидроэнергетикӣ ва барқарорсозии иқтидори онҳо, инчунин шабакаҳои интиқоли барқу газ, гузаштан ба истифодаи технологияҳои каммасрафи энергия ва таъмин кардани рушди бонизоми соҳаи энергетика;

3. Бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо ва ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ дар давоми се соли оянда пурра бо гази табиии истеҳсоли худӣ ва дар чор соли оянда бо нерӯи барқ таъмин кардани эҳтиёҷоти мамлакат ва дар ҳамин асос таъмин намудани истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон.

***Бaромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ.*** Баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ дар қатори ҳадафҳои стратегие мебошад, ки ҳамчун вазифаи умумимиллӣ ва омили муҳими пешрафти кишвар шуморида шудааст. Ин ҳадаф сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгард, оҳан, пулҳо, нақбҳо, фурӯдгоҳҳо ва дигар инфрасохтори нақлиётиро мутобиқ бо стандартҳои байналмилалӣ дар бар мегирад, ки амалишавии он тадриҷан бояд ҷумҳуриро аз бунбасти коммуникатсионӣ берун оварда, онро ба минтақаи транзитӣ табдил диҳад. Натиҷаҳо аз он гувоҳи медиҳанд, ки 10000 км. роҳҳо, зиёда аз 18 ва таъмири ҳазорҳо километр роҳҳои аҳамияти миллӣ ва байналмилалӣ дошта ба анҷом расонида шуд.

Самтҳои дигари муҳими стратегии таъмини рушди иқтисодиёти миллиро Пешвои миллат аз рӯзҳои аввали фаъолияти хеш баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ арзёбӣ намуда буданд, ки дар ин самт низ дар ҷумҳурӣ ба дастовардҳоинамоёни назаррас ноил гаштем. Бунёд ва азнавсозии роҳҳои Душанбе - Кӯлоб - Хоруғ - Кулма – Қарақурум, Душанбе – Қурғонтеппа – Кӯлоб, нақбҳои Истиқлол, Озодӣ, Шаҳристон, Чормағзак, роҳҳои Душанбе - Нуробод - Ҷиргатол – Саритош, Айнӣ –Панҷакент, Душанбе –Турсунзода аз ҷумлаи тадбирҳои анҷомдода дар ин самт мебошанд. Тавре аз таҳлили мутахассисон бармеояд, дар соҳаи нақлиёти кишвар 45 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии зиёда аз 12 миллиард сомонӣ татбиқ шуда, беш аз 2000 километр роҳҳои мошингард таҷдиду бунёд ва ба истифода супорида шудаанд.

***Таъмини амнияти озуқаворӣ.*** Таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои афзалиятноки стратегии Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар ин бобат бахри расидан ба аҳдофе, ки ба беҳтаршавии зиндагии сокинони кишвар мусоидат мекунанд, тадбирҳои зиёде андешида мешавад. Пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқавории кишвар муайян шудааст.

***Саноатикунонии босуръати кишвар.*** Барои расидан ба ин мақсад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро, таҳти назорати қатъӣ қарор додааст, ки дар Паёми соли 2020 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намудан, ки Тоҷикистон давра ба давра аз давлати аграри ба саноати гузаронида шавад .

Бо мақсади ноил шудан ба рушди иқтисодӣ миллӣ ва таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулоти озуқаворӣ Пешвои миллат сиёсати “дарҳои кушод” ва рушди ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони умумиҷаҳонии савдо, ки Тоҷикистон 157 давлат аст, ки дохил шудааст. Созмони ҳамкории Шанхай ба роҳ монданд, миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зиёда аз 144 кишвари дунё робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ барқарор карда шуданд, ки барқарор намудани ин ҳамкориҳо ба дастёбии соҳибкорони кишвар ба бозорҳои берунӣ, зиёд шудани ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ дар кишвар мусоидат намуд.

Яке аз самтҳои дигари муҳими таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ ин истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Бо истифода аз мавҷуд будани иқтидори бузурги истеҳсоли қувваи барқ дар ҷумҳурӣ Пешвои миллат ба амалисозии тарҳҳои муҳим дар соҳаи энергетика шуруъ намуданд, ки муҳимтарини онҳо нерӯгоҳҳои барқии обии Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2, нерӯгоҳи Роғун ва садҳо нерӯгоҳҳои хурди барқӣ мебошанд.

Дар Паёми соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, байналмилаӣ, фарҳангӣ ва тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати хоса доданд, ки яке аз тӯҳфаҳои мо ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳлили бахшҳои алоҳидаи Стратегияи миллии рушди иқтисодиёт то соли 2030, ки ба фаъолияти 30 солаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандӣ дорад, бори дигар собит менамояд, ки маҳз бо кӯшиш ва талошҳои ватандӯстонаи Сарвари давлат дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ Ватани мо ба қатори кишварҳои дорои иқтисодиёти рӯ ба инкишоф шомил ва хушбахтона, дар ҷомеа ваҳдати миллӣ, суботу амнияти сиёсӣ ва сулҳи сартосарӣ комилан пойдор гардидааст.

**АДАБИЁТ:**


Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 1 – Душанбе, 2002

Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 2 – Душанбе, 2002

Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ, Душанбе, 2006

Раҳмонов Э. Ш Давлатдории тоҷикон: аз Сомониён то оғози асри 21(Суханронӣ бахшида ба иди Истиқлолва 1100солагии Давлати Сомониён – 8 сентябри соли 1999) – Душанбе, 1999

Раҳмонов Э. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе - 201

Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби 1,2. Душанбе – 2008.

Набиев В. Ваҳдат пояи миллат. Хуҷанд – 2020


## НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ ДАВЛАТДОРӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ


**Калидвожаҳо:** тоҷик, ориёи, истиқлол, дунявӣ, миллат, пешво, фарҳанг, мондагор.



**Аннотатсия.** Дар мақола асосан нақши Пешвои миллат чун асогузори давлати соҳибистиқлол дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ нишон дода шудааст.


## РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В ФОРМИРОВАНИИ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ И РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ


**Аннотация.** В статье делается акцент на роли Лидера Нации как основателя независимого государства на основе исторических источников.



**Ключевые слова:** таджики, арийцы, независимость, светский, нация, вождь, культура.


## THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE FORMATION OF THE STATEHOOD AND THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY


**Annotation.** The article focuses on the role of the Leader of the Nation as the founder of an independent state based on historical sources.



**Key words:** Tajik, Aryan, independence, secular, nation, leader, culture.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** Ҳусейнов Бойалӣ Алиевич - н.и.п., дотсент, мудири шӯъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти ДДТТ, e - mail. boiali1961@gmail.com

**Сведения об авторе:** Хусейнов Бойали Алиевич**.** - к.п.н., доцент, заведующая отделом стажировки и повышения квалификации ТГМУ, e – mail. boiali1961@gmail.com

**Information about the authors**: Huseynov Boyali Alievich**,** Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Internship and Professional Development of Tajik State University of Commercee – mail. boiali1961@gmail.com


## ИНКИШОФИ ВОСИТАҲОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ


*Абдуллаев А.А. – докторанти МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"*


Маориф яке аз системаҳои афзалиятноки ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Дараҷаи инкишофи маориф сол то сол баланд шуда, шумораи ихтисосу касбу кор, муассисаҳои таълимие, ки хизмати

худро пешкаш мекунанд, меафзояд. Дар баробари ин шумораи хоҳишмандони соҳиби маълумот ва ихтисосҳои нав меафзояд.

Бояд гуфт, ки «донишҳои азхудшуда зуд кӯҳна мешаванд. Агар 20 сол пеш як касбро барои ҳаёт интихоб карда бошад, ҳоло дар давоми 5 сол шахс касбашро такмил надиҳад, дониши соҳавии худро нокофи мешуморад. Сарфи назар аз он, ки нақшаҳои нави таълимӣ босуръат тартиб дода мешаванд, онҳо ҳануз ҳам ақиб монда, аҳамияти худро гум мекунанд. Маводҳои таълимию методӣ пеш аз чоп муҳокима карда мешаванд, вале онҳо маҳкуманд, ки аз инкишофи дониш дар ин ё он самт ақиб монанд. Технологияи таълими классикӣ аллакай ғайри қобили истифода маҳсуб мешавад, зеро он дастовардҳои соҳаи коммуникатсия ва технологияҳои иттилоотиро пурра истифода бурда наметавонад»[4].

Сифат ва дастрасии таълим бештар аз ҷойгиршавии ҷуғрофии фан вобаста аст. Масалан, афроде, ки аз муассисаҳои таълимӣ дур зиндагӣ мекунанд, на ҳамеша имкони молии гирифтани таҳсилро доранд. Вобаста ба ин, заминаҳои рушди таҳсилоти фосилавӣ (ТФ) ҳамчун шакли нави таҳсилоти прогрессивӣ ташаккул ёфтаанд, ки имкон медиҳанд, ки барои тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир усулҳои нав ва технологияи муосир истифода шаванд. Дар таълими фосилавӣ технологияи таълим, пеш аз ҳама, ба ҳамкории байни донишҷӯ ва омӯзгор тавассути технологияҳои иттилоотӣ мувофиқат мекунад [6].

Истифодаи технологияи муосир дар раванди таълими фосилавӣ муайян кардани моҳияти мундариҷаи системаи таълими фосилавиро талаб мекунад. Мутобиқи сарчашма [3] ин «маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои таълим ва идоракунии расмиёти таълим мебошад, ки дар масофа дар асоси истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ пеш бурдани раванди таълимро таъмин менамояд».

Муаллиф [7] даъво мекунад, ки системаи ягонаи ТФ метавон ба чунин зерсистемаҳо тақсим кард: зерсистемаҳои глобалии таҳсилоти фосилавӣ, ки барои таъмини таҳсилоти ба истилоҳ заминавӣ масъуланд, ки барои аҳолӣ дастрасанд. Ин шакли оммавии таълим аз воситаҳои ахбори оммавӣ, монанди радио ва телевизион фаъолона истифода мебарад; зерсистемаҳои минтақавӣ ва соҳавии таълими фосилавӣ, ки барои таъмини сатҳи дурусти таҳсилот дар минтақа бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ, соҳавӣ ва дигар хусусиятҳои он пешбинӣ шудаанд; зерсистемаҳои маҳаллии ТФ, ки барои кор дар як шаҳр ё донишгоҳ пешбинӣ шудаанд. Онҳо барои таъмини муттасилии раванди таълим, татбиқи нерӯи интеллектуалӣ ва маънавии ҷамъшуда масъуланд.

Инкишофи минбаъдаи системаи ТФ барои паст кардани сатҳи бекорӣ тавассути ташкили ҷойҳои иловагии корӣ мусоидат мекунад. Коргарон ва мутахассисон метавонанд дар як вақт аз ҷои корашон набаромада, таҳсилро давом дода, кор кунанд. Тартиб додани моделҳо ва алгоритмҳои ташкили системаи автоматикунонии таълими фосилавӣ яке аз вазифаҳои асосии раванди таълим мебошад.

Барои ноил шудан ба ин максад ба масъалаҳои зерин диққат додан лозим аст: ба расмият даровардани омӯзиши системаи автоматии таълим вобаста ба татбиқи идоракунии таълим ва стандартҳои ташаккулёфтаи омӯзиши мазмун ва сенарияҳо; таҳияи усулҳои хос ва сенарияҳои таълимро барои таъмини фаъолияти муштарак ва истифодаи он дар раванди таълими автоматӣ ба расмият меоранд; таҳияи модели консептуалии раванди таълимро бо истифода аз равандҳои барномасозии таълимӣ, системаҳои таълими технологияи меъморӣ, талаботи идоракунии самаранок, сатҳҳои гуногуни таълим роҳнамоӣ мекунад; таҳияи алгоритми автоматикунонии идоракунии раванди таълим аз рӯи барномаи технологияи таълими фосилавӣ барои намудҳои гуногуни ташкилотҳо ва раванди таълим оғоз карда шавад; таҳияи маҷмӯи моделҳои математикии эҳтимолияти баҳодиҳӣ дар раванди таълим барои банақшагирӣ ва танзими он, усули ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти оморӣ барои ҳисобкунӣ бо истифода аз моделҳо ба назар гирифта шаванд.

Истифодаи стандартҳо барои тавсифи мундариҷаи омӯзиши барнома имкон медиҳад, ки расмиятнокии тавсиф ва фаъолияти муштараки сенарияҳо ва маънои онҳо дар раванди таълим таъмин карда шавад. Арзёбии афзалиятҳои истифодаи стандартҳо ва мушаххас, ки аз ҷониби Вазорати мудофиаи ИМА гузаронида шудааст, “ба 30-60% кам кардани хароҷоти таълим ва 20-40% кам кардани вақти таълим нишон дод, ки баланд бардоштани самаранокии таълим 30% ва баланд бардоштани самаранокии амалиёт 10% -30% зиёд шуд” [3, с.55].

Айни замон кор оид ба стандартизатсияи технологияҳои таълими фосилавӣ идома дорад. Стандарт лоиҳаи технологии миллӣ ё байналмилалӣ оид ба ташаккул ё методология ва таҳияи

ҳуҷҷатҳо барои ташкили таҳсилоти фосилавие мебошад, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор тасдиқ шудааст [5].

Стандартҳо дар доираи технологияи таълими фосилавӣ бо истифодаи васеъи автоматизатсияи системаҳои идоракунии таълим (Learning Management Systems - LMS) васеъ паҳн шудаанд ташаккул ёфт. Талаботи зерин барои таминоти барномавии системаи омӯзиши мошинсозӣ заруранд ва аз ҳуҷҷати дар боло овардашуда [5] гирифта шудаанд: фаъолияти муштарак - хусусияти маҳсулот ё система барои амалан дастрас кардани он; истифодаи чандкарата - имконияти истифодаи такрории комплекси таълимӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии таълим ва кам кардани хароҷоти он нигаронида шудааст; мутобиқшавӣ - қобилияти илова кардан ва истифодаи технологияҳои нави таълим; давомнокӣ - имкони тағйир бе шабакаҳои локалӣ мутобиқи меъёрҳои стандартӣ; дастрасӣ -қобилияти кор тавассути шабакаи маҳаллӣ бо одамони таҳсилоти маҳаллӣ ё фосилавии дорои сатҳи таҳсилоти гуногун, хусусиятҳои ҷисмонӣ ва фарҳангҳои гуногун; дастрасии иқтисодӣ - нармафзори таҳияшуда бояд аз ҷиҳати иқтисодӣ дастрас бошад

Барои ташаккул ва идоракунии системаи таълими фосилавӣ модели нави модули таълимӣ зарур аст, ки масъалаҳои назария ва амалияи таълимро дар робитаи зич бо унсурҳои назорат гурӯҳбандӣ мекунад. Кори пешниҳодшуда талаботи идоракунии самарабахшро амалӣ менамояд. Татбиқи аввалин талаботи самараноки идоракунии раванди таълим нишондиҳандаи татбиқи мақсади идоракунӣ дар марҳилаи ташаккул ва ташаккули таълим мебошад.

Раванди таълим аз имтиҳони дохилшавӣ дар марҳилаи ибтидоӣ барои муайян кардани сатҳи омодагии донишҷӯён оғоз мешавад, ки ба таъини марҳилаи якуми азхудкунии донишҷӯён бидуни назорати кредитӣ баробар аст. Дар робита ба ин, ба донишҷӯён роҳи мувофиқи таълим таъин карда мешавад. Раванди таълим ҳамчун далели муайяншуда анҷоми омӯзишро низ ифода мекунад. Вобаста ба хусусиятҳои асосии ҷараёни таълим ба хонандагон аввал миқдори муайяни кӯшишҳои аз як сатҳи назорат гузаштан ба сатҳи дигар пешниҳод карда мешавад.

Баъди таҳлили вазифаҳо муайян кардан мумкин аст, ки проблемаҳое, ки дар системаи таълим ба миён омадаанд, аз кадом нуқтаи назар бояд ҳал карда шаванд: аз нуқтаи назари хонанда (волидон); аз рӯи системаи маориф; аз нуқтаи назари омӯзгорон; аз нуқтаи назари истифодабаранда (корфармо); аз нуқтаи назари давлат.

Ба ҳар як иштирокчии раванди таълим вазифаҳои мақсаднок гузошта шуда, бо роҳҳои гуногун ҳал карда мешаванд. Системаи моделҳо ва масъалаҳои методологӣ ба мавқеъе вобаста аст, ки аз он раванди омӯзиши донишҷӯён (раванди таълим) омӯхта мешавад. Барои ҳар як иштирокчии раванди таълим ченаки мушаххас ва гуногунии омӯзиши сифати хуб муқаррар карда мешавад.

Барои низоми маориф сифати таълим бо ёрии нишондиҳандаҳои меъёрии мушаххаси аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таҳсилоти олии касби муқаррар карда мешавад. Барои роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ нишондиҳандаҳои таълимӣ ва фаъолияти илмӣ дар соҳаи маориф меъёри асосӣ шуда метавонанд. Барои падару модарон ва худи студентон баъди ҳатми мактаби олӣ ба кор қабул кардан комилан маъқул аст.

Ин меъёр бо талаботи сатҳи омодаги, рейтинги муассисаи таҳсилоти олӣ, омодагии касбии донишҷӯён алоқаманд аст. Охирин ба меъёри сифат бевосита алоқаманд буда, ба рушди системаи маориф мусоидат мекунад. Барои корфармо, дар ҷомеаи муосир, меъёрҳои дигар вуҷуд доранд. Ба ғайр аз тайёрии умумии касбӣ ва махсус дараҷаи тайёрӣ ба иҷрои кори мустақилона, майлу фаъолият дар азхудкунии дониш ва сифатҳои коммуникативӣ баҳо дода мешавад. Вазифаи асосии омӯзгор ва системаи маориф бевосита бо сифати баланд пешкаш намудани таълим мебошад.

Ба гурӯҳи системаҳои маориф иштирокчиёни бевоситаи раванди таълим (омӯзгорон, хонандагон) дохил мешаванд. Мо метавонем муҳити таълимро аз рӯи муносибат ва муносибати донишҷӯён ба системаи хуби таълими дохилӣ тафтиш кунем. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти роҳбарикунанда дар муассисаи таълимӣ ҳамчун унсури роҳнамо баромад мекунад. Корфармо ҳамчун унсури танзимкунанда эътироф карда мешавад. Ташкили таълими фосилавӣ таҳияи бисёр моделҳои математикиро барои баҳодиҳӣ дар раванди банақшагирифта ва ҳамгирошудаи таълим ва меъмории таълим бо истифода аз як қатор вазифаҳои умумии системаи автоматӣ барои татбиқи талаботи стандартӣ дар доираи таълими фосилавӣ талаб мекунад.

Раванди асосии таълими иттилоотӣ мазмуни таълим, таҳияи курсҳои таълимӣ мебошад, ки ба таҳияи мувофиқи ҳадафи таълим нигаронида шудааст. Ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ, технологияи таълими фосилавӣ ба инҳои умумӣ риоя кардан лозим аст: мураккабии мантиқӣ - аз

содда ба мураккаб; мушкилот - аз фаҳмиши душвор то муаррифии равшан; ченак - тағйирёбии давра ба давра дар ягон ченаки мушаххас.

Дар марҳилаи ҳозира “маҷмӯаи барномаҳои Moodle (Modular Object-Oriented Dynamic Learning Environment) - муҳити динамикии таълимии ба объект нигаронидашуда, ки системаи идоракунии ройгони таълим аст, асосан ба ташкили ҳамкории байни муаллим ва донишҷӯён нигаронида шудааст, ҳарчанд қобили қабултар аст”[2].

Сарфи назар аз он, ки системаи Moodle аз ибтидо ба таълими донишгоҳҳо нигаронида шуда буд, баъдтар он барои ташкили таҳсилоти пеш аз донишгоҳ, олӣ, мактабӣ ва пас аз донишгоҳ (корпоративӣ) бомуваффақият қабул карда шуд. Тибқи маълумот “дар 215 кишвари ҷаҳон зиёда аз 65796 насби барномаи амали Moodle ба қайд гирифта шудааст, ки ба 78 забон тарҷума шудааст” [2]. Тақрибан 2 миллион омӯзгор дар саросари ҷаҳон аз Moodle истифода мебаранд, то беш аз 26 миллион донишҷӯро таълим диҳанд. Ҳоло тавассути ин система тақрибан 2,5 миллион курсҳо бо истифода аз тақрибан 20 миллион захираҳои электронӣ таълим дода мешаванд.

Таминоти барномавии Moodle: мутақобила аст, яъне имкони таъсири мутақобилаи системаҳои гуногунро таъмин мекунад; такроран истифода мешавад, зеро он барои истифодаи такрории ҷузъҳои система шароити мусоид фароҳам меорад, ки сатҳи самаранокии онро баланд мекунад; мутобиқ карда шудааст, яъне технологияҳои прогрессивии иттилоотиро бидуни тарҳрезии система фаро мегирад, роҳҳои нави ба ҳам пайвастаи таълими инфиродиро дар бар мегирад; устувор, яъне ба меъёрҳои таҳияшуда мутобиқ карда шуда, барои ворид намудани тағйирот бидуни барномасозии аз нав пурра шароити мусоид фароҳам меорад; дастрас, зеро он имкон медиҳад, ки бо система аз ҷойҳои гуногун кор карда шавад (аз макон ва дур, аз синф, аз ҷои кор ё будан дар хона); интерфейси нармафзор имкон медиҳад, ки барои одамони дорои сатҳҳои таҳсилот, қобилиятҳои ҷисмонӣ, сатҳи фарҳангӣ кор кунанд; аз нуқтаи назари иқтисодӣ дастрас аст, зеро Moodle ройгон паҳн карда мешавад.

Системаи таълими фосилавии Moodle як муҳити муосир, пешрафта ва доимо инкишофёбанда мебошад. Он барои тартиб додани коллективҳои таълимию методӣ шароити мусоид фароҳам меоварад, ки аз тамоми захираю назорат истифода баранд. Moodle ҳамчун маҷмӯи модулҳои тарроҳӣ илова ё хориҷ кардани қисмҳоро осон мекунад. Муҳити Moodle, ки мувофиқи идеяи омӯзиши фаъол таҳия шудааст, ҳамкории фаъоли ҳамаи иштирокчиёни раванди таълимро таъмин мекунад.

Moodle як системаест, ки ба модели ғарбии таълим нигаронида шудааст: омӯзиши ҳамзамон аз ҷониби якчанд гурӯҳи донишҷӯён, вақте ки барои ташкил ва идоракунии раванди таълим дар мактаби олии ватанӣ системаи таълими фосилавӣ бояд ба истифодаи афзалиятноки гуруҳҳои таълимӣ. Яке аз бартариҳои системаи Moodle, ки аз номаш бармеояд, модулӣ аст, вақте ки камбудиҳои дар боло зикршуда бартараф карда мешаванд, зеро он имкон медиҳад, ки тамоми мушкилот (модулҳо) таҳия ва пайваст карда шаванд, ки шумораи зиёди донишҷӯёнро идора кардан мумкин аст, аз рӯи якчанд ихтисосҳо.

**Адабиёт**


1. Абдуллаев А. Таъмини донишҷӯён бо маводи таълимӣ-методӣ бо истифодаи технологияи компутерӣ. Ученые записки ХГУ им. Б. Гафурова, №2. 2006.

2. Белозубов А.В., Николаев Д.Г. Система дистанционного обучения Moodle. Учебно-методическое пособие. - СПб: СПбГУ ИТМО, 2007. - 108 с.

3. Безносюк С.А., Бершадский А.М., Вайс Ю., Вержбицкий В.В., и др.

4. БешелевС.Д., Гурвич, Ф.Г. Экспертные оценки, М., Наука, 1973

Объединенный проект по разработке нормативно-правовых документов и отраслевых стандартов дистанционного обучения, 2002

5. Губарев В.В. Системное представление качества образования// Стандарты и качество. - 2002. - №4. С. 30-34.

6. Методика применения дистанционных образовательных технологий // http://www.ed.gov.ru/prof- edu/vish/rub/metod-n.doc

7.Меськов В.С. О состоянии и перспективах создания С ДО в России // Проблемы информатизации ВШ, Вып. 3, 1995.

## ИНКИШОФИ ВОСИТАҲОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ

**Калидвожаҳо:** таҳсилоти фосилавӣ, маориф, автоматикунонии идоракунии раванди таълим, системаи Moodl.

**Аннотатсия**. Дар мақола рушди таҳсилоти фосилавӣ чун шакли нави таҳсилоти прогрессивӣ ба шумор меравад. Вобаста ба ин моҳияту мундариҷаи системаи таълими фосилавӣ муайян гардидааст. Тартиб додани моделҳо ва алгоритмҳои ташкили системаҳои автоматикунонии таълими фосилавӣ яке аз вазифаҳои асосии раванди таълим мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад масъалаҳое, ки бояд дар мадди назар буда, мавриди коркард қарор дода шаванд, оварда шудааст.

## РАЗРАБОТКА СРЕДСТВ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ

**Ключевые слова:** дистанционное обучение, автоматизация управления учебным процессом, система Moodle.

**Аннотация.** В статье рассматривается развитие дистанционного образования как новой формы прогрессивного образования. В связи с этим определены сущность и содержание системы дистанционного образования. Организация системы автоматизации дистанционного обучения, разработки моделей и алгоритмов является одной из основных задач образовательного процесса. Для достижения этой цели приведены задачи, которые требуют заострение внимания и подлежащие решению.

## DEVELOPMENT OF DISTANCE LEARNING TOOLS

**Key words:** microcrediting, borrower, bankruptcies, microfinance, credit organizations, scoring.

**Annotation.**The article discusses the development of distance education as a new form of progressive education. In this regard, the essence and content of the distance education system are determined. Organization of a distance learning automation system, development of models and algorithms is one of the main tasks of the educational process. To achieve this goal, the tasks that require sharpening of attention and to be solved are given.

## БОЗОРИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА РОҲҲОИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ ОН

*Абдуллоев А.Х., унвонҷӯи институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон*

Вазъияти бозори маҳсулоти озуқаворӣ роҳҳои таъмини устувории он бо маҳсулоти озуқаворӣ дар тамоми самтҳои сиёсати иқтисодии таърихи давлатдории аксарияти кишварҳо аз ҷумла дар Ҷумҳури Тоҷикистон ва минтақаҳои он муҳим арзёби мегардад. Ҳолати имрӯзаи бозори маҳсулоти озуқаворӣ имрӯз бояд чунин бошад, ки кафолати доимии дастрасии маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқавориро барои нигоҳдории сифати баланди ҳаётии аҳолии минтақаҳои ҷумҳуриро дода ва пурра таъмин карда тавонад.

Рушди бозори маҳсулоти озуқаворӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти бозор ва таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ муққарар мегардад.

Барои иҷрои вазифаҳо оид ба таҳлил ва таҳияи пешниҳод оид ба бозори маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тадбирҳоро андешидан зарур аст:

- таҳияи нақшаи тақсимоти маҳсулоти соҳаи бозори маҳсулоти озуқаворӣ, кишоварзӣ ва инчунин ташкили омодагии лоиҳаҳо доир ба ташаккули бозори маҳдудшуда;
- ҷамъоварӣ ва тавасути иттилоот, ояндабиниҳои сохтори бозори маҳсулоти озуқаворӣ, ҷараёни талабот ва пешниҳод;
- маълумоти ҳаҷми фурӯш, зарфияти бозори маводи озуқаворӣ;

- таҳияи системаи меъёрҳо оид ба ҳавасмандии фурӯши маҳсулот дар бозори маҳдуди озуқаворӣ;

- муайян намудани усулҳои танзими давлатии бозори маҳсулоти озуқаворӣ;

- ташкили омодагӣ, баландбардории тахассуси кадрҳо оид ба маркетинг, кӯмаки методӣ дар фаъолияти хизмати маркетинги тақсимоти маъмурӣ, ҳудуди корхонаҳо, гузаронидани корҳои машваратӣ.

Барои таҳлили пурраи маҳсулоти озуқаворӣ дар системаи нишондиҳандаҳои бозори минтақавӣ, дар бораи ғунҷоиши бозор аз рӯи гурӯҳҳои алоҳидаи маҳсулот, инчунин тағйиротҳо оид ба ҳиссаи бозор зарур аст. Албатта, рушди самараноки бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ бе фаъолияти ташкилотҳои қарздиҳию сармоягузорӣ аз имкон дур аст. Инчунин, рушди бозори маҳсулоти озуқаворӣ аз рушди инфрасохтори мусоид ва ҳавасмандгардонии талабот вобастагии калон дорад.

Вазъи бозори маҳсулоти озуқаворӣ дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ба шумор рафта, ҷиҳати рушди он ҳалли масъалаҳои зерин: ҷорӣ намудани технологияи истеҳсол ва коркарди маҳсулот дар КАС, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ, рушди инфрасохтори мусоид (беҳтарсозии муасиссаҳои савдо, амалиётҳои нигоҳдорию тиҷоритӣ, ҳамлу нақл ба нақлиёти махсус, хизматрасонии иттилоотӣ, маркетинг, амалиёти пулӣ) оид ба ҳавасмандии талабот, рақобатпазирии бозори маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайраҳо метавонанд мусоидат намоянд.

Паҳлӯҳои гуногуни масъалаҳои рушди бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ дар асарҳои олимони ватанию хориҷӣ дарҷ гардидааст. Бояд қайд кард, ки то ҳоло масъалаи идоракунии бозори истеъмолии маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқавории минтақавӣ пурра таҳқиқ нагаштааст. Истеҳсоли маҳсулот чӣ қадар ҳам зиёд гардад, бе низоми муайяни бозори хариду фурӯши маҳсулот мунтазам бо сифати хуб ба истеъмолкунанда дастрас намегардад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши ин раванд ва таҳияи пешниҳодҳои илман асоснок саривақти буда, ба яке аз масъалаҳои рузмара табдил ёфтааст.

Масъалаи рушд ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ ва таъмини он ба бозорҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати беҳтар намудани ҳамоҳангсозии саноат, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ ва савдо, такмили идоракунии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ ва татбиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ тавассути пайваст будан ба технологияҳои истеҳсолӣ, фурӯш ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ, барои он ки танҳо бо иҳотаи тамоми раванди истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки идоракунии воқеии ҳамаҷонибаи истеҳсолот ва фурӯши мол таъмин карда шавад, яъне барои такмил додани бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқавории шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳамзамон, дар рафти тақсими иҷтимоии меҳнат, дараҷаи ҳамбастагӣ ва вобастагии мутахассисони соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар раванд ва робитаҳои иқтисодӣна танҳо дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ, балки фурӯш ва истеъмоли он ҳам шаклҳои гуногуни тағйирёбии ҳамоҳангиро талаб менамояд. Сиёсати озуқаворӣ яке аз ҷузъи муҳимитанзими давлатӣ мебошад, зеро ки ба сатҳ ва сифати ҳаёт бевосита таъсир мерасонад. Ба ғайр аз ин, чунин сиёсат ҳам ба дигар нишондиҳандаҳо ба мисли индекси нархҳои истеъмолӣ (ИНИ), меъёри амонат ва ғ.

Бовуҷуди ин сиёсати озуқаворӣ ба он соҳаи идоракунӣ дахл дорад, ки фаъолияти давлат бояд ба қарорҳои ҷиддӣ ва санҷидашуда асос ёбад, ки ба комёбии мувозинаи манфиатҳои ҳамаи табақаҳои ҷомеа ва офаридани шароит барои пешрафти иқтисодӣ оварда расонад.

Баррасӣ намудани чараёни тағйироти бозори маводи озуқа, бешубҳа, бояд комплексӣ буда, шомили якчанд категорияи таҳлил бошад, ба мисли:

-таҳлили бозор аз мавқеи талабот;

-таҳлили бозор аз мавқеи пешниҳод;

-таҳлили умумии хосияти таъсири амалии талабот ва пешниҳод дар бозор.

Вазифаи асосии ҳамгироии обектҳои ҷумҳуриявии бозорҳои маҳсулоти озуқаворӣ бояд мустақилият ва мавқеи рақобатпазирии онҳо аз ҳисоби васеъшавии бозорҳои фурӯши маҳсулот бошад, ки дар асоси омӯзиши ҷузъи доираи харидорони нерӯӣ ба даст меоянд.

Ҳамгироӣ аз бозори молҳо, миёнаравҳое, ки қисми асосии фоидаро аз худ менамоянд дур намуда хароҷотҳои борхалтагиро аз ҳисоби ихтисори зинаҳои ҳаракати молҳо аз истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони ниҳоӣ таъмин менамоянд. Аз ин лиҳоз ин як қатор

муаммоҳоро алоқамандии бозори байни корхонаҳои ҳамгироӣ ва монанди напардохтан, гардиши бартерӣ ва риоя накардани шартҳои муомиларо аз байн мебарад.

Стратегияи инкишофи бозори маҳсулоти озуқаворӣ, муттаҳид намудан ва ба як мараз гирд овардани захираҳои ихтиёрдоршаванда ба монанди истифодабарии оқилонаи пураи неруи мутаҳидгардида нигаронида шудааст. Чуноне, ки таҷрибаи таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рафти ислоҳоти аграрӣ нишон медиҳад асоси бозори маҳсулоти озуқавориро корхонаҳои калони кишоварзӣ ташкил медиҳанд, ки аз байн бурдани онҳо ҳамавақт ба паҳншавии истеҳсолот ва ба ногувории ҳолати таъминоти маҳсулоти озуқаворӣ оварда мерасонад. Бартараф намудани ҳолати буҳронии бозори маҳсулоти озуқаворӣ тавассути ташкили сохторҳои нави қобили тадбиқи бартариятҳои истеҳсолоти калон таъмин карда мешуд.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ муҳим он нест, ки тағйиротҳо дар иқтисодиёт қувваҳои коргарии иловагиро барои дигар соҳаҳои иқтисод ва бахши хизматрасонӣ озод намоянд, муҳим он аст, ки аҳолии ҷумҳурӣ бо маҳсулоти озуқавории арзон истеҳсоли ватанӣ таъмин карда шаванд. Бо ҳамин роҳ усули нави қувваи кори ташаккул дода шавад, ки ба сатҳи баланди таъминот (озуқаворӣ, молҳои истеъмолӣ, манзил, дигар неъматҳои иҷтимоӣ) фарқ кунанд ва дар ҳалли вазифаҳо ширкат варзанд.

Дар шароити узвият ба СТҶ (созмони тиҷоратии ҷаҳонӣ) ҳиссаи баланди воридоти маводи озуқаро бояд, қайд намуд, ки ба амнияти озуқавории мамлакат таҳдид мекунад. Фарсудашавии фондҳои асосӣ дар аксарияти корхонаҳои кишоварзӣ ва коркард барои бо истеҳсолкунандагони хориҷӣ дар бозор рақобат намудан имконият намедиҳад. Имконияти истифодаи захираҳои қарзиро аксарияти корхонаҳои кишоварзӣ аз сабаби андозаи ками онҳо надоранд. Нақши калонро миёнаравони савдоӣ мебозанд, ки нархро нисбати маҳсулот бо ихтиёри худ баланд мекунанд.

Фаъолияти муътадили бозори маҳсулоти озуқавории ҷумҳурӣ дар айни замон дар натиҷаи камчинии мутахасисони бо тахассус дар соҳаи маркетинг мушкил шудааст.

Барои омӯзиш ва тавсеаи таҷрибаи пешқадами истифодаи самараноки усулҳои маркетинг, ки дар асоси худ ба манфиатҳои молистеҳсол- кунандагони деҳот ҷавобгӯ мебошанд, беҳтар намудани таъминнокии онҳо бо воситаҳои моддию техникӣ ва паст шудани хароҷот барои ба даст овардани захираҳо мусоидат менамоянд. Гузаронидани курсҳои омӯзишӣ, тренингҳо ва семинарҳо барои баланд бардоштани тахассуси мутахасисон зарур мебошад.

Дар натиҷаи пешниҳод ва иҷро намудани лоиҳаи мазкур бояд чиро донист:

**Таҳия ва татбиқи системаи муфассал коркардашудаи танзими муносибатҳо дар ин соҳа имконият медиҳад, ки барои фаъолияти дигар соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ асос (базис) ба вуҷуд оваранд.**

Бе таъсиси чунин «таҳкурсӣ» амаликунии стратегия ва барномаи рушд имконнопазир аст. Пас, зарурият дар ташаккули сиёсати озуқаворӣ боназардошти хусусиятҳои минтақавии истеҳсол ва истеъмоли маводи ғизоӣ вуҷуд дорад, ки барои таъмини комплекси озуқавории амалкунанда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст. Барои иҷрои вазифаҳо оид ба таҳлил ва таҳияи пешниҳод оид ба бозори маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тадбирҳоро андешидан зарур аст:

- таҳияи нақшаи тақсимоти маҳсулоти соҳаи бозори озуқаворӣ, кишоварзӣ ва инчунин ташкили омодагии лоиҳаҳо доир ба ташаккули бозори маҳдудшуда;
- ҷамъоварӣ ва тавасути иттилоот, ояндабиниҳои сохтори бозори озуқаворӣ, ҷараёни талабот ва пешниҳод;
- маълумоти ҳаҷми фурӯш, зарфияти бозори маводи озуқаворӣ;
- таҳияи системаи меъёрҳо оид ба ҳавасмандии фурӯши маҳсулот дар бозори маҳдуди озуқаворӣ;
- муайян намудани усулҳои танзими давлатии бозори озуқаворӣ.
- ташкили омодагӣ, баландбардории тахассуси кадрҳо оид ба маркетинг, кӯмаки методӣ дар фаъолияти хизмати маркетинги тақсимоти маъмурӣ, ҳудуди корхонаҳо, гузаронидани корҳои машваратӣ.

Кишоварзӣ ҳамчун маҷмӯи пурраи системаи иқтисодӣ ва истеҳсолот мебошад, ки дар он тақсимоти иҷтимоии меҳнат аз як тараф дифференсиатсияи мавҷуда ва ташаккули соҳаҳои нави иқтисоди миллӣ мегардад. Аз тарафи дигар бошад, инкишофи роҳҳои байнисоҳавӣ, ки дар асоси он системаи соҳаҳо ташаккул меёбад, ки онҳо органикӣ алоқамананд ва барои фаъолияти истеҳсоли мақсади умумӣ доранд. Дар асоси таъсири рушди самаранок ва фаъолияти бахши аграрӣ,

ташвиқоти мубодилаи маҳсулоти меҳнат байни соҳаҳои КАС мегардад, ки дорои таъсири бевосита ба интихоби беҳтарини таносуб бо тавассути бозори истеъмолии мамлакат мебошад.

Татбиқи механизмҳои воситаҳои иқтисодӣ - бозоргонӣ дар натиҷа ба тағйироти куллӣ дар соҳаи муомилоти мол оварда расонд. Бо вуҷуди ин, ташаккули бозорҳои озуқаворӣ хислатҳои худбахудрӯйдиҳӣ доранд, ва сифати хоси бозорҳои кишварҳои тараққикардаро надоранд. Байни иштирокчиёни бозор ҳанӯз робитаҳои иқтисодӣ устувор нест, инфрасохтори муосири бозоргонӣ ташаккул наёфтааст, равандҳои ташаккули рушди бозори кишоварзӣ дар таҳти назорати паст ҳастанд. Ислоҳоти институтсионалии КАС дар Тоҷикистон бо хусусигардонӣ ва саҳҳомигардонии корпоратсияҳои савдо ва корхонаҳои истеҳсолии давлатӣ ва пойгоҳҳои меваю сабзавот, корхонаҳои коркарди давлатӣ бо ҳамдигар алоқаманданд.

**Ташаккули бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ хусусиятҳои хосро дар бар мегиранд:**

- мувофиқ наомадани давраи истеҳсолӣ бо давраи корӣ, ки шароити мавсимнокиашро аз ҷиҳати таъминот, талабот, нархгузорӣ ва ғайрамуайян месозад;

- парокандагии ҷуғрофӣ барои пешниҳодимаҳсулотикишоварзӣ, ки дурии роҳ вақти бисёрро талаб менамояд ва гардиши маҳсулот боиси хароҷотҳои зиёди нақлиётӣ мегардад;

-номуайянии натиҷаҳои истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ;

- давраи дарозмуддати истеҳсолӣ, махсусан дар истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ;

- нархи максималии мол, новобаста аз он, ки дорои кадом талабот мебошад, мизоҷони ӯ ҳамеша аз имконияти молиявӣ маҳдуд буда ва омодагии онҳобароипардохти нархи талабкардашуда мебошад.

Харидорони асосии бозори маҳсулоти озуқаворӣ – ин намудҳои гуногуни маҳсулотайёркунандагон- ба монанди харидорони яклухт ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд. Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар бозор ба воситаи мағозаҳои шахсии молистеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ имконият медиҳад, ки маблағи нақд гиранд ва онро барои эҳтиёҷоти фаврии истеҳсоли маҳсулоти худ хароҷот намоянд. Бо вуҷуди ин, фурӯши маҳсулоти чорво (гӯшт ва шир) тавассути роҳҳои фурӯш ва аввалан коркардро талаб менамояд.

Ба ақидаи мо, идоракунии монополияи соҳавӣ хеле самараноктар аст, вақте, ки дар асоси он, ин гуна принсипҳо бошанд:

-мустақилияти шахсии танзимкунанда (зарур аст, барои ба даст овардани тавозуни манфиатҳо);

-принсипи ҳамоҳангсозӣ (зарур аст, бо танзими як субъекти монополия, ки манфиати дигар шахсон ҳам ба инобат гирифта шавад);

-ошкоро будани раванди идоракунӣ (шаффоф будани қонунҳои давлат, методикаи баҳисобгирии идораи нарх);

-мусоидат барои соддагардонии батартибандозии ҳуҷҷатнигорӣ (равона карда мешавад барои камхарҷшавии мавод ва вақти истеъмолӣ) тақсимоти боадолатона ва самараноки супориши хароҷотҳо ба тарофаҳо ва ғайра.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки маҷмӯи омилҳо ба рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзӣ таъсири бештар мерасонанд, ки ин омилҳои сармоягузорӣ, инноватсионӣ ва молиявӣ мебошад. Барои он, ки истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзии баландсифат бо нархи арзонтар танҳо бо истифода аз технологияи муосир ва дастовардҳои нави илмии муосир имконпазир аст.

Раванди ташаккули рақобатпазирӣ дар худ як қатор чораҳои ташкилию иқтисодиро дарбар мегирад, ки ин барномаҳои истеҳсоли маҳсулот бо ҳаҷми муайяни сифат, намуд, ки бо иқтидори истеҳсолӣ дастрас бошад. Яке аз омилҳои асосии ташаккули рақобатпазирӣ ин истифодаи пурраи афзалиятҳои рақобатпазирӣ аст.

**Адабиёт**


1. Ганиев Т.Б. Мушкилоти рушди соҳаи кишоварзӣ. -М., 1996, 215 с.
2. Дохолян С.В., Вартанова М.Л. Таъмини фаъолияти самарабахши бозори минтақавии озуқаворӣ дар муҳити рақобат // Маҷаллаи Россия. - 2016. - № 17. - S. 2153-2178.
3. Мазеина Э. Асосҳои назариявии ташаккули бозорҳои озуқаворӣ // Иқтисодиёт, соҳибкорӣ ва ҳуқуқ.- №2 (2). - 2011, с. 55-64.
4. Гоибов М.А. Проблемы модельного развития сельского хозяйства в новых условиях. – Душанбе, Эҷод, 2004.
5. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Низоми илмии пешбурди соҳаи кишоварзии Тоҷикистон, «Матбуот» Душанбе 2009. 733 с.

6. Ушачев И.Г. Аграрная политика России: проблемы и решения.- М.: Наука, 1990.
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи амнияти озуқаворӣ». Душанбе, 2010.
8. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2019, 353 саҳ.
9. Емельянова Ф.К., Кириллов Н.Н. Организация переработки сельскохозяйственной продукции. Москва. Экмос. 2000. -384.
10. Мадаминов А.А. Производство конкурентоспособной продукции – основа устойчивого развития АПК. – Душанбе, Кишоварз, 2003, №2. –С.54–60.
11. Маркин Г.Н. Выявление эффективности управления в аграрном секторе // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. -1999г.-№1.-с. 11-15.
12. Мартинкевич Ф.С., Большакова В.П. и др. Факторный анализ эффективности сельскохозяйственного производотва.-Минск: Наука и техника, 1983.-215 с.
13. Каюмов Ф.К. Эффективность АПК в условиях перехода к рынку. Монография. Москва-1992. Стр. 5.
14. Нурназаров М.Н. Агропромышленный комплекс Таджикистана. – Душанбе,1991.-161с.
15. Одинаев Ш. Т., Аминова Ф. М. Продовольственная безопасность- основа стабильности аграрной экономики страны ////Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Душанбе: «Сино» 2015, серия экономических наук , 2/1 (157), С. 88-93.
16. Региональный агропродовольственный рынок: проблемы и тенденции развития. Душанбе, 2014 ПаёмиДонишгохимилли 2/11(155).
17. Устойчивое развитие сельских территорий как фактор обеспечения экономической безопасности. Ю.С. Богзыков, Б.А. Гольдварг и др. Элиста: АПП Джангар, 2009.-270с.
18. Effects of Sulphurization Duration of Doses and Cold Storage on SO2 Content of Dried Apricot Fruits of cv. ‘Hacihaliloglu’, Kadir OZTURK, Ramazan KONAK, Bulent OZTURK, Salih ATAY, Belgin CELIK, Makbule YANAR, Mehmet Naim DEMİRTAS, Sezai ERCISLI, Available online at www.notulaebotanicae.ro, Not Bot Horti Agrobo, 2011, 39 (2):237-241.
19. Устойчивое производство винограда. Состояние и перспективы развития./ Под ред. Е.А. Егорова- Краснодар, 2002 . - 122с.

## БОЗОРИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА РОҲҲОИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ ОН

Дар маколаи зерин сухан дар бораи роҳҳои таъмини устувори дар бозори озуқаворӣ меравад. Масъалаи рушд ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ ва таъмини он ба бозорҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати беҳтар намудани ҳамоҳангсозии саноат, истеҳсоли махсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ ва савдо, такмили идоракунии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ ва татбиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ тавассути пайваст будан ба технологияҳои истеҳсолӣ, фурӯш ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ, барои он ки танҳо бо иҳотаи тамоми раванди истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки идоракунии воқеии ҳамаҷонибаи истеҳсолот ва фурӯши мол таъмин карда шавад, яъне барои такмил додани бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣи шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳамзамон, дар рафти тақсими иҷтимоии меҳнат, дараҷаи ҳамбастагӣ ва вобастагии мутахассисони соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар раванд ва робитаҳои иқтисодӣна танҳо дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ, балки фурӯш ва истеъмоли он ҳам шаклҳои гуногуни тағйирёбии ҳамоҳангиро талаб менамояд.

Сиёсати озуқаворӣ яке аз ҷузъи муҳимитанзими давлатӣ мебошад, зеро ки ба сатҳ ва сифати ҳаёт бевосита таъсир мерасонад. Ба ғайр аз ин, чунин сиёсат ҳам ба дигар нишондиҳандаҳо ба мисли индекси нархҳои истеъмолӣ (ИНИ), меъёри амонат ва ғ. Фаъолияти муътадили бозори маҳсулоти озуқаворӣи ҷумҳурӣ дар айни замон дар натиҷаи камчинии мутахасисони бо тахассус дар соҳаи маркетинг мушкил шудааст.

Барои омӯзиш ва тавсеаи таҷрибаи пешқадами истифодаи самараноки усулҳои маркетинг, ки дар асоси худ ба манфиатҳои молистеҳсол- кунандагони деҳот ҷавобгӯ мебошанд, беҳтар намудани таъминнокии онҳо бо воситаҳои моддию техникӣ ва паст шудани хароҷот барои ба даст овардани захираҳо мусоидат менамоянд. Гузаронидани курсҳои омӯзишӣ, тренингҳо ва семинарҳо барои баланд бардоштани тахассуси мутахасисон зарур мебошад.

Калидвожаҳо: Бозори маҳсулоти озуқаворӣ, маҳсулоти озуқаворӣ, намудҳои маҳсулот, бозори маҳсулоти кишоварзӣ,сиёсати озуқворӣ,нархҳои истеъмолӣ, такмили бозори озуқаворӣ, сиёсати кишоварзӣ.

## ПРОДОВОЛЬСТВЕННЫЙ РЫНОК И СПОСОБЫ ЕГО ПОДДЕРЖКИ

В следующей статье рассматриваются способы обеспечения устойчивости на рынке продуктов питания. Развитие и рост производства сельскохозяйственной и продовольственной продукции и ее поставки на рынки городов и районов Республики Таджикистан, необходимость улучшения координации промышленности, сельскохозяйственного и продовольственного производства и торговли, совершенствования управления сельскохозяйственным производством и продовольствием через продовольствие и питания к технологиям производства, реализации и потребления сельскохозяйственной и пищевой продукции, так что только при полном охвате всего производственного процесса можно будет обеспечить реальное и комплексное управление производством и реализацией товаров; то есть улучшить рынок сельскохозяйственной продукции и продуктов питания в городах и районах Республики Таджикистан.

При этом в процессе общественного разделения труда степень кооперации и взаимозависимости специалистов отдельных отраслей сельскохозяйственного производства и дехканского (фермерского) хозяйства в процессе и экономических отношениях не только в производстве сельскохозяйственной и пищевой продукции, но и различные формы торговли и потребления.

Продовольственная политика является важной частью государственного регулирования, так как напрямую влияет на уровень и качество жизни. Кроме того, такая политика распространяется и на другие показатели, такие как индекс потребительских цен (ИПЦ), депозитная ставка и так далее. Стабильному функционированию продовольственного рынка страны в настоящее время препятствует нехватка квалифицированных специалистов в области маркетинга.

Изучение и распространение передового опыта эффективного использования маркетинговых методов, основанных на интересах сельских товаропроизводителей, будет способствовать улучшению их обеспеченности материально-техническими ресурсами и снижению затрат на получение ресурсов. Необходимо проводить обучающие курсы, тренинги и семинары для повышения квалификации специалистов.

Ключевые слова: продовольственный рынок, продовольственные товары, виды продукции, аграрный рынок, продовольственная политика, потребительские цены, оздоровление продовольственного рынка, аграрная политика.

## FOOD MARKET AND WAYS TO SUPPORT IT

The following article explores ways to ensure sustainability in the food market. Development and growth of agricultural and food production and its supply to the markets of cities and regions of the Republic of Tajikistan, the need to improve the coordination of industry, agricultural and food production and trade, improve the management of agricultural production and food through food and nutrition to production technologies, sales and consumption of agricultural and food products, so that only with full coverage of the entire production process can real and comprehensive management of the production and sale of goods be ensured; that is, to improve the market for agricultural products and food products in the cities and regions of the Republic of Tajikistan.

At the same time, in the process of social division of labor, the degree of cooperation and interdependence of specialists in individual branches of agricultural production and dekhkan (farming) economy in the process and economic relations not only in the production of agricultural and food products, but also various forms of trade and consumption.

Food policy is an important part of state regulation, as it directly affects the level and quality of life. In addition, this policy also applies to other indicators, such as the consumer price index (CPI), the deposit rate, and so on. The stable functioning of the country's food market is currently hampered by the lack of qualified marketing specialists.

The study and dissemination of best practices for the effective use of marketing methods based on the interests of rural producers will help improve their provision with material and technical resources and

reduce the cost of obtaining resources. It is necessary to conduct training courses, trainings and seminars to improve the skills of specialists.

**Key words:** food market, food products, types of products, agricultural market, food policy, consumer prices, food market improvement, agricultural policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоев Абдурасул Халифаевич-** унвонҷӯи институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Телефон 918-59-62-62

Дар барбари ин бояд қайд кард, ки ташаккулёбӣ ва рушди кластерҳои саноатӣ яке аз падидаҳои инноватсионӣ ба шумор рафта дар рушд ва таъмини бозори меҳнат нақши калидӣ дорад.

Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда исбот намудаанд, ки бо ташаккулёбии кластерҳои саноатӣ, бозори меҳнат рушд намуда бо ташкилшавии ҷойҳои нави корӣ, талабот ба касбҳои нав, парешон нашудани кадрҳо, ва айраҳо мусоидат менамояд.

Тағиротҳои глобалии ҷаҳонӣ имрӯза ва босуръат авҷ гирифтани прогреси илмию техникӣ дар Ҷумҳумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва инкишофи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти минтақавӣ коркард ва дар амал ҷорисозии консепсияҳои навро талаб менеамояд, ки ба ҷараёни стратегии рушди босуръати корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамояд.

Инкишоф ва рушди кластерҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ метавонанд ба таъсисёбии ҷойҳои нави корӣ мусоддат намянд.

Ин раванд дар ҷумҳурии мо падидаи нав буда дар ҳоли таъсисёбӣ қарор дорад. Бо таъсиёбии кластерҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад иқтидори истеҳсолии маҳсулотҳои КАС, саноати истеҳсолии хӯрокворӣ, саноати коркардро зиёд намуда, ҷанбаҳои рақобатпазирии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, таъмини талаботи бозори дохилӣ ва содироти маҳсулотҳоро зиёд намояд, ки ин метавонад ҷиҳати бавуҷудомадани ҷойҳои нави корӣ мусоиддат намояд. Махсусан ҳангоми бавуҷудомадани занҷираи ҳамбастагии кластерӣ шумораи зиёди корхонаҳо ташкил мешавад, сатҳ ва сифати хидматрасониҳо афзун гардида, боиси пайдошавии касб ва ихтисосҳои нав дар бозори меҳнат мегардад, ки ба рушди он замина мегузорад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва пурзуршавии рақобати байналхалқӣ пешрфта ва ташаккули иқтисодиёти имрӯзаи ҶТ аз қобилиятҳои рақобатнокии иқтисодиёти соҳавии ҳар як манотиқҳои алоҳидаи худ аз бозори байналхалқӣ вобаста мебошад.

Кластерҳо метавонанд ба таври табиӣ ва сунъӣ сохта шаванд. А. Мигранян механизми ташкилшавии кластерҳои табииро чунин тавсиф медиҳад:

«... Як ё якчанд ширкатҳое, ки дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазироиро соҳиб шудаанд, таъсиррасонии худро ба муҳити наздик паҳн менамояд: таъминкунандагон, рақибон. Дар навбати худ мувафақиятҳои муҳит ба рушди рақобатпазирии ширкати мазкур таъсир мерасонад. Дар маҷмӯъ шӯрои кластерии ширкатҳо, соҳаҳои бо ҳам наздики алоқаманд, ки дар натиҷа рақобатпазирии пурраи якдигарро таъмин мекунад [1, с.10]. Ӯ қайд мекунад, ки барои иқтисодиёти давлат кластер нақши нуқтаи рушди бозори дохилӣ ва байналхалқиро мебозад» .

Нақши муассирро дар соҳаи саноати хӯрокворӣ саноат маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ишғол менамоянд, ки дар шароити имрӯза падидаи асосии таъминоти некуаҳволии мардум баромад менамояд. Раванди ташаккулёбӣ ва рушди кластерҳо ба инкишофи соҳаи соҳибкорӣ, ташкилшавии корхонаҳои хурду миёна, ҷалби сармояҳои мустақими хориҷӣ, рушди инфрасохтори инноватсионӣ, рушди истеҳсолот ва содирот, инкишофи соҳҳаҳои саноати кишвар, хизматрасониҳо ва ғайра мусоидат мекунад.

Ташаккулёбии кластерҳои саноатӣ дар минтақаҳои ҶТ аз марҳилаҳои зерин иборат мебошад:

1. *Таъсисдиҳии шӯрои фаъоли ҳамоҳангсозии кластери саноатӣ.*
2. *Таъсиси агенти шабакавӣ (маркази идоракунӣ);*
3. *Муассисаҳои илмию таълимӣ;*
4. *Таъминкунандагон.*
5. *Истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои саноатӣ.*
6. *Марказҳои стандартизатсиякунонӣ, метрологӣ ва сертификатсиякунонӣ, ташхисгоҳҳо.*
7. *Истеъмолкунандагон.*
8. *Хизматрасониҳо.*
9. *Дастгириҳои молиявӣ (бонкҳо).*
10. *Логистика.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва рушди ин соҳа пеш аз ҳама бояд системаи мушаххаси стртатегӣ ҷорӣ намояд, ки маблағгузорӣ, ҳавасандгардонӣ ва функсияи назорату танзимро иҷро карда тавонад. Бо таъсисбии занҷраи кластерӣ дар минтақа ҷанбаи рақобатпазирӣ ва сифтӣ маҳсулоти саноати хӯрокворӣ таъмин гашта содирот зиёд мешавад ва метавонад сатҳи даромаднокӣ ба пуррагӣ тағир ёбад. Ба ин васила ҷараёни кластеризатсияи корхонаҳои саноати истеҳсолиӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои басо муҳим ба шумор меравад, ки метавонад бо имкониятҳои иқтидори маҷуда дар муддати кутоҳ тамоми ҷанбаҳои рақобатпазириро таъмин намояд.

Бояд тазаккур дод, ки кластери санотиро ҳамчун шакли ҳамҷояшавии муосири корхонаҳо, ташкилотҳо дар сатҳи минтақаҳо баррасӣ намуда, қайд намудан мумкин аст, ки ба рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа мусоддат намуда, метавонад ҳамчун ҷанбаи афзалиятнок ва рақобатнок дар сатҳи бозори ҷаҳонӣ ҳисобида шавад ва ба ташкилшавии корхонаҳои нави истеҳсолӣ, таъсисёбии ҷойҳои навӣ корӣ, ҷалби сармояҳо, таъмини бозори дохилии кишвар бо маҳсулотҳои асосии ниёзи мардум мусоиддат менамояд.

## АДАБИЁТ:


1. Агафонов В.А. Кластерная стратегия: системный подход // Экон. наука современной России. — 2010.

2. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025

2. Бойцов А.С., Костяев А.И. К вопросу о теории кластеров и кластерном подходе // Экономика с.-х. и перераб. предприятий. — 2009.

3. Мигранян А. Теоретические аспекты формирования конкурентоспособных кластеров в странах с переходной экономикой. - М., 2002.

4. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

4. Федоров В.К. Особенности организации и перспективы развития инновационно-производственных кластеров//Инновации. - М., 2008. - №9


## НАҚШИ КЛАСТЕРҲОИ САНОАТӢ ДАР РУШДИ БОЗОРИ МЕҲНАТ


**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур раванди ташаккулёбии кластерҳои саноатӣ ва нақши он дар рушди бозори меҳнат мавриди омӯзиш ва тадқиқот қарор гирифтааст. Бояд қайд кард, ки кластер ҳамчун падидаи нав дар иқтисодиёт бо ҳамҷояшавии корхонаҳои истеҳсолӣ вобастагӣ дорад, ки маблағгузорииро талаб менамояд. Дар ин асос кластер дорои хусусияти фаъолияти инноватсионии истеҳсолӣ мебошад, ки метавонад рақобатпазирии корхонаҳоро дар сатҳи минтақавӣ таъмин намояд.



**Калидвожа:** кластери саноатӣ, бозори меҳнат, қувваи корӣ, рақобатпазирии минтақавӣ, принсипи устувории ҳамкории иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии рушди кластер, сиёсати кластерӣ, ҷанбаҳои ташаккулёбии кластер.


## РОЛЬ ПРОМЫШЛЕННЫХ КЛАСТЕРОВ В РАЗВИТИЕ РЫНКА ТРУДА


**Аннотация.** В статье исследуется процесс формирования промышленных кластеров и их роль в развитии рынка труда. Следует отметить, что кластер как новое явление в экономике связан с интеграцией производственных предприятий, что требует финансирования. Исходя из этого, кластер имеет характер инновационной производственной деятельности, которая может обеспечить конкурентоспособность предприятий на региональном уровне.

**Ключевые слова:** промышленный кластер, рынок труда, рабочая сила, региональная конкурентоспособность, принцип устойчивого экономического сотрудничества, стимулирование развития кластера, кластерная политика, аспекты формирования кластера.

## ROLE OF INDUSTRIAL CLUSTERS IN LABOR MARKET DEVELOPMENT

**Annotation.** The article examines the process of formation of industrial clusters and their role in the development of the labor market. It should be noted that the cluster as a new phenomenon in the economy is associated with the integration of manufacturing enterprises, which requires funding. Based on this, the cluster has the character of innovative production activities that can ensure the competitiveness of enterprises at the regional level.

**Key words:** industrial cluster, labor market, labor force, regional competitiveness, the principle of sustainable economic cooperation, stimulating cluster development, cluster policy, aspects of cluster formation.

Мълумот дар бораи муаллиф- ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгиҳи миллии Тоҷикистон, Суроға, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки донишҷӯён 17. E-mail: baxyiyori.rachabmurod.90@mail.ru Телефон 937123338, 988209299.

**Сведения об авторах: Бахтиёри Раджабмурод-** ассистент кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского национального университета, Адрес:, Республика Таджикистан, г. Душанбе, студенческий городок E-mail: baxyiyori.rachabmurod.90@mail.ru, Телефон 937123338, 988209299

**Information about the authors:** Bakhtiyori Rajabmurod - Assistant of the Department of Management and Marketing, Tajik National University, Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, campus E-mail: baxyiyori.rachabmurod.90@mail.ru, Phone 937123338, 988209299.

## СОХТОР ВА ХУСУСИЯТҲОИ АМАЛКУНИИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Бобохонова Ш.Х. -Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***

Дар шароити муосир, ки бо зуҳуроти ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт алоқаманд аст, рушди намуди махсуси бозор – бозори хизматрасониҳо мушоҳида мешавад. Хусусиятҳои хизматрасониҳо тафовути бозори хизматрасониҳоро аз бозорҳои молӣ ва дигар намудҳои бозор (сармоя, меҳнат ва ғ.) муайян менамоянд.

Бозори хизматрасониҳо дар ягонагӣ бо бозори молҳо чун яке аз намудҳои он, ки ба қонунҳои умумии иқтисоди бозорӣ тобеъ аст, баррасӣ мешавад. Дар ин маврид бозори хизматрасониҳо як қатор хусусиятҳоро дорад, чун: сатҳи баланди мухаррикӣ, вобаста ба минтақаҳо ба бахшҳои алоҳида ҷудо шудан ва доштани хосияти маҳаллӣ; суръати баланди гардиши сармоя дар паёмади даври истеҳсолии нисбатан кӯтоҳ доштани хизматрасониҳо; нуфузи бештари корхонаҳои хурд ва миёна дар хизматрасониҳо, ҳассосият ва мутобиқшавии баланди онҳо ба вазъи бозор; фардият ва ғайристандартӣ будани хизматрасониҳо ва технологияҳои таҳвили онҳо дар соҳаҳои гуногун; робитаи бевоситаи истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда дар равандҳои хизматрасонӣ; номуайянии натиҷаҳо ҳангоми хизматрасониҳо, хосияти фарқкунандагии иттилоот дар истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда [4, с. 71].

Ҳоло дар таркиби бозори хизматрасониҳо яке аз бахшҳои асосӣ ва дорои нуфузи баланд бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ мебошад.

Бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ сохтори муносибатҳои байни истеҳсолкунандагони энергияи электрикӣ ва истеъмолкунандагони онро ифода менамояд, ки дар он раванди хариду фурӯши моли асосии бозори мазкур – энергияи электрикӣ амалӣ мешавад. Яъне, бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ макони савдое мебошад, ки дар он харид ва фурӯши энергияи электрикӣ, ба ҷо овардани хизматрасониҳои бо тақсимкунӣ ва интиқоли электроэнергия, таъмини амалкунии босамари шабакаҳои электрикӣ ва нигоҳдории аломатҳои меъёрии таъмини электроэнергия, баланд бардоштани самаранокии энергияи ба истеъмолкунандагон пешниҳодшаванда алоқаманд, ба амал меояд [3, с. 42].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дар дигар мамлакатҳо электроэнергетика соҳаи появии иқтисодиёт ба шумор меравад. Фаъолияти боэътимод ва босамари соҳаи электроэнергетика дар мамлакат, таъмини беисти истеъмолкунандагон бо энергияи электрикӣ асоси рушди иқтисодиёти миллӣ ва омили ҷудонопазири таъмини зиндагии муътадили аҳолӣ мебошад.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда ҳамаи субъектҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ба корхонаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ (КСЭ) - маҷмуи бо ҳам алоқаманди соҳаҳои иқтисодиёт, ки дар низомҳои энергияи обӣ ва гармиистеҳсолкунанда, ангишт, нафт, истихроҷи газ, интиқол ва коркардкунанда, барқтаъминкунанда ва барқистифодабаранда, инчунин зернизомҳои минтақавӣ ва дигар объектҳои энергетикӣ, ки сарфи назар аз шакли моликият фаъолият менамоянд, мансуб мебошанд [5]. Зимнан, фаъолият дар соҳаи электроэнергетика ё худ хизматрасониҳои электроэнергетикӣ – истеҳсол, интиқол, расонидан, тақсимот, нигоҳдорӣ, коркард, таҷдид, фурӯши энергияи электрикӣ, захираҳо ва маҳсулоти электроэнергетикӣ мебошад. Истеъмолкунандагони маҳсулоти электроэнергетикӣ – ҳама шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки электроэнергия ва захираҳои электроэнергетикиро мехаранд ва бе мақсади аз нав фурӯхтан онҳоро истифода мебаранд. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти электроэнергетикӣ – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қатъи назар аз шакли моликияташон мебошанд, ки барои онҳо ҳамаи захираҳои электроэнергетикӣ ва энергияи электрикӣ маҳсулоти молӣ маҳсуб мешавад.

Моҳияти бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ дар вазифаҳои аз ҷониби он иҷрошаванда зоҳир меёбад, ки инҳо мебошанд:

1. Селаҳои бузурги иттилоот, ки аз ҳар як субъекти бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ва берун аз он ворид мешаванд, якчанд нишондиҳандаҳои худ (нарх, сифат ва ғ.)-ро тағйир медиҳанд ва оид ба ҳолати бозор иттилоот медиҳанд. Бо истифода аз итилооти мазкур иштирокчиёни бозор қарорҳои идоракунии заруриро қабул мекунанд.

2. Истифодаи механизми дархостҳо ба истеҳсолкунандагон ва харидорони электроэнергия имкон медиҳад, ки онҳо ҳамдигарро дарёфт кунанд. Ҳангоми сатҳи баланди рақобат имконияти таъмини мувофиқати талаботи якдигарии онҳо таъмин мегардад.

3. Электроэнергияи ба бозор воридшуда бо хароҷоти гуногун истеҳсол шуда, арзиши гуногун дорад. Бозор танҳо хароҷоти зарурии ҷамъиятиро эътироф намуда, алоқаи арзиш ва нархи электроэнергияро муқаррар карда, нархи мутавозии онро муайян мекунад.

4. Рақобати дохилисоҳавӣ таҳвилгаронро водор менамояд, ки хароҷоти истеҳсоли электроэнергия ва талафоти онро кам кунанд, дастовардҳои илму техникаро истифода баранд.

5. Бозор субъектҳои суст ва аз ҷиҳати иқтисодӣ ноустуворро зуд ошкор намуда, сатҳи рақобатпазирии онҳоро нишон медиҳад ва онҳоро барои қабули қарорҳо оид ба баландбардории рақобатпазирии худ водор мекунад.

Аз сабабе, ки электроэнергия чун мол дорои хусусиятҳои хос мебошад, бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ аз дигар бозорҳои молӣ ва соҳаҳои хизматрасонӣ тафовут дорад. Хосиятҳои ҷисмонӣ-техникии электроэнергия, аломатҳои техникии истеҳсол, тақсимкунӣ ва истеъмоли он, инчунин нақши вазифавие, ки соҳаи электроэнергетика дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат мебозад, омилҳое мебошанд, ки ба механизми амалкунии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ таъсир мерасонанд.

Электроэнергетика чун мол дорои хусусиятҳое мебошад, ки ба ташкили бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ таъсири худро мерасонанд, аз ҷумла:

- беистии равандҳои истеҳсол, интиқол ва истеъмоли электроэнергия (энергияи истеҳсолшуда ҳамзамон ба истеъмолкунанд интиқол дода мешавад ва истеъмолкунанда бетаъхир онро истеъмол мекунад);

- электроэнергия моли ғайриҷисмонӣ мебошад, ки дар натиҷа онро наметавон дар анборҳо ё зарфҳои махсус нигоҳ дошт, инчунин ғун кардани он бо андозаҳои калон ғайриимкон аст (гарчанде таҷҳизоти махсус – акумуляторҳои муосир ҳоло онро ба андозаҳои назаррас ғун карда метавонанд);

- миқдори ба истеъмолкунанда фурӯхташуда ва истеъмолшудаи электроэнергия тибқи маълумоти ҳисобкунаки махсус ва истеъмоли ҳақиқии он ченшаванда аст (бо кВт/соат), бино бар ин, миқдори талафоти электроэнергияи ба истеъмолкунанда таҳвилшударо бо муқоиса намудани нишондоди ҳисобкунакҳо дар нуктаҳои аввал ва охири интиқол метавон аниқ чен кард;

- хусусияти бозпасгарданда набудани электроэнергия - харидор онро наметавонад бо сабаби мувофиқат накардани аломатҳои сифатӣ ва дигар аломатҳои истеъмолӣ ба таҳвилкунанда бозпас гардонад, чунки он ҳамзамон бо интиқол додан истеъмол карда шуда, маҳв мешавад;

- ба харидор интиқол додан ва истеъмоли энергияи электрикӣ танҳо бо истифода аз таҷҳизоти техникии махсус – хатҳои интиқол (сим), дастгоҳҳои қабулкунанда ва табдилдиҳанда (трансформатор), воситаҳои таъмини бехатарӣ, асбобҳои назоратӣ-ченкунанда имкон дорад.

Бар асари омилҳо ва хусусиятҳои дар боло зикргардида ва бо баҳисобгирии аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодии электроэнергетика амалияи ҷаҳонии раванди ташаккули бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ аз равандҳои ташаккули бозорҳои дигар тафовут дорад. Дар аксари ҳолатҳо бозорҳои дорои хусусияти рақибона дар иқтисодиёти бозорӣ бо асосҳои объективӣ дар таҳти таъсири қонунҳои истеҳсолоти молӣ пайдо мешаванд. Нақши давлат, чун қоида дар таъмини муҳити рақибонаи мусоид тавассути қонунгузории зиддиинҳисорӣ, дастгирии намудҳои муайяни соҳибкорӣ ва соҳаҳои муайяни фаъолият ба воситаи низоми андозбандии имтиёзнок ва кӯмаки давлатии суроғавӣ ифода меёбад. Дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ дар бештари мамлакатҳо бозори рақибона дар таҳти назорати давлат тавассути роҳандозӣ намудани ислоҳот дар соҳа бунё карда мешавад. Илова бар ин, бештар маҳз давлат чун ташаббускори бунёд намудани бозори мазкур баромад мекунад ва иштирокчии бевоситаи раванди ташаккули он мебошад. Бино бар ин, аксаран, бахусус дар давраи рушди муносибатҳои бозорӣ ин гуна бозор ва механизми амалкунии он бештар сунъӣ мебошад ва аз ин сабаб самаранокии он басанда нест.

Унсурҳои муҳимтарини бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ҷузъҳои низоми ягонаи электроэнергетикӣ мебошанд, ки маҷмуи муттаҳидгардидаи объектҳо ва субъектҳои бозори мазкурро, ки бо занҷираи ягонаи равандҳои истеҳсол, интиқол ва тақсимкунии энергияи электрикӣ ҳангоми идоракунии марказонидашуда-танзимгарӣ пайваста мебошанд, ифода менамоянд. Зарурати таъмини тавозуни доимӣ ва беисти истеҳсол ва истеъмоли энергияи электрикӣ хусусияти амалкунии низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Объектҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ биноҳо, иншоот ва таҷҳизоте мебошанд, ки дар раванди истеҳсол, интиқол, тақсимкунӣ ва фурӯши энергияи электирикӣ истифода мешаванд. Объектҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ инҳо мебошанд:

- нерӯгоҳҳои барқӣ – маҷмуи амволии биноҳо, иншоот, ки чун манбаи истеҳсол ва интиқоли энергияи электрикӣ истифода мешаванд;

- шабакаҳо ва зеристгоҳҳои барқӣ, ки барои интиқол ва тақсимкунии энергияи электрикӣ хизмат менамоянд.

Субъектҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ шахсоне мебошанд, ки фаъолиятро дар соҳаи электроэнергетика, аз ҷумла истеҳсоли энергияи электрикӣ, харидкунӣ ва фурӯши энергияи электрикӣ, бо энергияи электрикӣ таъмин намудани истеъмолкунандагон, иҷрои хизматрасониҳо оид ба интиқоли энергияи электрикӣ, идоракунии фаврӣ-танзимкунандагӣ дар электроэнергетика, ташкили хариду фурӯши энергияи электрикӣ анҷом медиҳанд. Субъектҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ вобаста аз намуди фаъолияти анҷомедодаашон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

- истеҳсолкунандагони энергияи электрикӣ;

- ташкилотҳои танзимгари низоми шабакавии хизматрасонӣ оид ба интиқоли энергияи электрикӣ;

- ташкилоти таъминкунанда, ки хизматрасониҳо оид ба истеҳсол, тақсимот ва фурӯши энергияи электрикиро анҷом медиҳад;

- танзимгари бозори яклухти энергияи электрикӣ;

- ташкилоти идоракунанда, ки хизматрасониҳоро оид ба таъмини амалкунии боэътимод ва рушди электроэнергетика анҷом медиҳад.

Тавре мебинем, дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ асосан корхона ва ташкилотҳои соҳаи электроэнергетика фаъолият менамоянд, ки вазифаҳои ба худ мансуббударо иҷро менамоянд. Муаллифон дар асарҳои илмии худ ба гурӯҳҳои асосии корхона ва ташкилотҳои дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ фаъолияткунанда инҳоро мансуб медонанд: ширкатҳое, ки энергияи электрикиро дар бозори яклухт таҳвил менамоянд, аз ҷумла «корхонаҳои бузурге, ки ба дар таркиби дороиҳои худ нерӯгоҳҳои барқии намудҳои гуногунро доранд; ширкатҳои шабакаҳои барқӣ, ки аз ширкатҳои бузурге иборат мебошанд, ки ба онҳо хатҳои интиқоли барқи ҷараёни баланд мансуб мебошанд; ширкатҳои фурӯши барқ ва дигарҳо» [2, с. 58]. Ҳамчунин ширкатҳои шабакаҳои барқӣ корхонаҳои бузурги минтақавии тақсимкунандаи барқ мебошанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ширкати холдингии ШСХК (Ширкати саҳомии холдингии кушодаи) «Барқи Тоҷик» муттаҳид гардидаанд.

Бо сабаби афзалият доштани нерӯгоҳҳои электроэнергетикӣ дар мавзеъҳои калони ҷуғрофӣ сатҳи рақобат дар бозори хизматрасониҳои энергетикӣ нисбатан паст аст. Инчунин ба бозор ворид шудани истеҳсолкунандагони нави энергияи электрикӣ ҳамеша бо раванди тӯлонӣ ва сармояталаби сохтмони нерӯгоҳҳои электрикӣ алоқаманд аст. Нархи энергияи электрикӣ дар нерӯгоҳи навсохташуда ҳамеша нисбат ба нарх дар нерӯгоҳҳои амалкунанда баландтар аст, чунки дар ин маврид зарурати тавассути нархи энергияи электрикии фурӯхташаванда бозпас гирифтани сармояи ба сохтмони нерӯгоҳ сафарбаршуда ба миён меояд. Дар бозор ҳамеша ҳамоне бурд мекунад, ки "воситаҳоро ба сохтмони нав сафарбар накарда, иқтидорҳои аллакай мавҷудбударо ҳарчӣ бештар истифода мебарад" [6, с. 8].

Бояд қайд кард, ки корхонаҳо – субъектҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ, ки дар соҳаи таъмини энергияи электрикӣ фаъолият мекунанд, ба истеъмолкунандагон моли худро бо шароити пешпардохт ё паспардохт пешниҳод менамоянд, ки замони истеъмоли он бо муҳлатҳои пардохти дахлдор рост намеояд. Вобаста ба ин дар раванди ташаккули нарх дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ бояд сатҳи пардохттавонии аҳолӣ ва таҳдиди хавфи пардохт нашудани маблағҳои назаррас аз ҷониби корхонаҳо баҳисоб гирифта шавад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ин аст, ки он бо тинати худ бештар технологӣ аст, на молиявӣ. Дар ҳар як лаҳзаи вақт, ки дастгоҳҳои нерӯгоҳҳо энергияи электрикӣ истеҳсол мекунанд ва истеъмолкунандагон онро истифода мебаранд, ҳаҷми истеҳсолшудаи энергияи электрикӣ бояд ба ҳаҷми истеъмоли он аниқ баробар бошад. Оид ба номутаносибӣ дар байни пешниҳод ва талабот қиматҳои басомад ва шиддат дар нуқтаҳои гиреҳии низоми элепктроэнергетикӣ шаҳодат медиҳанд. Вақте ки нишондиҳандаҳои мазкур аз қиматҳои меъёрӣ паст мебошанд, талабот аз пешниҳодот зиёд аст ва баръакс – ҳангоми баланд будани қиматҳои мазкур талабот паст мешавад.

Дар ҳамагуна дигар бозори молҳо номутаносибии байни истеҳсол ва истеъмол ба талафи устувории он намеоварад, дар ин маврид номутаносибӣ аз ҳисоби захираҳои анбории мол ё ивазкунандаҳои он бартараф карда мешавад. Вале фаврияти раванди истеҳсол ва истеъмоли энергияи электрикӣ кори мувофиқашудаи тамоми иштирокчиёни муносибатҳои бозориро тақозо менамояд, гарчанде манфиатҳои онҳо мухталиф мебошанд. Роҳбарии реҷаи истеҳсол ва истеъмоли энергияи электрикиро танзимгари низом ба ҷо меорад. Бино бар ин, бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ бештар хосияти технологӣ дорад, на молиявӣ. Набояд роҳбарии раванди мураккаби истеҳсол ва истеъмоли энергияи электрикиро ба зиммаи танзимгари тиҷоратӣ вогузор намуд, ин равандро бояд танзимгари технологӣ идора намояд.

Бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ягона бозоре мебошад, ки дар он ноустувори низоми энергетикӣ метавонад ниҳоят тез – дар мудати аз як сония ҳам камтар авҷ мегирад ва метавонад садҳо иштирокчиёни истифодабарандаи ҳамон як мол, ҳамон як инфрасохтори дар як бозор муттаҳидшударо фаро гирад. Дар ин маврид агар барои бартараф намудани сабабҳои рух додани садама чораҳои зарурӣ дида нашаванд, бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ метавонад хароб шавад. Масъулияти танзимгари низом барои таъмини боэътимодӣ ва сифати таъмини энергияи электрикӣ ниҳоят баланд аст ва вай наметавонад ба иштирокчиёни тиҷоратии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ вогузор карда шавад.

Танзимгари низом бояд тарҳи тиҷоратии аз ҷониби маъмури низоми тиҷоратӣ (танзимгари тиҷоратӣ) тартибдодашударо иҷро намояд, вале дар ин маврид вазифаи асосии танзимгари низом таъмин намудани сифати баланди энергияи электрикӣ ва боэътимодии кори низоми энергетикӣ мебошад. Агар таъмини боэътимодӣ ва сифати таҳвили энергияи электрикӣ бо тарҳи тиҷоратӣ мувофиқ наояд, танзимгари низом ҳамеша боэътимодиро интихоб менамояд.

Хусусиятҳои баррасишудаи бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ва шароити рушди соҳаи электроэнергия аз ҷониби ҳукуматҳои давлатҳо дар мавриди ташкили бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ баҳисоб гирифта мешаванд. Дар натиҷа дар аксари давлатҳои мутараққӣ дар соҳаи бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ муносибатҳои бозории маҳдуд татбиқ шуда, мамлакатҳои дигар пас аз роҳандозӣ намудани баъзе ислоҳот дар соҳа умуман аз бунёди бозори мукаммали хизматрасониҳои электоэнергетикӣ даст кашида, дар шароити танзими давлатии таъмини энергияи электрикӣ қарор гирифтаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи ҳамингуна давлатҳо мебошад.

Аз оғози ташаккули худ дар охири асри XIX то имрӯз дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ воситаҳои танзимкунии давлатӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Бар асари

омилҳои зиёд, бо вуҷуди аз ибтидо хосияти рақибона доштан, ин соҳаи соҳибкорӣ то охири асри XX ҳамчун соҳаи фаъолияти соҳибкории ба қавле "барои ҷамъият муҳим", ё монополӣ баррасӣ мешуд. Дар ин соҳаи фаъолият дахолати танзимкунандаи мақомоти давлатӣ алайҳи механизми рақобати озод муфид ва босамара эътироф мешуд. Дар натиҷаи ин раванди ҳамкории рақибонаи таҳвилкунандагон ва харидорони энергияи электрикӣ таҳриф шуда, тавассути амалҳои мақомоти давлатии танзимкунанда бо иштироки бевоситаи субъектҳои монополия, ки ҳуқуқи таҳвили энергияро дар минтақаи хизматрасонии худ ба даст овардаанд, танзим карда мешавад. Ҳамин тавр, рушди муносибатҳо дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ намунаи возеҳи таърихи "сиёсати иқтисодии ба маҳдудкунии рақобат нигаронидашуда" мебошад. Ҳадафи возеҳи чунин тадбирҳои маҳдудкунандаи рақобат, бешак ба гурӯҳҳои муайяни субъектҳои бозор пешкаш намудани афзалиятҳо тавассути ҳимояи онҳо аз амалҳои рақибони дигар мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо чунин танзимкунӣ барои пайдо шудани нархҳои инҳисорӣ шароит фароҳам меоварад. Дар ҳолатҳои дигар ин рух намедиҳад ва дар натиҷа "вазъе ба миён меояд, ки аксари сармоядорон, соҳибкорон, фермерҳо ва коргарон ба он соҳаҳои саноат, ки он ҷо онҳо нафъи бештар оварда метавонистанд, роҳ дода намешаванд" [7, с. 263].

Арзёбии интиқодии самаранокии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ, ки дар шароити низоми барои он замон маъмул ва анъанавии танзимкунии давлатӣ амал мекард, инчунин ангеза барои баланд бардоштани самаранокии бозори мазкур ба он оварданд, ки бо гузашти қариб 100 сол пас аз аҳдҳои бозории босубот оид ба хариду фурӯши энергияи электрикӣ тасаввурот оид ба мақбул будани истифодабарии шароити рақобати бозории озод дар соҳаи электроэнергетика ташаккул меёбад. Тибқи тасаввуроти мазкур рақобати озод барои беҳгардонии раванди таъмин намудани истеъмолкунандагон бо энергияи электрикӣ ва баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳо дар соҳаи мазкур мусоидат мекунад. Зимнан бояд қайд кард, ки то он замон дар аксари соҳаҳои фаъолияти инсонӣ аллакай муносибатҳои рақибона ба ҳукми анъана даромада буда, дар амалия босамарии худро собит менамуданд [1, с. 20].

Танзими давлатии нарх (тариф)-ҳои энергияи электрикӣ ба ҳукумати мамлакат имкон медиҳад, ки ба ин васила ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсир расонад. Сиёсати нарх дар электроэнергетика аз ҷониби ҳукумат ба сифати таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, механизми рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти минтақаҳо ба кор бурда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Афанасьев В.Я., Кузьмин В.В. Конкуренция на электроэнергетическом рынке / В.Я. Афанасьев, В.В. Кузьмин // Деловой журнал Neftegaz.ru. – 2016. - № 9 (57). – С. 20-28.
2. Беров И.А. Сущность и структура электроэнергетического рынка / И.А. Беров // Экономика устойчивого развития. 2018. - № 1 (33). - С. 55-60.
3. Гительман Л.Д., Ратников Б.Е. Энергетический бизнес: учебное пособие / Л.Д. Гительман, Б.Е. Ратников. - М.: Дело, 2006. - 600 с.
4. Еделев Д.А. Исследование современных тенденций развития отечественной сферы услуг / Д.А. Еделев // Terra Economicus. – 2009. – Т. 7. - № 3-3. – С. 71-74.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» [Сарчашмаи электронӣ] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2000. - № 11 / Низоми дастрасӣ: URL: http://https://www.parlament.tj/news/515--onuni-um-urii-to-ikiston-600-dar-borai-energetika / (санаи муроҷиат: 06.03.2020).
6. Максимов Б.К., Молодюк В.В. Организация работы электроэнергетических систем на рынке электроэнергии: учебное пособие / Б.К. Максимов, В.В. Молодюк. – М.: Издательство МЭИ, 2016. – 56 с.
7. Мизес Л. Человеческая деятельность: трактат по экономической теории / Л.Мизес / Пер с 3-го испр. англ. изд. А.В. Куряева. – Челябинск: Социум, 2005. – 877 с.


## СОХТОР ВА ХУСУСИЯТҲОИ АМАЛКУНИИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар доираи мақолаи мазкур сохтор ва механизми амалкунии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ чун як намуди махсуси бозори хизматрасониҳо дар шароити муосир мавриди

таҳқиқ фаро гирифта шудааст. Хусусиятҳои энергияи электрикӣ чун мол ва таъсири онҳо ба ташаккули бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ баррасӣ шудааст. Хусусиятҳои энергияи электрикӣ чун мол, ки дар натиҷаи таҳқиқот ошкор шудаанд, метавонанд ҳангоми ташкил намудани сохтори бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ дар мамлакат ба кор бурда шаванд.
**Калидвожаҳо:** бозори хизматрасониҳо, хизматрасониҳои электроэнергетикӣ, энергияи электрикӣ, комплекси сӯзишворию энергетикӣ, электроэнергия чун мол, субъектҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ.

## СТРУКТУРА И МЕХАНИЗМ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ РЫНКА ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В рамках данной статьи исследуются вопросы структуры и механизма функционирования рынка электроэнергетических услуг как особого вида рынка услуг. Рассматриваются особенности электрической энергии как товара и их влияние на формирование рынка электроэнергетических услуг. Особенности электроэнергии как товара, выявленные в результате исследования, могут быть использованы при организации структуры рынка электроэнергетических услуг в стране.
**Ключевые слова:** рынок услуг, электроэнергетические услуги, электрическая энергия, топливно-энергетический комплекс, электроэнергия как товар, субъекты рынка электроэнергетических услуг.

## STRUCTURE AND MECHANISM OF THE MARKET OF ELECTRICITY SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Within the framework of this article, questions of the structure and mechanism of functioning of the electric power services market as a special type of services market are investigated. The features of electric energy as a commodity and their influence on the formation of the electric power services market are considered. Features of electricity as a commodity, identified as a result of the study, can be used to organize the structure of the electricity services market in the country.
**Keywords:** services market, electric power services, electric energy, fuel and energy complex, electric power as a commodity, subjects of the electric power services market.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. E-mail: **b.bonu1974**@mail.ru. Тел.: **(+992) 918-63-52-87**

**Сведения об авторе: Бобохонова Шахрбону Холназаровна** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки, соискатель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. E-mail: **b.bonu1974**@mail.ru. Тел.: **(+992) 918-63-52-87**

**Information about the author: Bobokhonova Shahrbonu Kholnazarovna** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant for the Department of Management and Marketing. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab city, S. Safarov street 16. E-mail: **b.bonu1974**@mail.ru. Тел.: **(+992) 918-63-52-87**

## АНАЛИЗ МЕР ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ РАЗВИТИЯ ЛЕГКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РЕГИОНЕ

*Бобосадыкова Г.Б., Файзуллоев А.Х. Таджикский национальный Универститет*

Государственная поддержка отраслей региональной экономики призвана способствовать реализацию стратегических целей развития национальной экономики с учетом приоритетности тех и или иных секторов экономики в специфических условиях конкретных территориальных образованиях. Анализ показал, что легкая промышленность является приоритетной отраслью промышленного развития Согдийской области. Теперь предстоит анализировать мер

государственной поддержки отрасли, выявить упущение и недостатки и выработать пути их устранения.

За годы независимости промышленность в Согдийской области развивалось бурными темпами. Так, «В конце 1980-х годов 37% промышленных предприятий страны располагались в Согдийской области, где производилось 36,4% промышленной продукции страны. В настоящее время в области действует 700 промышленных предприятий, производится почти 50% промышленной продукции страны. В последние годы 70% доходов бюджета области приходится на промышленность....» [1, С.45].

За период государственной независимости Республика Таджикистан добилась значительных успехов в развитии производительных сил страны. Так, в период с 2011 по 2020 год ВВП вырос более чем в два раза при среднем темпе роста 7,1%. ВВП на душу населения увеличился более чем в четыре раза. За этот период валовой внутренний продукт Согдийской области увеличился более чем в два раза. Рост ВВП в Согдийской области совпал с ростом промышленного производства.

Важным направлением государственной поддержки выступает эффективное институциональное регулирование. В виду этого правительством страны принимаются и реализуются конкретные стратегические программы развития отрасли с учетом преодоления барьеров и трудностей, обусловленных периодами экономического кризиса, как в стране, так и в целом в мире. Так, в 2019 г. на основании положений Закона Республики Таджикистан «О государственных прогнозах, концепциях, стратегиях и программах социально-экономического развития Республики Таджикистан», «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года», «Стратегии развития промышленности в Республике Таджикистан на период до 2030 года», «Среднесрочной программы развития Республики Таджикистан на 2016-2020 годы», «Государственной программы содействия экспорту и импортозамещению в Республике Таджикистан на 2016-2020 годы», а также в соответствии с долгосрочными целями и приоритетами развития страны, изложенными в ежегодных посланиях Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона была принята Программа развития легкой промышленности в Республике Таджикистан на период до 2022 года. До этого была реализована два Концепции развития легкой промышленности (2003 до 2015 и 2015м до 2019 гг.).

В настоящее время важнейшим документом, отражающим комплекса мер государственной поддержки отраслей промышленности, является «Стратегия развития промышленности в Республике Таджикистан на период до 2030 года» (Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 27 марта 2018 года, №159) (далее Стратегия). Стратегия принята на основе НСР-2030 г. и других программах развития национальной экономки на долгосрочной перспективе. В ней предлагается конкретные меры по восстановлению и дальнейшему укреплению отдельных отраслей промышленности с учетом специфики регионов страны [2, С.13].

К большому сожалению в Стратегии не учитывается экономический потенциал промышленных предприятий с позиции ее формирования и эффективного использования. В этой связи, многие цели, сформулированные для достижения параметров устойчивости отраслей промышленности, выглядят труднодоступными. Нам представляется, что для достижения сформулированных целей развития промышленного сектора необходимо, в первую очередь, обеспечить соответствующий сформированный потенциал развития предприятий с учетом его эффективной реализации. Однако, в данном документе в части целей достижения высокого уровня развития отрасли этот аспект не учитывается. В этой связи считаем необходимым внести определенные корректировки в содержании названной Стратегии.

Другим важным упущением, на наш взгляд, выступает недостаточное внимание проблемам кластеризации отраслей промышленности. В настоящее время устойчивое развитие отраслей промышленного сектора и обеспечения их конкурентоспособности в значительной степени связывается с проблемами концентрации и интеграции их субъектов в рамках эффективной реализации кластерной политики. Последнее, в свою очередь, выступает в качестве надежной опорой эффективного использования экономического потенциала промышленных предприятий. Пожалуй, этот пробел исправлен в другом, не менее важном документе – «Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на 2020-2025 годы». В этом документе, в частности, отмечается, о необходимости разработки комплекса мер по формированию и развитию промышленных кластеров в легкой промышленности, пищевой промышленности, цветной металлургии, горнодобывающей, химической промышленности, промышленности строительных

материалов и других отраслей. Однако, далее не уточняется и не указывается на столь важном факторе формирования региональных промышленных кластеров как экономический потенциал субъектов отдельных отраслей.

Согласно Стратегии, в период 2018-2030 гг. показатели производства продукции легкой промышленности увеличиваются следующим образом (табл. 1).

**Таблица 1**

**Прогноз показателей производства продукции легкой промышленности**

| Наименование продукции | 2018 | 2020 | 2030 | 2030 /2018, % |
|---|---|---|---|---|
| Хлопковая пряжа, тонн | 20634,2 | 21257 | 34383 | 166,6 |
| Хлопчатобумажные ткани, млн. $м^2$ | 4,0 | 40 | 100 | 25 раз |
| Швейная продукция, тыс. сомони | 233525 | 269394 | 758030 | 3,2 раз |
| Ковры, тыс. квадратных метров | 3253 | 5000 | 6850 | 2,1 раз |
| Носки, тыс. пар | 3311 | 4141 | 16026 | 484,0 |
| Трикотажные изделия, тыс. сомони | 1140 | 1540 | 3500 | 307,0 |
| Переработка шкур, штук | 607300 | 861427 | 2000000 | 329,3 |
| Обувь, тыс. пар | 917 | 1000 | 1700 | 185,3 |
| Мебель, тыс. сомони | 30540 | 32595 | 36334 | 118,9 |
| Адрас и атлас, тыс. $м^2$ | 67,8 | 72 | 612 | 9,0 раз |

Источник: [2, С.30].

Достижения столь высоких показателей требует консолидации усилий органов государственной власти и субъектов промышленного сектора с учетом значительной активизации инвестиционных процессов в легкой промышленности регионов страны, поскольку «…запланированные в Программе развития легкой промышленности в Республике Таджикистан на период до 2022 года прогнозные показатели производства выполнены лишь частично. Произведено больше прогнозных значений продукции: чулочно-носочные изделия на 3666 тысяч пар; обувь - на 33,1 тысяч пар; швейная продукция на 23,3 млн. сомони, мебель - на 11,5 млн. сомони. В тоже время произведено меньше прогнозных значений: хлопчатобумажная пряжа - на 3,3 тысяч тонн; хлопчатобумажные ткани - на 32,6 млн. м2, переработка шкур - на 241,1 тысяч штук» [3, С.109].

М.К. Файзуллоев и Д.А. Розиев к проблемам легкой промышленности относят следующие: "неожиданный рост цен на сырье, высокий стоимость электроэнергии, последствия экономических и финансовых кризисов, высокие налоговые ставки, несовершенство кредитной системы, высокие процентные ставки по банковским кредитам, нерегулируемый импорт, неконкурентоспособность производимой продукции, вывоз местного сырья и недостаточность оборотных средств предприятий, что удерживает роста производства легкой промышленности" [4, С.251].

Следует отметить, что отмеченные проблемы во многом имеют корни на неэффективном использовании экономического потенциала субъектов промышленного сектора в регионах страны. Совершенствование механизма формирования и эффективного использования экономического потенциала отраслей промышленности, в частности легкой промышленности Согдийской области, существенным образом может способствовать решению указанных проблем.

Как выше отметили, в Программе ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на 2020-2025 г. уделяется не достаточное внимание проблемам формирования и эффективного использования экономического потенциала предприятий легкой промышленности в регионах страны. Соответственно, при определении основных направлений деятельности и действия для достижения приоритетов, столь важный фактор как формирования и эффективного использования экономического потенциала предприятий легкой промышленности не учитывается, что, на наш взгляд, является существенным упущением.

Другим немаловажным направлением государственной поддержки выступает формирование инфраструктурных основ развития отрасли. В Республике Таджикистан государственная

поддержка отраслей промышленности, в том числе, легкой промышленности, осуществляется в виде крупных капиталовложений в производственную инфраструктуру регионов страны. В последние годы правительством страны выделяется значительные средства для формирования инфраструктуры развития малого и среднего предпринимательства, создания условий стабильного функционирования промышленных предприятий. Особенно бурным темпами развивается инфраструктура развития промышленных предприятий в таких районах и городов области как Бободжон Гафуровский, Пенджикентский, Истаравшанский, г. Исфаринский, Канибадамский, Аштский районы и др.

Громадные средства направлены на транспортную инфраструктуру. В республике за годы независимости «для обеспечения беспрепятственного передвижения пассажиров и грузоперевозок во все времена года между регионами страны, а также для вывода республики из коммуникационного тупика и превращения ее в транзитную страну осуществлены 59 государственных инвестиционных проектов на сумму 24 млрд. сомони, построены и сданы в эксплуатацию 2400 км дорог, 326 мостов, 6 автомобильных тоннелей и 219 км железной дороги» [5]. В результате улучшения транспортной инфраструктуры Согдийская область получила возможность круглогодичного земного сообщения с Южной и Юго-Восточной части республики. Это давала существенный импульс развитию промышленных предприятий в регионе.

Правительство республики уделило особое внимание привлечению зарубежных инвестиций. «За последние 20 лет в страну было привлечено более 150 млрд. сомони зарубежных инвестиций, в том числе 59 млрд. сомони прямых. Только для развития сферы промышленности в страну было привлечено более 35 млрд. сомони прямых зарубежных инвестиций. В этот период Правительство страны в сферах энергетики, транспорта, сельского хозяйства, образования, здравоохранения, социальной защиты, коммунально-жилищного хозяйства и других реализовало государственные инвестиционные проекты на сумму 91 млрд. сомони» [5]. Значительная часть зарубежных инвестиций была потрачена на возрождение инфраструктурных основ развития экономики регионов страны.

Анализ показал, что в период с 2012 по 2020 гг. почти 30 % налогового потенциала области остался нереализованным. Упущенные средства могли бы быть направлены на улучшение инвестиционного климата в регионе, в частности, в целях более эффективного использования экономического потенциала предприятий легкой промышленности. Для сравнения следует отметить, что этот показатель в развитых странах мира составляет от 5 до 10 %. Сложившиеся ситуация свидетельствует о том, что в регионе имеется достаточный потенциал для существенного роста объемов производства. Как отмечают С.Л. Саидмурадов и В.Д. Сабуров: «К числу достаточно эффективных механизмов реализации экономического потенциала, по мнению ряда ученых, принято относить полноту и логическую стройность налоговой системы, которая являясь саморазвивающейся и саморегулирующейся целостностью, может способствовать интенсивному росту экономики, а последняя в свою очередь, к увеличению налогового потенциала региона. Таким образом, выявление налогового потенциала экономики Согдийской области Республики Таджикистан должно базироваться на анализе и прогнозировании экономического потенциала и состояния ведущих производственных отраслей экономики региона» [6, С.141].

Далее, названные авторы в целях дальнейшего совершенствования налоговой политики, акцентируют внимания на «гармонизационной парадигмы развития налогового потенциала, что предполагает согласование, гармонизацию интересов страны и регионов и, соответственно, реализации единой налоговой политики в регионах страны. Гармонизация должна быть направлена, с одной стороны, на достижение максимальной результативности единой налоговой политики в стране, с другой стороны, на сбалансированность интересов регионов и налогоплательщиков» [6, С.45].

Таким образом, в настоящее время в плане государственной поддержки легкой промышленности региона, наряду с определенными преимуществами, имеется и существенные недостатки, и пробелы. Устранение этих пробелов может способствовать устойчивому развитию отрасли и более эффективного использования, имеющегося потенциал.

ЛИТЕРАТУРА
1. Хакбердиев Х.М. Исторические особенности становления, формирования и развития промышленности в Согдийской области//Экономика Таджикистана. Душанбе, 2021. - № 3. - С.44-48.
2. Стратегии развития промышленности в Республике Таджикистан на период до 2030 года/Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 27 марта 2018 года, №159. – Душанбе, 2018.
3. Махкамов Б.Б., Юсупов Н.М. Экспортоориентированная модель развития легкой промышленности Таджикистана//Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2021. - № 4-1. - С.106-114.
4. Файзуллоев М.К., Розиев Д.А. Вопросы привлечения иностранных инвестиций в легкую промышленность Республики Таджикистан// Вестник ТГУК. - Душанбе, 2021. - № 2 (36). - С.249-257.
5. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики». 21.12.2021, г. Душанбе: http:// prezident.tj/ ru/ node/27418.
6. Саидмуродов Л.Х., Сабуров В.Д. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления/Монография. – Душанбе: «Матбуоти Уротеппа», 2020. – 176 с.

## АНАЛИЗ МЕР ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ РАЗВИТИЯ ЛЕГКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РЕГИОНЕ

**Аннотация**. В статье рассматривается эффективность государственной поддержки легкой промышленности в регионах республики Таджикистан. Анализировано состояние легкой промышленности Согдийской области, выделены основные тенденции развития отрасли в регионе. Дана оценка государственными мерам поддержки отрасли, учитывающий более эффективного использования экономического потенциала предприятий легкой промышленности.

**Ключевые слова:** регион, промышленность, легкая промышленность, анализ, стратегия, государственная поддержка.

## ANALYSIS OF MEASURES OF STATE SUPPORT FOR DEVELOPMENT LIGHT INDUSTRY IN THE REGION

**ANNOTATION**

The article discusses the effectiveness of state support for light industry in the regions of the Republic of Tajikistan. The state of light industry in the Sughd region is analyzed, the main trends in the development of the industry in the region are identified. An assessment is given of state measures to support the industry, taking into account the more efficient use of the economic potential of light industry enterprises.

**Key words:** region, industry, light industry, analysis, strategy, government support.

## ТАҲЛИЛИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШД САНОАТИ САБУК ДАР МИНТАҚА

**Аннотатсия.** Дар мақола самаранокии дастгирии давлатии саноати сабук дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Вазъи саноати сабуки вилояти Суғд таҳлил гардида, тамоюлҳои асосии рушди саноат дар вилоят муайян карда шудаанд. Ба тадбирҳои давлатии дастгирии саноат бо назардошти самараноктар истифода бурдани потенциали иктисодии корхонахои саноати сабук бахо дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** минтақа, саноат, саноати сабук, таҳлил, стратегия, дастгирии давлатӣ.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Бобосодиқова Гулсара Бобоевна – н.и.и., профессори кафедраи менеҷмент и маркетинги Донишгоҳи милли Тоҷикистон, Телефон: 95-143-59-79 (моб.), **Ф**айзуллоев А.Х. – Донишгоҳи милли Тоҷикистон, унвонҷӯ. суроға: 734025, Ҷумҳуриии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 17

**Сведения об авторах:** Бобосадыкова Гулсара Бобоевна – к.э.н., профессор кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского национального университета Телефоны: 95-143-59-79

(моб.), **Файзуллоев А.Х.** - Таджикский национальный университет, соискатель. Адрес: 734025, РеспубликаТаджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the authors:** Bobosadykova Gulsara Boboevna - Candidate of Economic Sciences, Professor of the Department of Management and Marketing of the Tajik National University Phones: 95-143-59-79 (mob.), Fayzulloev A.Kh. - Tajik National University, applicant. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ И МЕХАНИЗМЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СИСТЕМЫ МЕЖОТРАСЛЕВОГО ОБМЕНА В АПК

*Джураев Ф.М., к.э.н., доцент кафедры экономики предприятия и региона Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, республика Таджикистан, г. Худжанд.*

*Исоков М.Т., к.э.н., доцент кафедры экономики предприятия и региона Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, республика Таджикистан, г. Худжанд.*

В последнее время проблема межотраслевого обмена приобретает особое значение. Это одна из самых острых проблем ценового паритета на продукцию сельского хозяйства и промышленную продукцию сельскохозяйственного назначения. Механизм регулирования межотраслевого обмена является одним из составных элементов экономического механизма хозяйствования в АПК страны.

Другой немаловажный момент заключается в том, что за счет рациональное ведение деятельности сферы сельского хозяйства можно повысить уровня национальной экономики государства, который свидетельствует практика аграрного сектора Германии. По мнению Ашенкампфа Н.Н. станет ли деревня оплотом социальной и политической стабильности или будет существовать как резервуар потенциального социального катаклизма. Кроме того, проведение реформы должно было существенно укрепить армию и улучшить ситуацию с наполнением казны за счет крестьянского населения» [2, с. 48].

Следовательно, об уровне государственного ценового регулирования сельскохозяйственного производства свидетельствует, также состояние эквивалентности обмена между сельским хозяйством и отраслями промышленности, производящими и поставляющими селу средства производства, который паритетности цен между ними заключаются в следующем:

- индексы роста цен на продукцию сельского хозяйства и цен на продукцию промышленности для села;
- количество основных видов сельскохозяйственной продукции, необходимое для приобретения основных видов материально-технических ресурсов, потребляемых сельским хозяйством.

Реализация конкретных мероприятий по совершенствованию механизма регулирования межотраслевого обмена и обеспечению паритетности экономических отношений в агропромышленных комплексах должна базироваться на соответствующих законах, являющихся составной частью аграрной политики РТ.

Мероприятия, повышающие эффективность использования воды в сельскохозяйственном производстве, обычно преследуют множество целей, помимо управления нехваткой воды, например, повышение доходов дехканских хозяйств, снижение уровня бедности, содействие экономическому росту, снижение затрат на рабочую силу, снижение воздействия на окружающую среду или поддержка перераспределения воды из сельского хозяйства в другие сектора, включая окружающую среду. Некоторые из этих целей могут дополнять друг друга, в то время как другие могут противоречить друг другу и требовать компромиссов, которые часто плохо понимаются или не учитываются. Например, повышение доходов дехканов может противоречить друг другу и иметь значительные компромиссы с сохранением пределов устойчивого водопотребления на уровне бассейна или водоносного горизонта усилие.

Обзор более 240 мероприятий по улучшению использования воды в сельском хозяйстве показал, что «более высокая эффективность орошения обычно способствует усилению дефицита воды за счет увеличения потребления воды в сельскохозяйственном процессе». Эта ситуация является результатом того, что дехканы используют так называемую сэкономленную воду для расширения орошаемых площадей, повышения интенсивности земледелия или выращивания более водоемких культур.

В этом контексте в Республики Таджикистан регулярно проведется массовых мероприятий по вопросу эффективной управление водных ресурсов для производства продовольственных продуктов. Водные ресурсы страны также способствуют занятости. Дальнейшее развитие гидроэнергетики, орошаемого земледелия и промышленности позволит создать новые рабочие места. Из них наибольшее значение имеет орошаемое земледелие, так как оно обеспечивает занятость значительной части сельского населения страны.

На основы изложенного можно сделать вывод, о том, что в области эффективного управления и использования водных ресурсов надо реализовать единой государственной политики и комплексного управления водными ресурсами, разработать предложений по совершенствованию водного законодательства Республики Таджикистан, разработать стратегий, программ, концепций и планов развития управления водных ресурсов и т. п.

**Литература**


1. Бобылев С.Н. Экономика устойчивого развития: учебник. — Москва: КНОРУС, 2021. - 672 с;
2. Водный кодекс Республики Таджикистан. Одобрен Постановлением ММ МО РТ от 19 марта 2020 года, №756. Утвержден Президентом РТ Эмомали Рахмон, г. Душанбе, от 2 апреля 2020 года, №1688;
3. Норов Х.Г. Развитие экономического механизма управления водными ресурсами в сельском хозяйстве. Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2014. № 2/2 (131). С. 97-101.
4. Одинаев Х.А. Эколого-экономическое регулирование природопользование в сельском хозяйстве. - М.: МАКС Пресс, 2004. - 240 с;
5. Rossi A, Biancalani R, Chocholata L. Change in water-use efficiency over time (SDG indicator 6.4.1): analysis and interpretation of preliminary results in key regions and countries. Rome: Food and Agriculture Organization of the United Nations, 2019.
6. URL:https://www.mewr.tj/?page_id=390&lang=tj


## СОВРЕМЕННЫЕ ПРОБЛЕМЫ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ ДЛЯ ПРОИЗВОДСТВА ПРОДОВОЛЬСТВЕННЫХ ПРОДУКТОВ


**Анотация.** В данном исследование исследуется экономическая эффективность управления и использования водных ресурсов для производства продовольственных продуктов. По мнению автора, водные ресурсы, естественно, является жизненно важным ингредиентом для жизни, и особенно для производства продовольственных продуктов. Присутствие и участие субъектов в деятельности, решениях и стратегических решениях водного сектора является неотъемлемой частью процесса устойчивого развития национальной экономики. Автор предлагают, что для эффективного управления и использования водных ресурсов надо реализовать единой государственной политики и комплексного

управления водными ресурсами, разработать предложений по совершенствованию водного законодательства Республики Таджикистан, разработать стратегий, программ, концепций и планов развития управления водных ресурсов и т. п.

**Ключевые слова:** устойчивое водопользование, платность водопользования, экономическое стимулирование, водные ресурсы, экономический механизм управления водопользованием.

## МУШКИЛОТҲОИ МУОСИРИ ИСТИФОДАБАРИИ САМАРНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ БАРОИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТҲОИ ОЗУҚАВОРӢ

**Антатсия.** Тадқиқоти мазкур самаранокии иқтисодии идоракунӣ ва истифодаи захираҳои обро барои истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ баррасӣ мекунад. Ба гуфтаи муаллиф, захираҳои об табиатан як ҷузъи муҳими ҳаёт ва махсусан барои истеҳсоли ғизо мебошанд. Ҳузур ва иштироки субъектҳо дар фаъолият, қабули қарорҳо ва стратегияҳои соҳаи об ҷузъи ҷудонашавандаи раванди рушди устувори иқтисоди миллӣ мебошад. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки барои идоракунӣ ва истифодаи самараноки захираҳои об сиёсати ягонаи давлатӣ ва идоракунии маҷмӯии захираҳои об, таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи стратегияҳо, барномаҳо, консепсияҳо ва нақшаҳо оид ба истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва м.и зарур аст.

**Калидвожаҳо:** истифодаи устувори об, пардохти ҳаққи истифодаи об, ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, захираҳои об, механизми иқтисодии идоракунии истифодаи об.

## MODERN PROBLEMS OF THE EFFECTIVE USE OF WATER RESOURCES FOR FOOD PRODUCTION

This study examines the economic efficiency of managing and using water resources for food production. According to the author, water resources are naturally a vital ingredient for life, and especially for food production. The presence and participation of actors in the activities, decisions and strategic decisions of the water sector is an integral part of the process of sustainable development of the national economy. The author suggests that for the effective management and use of water resources, it is necessary to implement a unified state policy and integrated water resources management, develop proposals for improving the water legislation of the Republic of Tajikistan, develop strategies, programs, concepts and plans for the development of water resources management, etc.

**Key words:** sustainable water use, payment for water use, economic incentives, water resources, economic mechanism for water use management.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Норов Хуршед Ғиёсиддинович** н.и.и., дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, **E-mail**: khurshed_tnu@mail.ru, Телефон: (+992) 888-447-443

**Сведения об авторе:** ***Норов Хуршед Гиёсиддинович*** - к.э.н., доцент кафедры информационные системы в экономике Таджикский национальный университет, **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17, **E-mail:** khurshed_tnu@mail.ru, Телефон: (+992) ) 888-447-443

**Information about the author: Norov Khurshed Giyosiddinovich**– Ph.D., Associate Professor, Department of Information Systems in Economics, Tajik National University, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17, E-mail: khurshed_tnu@mail.ru, Phone : (+992) ) 888-447-443

## ТАҲЛИЛИ МЕТОДОЛОГИИ ШАРОИТИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА ДАРАҶАИ ТЕХНИКИЮ ТАШКИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ ШИРКАТҲОИ СОХТМОНӢ

*Орифова Ш.Р., ассистенти кафедраи «Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмон» -и Донишгоҳи техникии Тоҷикситон ба номи академик М.С. Осимӣ.*

*Икромова М.Х., ассистенти кафедраи «Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмон» -и Донишгоҳи техникии Тоҷикситон ба номи академик М.С. Осимӣ.*

Дараҷаи техникӣ ва ташкилии истеҳсолот ва ҳолати муҳити беруна омилҳои аввалиндараҷаи ташаккули тамоми нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва молиявии корхона мебошанд, ки дар назарияи

таҳлили иқтисодӣ аз ҷиҳати мантиқӣ асоснок ва назариявӣ собит гардида, амалияи иқтисодӣ тасдиқ карда шудааст [1, 2]. Дар системаи идоракунии стратегӣ, ки ба нигоҳ доштани сатҳи зарурии техникӣ ва ташкилии истеҳсолот нигаронида шудааст, таъминоти доимии иттилоотӣ дар бораи ҳолат ва динамикаи муҳити беруна зарур аст.

Ҳангоми тартиб додани усули таҳлили дараҷаи техникӣ ва ташкилии фаъолияти иктисодии корхонаҳои сохтмонӣ дар кор тавсия карда мешавад, ки тахлили таҷхизоти техникӣ, технологияи истеҳсолот, сифати маҳсулот, дарачаи ташкил, истехсолот ва мехнат, давлат якчоя ба назар гирифта шавад. системаи идоракунӣ, иктидори истехсолӣ ва дарачаи истифодаи он, инчунин таъсири онхо ба нишондиҳандаҳои ташкилоти сохтмонӣ.

Дар мақола мазмуни таҳлили дараҷаи техникӣ ва ташкилии корхонаи бинокорӣ бо инъикоси хусусиятҳои сохтмон асоснок карда шудааст. Исбот шудааст, ки дар баробари нишондиҳандаҳое, ки дар таҳлили ин соҳаҳо, ки барои хар як саноат, дар сохтмон анъанавӣ истифода мешаванд, таҷҳизонидани мошину механизмҳои сохтмонӣ барои объектҳои алоҳидаи сохтмонӣ, механиконидани комплексии баъзе намудҳои кор, махсусан корхои пешкадам, ки мухлати сохтмонро муайян мекунанд, муҳим аст.

Дар асоси ин нуқтаи назар нишондиҳандаҳои умуми (аз руи тамоми корхона) ва шахеӣ (барои объектҳо, намудҳои кор, гурӯҳҳои якхелаи мошину механизмҳои сохтмонӣ)-ро дар бораи мавҷуд будани фондҳои асосӣ, дараҷаи ҳосилнокии меҳнат кор карда баромада шудааст. Механикунонии, васлкунии сохтмон, ташкили истеҳсолоти сохтмонӣ ва меҳнат, дараҷаи технологи, сифати сохтмон. Ин равиш мақсаднок будани нишондиҳандаҳо, ориентацияи онҳоро ба зинаҳои мушаххаси идоракуниро таъмин менамояд.

Марҳилаи ҳозираи инкишофи муносибатҳои иқтисодиро дар соҳаи сармоягузори ва сохтмон ба назар гирифта, дар бораи хусусияти муҳити беруна чунин хулоса баровардан мумкин аст: вобастагии мутақобилаи иштирокчиён ва пайвастагии натиҷаҳои фаъолияти онҳо зиёд шуд; афзоиши динамизми муҳити зист дар шакли рақобати афзоиш; майлу хоҳиши иштирокчиёни бозор барои тахриф кардани натиҷаҳои фаъолияти худ афзуд.

Ин ба зарурати кор карда баромадани методология ва методологияи таҳлили муҳити беруна, ки хусусиятҳои муносибатҳои бозорро дар сохтмон инъикос мекунад, боварибахш месозад. Дар ин тадиқот чунин усулҳои таҳлили муҳити беруна, ки дар иқтисоди бозорӣ маъмуланд, ба монанди таҳлили миёнаравҳо, таҳлили ихтилофҳои байни иштирокчиён, таҳлили STEEP, ки дар иқтисоди бозорӣ маъмуланд, ба шароити бозори сохтмон, ки истифодаи он номуайянии муҳити беруниро кам мекунад.

Муҳимтарин омили иқтисодие, ки ба фаъолияти ташкилоти сохтмон таъсир мерасонад, фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа мебошад, ки онро бо як қатор нишондиҳандаҳо, аз қабили шохиси истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, индекси сармоягузорӣ ба сармояи асоси ва ғайра тавсиф кардан мумкин аст.

Ин гуна маълумотро ташкилотҳои сохтмонӣ бояд барои пешгӯии иқтидори бозор, талабот ба навъҳои мушаххаси маҳсулоти сохтмонӣ, муайян кардани муштариёни эҳтимолӣ ва талаботи онҳо ба хосиятҳои истеъмолии маҳсулоти сохтмонӣ истифода баранд.

Таҳлили таҷҳизоти техникии саноати сохтмон, инчунин сатҳи инноватсиони ва самаранокии технологияҳои дар сохтмон истифодашаванда имкон медиҳад, ки бо истифода аз омилҳое, ки рушди ин соҳаро инъикос мекунанд, захираҳои баланд бардоштани самаранокии корхонаи сохтмони пайдо карда шаванд. минтақаҳо.

Ин самтҳои рушди корхонаи сохтмон бо ҳам алоқаманданд: технологияҳои нав, чун қоида, бо кам кардани меҳнати дастӣ ва васеъ кардани ҳудуди истифодаи воситаҳои мавҷудаи техникӣ дар майдони сохтмон, ҷалби воситаҳои техникӣ бо механизмҳои нав тавсиф карда мешаванд. параметрҳои истеҳсолӣ. Системам пешни-доди нишондиҳандаҳои дараҷаи механизация аз руи нишондиҳандаҳои анъанавӣ чи дар сохтмон ва чи дар дигар сохаҳои хоҷагии халқ истифода бурда мешавад. Бо назардошти он, ки дар равишҳои анъанавӣ сатхи нишондиҳандаҳо ба кадри кифоя ошкор карда нашудааст, таклиф карда мешавад, ки система бо нишондиҳан-даҳои механиконии объектҳои бинокорӣ, намудҳои кор, ба кори роҳи муҳим диққат дода, пурра карда шавад.

Нишондихандаҳои сифати маҳсулот ва усулҳои таҳлили онҳо аз хусусиятҳои соҳаи истеҳсолот ва маҳсулоти истеҳсолшаванда вобаста аст. Дар расм омилҳое, ки сифати сохтмонро муайян мекунанд, ба низом дароварда шуда, натиҷаҳои иқтисодии сифати баланд чи барои истеҳсолкунанда ва чи барои истеъмолкунандаи маҳсулоти сохтмон муайян карда шудаанд, марҳила ва нишондиҳандаҳои ташхиси зерсистемаи истеҳсолии идоракунии сифат пешниҳод шудаанд. (расми. 1).




Расми. 1. Систематизатсияи тавсияшавандаи омилҳои сифати сохтмон ва таъсири онҳо ба натиҷаҳои иқтисодӣ

Яке аз нишондиҳандаҳои сифате, ки дар сохтмон истифода мешавад, фоизи камбудиҳо мебошад, ки ҳамчун таносуби арзиши корҳои бинокорие, ки ба талабот ҷавоб намедиҳанд, ба арзиши сметавии объекти сохтмон муайян карда мешавад. Ин нишондиҳандаи ягона, балки хеле муҳимми сифати сохтмон мебошад, ки онро муаллиф бо нишондихандаҳои умумӣ ва алоҳидаи камбудиҳои умумии ташкилот, объектҳо, намудҳои кор ва элементҳои конструк-торӣ пурра кардааст. Ба низом даровардани хароҷот барои таъмини сифати маҳсулоти сохтмон, нишондиҳандаи самаранокии арзиш, методологияи муайян кардани талафот аз пайдо шудани камбудиҳо низ пешниҳод шудааст.

Агар дар ташкилот системаи комплексии идоракунии сифат надошта бошад, захирахои баланд бардоштани сифати махсулоти бинокориро дар сари вакт ошкор ва ба кор андохтан мумкин нест. Барои ташаккули ин гуна системахо таҷрибаи ҷамъшудаи иқтисодиёти советӣ ва тамоилҳои ҷаҳонии идоракунии сифат истифода бурда, методологияи диагностикаи системаи идоракунии корхонаи бинокориро кор карда баромадан лозим аст.

Таҳлили сармояи зеҳнӣ як соҳаи зарурии таҳлили комплексии идоракунӣ дар шароити бозор мебошад. Сармояи зеҳнии корхона ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: дороиҳои бозорӣ (тамғаҳои молӣ, иҷозатномаҳо, франшизаҳо); моликияти зеҳнӣ (патентҳо); дороиҳои инсонӣ; дороиҳои инфрасохторӣ (фарҳанги корпоративӣ, усулҳои идоракунӣ).

Дар доираи тадқиқоти худ мо танҳо бо таҳлили унсури асосии сармояи зеҳнӣ - сармояи инсонӣ, яъне сармояи инсонӣ маҷмӯи донишҳои коллективии кормандони корхона, қобилиятҳои эҷодии онҳо, малакаҳои соҳибкорӣ ва идоракуниро маҳдуд мекунем. Бе рушди сармояи инсонӣ корхона наметавонад бозор, инфрасохтор ва дороиҳои зеҳнӣ эҷод кунад.

Дар маҷалла схемаи ташаккул ва пайдарҳамии таҳлили нишондиҳандаҳои меҳнат ва музди меҳнат, методологияи таҳлили иқтидори кадрии корхонаи сохтмон, системаи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сармояи инсонӣ тавсия шудааст.

Системам таҳлили комплексии идоракунӣ бо тахлили дараҷаи ташкили истеҳсолот ва мехнат бо ба назар гирифтани хусусиятҳои конкретии индустрияи бинокорӣ машғул аст. Муаллиф системаи нишондиҳандаҳоеро тавсия медиҳад, ки дараҷаи ташкили истеҳсолотро чи умуман дар корхона ва чи дар объектҳои алоҳидаи сохтмон характернок мекунанд.

Ба усулҳои таҳлил ва баҳодиҳии сатҳи идоракунии корхона диққати калон дода мешавад, таъсири сифати функсияҳои идоракуни ба фаъолияти корхона дар заминаи зерсистемаҳои идоракуни муайян карда мешавад. Проблемаҳои иктисодӣ ва ахбороти муайян карда шуданд, схемаи мантиқии таҳлили комплексии системаи идоракунии сохтмон барои иҷрои вазифаҳои стратеги тартиб дода шуд. Баҳодиҳии миқдори структураи ташкилию роҳбарии корхонаи бинокори, нишондиҳан-даҳои фаъолияти кадрҳои роҳбарикунанда дар сохтмон тавсия карда мешавад.

Барои баҳодиҳии технологияи идоракунӣ як қатор нишондиҳандаҳо, инчунин нишондиҳандаи ҷудонашавандаи баҳодиҳии самаранокии идоракунӣ тавсия карда мешаванд, ки бо суръати афзоиши нишондиҳандаҳое, ки метавонанд ба технологияи идоракунӣ таъсир расонанд, муайян карда шаванд. Барои арзёбии самаранокии системаи идоракунӣ системаи нишондиҳандаҳо, аз ҷумла ҳам анъанавӣ (ҳосилнокӣ, фоиданокии кори идоракунӣ) ва ҳам инноватсионӣ, ки дар кишварҳои дорои иқтисодҳои бозорӣ пешрафта гирифта шудаанд ва тағиротро дар сармояи бозории тиҷорат инъикос мекунанд, пешниҳод карда мешавад. Ин ба шумо имкон медиҳад, ки самаранокии на танҳо амалиётӣ, балки қарорҳои идоракунии стратегиро арзёбӣ кунед.

Аз ҷиҳати территорияви пароканда шудани объектҳои бинокорие, ки як ташкилот месозанд, якранг будани онҳо, тафовути структураи кор дараҷаи баланди ташкили истеҳсолот ва меҳнатро талаб мекунад, ки ин асосан натиҷахои кори корхонаро муайян мекунад. Муаллиф дар асоси умумӣ ва коркарди равишҳо ва усулҳои мавҷудаи баҳодиҳии сатҳи ташкили истеҳсолоти сохтмон системаи нишондиҳандаҳоро тартиб додааст, ки сатҳи ташкилро дар маҷмӯъ ва объектҳои алоҳидаи сохтмон инъикос намуда, ритми кор, ҷараёнро тавсиф мекунанд, концентрациям сохтмон, аз руи объектҳо тақсим кардани ресурсҳо.

Омӯзиши ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи баргузории тендерҳои пудратӣ дар сохтмон моро бовар мекунонад, ки захираҳои инсонӣ ҳамчун меъёри интихоби рақобат, ки сиёсати дурусти кадрҳоро тақозо мекунад, аҳамияти баланд дорад. Барои баҳо додан ба потенциали кадрии ташкилоти бинокорӣ системаи нишондиҳандаҳое пешниҳод карда мешавад, ки дараҷаи музди меҳнат, истифодаи вақти кор ва хосилнокии меҳнатро инъикос намуда, ба хусусиятҳои сохтмон нигаронида шудаанд.

Муаллиф усулҳои таҳлили иқтидори истеҳсолии корхонаи бинокориро баррасӣ мекунад, ки он маҷмӯи захираҳои ҷамъшуда, ки имкони амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидориро бо назардошти омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣро тавсиф мекунанд, фаҳмида мешавад. Схемаи зерини тахлили иктидори истехсолии корхонаи бинокорӣ тавсия карда мешавад (расми 2).




Расми 2. Диаграммаи мантиқии таҳлили иқтидори истеҳсолӣ

Методологияи дар сохтмои дар системаи иктисодии советӣ истифодашавандаро барои ҳисоб кардани иқтидорҳои истехсолӣ, вале бо назардошти таъсири бозор бо роҳи ҷорӣ намудани омилҳои зарбдор, ки иқтидорҳои иловагиро аз ҳисоби ба иҷора додани фондҳои асосӣ ба назар мегиранд, метавон асос кард. ва ба таври илова ҷалб намудани меҳнати муваққатӣ.

Нишондиҳандаи пешниҳодшудаи иқтидори истеҳсолии ташкилоти сохтмонӣ (Wp) сатҳи ҳозира ва имконпазири афзоиши ҳосилнокии асосӣ, сатҳи сохтмони васлшаванда, мӯҳлати истифодабарии мошину механизмҳои бинокориро ба назар гирифта, бо формула муайян карда мешавад:

$$W_p^n = F^A * \lambda_{ПП}^{F_A} * k_1 * k_2 * k_3 * k_4,$$

дар инҷо $F^A$ – боздеҳии фондҳои қисми фаъоли фондҳои асосӣ;

$\lambda_{ПП}^{F_A}$ - нишондиҳандаи пешбинишудаи даромади фондҳои қисми фаъоли фондҳои асосӣ;

$k_1$ - коэффи-циенти имконпазири афзоиши ҳосилнокии асосӣ аз ҳисоби истифодаи окилонаи машинаҳои бинокорӣ ва баланд бардоштани дараҷаи тайёр кардани маҳсулот;

$k_2$ - суръати афзоиши меҳнати механики;

$k_3$ - коэффициенти зиёд кардани парки мошинҳои сохтмонӣ аз ҳисоби иҷора;

$k_4$ - коэффициенти ба таври илова ҷалб намудани қувваи коргарии муваққатӣ.

Дар асоси методологияи тавсиякардаи муаллиф ҳисоби таҳлилии иқтидори истеҳсолии ҶДММ «Югрегионстрой» гузаронида шуд. Таҳлил нишон дод, ки дар тӯли ду сол иқтидори истеҳсолӣ аз сабаби мавҷуд набудани стратегияи баланд бардоштани иқтидор дар системаи идоракунӣ коҳиш ёфтааст. Муаллиф нишондиҳандаҳои баҳодиҳии дараҷаи истифодабарии иқтидорҳои истехсолӣ ва чораҳои ислоҳи ҳангоми кам истифода нашудани онро тавсия мекунад. Ҳамаи тавсиядое, ки дойр ба назария, методология ва амалияи тадлили иқтидордои истедсолӣ доранд, ба баланд бардоштани самараи кори корхонадои бинокорӣ нигаронида шудаанд.

**Адабиёт**


1. Владимиров А.В. Экономический анализ деятельности строительного предприятия (Монография).- М: Изд-во «Бухгалтерский учет», 2005.-12,8 п.л.

2. Горлов Д.В. Методология оценки экономического потенциала предприятия на основе стоимостной концепции стратегического управления // Социально-экономические проблемы развития рыночной экономики юга России: Материалы межвузовской научно-практической конференции: - Ростов-н/Д: ЮРГИ, 2007.-0,1 п.л


## ТАҲЛИЛИ МЕТОДОЛОГИИ ШАРОИТИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА ДАРАҶАИ ТЕХНИКИЮ ТАШКИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ ШИРКАТҲОИ СОХТМОНӢ


**Аннотатсия.** Дар мақола таҳлили шароити макроиқтисодӣ ва сатҳи техникию ташкилии фаъолияти корхонаҳои сохтмонӣ, арзёбии аҳамияти таъсири шароити макроиқтисодӣ ба фаъолияти

корхонаи сохтмонӣ, таҳияи моделҳои муосири муҳити берунии корхонаи сохтмонӣ, усулҳои маъмултарини таҳлили омилҳои муҳити зист, усулҳои интихоби воситаҳои таҳлилӣ дар робита бо сохтмон, диаграммаи мантиқии таҳлили муҳити берунии як ширкати сохтмонӣ, омилҳои экологии муайяншуда, ки ба интихоби стратегияи ширкати сохтмонӣ таъсир мерасонанд оварда шудаанд.
**Калидвожаҳо:** таҳлил, сифати маҳсулот, ширкати сохтмонӣ, баҳодиҳи, усулҳо.

## АНАЛИЗ МЕТОДОЛОГИЧЕСКИХ МАКРОЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЙ И УРОВНЯ МЕТОДОЛОГИЧЕСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТРОИТЕЛЬНЫХ КОМПАНИЙ

**Аннотация.** В статье приведены анализ макроэкономических условий и технико-организационного уровня деятельности строительных предприятий, оценка значимости влияния макроэкономических условий на показатели хозяйственной деятельности строительного предприятия, разработка современных моделей внешней среды строительного предприятия, наиболее распространенных методик анализа факторов внешней среды, методы выбора аналитического инструментария применительно к строительству.
**Ключевые слова:** анализ, качество продукции, строительное предприятие, оценка, методы.

## ANALYSIS OF METHODOLOGY MACROECONOMIC CONDITIONS AND LEVEL OF METHODOLOGY ORGANIZATION ACTIVITIES OF CONSTRUCTION COMPANIES

**Annotation.** The article presents an analysis of macroeconomic conditions and the technical and organizational level of activity of construction enterprises, an assessment of the significance of the influence of macroeconomic conditions on the indicators of economic activity of a construction enterprise, the development of modern models of the external environment of a construction enterprise, the most common methods for analyzing environmental factors, methods choice of analytical tools in relation to construction.
**Key words:** analysis, product quality, construction company, assessment, methods.

**Информация об авторах:** Орифова Шахноза Рузимуродовна – ассистент кафедры «Экономика и управление в строительстве» Таджикского технического университета М.С. Осими, Тел: (+992) 902 55 61 20, Email: shahnoza.orifova@mail.ru, Икромова Малохат Холовна - ассистент кафедры «Экономика и управление в строительстве» Таджикского технического университета М.С. Осими, Тел: (+992) 917 52 31 68, Email: malo-8989@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Орифова Шахноза Рузимуродовна – ассистенти кафедраи «Иктисодиёт ва идоракуни дар сохтмон» -и Донишгохи техникии Точикситон ба номи академик М.С. Осими, Тел: (+992) 902 55 61 20Ю, Email: shahnoza.orifova@mail.ru, Икромова Малохат Холовна - ассистенти кафедраи «Иктисодиёт ва идоракуни дар сохтмон» -и Донишгохи техникии Точикситон ба номи академик М.С. Осими, Тел: (+992) 917 52 31 68, Email: malo-8989@mail.ru.

## ТАЪМИНИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАСЪАЛАИ МУҲИМИ ЗАМОНИ МУОСИР

*Одинаев М.А. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*Азимов А.Ҷ., Ахмедов К.А. Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи Давлатии Тиҷоратӣ Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд*

Дар шароити имрӯзаи муосир масъалаи шуғл ва таъмини аҳоли бо ҷойи кор муаммои рӯз баҳисоб рафтааст, ки муҳимияти омӯзиши ин масъаларо бешубҳа тасдиқ менамояд.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 аз 5625000,[28] нафар захираҳои меҳнатӣ танҳо 2506000 нафар аҳоли машғуланд, ки он ҳамаги 44,5%-ро нишон медиҳад. Нововбаста аз он, ки мо дар шароити иқтисодиёти бозори фаъоият мебарем, бозор аҳолии бекорро худ аз худ ва ё ба таври автоматӣ бо кор таъмин карда наметавонад. Бинобар ин давлат бояд як қатор тадбирҳоро оид ба танзими шуғл ва бозори меҳнат коркард намояд.

Мушкилоти таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷойи корӣ дар айни замон ниҳоят муҳим аст. Яке аз муаммои рӯз ин шумораи зиёди бархамдиҳии ташкилоту муассисаҳо баҳисоб меравад.

---
[28] Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ, маҷмӯаи оморӣ. Душанбе 2021. С. 134

**Ҷадвали 1. ТАВСИФИ УМУМИИ КОРХОНАЮ ТАШКИЛОТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АВВАЛИ СОЛИ 2021**
**Table 1. GENERAL DESCRIPTION OF ENTERPRISES AND ORGANIZATIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AT THE BEGINNING OF 2021**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Ҳамагӣ / бо %** | | **Фаъолияткунанда / бо %** | | **Барҳамдодашуда / бо %** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шахсони ҳуқуқӣ | 47639 | 100 | 35392 | 74,3 | 12247 | 25,7 |
| Филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ | 608 | 100 | 373 | 61,3 | 235 | 38,6 |
| Соҳибкорони инфиродӣ | 592794 | 100 | 304041 | 51,3 | 288753 | 48,7 |

**Сарчашма:** коркарди муаллифон дар асоси маълумотҳои Тоҷикистон: 30 – соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ Душанбе 2021. С. 348

Аз маълумотҳои ҷадвали 1 муайян мегардад, ки танҳо дар соли 2021 301235 адад корхонаю ташкилотҳо барҳамдода шудаанд, ки он дар маҷмӯъ 47%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда бисёр ташвишовар баҳисоб меравад, чунки 301253 адад корхона дар сохтори худ якчанд маротибаи зиёд аҳолиро бо ҷоёи кор таъмин менамуданд, илова бар ин, ҳар як корманд хоҷагии як оиларо пеш мебурд, ки дар ин ҳолат таъсири манфии барҳамдиҳии ташкилотҳо баҳар як хонавода расонида шуд[9].

Инчунин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми соли 2020 талаботи корхонаҳо ба кормандон суст гардида онҳо ҳамагӣ 10985 нафарро ташкил намуданд. Аммо ба бозори меҳнат дар соли таҳлилӣ ҳамчун корҷу 75610 нафар муттахассисон аз тарафи муассисаҳои таълимии ҷумҳури омода гардиданд, аз ҷумла: муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 20800 нафар, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 43200 нафар, 410 нафар аспирантон ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 11200 нафар, ин нишондиҳанда назар ба талаботи бозори меҳнат 7 маротиба зиёд мебошад. Ҳамзамон мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар ҷумҳурӣ шумораи бекороне, ки ба як ҷои холии кор талабгоранд 10,6 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда аз соли 2015 то ҳол бетағйир мондааст[7].

Дар Тоҷикистон шумораи захираҳои меҳнати сол аз сол афзун гардида истодааст, ки нишондиҳандаҳои оморӣ аз он шаҳодат медиҳанд.

**Ҷадвали 2. Ҷараёни афзоиши захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. нафар)**
**Table 2. Growth of labor resources in the Republic of Tajikistan (thousand people)**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Захираҳои меҳнатӣ | 4548,9 | 4859 | 4983 | 5224 | 5427 | 5625 |
| Афзоиши захираҳои меҳнати нисбат ба соли гузашта | 100 | 106,8 | 102,5 | 102,2 | 101,9 | 103,6 |
| Қувваи корӣ | 2280 | 2362 | 2382 | 2439 | 2478 | 2557 |
| Афзоиши қувваи корӣ нисбат ба соли гузашта | 100 | 103,6 | 101,0 | 100,1 | 100,7 | 103,2 |
| Аҳолии машғул | 2233 | 2307 | 2325 | 2385 | 2426 | 2506 |
| Афзоиши аҳолии машғул нисбат ба соли гузашта | 100 | 103,3 | 101,0 | 100,2 | 100,8 | 103,3 |

**Сарчашма:** коркади муаллифон дар асоси маҷмӯаи оморӣ Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ 2021. С. 134

Маълумотҳои ҷадвали 2 аз он нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2010-2020 захираҳои меҳнатӣ ба 1076,1 ҳаз. нафар ё ин ки ба андозаи 23,6% зиёд гардидаанд, аммо нишондиҳандаи аҳолии машғул ба ҳамин давра 273,0 ҳаз. нафар, яъне ҳамаги 12% афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳандаҳо шаҳодат медиҳад, ки сол аз сол бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хело

мураккаб ва ноустувор гардида истодааст. Ин ҳолат сохторҳои давлатиро бояд водор созад, ки дар муддати кӯтоҳи вақт ҳалли чунин муаммои бозори меҳнатро дарёфт намояд, зеро ин то рафт ба бӯҳрони иқтисодӣ оварда мерасонад, ки натиҷаи он натанҳо таъсири иқтисодӣ, балки ичтимоӣ ҳам дорад[8].

Механизми танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити имрӯза доираи васеи омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро дар бар гирифта фаъолияти бозори меҳнатро муайян мекунанд.

Он тавассути системаи марказонидашудаи шуғли аҳолӣ, аз ҷумла шӯъбаҳои шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳия, базаи маълумот оид ба ҷойҳои корӣ, барномаҳои давлатӣ оид ба кӯмак ба бекорон, гирифтани дониши касбӣ ва шуғли аҳолӣ сурат мегирад[10].

Албатта қайд кардан ҷоиз аст, ки роҳи ягонаи бартараф ва кам кардани сатҳи бекорӣ мавҷуд нестанд, аз ҳамин лиҳоз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷрибаи самараноки давлатҳои хориҷа бояд омӯзад.

Аз ин лиҳоз оид ба паст намудани сатҳи бекорӣ чунин тавсияҳоро пешниҳод кардан лозим аст:

1. Беҳтар намудани таъминоти иттилоотии бозори меҳнат. Дар ҳамаи мамлакатҳо ин вазифаро ташкилотҳои шуғли аҳолӣ (биржаҳои меҳнат) иҷро мекунанд. Онҳо аз корфармоён дар бораи ҷойҳои холии мавҷудбуда маълумот чамъ намуда, ба бекорон мерасонанд. Инчунин дар давлатҳои хориҷа ташкилотҳои ғайридавлатии (тиҷоратӣ, хусусӣ) шуғли аҳоли фаъолона кор мекунанд, ки баъзаи маълумотии онҳо на танҳо як кишвар, балки якчанд давлатҳоро дарбар мегирад, ки он ба ҳаракати қувваи корӣ сурат мебахшад;

2. Ба паст кардани сатҳи бекорӣ бозомӯзии касбӣ бештар мусоидат мекунад. Аксар вақт одамон аз сабаби набудани малакае, ки аз тарафи корфармо талабкарда мешавад мавҷуд набудан ба ҷойи корӣ соҳиб намешаванд. Дар ин маврид курсҳои кӯтоҳмуддати бозомӯзӣ, ки мақомотҳои шуғли аҳоли бояд ташкил диҳанд мусоидат мекунад, дар баробари он аз тарафи мақомотҳои шуғли аҳоли дар мавриди бозомӯзи ёрдампулӣ дода шавад;

3. Талабот дар бозори меҳнат аз вазъи бозорҳои молу хизматрасонӣ вобаста аст. Агар дар бозорҳои мол талабот зиёд гардад, барои қонеъ гардонидани онҳо коргарони иловагӣ ҷалб мегардад ва шуғли аҳоли афзоиш меёбад, ки ондар натиҷа сатҳи бекориро паст мегардонад. Аз ин рӯ, мақомотҳои давлати бояд рушди содироти молро бо роҳи ҳавасмандгардони бедор созанд. Инчунин бо ин мақсад бояд дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба таҷдиди корхонаҳо ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҷори гардонида шавад, ки он пешаз ҳама сатҳи рақобатпазирии маҳсулотро баланд мебардорад, ки дар натиҷа маҳсулотҳои корхонаҳои ватанӣ метавонанд саҳми худро дар бозори ҷаҳонӣ афзоиш диҳанд. Ҳамзамон қайд кардан лозим аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи саноат, ки рушди он ҳадафи чоруми стратегияи миллии рушд баҳисоб меравад камбудиҳои зиёде мавҷуданд, ва барои бартараф намудан бояд ҳавасмандгардонии сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ фаъол гардонидашавад, ки он ба пайдоиши соҳаҳои нави саноат ва ё аз нав сохтани корхонаҳои мавҷуда оварда мерасонад;

4. Таъсиси барномаҳои рушди соҳибкории хурд (самозанятость). Мақсади ин гуна барнома, ба соҳибкорон дар оғоз намудани тиҷорати худ кӯмак расонидан, то ки онҳо тавонанд худ ва оилаи худро таъмин кунанд. Шартҳои ин барномаҳо метавонад хеле гуногун бошад. Масалан, дар як қатор мамлакатҳо барои соҳибкорони нав «бизнес-инкубаторҳои» махсус ташкил карда мешавад. Чунин «инкубатор» одатан соҳибкорони навро ройгон бо биноҳо, хизматрасонии комуналӣ, хизматрасонии машваратӣ аз тарафи коршиносон оид ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар муддати муайян таъмин менамоянд. Пас аз он, ки соҳибкор фаъолияти худро устувор мегардонад аз «инкубатор» баромада, ба соҳибкорони нав ҷой медиҳад. Дар навбати худ яке аз роҳҳои ҳавасмандгардонии соҳибкорон ин ҷори намудани имтиёзҳои андози барои ташкил ва бурдани фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҷори гардад. Ин амал дар таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон бисёр рушд ёфтааст. Онҳо тавассути имтиёзҳои андозӣ бо мақсади рушди соҳаи саноат ихтирокорӣ ва навовариҳои технологиро дастгирӣ менамоянд. Имтиёзҳои андозиро ба як воситаи маъмули сиёсати ҳавасмандгардонии соҳаҳои саноат табдил додаанд. Онҳо бо роҳи истифодаи имтиёзҳои андозӣ хароҷоти корхонаро кам мегардонанд, ки он таъсири мусбии худро ба рушди фаъолияти истеҳсолӣ мерасонад.

Сиёсати ҷори намудани имтиёзҳои андозиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсиси ҷои нави корӣ ва ихтироотҳои саноатӣ бояд инкишоф дод, ки дар натиҷа ҳам шуғли аҳолӣ боло меравад ва ҳам саноатикунонии иқтисодиёт амали мегардад.

Дар масоили мавҷудияти муаммоҳои ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ахмедов К.А. дар таҳқиқотҳои пешинаи худ аз нигоҳи ташкилотҳои байналмилалӣ борҳо баҳо дода пешниҳод кардааст, ки “Дар ҷумҳурӣ барои сармоягузории дохила ва беруна бояд шароити мусоид дода шавад”[1]. Ингуна таҳқиқотҳо, ки зарурият ва афзалиятҳои сармоягузориро дар бар мегирад зиёданд, аммо то ҳол дар амалия татбиқ нагардидааст.

Дар масъалаи бартараф намудани муаммои ташкили ҷойи кор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили босурати саноатикунонии иқтисодиёт хело мусоидат мекунад, ки он дар стратегияи рушди иқтисодиёти миллии то соли 2030 оварда шудааст. Амали сохтани ин ҳадафҳои стратегӣ бисёр ҷиҳатҳои мусби дорад, ки яке аз онҳо пайдо намудани ҷойҳои нави корӣ мебошад, ки он мутахассисони баландихтисоро талаб мекунад, ки саноатикунонӣ танҳо дар асоси пешрафти илму техника бадаст оварда мешавад. Аммо саноатикунонии иқтисодиёт хело ва хело душвор мебошад, лекин таҷрибаи давлатҳои саноатикунонидашудаи дунё тасдиқ мекунад, ки ин иқдом иқтисодиёти кишварро босурат баланд мебардорад.

Қайд кардан ҷолиб аст, ки таҷрибаи пешқадами Ҷопон нишон медиҳад, ки он барои ташкили иқтисодиёти саноатикунонидашуда солҳои зиёдро аз сар гузаронида чандин ислоҳотҳои иқтисодии гуногунро татбиқ намуда ба яке аз давлатҳои пешрафтаи саноатии дунё мубаддал гаштааст. Пас аз Ҷопон, ки дар байни кишварҳои Осиё аввалин шуда ба саноатикунонӣ оғоз карда буд, ин раванд бо суръати баланд дар охири асри XX дар чор кишваре, ки бо номи Чаҳор Паланги Осиё маълуманд, мушоҳида шудааст. Ба туфайли мавҷудияти системаи устувори ҳукуматдорӣ, сиёсати паст кардани пардохтҳои гумрукӣ, қувваи кории арзон ва инчунин ҷойгиршавии ҷуғрофии муфид ва сармоягузории хориҷӣ дар Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Гонконг ва Тайван бомуваффақият саноатсозӣ ба амал омада аст. Кореяи Ҷанубӣ дар солҳои 1970-80 ба истеҳсоли пӯлод, мошинсозӣ ва киштисозӣ оғоз кард, ки дар натиҷа ба қатори бист кишвари аз лиҳози иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон табдил ёфтааст. Модели рушди Кореяи Ҷанубиро бисёр кишварҳои дигари ҷаҳон нусхабардорӣ кардаанд. Ҳиндустон ва Чин низ таҷрибаи Кореяи Ҷанубиро истифода бурдаанд. Дар айни замон, Чин маблағҳои худро ба рушди инфрасохтори иқтисодӣ, роҳҳои таъмини ашёи хом ва қувваи барқ сармоягузорӣ мекунад. Ҳиндустон бошад дар навбати худ ба муҳандисии биоинженерӣ, дорусозӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти олии технологӣ сармоягузорӣ мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо амали намудани ҳадафҳои стратегияи рушди иқтисодиёти миллӣ, ки то соли 2030 қабул гардидааст саноатикунонӣ ба зуди барпо мегардад дар ҳолате, ки ба соҳаи саноати кишвар аҳамияти ҷидди дода шавад, ва ба он сармоягузорӣ фаъол гардад.

**Ҷадвали 3. Сармоягузорӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор сомонӣ)**
**Table 3. Investment in the economy of the Republic of Tajikistan (thousand somoni)**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноат, аз он ҷумла: | 192,3 | 1645,2 | 2226,6 | 5673,1 | 7974,2 | 5683,5 |
| Электроэнергетика | 151,2 | 1039,2 | 1361,4 | 3874,2 | 5592,7 | 4791,5 |
| Саноати истихроҷи ангишт | - | - | - | - | - | 72,2 |
| Саноати газ | 2,1 | 1,4 | 4,0 | - | - | - |
| Саноати кимиё ва нафту кимиё | 0,2 | 0,4 | - | - | 0,4 | - |
| Мошинсозӣ | - | - | - | - | - | - |
| Саноати ҷангал ва коркарди чӯбу тахта | - | - | - | - | - | - |

**Сарчашма:** Маҷмӯаи оморӣ Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ 2021. С. 490

Аз маълумотҳои ҷадвали 3 бармеояд, ки дар Тоҷикистон ҳоло ба соҳаи саноат сармоягузории кифоя ва барои гузариш ба иқтисодиёти саноатӣ муносиб аҳамияти ҷидди дода нашудааст. Ҳатто на ҳамаи самтҳои соҳаи саноат, ки дар ҷумҳурӣ имконпазир мебошад ба монанди саноати газ, кимиё ва нафту кимиё сармоягузорӣ нагардидааст.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷои кор ва расидан ба ҳадафҳои стратегии иқтисодиёти миллӣ пешниҳод карда мешавад: а) бастани шартномаҳои байнидавлатӣ бо мақсади пайдо намудани ҷойҳои нави корӣ, ки он бо дигар манфиатҳои ичтимоию иқтисодӣ ба монанди пардохти музди маоши муносиб, такмили ихтисоси мутахассисон, омода намудани муттахассисони баландихтисос ва инчунин пастгардонидани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикитон вобаста мебошад; б) тартиб додани барномаҳои дастгирии соҳибкорӣ ва содда гардонидани ҳуҷҷатнигорӣ дар мавриди оғоз ва бурдани фаъолияти соҳибкорӣ. Инчунин ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон, содда ва асоснок намудани тафтишҳои молиявии соҳибкорон; в) коркарди имтиёзҳои андозӣ барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мусоидат намудани ихтироотҳои замонавӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатие, ки дар кишвар ҳоло истеҳсол нагардидааст, барои таъмини аҳоли бо молҳои ниёзи ҳурруза ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; г) барои таъмини босурати саноатикунонии иқтисодиёт, сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии таҳқиқотҳои илмӣ ва коркарди технологияҳои нави муосир барои рушди соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Адабиёт:**


1. Ахмедов К.А. Перспективы развития рынка труда Таджикистана в условиях трудоизбыточности /К.А. Ахмедов // Номаи донишгоҳ ДДХ ба номи Б. Ғафуров. Серия: естественные и экономические науки – Худжанд: №4 (47) 2018г. – С.86
2. Бобоева Р. М. Вопросы моделирования зависимости роста ВВП страны от состояния рынка труда / Р. М. Бобоева, М. А Одинаев, О. С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - №6. - С. 27-33.
3. Маҷмӯаи оморӣ Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ 2021. 700с.
4. Нагимова А. М. Эффективность деятельности государственных органов управления как фактор повышения качества жизни в регионе: проблемы оценки и измерения. – Казань: Казан. гос. ун-т, 2009. – 188 с.
5. Низомов С.Ф. Дар хусуси баъзе масъалаҳои гузариши демографӣ дар шароити муосир / Низомов С.Ф., Одинаев М.А., Обидов Ф.С., Шамсов И.С //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2021. №6. С. 13-20. ISSN: 2413-5151.
6. Экономический кризис и промышленная политика – альтернативные пути возвращения к росту в России / под ред. Р. Трауб-Мерца, Д. Ефименко. – М.: Политическая энциклопедия, 2016. – 223 с.

7. Бобоева Р. М. Вопросы моделирования зависимости роста ВВП страны от состояния рынка труда / Р. М. Бобоева, М. А Одинаев, О. С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - №6. - С. 27-33.

8. . Барфиев К. Х Использование индексного метода при изучении структуры рождаемости / К. Х. Барфиев, С. С. Мирзоев, М. А. Одинаев // Таджикистан и мир сегодня. - 2020. -№2 (70). – С. 121-127.

9. Одинаев М.А. Статистическое исследование изменений социально-демографических процессов в Республике Таджикистан: дисс. … канд. экон. наук: 08.00.12 / Одинаев М.А. - Душанбе, 2020.– 196 с. С. 80, 87, 88-90.

10. Одинаев М.А. Тенденция демографического развития регионов и её социально-экономические проблемы/ М.А. Одинаев, О.С. Табаров // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. 2014. - № 2/10(152). - С. 98-103.

## ТАЪМИНИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАСЪАЛАИ МУҲИМИ ЗАМОНИ МУОСИР

Дар мақолаи илмӣ, бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир пурра таҳлил гардидааст. Барои таҳлил нишондиҳандаҳои истеҳсоли қувваи корӣ, яъне хатми мутахассисон аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва талаботи бозори меҳнат ба кормандон муқоиса гардидааст, ки натиҷаи он дар мақолаи илмӣ гирдовардашуда масъалаҳои танзими он қайд гардидааст. Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда қувваи кории ғайрифаъол муайян гардидааст, ки дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барзиёд буд дар иқтисодиёти миллӣ истифода намегарданд. Бо мақсади бартараф намудани ин камбуди ва таъмин намудани самараноки истифодаи қувваи корӣ пешниҳодҳои муфид оварда шудааст.

**Калидвожа:** аҳолӣ, шуғл, бозори меҳнат, қувваи корӣ.

## ЗАНЯТОСТЬ НАСЕЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН ВАЖНАЯ ПРОБЛЕМА СОВРЕМЕННОГО ВРЕМЕНИ

В научной статье полностью проанализирован рынок труда Республики Таджикистан в современных условиях. Для анализа сопоставляются показатели производства рабочей силы, т.е. выпуска специалистов высшими учебными заведениями, и потребности рынка труда в работниках, результаты которого обобщены в научной статье. В результате анализа установлено, что пассивная рабочая сила на рынке труда Республики Таджикистан является избыточной и не используется в народном хозяйстве. В целях устранения этого недостатка и обеспечения эффективного использования рабочей силы вносятся полезные предложения.

**Ключевые слова:** население, занятность, рынок труда, рабочая сила.

## EMPLOYMENT OF THE POPULATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AN IMPORTANT PROBLEM OF MODERN TIME

The scientific article fully analyzes the labor market of the Republic of Tajikistan in modern conditions. For analysis, labor force production indicators are compared, i.e. the release of specialists by higher educational institutions, and the needs of the labor market in workers, the results of which are summarized in a scientific article. As a result of the analysis, it was found that the passive labor force in the labor market of the Republic of Tajikistan is redundant and is not used in the national economy. Useful suggestions are being made to remedy this shortcoming and ensure the efficient use of labor.

**Key words:** population, occupation, labor market, labor force.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Азимов Абдумавлон Ҷалилович -** д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи Давлатии тиҷоратӣ Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд E_mail. mavlon_1954@mail.ru. **Телефон: (+992) 92-779-18-54.**

**Одинаев Меҳрубон Абдураҳмонович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru**. **Телефон: (+992) 900-17-17-59**.

**Ахмедов Каримҷон Акбарҷонович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд. E-mail: **mr.karimjon.tj1986@mail.ru**

**Сведение об авторах: Азимов Абдумавлон Джалилович,** доктор экономических наук, профессор кафедры «Экономической теории» Института Экономики и Торговли Таджикского Государственного Университета Коммерции в г. Худҷанде E-mail: mavlon_1954@mail.ru. **Телефон: (+992) 92-779-18-54.**

**Одинаев Мехрубон Абдурахмонович** - старший преподаватель кафедры статистики Таджикского национального университета, кандидат экономических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59.**

**Ахмедов Каримджон Акбарджонович** - старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета Института Экономики и Торговли Таджикского Государственного Университета Коммерции в г. Худҷанде, кандидат экономических наук. E-mail: **mr.karimjon.tj1986@mail.ru.**

**Information about authors: Azimov Abdumavlon Jalilovich,** doctor economics, professor, depardment of economic theory, Institute of Economy and Trade of Tajik State University of Commerce of Khujand E-mail: **mavlon_1954@mail.ru. Phone: (+992) 92-779-18-54**

**Odinaev Mehrubon Abdurahmonovich** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru**. **Phone: (+992) 900-17-17-59.**

**Akhmedov Karimjon Akbardjonovich -** Institute of Economy and Trade of Tajik State University of Commerce of Khujand, Candidate of Economic Sciences. E-mail: **mr.karimjon.tj1986@mail.ru**

## МОҲИЯТ ВА САБАБҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Одинаев М. А. н.и.и., муаллими калони кафедраи омори ДМТ,*
*Табарзода О.С. н.и.и., дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии ДМТ*

«Ҳаракат – ин худ зиндагист». Ин гуфтаҳо ба Арасту – файласуфу мутафаккири бузурги давраи атиқа, ки дар асри IV мелодӣ умр ба сар бурдааст, таалluқ дорад. Зери ин мафҳуми ҳаракат вай натанҳо тағйиротҳои маънавӣ, балки тағйиротхои табииро низ зери назар дошт. Дар шумори тағйиротҳои охирин дар ҳаёти инсон яке аз дигаргуниҳои бештар оммавӣ ин тағйири маҳал, яъне, ҷойивазкунии инсон дар фазо мебошад. Ин ивазшавии ҷои истиқомат дар дохили давлат (минтақа ё байни минтақаҳои гуногун), байни давлатҳо ва монанди инҳо ҷой дошта метавонад. Қабл аз он, ки аз ҳамаи ин бесарусомонии ҷойивазкуниҳои гуногунтарзи фазоӣ он қисматеро, ки муҳоҷират номидан мумкин, кӯшиши ҷудо кардан намоем, бояд ҳам тобеияти чунин мафҳумҳо, чун «ҳодиса» ва «зуҳурот» -ро муқаррар кунем. Идроки ҳамбастагии маъноии на ину на он дар илм вуҷуд надорад [4]. Дар соҳаҳои гуногуни илм оиди ин мафҳумҳо тасаввуроти худӣ, яъне, вобаста ба ҳамин илм мавҷуд аст. Ҳамин тавр, дар илми физика (табииёт) оиди ҳодиса нисбатан тасаввуроти умумӣ дода мешавад. Вай ашёест, ки дар баъзе лаҳзаҳои вақт ба вуқӯъ омада, ин ё он дигаргунии вазъи оламро арзёбӣ мекунад. Илова бар ин, дар физикаи ядроӣ ҳодиса – ин таъсири зиёди байниҳамдигарии ҳиссачаҳои ҷузъиётӣ буда, дар фосилаи кӯтоҳи вақт ба қайд гирифта шудаанд; дар назарияи нисбият ин нуқтаи континууми фазову вақт; дар информатика ҳодиса- ин иттилооти таъминоти барномавӣ буда, он ба ҳодисаи ба вуқӯъ омада ишора менамояд[5]. Тасаввуроти боз ҳам рангоранг оиди ҳодиса дар илмҳои иҷтимоӣ мавҷуд аст. Аксар вақт чунин хулоса бармеояд, ки ҳама гуна ҳодиса – ин тағйирёбии ин ё он масоҳати объект ё ҷойгиршавии он нисбат ба ҳолати ибтидоӣ, ки дар вақти муайян ба вуқӯъ пайвастааст, мебошад. Тибқи ақидаи Л.Л.Рыбаковский ба ин истилоҳи фавқулодда, ки дар соҳаи муҳоҷират истеъмол меёбад, чунин тасвият дода мешавад: «ҳодиса ин санади маротибавии ҷойивазкунии фазогиро дар бар мегирад, ки дар вақти муайян ва макони муайян ба

вуқӯъ пайвастааст».[29] Дар мазмуни танг бошад мазмуни муҳоҷират дар он аст, ки он намуди ба охир расидаи ҷойивазкунии фазогии аҳолии қобилияти меҳнат доштаро медонанд. Он ду хислати асосӣ дорад: аҳолӣ байни нукотҳои аҳолинишин ҳаракат менамояд ва ҳатман он бо ҷойивазкунии манзили истиқомат вобаста аст. Аммо муҳоҷироти бозгаштӣ шаклҳои гуногун дошта бо ҷойивазкунии манзили истиқомат вобаста нест. Ба онҳо дохил мешаванд: муҳоҷирати тиҷоратмандон, муҳоҷирати мавсимӣ, ҳаракати туристон ва ғайра[6].

Мавқеи махсусро тиҷорати меҳнатӣ мегирад, ки онро чунин тавсиф додан мумкин аст: ин ҷойивазкунии аҳолии қобилияти меҳнатдошта бо мақсади бо кор таъмин ёфтан аст. Ҳатман чунин муҳоҷирон ба бозори меҳнат рафта меҳнати худро дар он мефурӯшанд.

Зери мафҳуми истилоҳи «зуҳурот» дар илмҳои табиӣ - ҳар гуна зоҳиршавии ягон ашё, ҳама гуна тағйироте, ки дар олами атроф рух медиҳад, фаҳмида мешавад, дар илмҳои ҷамъиятӣ бошад, қисман, фалсафаи зуҳурот дар намуди умумӣ - ин зоҳиршавии берунаи ин ё он моҳият, шакли бақайдгирифташудаи он мебошад[7].

Табиати зуҳуротро, ки дар соҳаи муҳоҷиратӣ, ё ин ки, соҳаи демографӣ ба вуқӯъ мепайвандад, тасаввур намоем, онро бояд бо мафҳуми қаблан боздидшудаи «ҳодиса» алоқаманд сохт. Дар ин маврид, маҷмӯи ҳодисаҳо, масалан, ҳодисаҳои ҷудогонаи таваллуд, ки дар вақту фазо маҳдуд гардонида шудааст, (фарз кардем, дар байни аҳолии ин ё он ноҳия дар давоми сол рӯйдода), чунин зуҳурот, чун таваллудёбӣ, ҷойивазкунии одамонро нишон хоҳад дод[15].

Имконияти ҷойивазкунии фазоӣ – ин яке аз хусусият ё қобилиятҳои инсонӣ мебошад.С.В.Соболёва онро хеле ихчаму дақиқ ифода намудааст: «Табиати муҳоҷирати аҳолӣ - ин, қабл аз ҳама, ҷойивазкунии маҳаллии он мебошад»[30]. Дар гузашта, дар адабиёти шӯравӣ оиди табиати муҳоҷирати аҳолӣ баъзан шарҳу эзоҳоти дигар дучор мешуданд. Ӣисман, чунин ақида мавҷуд буд, ки табиати муҳоҷират – ин на танҳо ҷойивазкунии фазоӣ бо ивазнамоӣ ё бе ивазнамоии ҷойи истиқомат, балки, ҳамроҳ бо ин, ҷойивазкунии «табдили ҷойи кор» мебошад. Ба онҳое, ки чунин нуқтаи назарро дастгирӣ менамуданд, иқтисодчии рус Г.С.Вечканов, демографи украин А.У.Хомра ва дигарҳо дохил мешаванд. Ҳамин тавр, аввалӣ ақида дошт, ки мафҳуми дар тафаккурҳо ҷойшудаи муҳоҷиратро ҳамчун ҷойивазкунии одамон, ки бо тағйири ҷойи истиқомат вобастагӣ дорад, қаноатбахш эътироф намудан мумкин нест[8].

Ба муҳоҷирати аҳолӣ, илова бар ин, ба муҳоҷирати аҳолии дорои қобилияти меҳнатӣ, аломати дуввум низ хос аст – дигаргуншавии ҷойи корӣ[31]. А.У. Хомра, чунин меҳисобид, ки зери мафҳуми муҳоҷират «санади дигаргуншавии меҳнатро (ҷойи корӣ)-ро бояд эътироф намуд»[32]. Ғайр аз ин, барои аҳолии дорои қобилияти меҳнатӣ «табдили меҳнат» на ҳама вақт ҷораи ҳатмӣ ба ҳисоб меравад, зеро, мақсади муҳоҷират эҳтимолан таҳсил ё истироҳат ва ғайраҳо бошад[13].

Дар бораи муҳоҷирати аҳолӣ ҳамчун зуҳуроте, ки силсилаи ҳодисаҳоро дар бар мегирад, муҳокима намуда, боз як хусусияти хоси раванди мазкурро бояд қайд намуд. Моҳияти он дар ҳамин ифода меёбад, ки шумори чунин ҷойивазкуниҳо, кадоме дар вақту фазо маҳдуд карда шудаанд ва адади иштирокчиёни ин ҷойивазкуниҳо мувофиқат намекунанд. Ин боз як махсусиятнокии муҳоҷирати аҳолӣ буда, онро аз зуҳуротҳои асосии демографӣ ба тафовут меандозад. Ҳамин тавр, миқдори таваллуд ба монанди миқдори фавт, наметавонад аз миқдори шахсоне, ки ин ҳодисаҳо ба онҳо тааллуқдор аст, таҷовуз намояд. Дар тафовут аз ин, маъмулан, миқдори ҷойивазкуниҳои фазогӣ аз миқдори иштирокчиёни ин ҳодисаҳо ба таври назаррас зиёд аст. Ҳамин тавр, агар аз рӯи бақайдгирии ҷорӣ дар солҳо, барӯйхатгирии қаблии аҳолӣ соли 1970 гузаронида шуда буд назар афканем, дар он чунин қайд шудааст, ки соли 1968 - 1969 адади ҷойивазкуниҳо аз як нуқтаи аҳолии шаҳрӣ ба дигараш, ки мақсади дар пешгузоштаи он ивази ҷойи доимии истиқомат буд, 5,3 млн. нафарро ташкил дод, аз як деҳот ба деҳоти дигар низ ҳамин чиз ба мушоҳида расидааст – 2,5 млн. нафар, аз нуқтаи аҳолии шаҳрӣ ба деҳот – 4,4 млн. нафар ва аз деҳотҳо ба шаҳрҳо - 1,7 млн. нафарро ташкил додааст. Дар ҷамъбаст, тақрибан, 14 млн. ҳодисаҳои муҳоҷиратӣ ба қайд гирифта шуда

---

[29] Л.Л. Рыбаковский. История и теория миграции населения. КН-2: Миграция населения: явление, понятие, детерминанты. - М:2017г с-6

[30] С.В.Соболевой, И.В.Октябрьского Иностранные мигранты на сибирском рынке труда –Новосибирск, 2006г.с-21

[31] Вечканов Г.С. Миграция трудовых ресурсов в СССР. Политико-экономический аспект-Л,1981, с-7

[32] Хомра А.У. Миграция населения: вопросы теории, методики исследования –Киев 1979, с-49

буданд. Аммо, тибқи маълумотҳои барӯйхатгирӣ иштирокчиёни ин ҳодисаҳо 11 млн. нафарро ташкил доданд. Қисмате аз онон якчанд маротиба муҳоҷиратро анҷом додаанд.[33]

Чунин ҳисоббаробаркуниҳоро барои тамоми барӯйхатгирии минбаъдаи аҳолӣ, ки натанҳо дар Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гузаронида шуда буд, анҷом додан мумкин аст (1979, 1989, 2002, 2010). Лекин, то ин ки чунин ҳисоббаробаркуниҳо оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон эътимодбахш намоянд, яъне, барои солҳои 2002 ва 2010, ба дақиқӣ ва саҳеҳияти маълумотҳои бо ин мақсад истифодашуда бояд бовар намуд[12].

Хулоса, иштирокчиёни ҳодисаҳои муҳоҷиратӣ, яъне, онҳое, ки дар тӯли ин ҳашт сол омаданд, нисбат ба онҳое, ки дар маҳалли истиқоматиашон доиман муқимианд, 0,5% миқдори камтарро ташкил доданд, ин дар ҳоле, ки соли 1970 миқдори онҳо 1.4 маротиба зиёдтар буд. Ин ҳанӯз ба истисноi бақайдгирии миқдори фавтнокӣ байни онҳое, ки пас аз сокин шудан дар макони зисти муқимӣ доиман истиқомат меварзиданд.

Муҳоҷирати аҳолӣ – зуҳуроти оммавӣ, таърихиву умумиҷаҳонӣ буда, он ба тамоми олам, ба ҳамаи халқу кишварҳо хос аст, қазияи зер имрӯз вуҷуд дорад, дар гузашта низ буд, ҳазор сол қабл арзи вуҷуд дошт, дар даврае, ки инсони қадим дар рӯи Замин пайдо шуду ҳамроҳ бо ӯ ҷомеаи инсонӣ низ бо моҳияти иҷтимоии он ба вуҷуд омад, арзи ҳастӣ дошт. Ҳама гуна ҷойивазкунии минтақавӣ - ин аксуламал ба ягон майли иҷтимоӣ аст: беҳтар намудани шароити зиндагонӣ, барпо намудани оила, соҳиб шудан ба маълумот, ҳифзи ҳаёт ва монанди инҳо[13].

Дар оғози солҳои ҳафтодум аз ҷониби О.В.Лармин гуфта шуда буд, ки «муҳоҷират – ин объекти ниҳоят вусъатнок ва бисёрҷабҳаи тадқиқот буда, дар радифи илмҳои ҷамъиятӣ омӯхта мешавад».[34] Аммо, таҳлили тамоми гуногуншаклии роҳу воситаҳо ва номгӯи илмҳои ба он алоқаманд аз ҷониби В.И.Ионтсев анҷом пазируфтааст. Алъон, муҳоҷирати аҳолӣ ба таври истисноӣ фанни танҳо як илм намебошад (он чӣ гуна номида хоҳад шуд, вақт нишон медиҳад),онро дар дараҷаи муайян танҳо демография, ҷуғрофия, иҷтимоиёт ва ба андозаи кам иқтисодиёту ҳуқуқшиносӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Аслан, дар давраи шӯравӣ, инчунин дар замони муосир, маҳз намояндагони ҳамин илмҳо саҳми арзандаро дар омӯзиши муаммои муҳоҷиратӣ гузоштаанду мегузоранд[16].

Вобаста ба масъалаи гузошташуда дар навбати худ муҳоҷирати аҳолӣ омилҳои таснифотии худро дорост. Дар адабиёти иқтисодиву демографӣ таснифоти омилҳои муҳоҷиратӣ бо ҳар гуна воситаҳо вобаста гардида дарҷ гаштаанд. Масалан профессор Рыбаковский Л.Л чунин меҳисобад, ки «Омили муҳоҷират ба нодир будани сабаби муҳоҷират комилан мутобиқ аст». Муҳоҷирати аҳолӣ зуҳуроти иҷтимоист, аз ин лиҳоз, таҳлили сабабу омилҳои он мантиқан ба рафтору ахлоқи муҳоҷиратӣ дохил карда мешавад[14].

Байни олимоне, ки бо таснифоти омилҳои муҳоҷиратӣ машғул буданд, метавон Переведенцев В.И., Заславская Т.И, Староверов Е.Д., Малинин В.И ва дигаронро қайд намуд. Мо чунин меҳисобем, ки таснифоти бештар хуб ва муносибро профессор Рыбаковский Л.Л додааст. Аз рӯи ақидаи ӯ, омилҳои муҳоҷират ба объектививу субъективӣ ҷудо мешаванд. Омилҳои объективӣ се навъро дороанд: омилҳои идоранашаванда (доиман амалкунанда ): офат ва садамаҳои техногенӣ, мавқеи ҷуғрофии маҳал, шароитҳои иқлимиву табиӣ, офатҳои дигаргункунандаву харобиовари табиӣ; омилҳои муваққатӣ: ҳайати ҷинсии аҳолӣ, азхудкунии маҳал, қобилияти мутобиқшавиву пайванд гирифтани муҳоҷирон ва ҳайати этникии аҳолӣ; омилҳои батанзимории ҷорӣ: сатҳи даромадҳо, сиёсати кадрӣ, шуғлнокӣ ва мавҷудияти ҷойҳои корӣ ва сиёсати миллӣ[11].

Хусусияти хоси фардҳо оид ба қабули қарорҳои гуногун дар ҳамон як шароит моҳияти омилҳои субъективиро муайян месозад. Профессор Рязанцев С.В. омилҳои муҳоҷиратро бештар мушаххас ва ба таври ҷузъӣ таснифот намудааст. Аз рӯи ақидаи ӯ, таснифоти мазкур намуди зеринро дорад: экологиву ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, этникӣ, ҳарбиву сиёсӣ, иҷтимоӣ, демографӣ (Расми 1).

---

[33] Манбаъ: Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[34] Б.С.Хорева и В.М.Моисеенко Миграционная подвижность населения в СССР М: Статистика 1974, С.7.




**Расми 1. Омилҳои муҳоҷират.**

Манбаъ:Рязанцев С.В. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар давлатҳои мушраракулманофеъ ва Балтика: тамоилҳо, оқибатҳо, батанзимдарорӣ М: 2007. – С. 33.

Олимони тоҷик Аминҷонов Р.М, Бобоҷонов Р.М, Муқимова Н.Р. дар монография қайд менамоянд, ки барои Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатии беруна – масъалаи на танҳо имрӯз аст, балки он ҳамчун дурнамо боқӣ мемонад. Мушкилиҳои муҳоҷирони меҳнатии баргашта тақозои омӯзиш ва таҳлили ҷиддиро талаб менамоянд. Айни замон муҳоҷирати меҳнатии беруна омили паст гардидани шиддати иҷтимоӣ дар дохили мамлакат мебошад ва ҳамзамон яке аз шарту шароити ташаккулёбии синфи коргари миёна дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад[10].

Олими дигари тоҷик Бобоев А.А. дар монографияи худ изҳор менамояд, ки агар идоракунии муҳоҷират ба таври лозима ба роҳ монда шавад, он метавонад ба шахсони алоҳида ва ҷамъият натиҷаҳои хуб оварад. Лекин, муҳоҷиратро ҷудогона идора кардан мумкин нест, зеро он ҷанбаи глобалӣ мебошад ва идоракунии равандҳои муҳоҷират дар шароити ҳамкорӣ байни давлатҳо осонтар мегардад. Умуман идоракунии муҳоҷират иҷрои якчанд чораҳои зарурири барои ҳалли самарабахши масъалаҳо дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ дар назар дорад, ки онҳо чунинанд: якум - сиёсат, дуюм – қонунгузорӣ, сеюм – идоракунии маъмурии муҳоҷират. Дар ин ҳолат идоракунии муҳоҷират натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад.

Хулоса дар давраи муосири рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар байни муаммоҳои муҳимтарини хусусияти умумидошта муаммои бартараф намудани қашшоқии аҳолӣ ба нақшаи аввал пешбарӣ мешавад. Дар робита бо заволёбии низоми ҷаҳонии сотсиалистӣ таркиши бузурги иҷтимоӣ бо таназзули ногузири дигаргунёбӣ рух дод. Самаранокии фаъолияти меҳнатии аҳолӣ инъикоси худро дар раванди муҳоҷирати меҳнатӣ гузошт зеро, миқдори ҷойҳои корӣ дар мамлакат ба таври назаррас ихтисор гардид. Вобаста ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар мамлакат ҷойҳои нави кори аз тарафи ҳам давлат ва ҳам соҳибкорони хусусӣ ба назар мерасад. Локин азбаски аҳолии қобили меҳнат дар мамлакат зиёд ба назар ва ҳамаи онҳо бо кор таъмин намегарданд, дар баъзе ҳолатҳо онҳо бо сабабҳои гуногун ба муҳоҷирати меҳнатӣ равон гаштанро интихоб менамоянд.

**Адабиёт:**


1. Ахмадов Ф.М. Тенденция развития демографических процессов и его воздействия на окружающую среду/ Ф.М. Ахмадов, М.А. Одинаев // Вестник ТНУ/Серия экономических наук. 2015. - № 2/3(165). - С. 35-38
2. Бобоева Р. М. Вопросы моделирования зависимости роста ВВП страны от состояния рынка труда / Р. М. Бобоева, М. А Одинаев, О. С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - №6. - С. 27-33.
3. Барфиев К. Х Использование индексного метода при изучении структуры рождаемости / К. Х. Барфиев, С. С. Мирзоев, М. А. Одинаев // Таджикистан и мир сегодня. - 2020. -№2 (70). – С. 121-127.
4. Мирзоев С. С. Статистический анализ динамики численности населения и факторы её роста / С. С. Мирзоев, М. А. Одинаев, А. И. Субхонов, Ш. Р. Кабиров // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2018. - С.101-106.
5. Одинаев М. А. Статистическая оценка уровная жизни насиления / М. А. Одинаев., С. С. Мирзоев., А.Ҷ. Ҳайдаров // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№ 6., Қ. 2. - С. 46-51.

6. Одинаев М. А. Демографический потенциал как развивающий фактор экономики / Одинаев М. А., Мирзоев С. С. / Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2019. -№ 7. - С. 99-105.

7. Одинаев М. А. Статистическое исследование изменений социально-демографических процессов в Республике Таджикистан: дисс. … канд. экон. наук: 08.00.12 / Одинаев М.А. - Душанбе, 2020. – 196 с. С. 80, 87, 88-90.

8. Одинаев М. А. Тенденция демографического развития регионов и её социально-экономические проблемы/ Одинаев М.А., Табаров О.С. // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. 2014. - № 2/10(152). - С. 98-103.

9. Одинаев М. А. Индексный метод анализа динамики рождаемости в Республике Таджикистан / Одинаев М.А., Мирзоев С.С // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. Международный теоретический и научно-практический журнал. -№1 (24) 2019. - С. 286-290.

10. Одинаев М. А. Экономико-статистическое моделирование демографических процессов Республики Таджикистан / Одинаев М.А.,Табарзода О.С // Экономика Таджикистана. -2021. -№3. -С. 157-164.

11. Одинаев М. А. Статистический анализ развития демографических процессов в Республике Таджикистан / Одинаев М. А., Хайдарзода М.И., Табарзода О. С., Ахмадов Ф. М // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2022. №2. С. 120-129. ISSN: 2413-5151.

12. Одинаев М. А. О некаторых вопросов демографического перехода в современных условиях / Низомов С.Ф., Одинаев М.А., Обидов Ф.С., Шамсов И.С // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2021. №6. С. 13-20. ISSN: 2413-5151.

13. Одинаев М. А. Статистические демографические показатели в условиях цифровизации экономики / Азимов А.Дж., Одинаев М.А., Хайдарзода М.И., Азимов А.А // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. 2022. №2. С. 184-191. ISSN: 2413-5151.

14. Таджикистан: 30 лет государственной независимости статистический сборник – Душанбе, 2021. – 702 с.

15. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан// Статистический сборник-Душанбе, АСПРТ, 2020. – 350 с.

16. Хушвахтзода К. Х. Статистическая оценка изменения социально-демографических процессов в Республике Таджикистан / Хушвахтзода К.Х., Одинаев М. А., Обидов Ф.С., Амонова Д.С // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. 2021. №5. С. 5-13. ISSN: 2413-5151

## МОҲИЯТ ВА САБАБҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР ШАРОИТИ ШАРОИТИ МУОСИР

**Аннотатсия:** Дар мақола моҳият ва аҳамияти муҳоҷирати аҳолӣ мувофиқи нуқтаи назари олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, паёмадҳои он ва ҷанбаъҳои мусбату манфии он андешаронӣ шудааст. Дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ хусусиятҳои ба иқтисоди миллӣ хоси раванди муҳоҷират арзёбӣ шуда, сабабу омлҳои асосии он мушаххас карда шудааст. Хулоса карда шудааст, ки муҳоҷират раванди глобалӣ буда, барои паст кардани шиддати бекорӣ да як минтақа ва барои таъмин кардани минтақаи дигар бо қувваи корӣ пешбинӣ шуда, манфиати ҳар ду ҷониб дар назар дошта мешавад.

**Калидвожа:** муҳоҷират, бекорӣ, демография, шуғл, музди меҳнат, сифати зиндагии аҳолӣ, қашшоқӣ, ҷаҳонишавӣ.

## СУЩНОСТЬ И ПРИЧИНЫ МИГРАЦИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Аннотация**: В статье рассматриваются сущность и значение миграции с точки зрения отечественных и зарубежных ученых и исследователей, ее последствия, положительные и отрицательные стороны. В условиях новых экономических отношений дана оценка особенностей миграционного процесса, характерных для национальной экономики, выявлены основные причины и факторы. Сделан вывод, что миграция представляет собой глобальный процесс, направленный на сокращение безработицы в одном регионе и обеспечение рабочей силой в другом регионе в интересах обеих сторон.

**Ключевые слова:** миграция, безработица, демография, занятость, заработная плата, качество жизни, бедность, глобализация.

**ESSENCE AND CAUSES OF MIGRATION IN MODERN CONDITIONS**

**Annotation**: The article discusses the essence and significance of migration from the point of view of domestic and foreign scientists and researchers, its consequences, positive and negative aspects. In the conditions of new economic relations, an assessment of the features of the migration process, characteristic of the national economy, is given, the main causes and factors are identified. It is concluded that migration is a global process aimed at reducing unemployment in one region and providing labor force in another region in the interests of both parties.

**Key words:** migration, unemployment, demography, employment, wages, quality of life, poverty, globalization.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Одинаев Меҳрубон Абдураҳмонович*** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. E-mail: Mehrubon.01@mail.ru. **Телефон**: (+992) 900-17-17-59.

***Табарзода Орифҷон Сайдалӣ***–н.и.и., дотсент, мудири кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. E-mail: *orif_tabarov@mail.ru*, **телефон**: (+992) 918 67 52 50.

**Сведение об авторах:** ***Одинаев Мехрубон Абдурахмонович*** - кондидат экономических наук, старший преподаватель кафедры статистики Таджикского национального университета, **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, E-mail: Mehrubon.01@mail.ru**.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59.**

***Табарзода Орифджон Сайдали***– к.э.н. доцент, заведующий кафедрой кибернетики и цифровой экономики факультет учета и цифровой экономика ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе проспект Рудаки 17, E-mail: *orif_tabarov@mail.ru*, **телефон**: (+992) 918 67 52 50.

**Information about the author:** ***Odinaev Mehrubon Abdurahmonovich*** - Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe. E-mail: Mehrubon.01@mail.ru. **Phone: (+992) 900-17-17-59.**

***Tabarzoda Orifjon Saydali*** – Tajik National University, candidate of the economic sciences, managing pulpit of the cybernetics and digital economy faculty account and digital economy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city Rudaki avenue 17, E-mail: orif_tabarov@mail.ru, **phone**: (+992) 918 67 52 50.

## МОҲИЯТИ ДАРОМАДҲОИ ПУЛӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲ ВА СИФАТИ ҲАЁТИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Раҷабов Ҳ.Ҳ., асистенти кафедраи низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ*

Даромадҳои пулии аҳолӣ ҳамчун ҷузви муҳимтарини некӯаҳволии мардум баромад мекунанд, ки аз даромадҳо аз молу мулки хусусӣ, музди меҳнат, пардохтҳои характери иҷтимоидошта, интиқол (трансфертҳо)-и иҷтимоӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ иборат мебошанд. Бо вуҷуди ин, тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ дар андозаи даромад, инчунин тағйир додани принсипҳои тақсимот бояд дар якҷоягӣ бо пешниҳодҳои назариявӣ, ки ба иқтисодиёт ва соҳаҳои назарияи даромад алоқаманданд, таҳқиқ карда шаванд. [1, 68].

Дар мақолаи мазкур муаммои даромадҳо дар чорчӯбаи ташаккули даромадҳои аҳолӣ дар амсилаҳои гуногуни он, инчунин дар шакли тақсимоти даромадҳо дар ҳама шароити имконпазири хоҷагидорӣ баррасӣ мешавад. Аксар вақт ин масъала танҳо дар робита бо камбизоатӣ, қашшоқӣ, ҳифзи иҷтимоии сокинон омӯхта мешавад. Аммо, тағйироти миқдорӣ ва сифатии сохтори даромадҳо, инчунин табдили принсипҳои тақсимотӣ дар робита бо муқарраротҳи назариявӣ, ки ба иқтисодиёт ва соҳаи назарияи даромадҳо мансубанд, бояд таҳқиқ карда шаванд. Омузиши ин

масъалаҳо шароит муҳайё менамоянд, ки масъалаҳои ҳалталаб дар ин самт муайян гардида, чораҳои мушаххаси босамар таҳия гарданд. [2, 100].

Пас, робитаи мавҷудаи байни мафҳумҳои «даромад» ва «сарват»-ро қайд кардан зарур аст. Ба андешаи мо мафҳуми «сарват» аз мафҳуми «даромад» фарохтар аст, зеро он аз захираҳои пул, неъматҳо ва хизматрасонӣ иборат буда, на ҳамеша бо истифодаи онҳо тавассути истеъмол алоқаманд мебошад. Дар айни замон даромад ин асоси ташаккули сарват мебошад, ки он дар ягон фосилаи вақт муайян карда мешавад. Аммо на ҳама вақт афзоиши даромад ва сарват дар ҳамон як самт тағйир меёбанд. Масалан, даромад метавонад зиёд шавад, вале омилҳои дигари таъсиррасон ба сарват (беқурбшавии асъор, пастравии нархи коғазҳои қиматнок ва ғ.) ҳаҷми онро коҳиш диҳад. Умуман, даромад ва сарвати аҳолӣ асоси қонеъ гардонидани талаботи моддиву маънавии онҳоро ташкил дода, омили муҳимми афзоиши некӯаҳволии ҷамъиятӣ мебошад. [3, 42].

Аҳаммияти даромадҳо дар баланд бардоштани некӯаҳволии ҷомеа аз он иборат аст, ки онҳо дар ихтиёри аҳолӣ қарор гирифта, шакли амволӣ доранд, тавассути талаботи пардохтпазир ба раванди истеҳсолӣ таъсир мерасонанд, рушди онро ангезиш медиҳанд, сатҳи некӯаҳволии ба дастовардашуда, қонеъ гардонидани эҳтиёҷот, инчунин тағйироти дар ҳаёт ва суботи иҷтимоии ҷомеа ба вуҷудомадаро тавсиф медиҳанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ дар сохтори даромадҳои аҳолӣ тағйироти муайян ба вуҷуд омаданд. Масалан:

- шаклҳои даромадҳо тағйир ёфтанд, яъне ба даромадҳои анъанавӣ даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ, аз амвол, амволи ғайриманқул, коғазҳои қиматнок ва ғайра илова шуданд;
- ҷузъҳои миқдорӣ ва сифатии даромадҳои аҳолӣ тағйир ёфтанд;
- самтҳою навъҳои нави истифодаи даромадҳо илова шуданд ва ғ.

Қайд бояд кард, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ, чунин шаклҳои даромад, ба монанди музди меҳнат ва даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, даромад аз хоҷагиҳои ёрирасон ва хусусӣ, нафақа, кӯмакпулӣ ва идрорпулӣ ё стипендияҳо, дивидендҳо ва даромадҳо аз фурӯши саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматнок ва асъори хориҷӣ, даромад аз қарзҳо, даромад аз фурӯши амвол, даромад аз суғурта ва дигар даромадҳои пулӣ фарқ мекардагӣ шуданд. [4, 168].

Самтҳои тағйирёбии ҳиссаи шаклҳои алоҳидаи даромадҳои сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори умумии онҳоро метавон ба таври мушаххас таҳлил намуд, ки он дар ҷадвали 1 ба пуррагӣ оварда шудааст.

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 1 дар солҳои 2016-2020 дар сохтори даромади умумии аҳолӣ тағйироти муайян мушоҳида мешавад. Умуман, даромади умумии аҳолӣ 110,8 банди фоиз афзуда, танҳо камшавии даромади аҳолӣ аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ба миқдори 49,6 банди фоиз мушоҳида мешавад. Аз ҳама бештар, яъне 214,3 банди фоиз нафақа, ёрдампулӣ ва стипедия афзудааст. Дар умум, сохтори даромади миёнаи аҳолӣ ба ҳар як сари аҳолии хонаводаҳо сатҳи пасти зиндагии аҳолиро тасдиқ мекунад. Ба ғайр аз ин, ҳиссаи даромадҳои меҳнатӣ дар даромадҳои умумии аҳолӣ ҳамагӣ 48,1 фоизро ташкил медиҳад, ки ҳавасмандии аҳолиро ба меҳнат паст менамояд. [5, 41].

**Ҷадвали 1. Сохтори даромадҳои умумии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (тибқи таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо – барои як аъзои хонавода дар як моҳ, сомонӣ).**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 с. нисбати 2016 с., бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромади умумӣ | 225,6 | 351,1 | 374,1 | 409,8 | 475,5 | 210,8 |
| Аз ҷумла:<br>- даромади меҳнатӣ | 96,2 | 164,1 | 177,6 | 197,0 | 217,9 | 226,5 |
| - нафақа, ёрдампулӣ, стипедия | 9,8 | 22,0 | 24,9 | 26,7 | 30,8 | 314,3 |
| -даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ | 45,6 | 43,8 | 19,9 | 22,4 | 23,0 | 50,4 |
| - дигар даромадҳои пулӣ | 74,0 | 121,2 | 151,7 | 163,7 | 203,8 | 275,4 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2021. - С. 114.

Ҳарчанд ҳиссаи музди меҳнат дар таркиби даромадҳои пулии сокинон нисбат ба давраи оғози ислоҳоти иқтисодиёти миллӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст, вале то ҳол кифоя нест. Барои иқтисодиёти

Тоҷикистон, ки дар он тақрибан 50,0 % аҳолӣ коргари кироя мебошанд, чунин тамоюли болоравии вазни хоси музди меҳнат аз он шаҳодат медиҳад, ки воқеан, шуғли асосӣ манбаи асосии ҳаётгузаронӣ намебошад. Тамоюли мавҷуда боиси афзоиши заминаи андозбандӣ ва интиқолҳои пулӣ ба фондҳои ғайрибуҷавӣ мегардад. Пастравии ҳиссаи даромадҳо аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ мушоҳида мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки чунин ҳаҷми даромадҳои аҳолӣ дар ҳалли муаммоҳои иқтисодию иҷтимоии табақаҳои гуногуни ҷомеа ёрираслон буда наметавонанд ва зарур аст, ки дар ин самт ниҳодҳои зарурӣ маҷмуи чорабиниҳои мушаххасро таҳия ва амалӣ намоянд. [6, 10].

Тағйиротҳои дар сохтори даромади аҳолӣ дар солҳои охир бавуҷуд омадаистода, асосан, бо афзоиши назарраси вазни хоси даромадҳо аз фаъолияти меҳнатӣ ва соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд, инчунин тамоюли афзоиши ҳиссаи трансфертҳо (интиқол)-и маблағҳои пулӣ мушоҳида мешавад, ки баландшавии мақоми давлатро дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа ва ба самти иҷтимоӣ нигаронда шудани сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос мекунад[11, 212].

Ба даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ инчунин музди меҳнати кормандони аз андоз пинҳоншуда, даромад аз фаъолиятҳои ғайрирасмӣ, инчунин аз манбаъҳои хусусияти ҷиноятидошта ва ғайра низ дохил мешавад. [7, 118].

Дар баробари гуфтаҳои боло, ба фикри мо, барои афзоиш додани ҳиссаи музди меҳнат дар сохтори даромадҳои аҳолӣ омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

1. Рушди механизмҳои бозорӣ дар иқтисодиёт, маъмулан, самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот, аз ҷумла қувваи кориро низ баланд карда, мувофиқан музди меҳнати кормандонро низ афзоиш медиҳад.

2. Ташаккули муносибатҳои нави моликият дар шароити гузаронидани ислоҳот боиси тағйирёбии назаррас дар сохтори шуғли пурсамари аҳолӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, гузариши қувваҳои корӣ ба он соҳаҳое ба амал меояд, ки дар он ҷо соҳибкорон фоидаҳои зиёд ба даст меоранд (масалан, бунёди манзил, соҳаи молиявӣ) ва мувофиқан сатҳи музди меҳнати кормандон баланд мешавад.

Мутаассифона, тағйирёбии назаррас дар даромади сокинон дифференсиатсия (фарқият)-и байни сатҳи даромадҳоро ба вуҷуд меорад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқияти соҳавӣ ва ҳудудии даромади сокинон вуҷуд дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он тамоюли мусбӣ дар музди меҳнати миёнаи моҳонаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо мушоҳида мешавад. Мувофиқи ҳисобу китоби мо, умуман дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он музди меҳнати миёнаи моҳонаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз 33,7 банди фоиз то 71,1 банди фоиз афзоиш ёфтааст. [8, 22].

Дар раванди анҷом додани таҳқиқот мо муайян кардем, ки сатҳи нисбатан баланди даромади сокинон дар он минтақаҳое мушоҳида мешавад, ки ҳоло инфрасохтори бозорӣ, саноат ва барои ташаккули фаъолияти муштараки тиҷоратӣ шароит муҳайё шудааст, Ба чунин минтақаҳо қабл аз ҳама шаҳри Душанбе дохил мешавад, ки дар он сатҳи нисбатан баланди музди меҳнати миёнаи моҳонаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар муқоиса бо сатҳи миёнаи умумиҷумҳуриявӣ мушоҳида мешавад (ниг.: ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Музди миёнаи меҳнати номиналии ҳармоҳа, ки ба кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта шудааст (сомонӣ).**

| /т | Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020с. нисбати 2016 с., бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҷумҳурии Тоҷикистон | 878,9 | 962,2 | 1144,2 | 1233,8 | 1335,5 | 152,0 |
| 2. | ш. Душанбе | 1526,6 | 1619,5 | 1800,5 | 1935,3 | 2040,5 | 133,7 |
| 3. | Вилояти Хатлон | 645,1 | 714,1 | 843,4 | 913,3 | 998,5 | 154,8 |
| 4. | Вилояти Суғд | 696,8 | 774,2 | 1013,0 | 1072,3 | 1182,7 | 169,7 |
| 5. | ВМКБ | 701,5 | 796,2 | 917,0 | 1034,7 | 1200,4 | 171,1 |
| 6. | НТҶ | 832,2 | 901,8 | 968,6 | 1038,2 | 1120,1 | 134,6 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2021. - С. 133.

Таҳлили анҷомдодашудаи таҳқиқот нишон дод, ки дараҷаи пасттарини даромадҳои аҳолӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ хеле зиёд азият кашиданд ва инчунин дар ноҳияҳои вилояти Суғд мушоҳида мешавад. Дар давраи таҳлилӣ суръати бештари афзоиши музди меҳнат дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (71,1 банди фоиз) ва дар вилояти Суғд (69,7 банди фоиз) мушоҳида мешавад. Новобаста аз он, ки дар шаҳри Душанбе музди меҳнати номиналии баландтарин (2040,5 сомонӣ) мавҷуд аст, вале суръати афзоиши он дар соли 2020 назар ба соли 2016 ҳамагӣ 33,7 банди фоизро ташкил додааст, ки назар ба дигар минтақаҳо пасттар аст.

Агар соли 1998 коэффисиенти детсилии тафовут (дифференсиатсия) - даромади 10 фоиз (қисм)-и нисбатан таъминшудаи аҳолӣ назар ба гурӯҳи нисбатан камтаъмин (таъминашон паст) 11,5 борро ташкил дода бошад, пас дар оғози соли 2017 – он тақрибан 16,0 баробар зиёд буд.

Қайд бояд кард, ки маълумотҳои омори расмӣ танҳо гурӯҳи даромадашон миёнаи аҳолиро дар бар гирифта, маълумотҳоро дар бораи гурӯҳҳои камдаромад ва сердаромади аҳолӣ ба эътибор намегиранд. Қабл аз ҳама, ин ба интихоби таҳқиқоти буҷетии даромадҳои аҳолӣ вобаста аст, ки он сокинонро дар заминаи ҳудудӣ ва соҳавӣ дар бар гирифта, пурра гурӯҳҳои камдаромад ва ҳам сердаромади аҳолӣ ва табақаҳои иҷтимоиро дар бар намегирад.

Тарзҳои мавҷудаи таҳқиқи даромадҳои сокинон бо мураккабӣ ва дарки назариявии шаклҳои муҳимтаринии даромадҳо дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ муайян карда мешаванд. [9, 13].

Аз ин рӯ, даромади аҳолиро ҳамчун ташкилаи бонизом (системавӣ)-е таҳқиқ кардан зарур шуда, ки дар он методологияи тарз, таҳлил, усул ва принсипҳои илмии бонизомро дарбаргиранда мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дар айни замон ба мутобиқати шаклҳои даромадҳо ва моликият; муносибатҳои мавҷуда дар соҳаи таълимот, инчунин танзими воситаҳои пулӣ ва пардохтҳои нақдӣ дар шароити сатҳҳои гуногуни идоракунӣ; мушкилоти мавҷуда нисбати ягонагии муносибатҳои дохили система (низом), тақсимот ва азнавтақсимкунии даромадҳои аҳолӣ; муносибатҳои байни бузургии даромадҳо ва сатҳи некӯаҳволии аҳолиро барои таҳияи тавсияҳо оид ба рушд ва такмили назарияи даромадҳо ва истифодаи онҳо дар шароити муосири рушди хоҷагии халқ бояд диққати зарурӣ дода шавад.

Дар навбати худ таҳлили музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии кормандони корхонаю ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ фарқият байни музди меҳнати кормандони кироя хеле назаррас аст (ниг.: ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (сомонӣ).**

| № р/т | Нишондиҳан-даҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020с. нисбати 2016 с., бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ | 878,9 | 962,2 | 1144,2 | 1233,8 | 1335,5 | 152,0 |
| 2. | Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 278,2 | 303,0 | 451,5 | 492,1 | 544,4 | 195,7 |
| 3. | Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо | 1900,6 | 1988,9 | 2374,5 | 2422,0 | 2597,5 | 136,7 |
| 4. | Саноати коркард | 962,8 | 1139,3 | 1273,9 | 1460,0 | 1580,3 | 164,1 |
| 5. | Нерӯи барқ, газ ва таъминоти об | 1306,6 | 1378,9 | 1617,3 | 1676,5 | 2034,1 | 155,7 |
| 6. | Сохтмон | 2017,2 | 2170,0 | 2022,3 | 2325,4 | 2435,1 | 120,7 |
| 7 | Нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа | 1871,4 | 2096,9 | 2183,7 | 2337,0 | 1961,0 | 104,8 |
| 8 | Фаъолияти молиявӣ | 2320,6 | 2283,3 | 2892,8 | 3203,9 | 3333,1 | 143,6 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 9 | Мақомоти давлатӣ ва мудофиа; суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ | 926,7 | 996,8 | 1018,4 | 1061,7 | 1092,8 | 117,9 |
| 10 | Маориф | 710,7 | 773,9 | 892,0 | 938,5 | 1058,6 | 149,0 |
| 11 | Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 678,0 | 735,2 | 800,7 | 831,1 | 900,0 | 132,7 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикстон. – Душанбе: 2021. – С. 124-127.

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 3 гувоҳи онанд, ки музди миёнаи меҳнати номиналии баландтаринро кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки ба фаъолияти молиявӣ (3333,1 сомонӣ) ва дар саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо (2597,5 сомонӣ) фаъолият доранд, ба даст меоранд. Маоши камтарин бошад ба кормандони соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ (544,4 сомонӣ), тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ (900, сомонӣ) пардохт карда мешавад, ҳарчанд, ки суръати балантарини афзоиши музди меҳнат дар давраи таҳлилӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ (95,7 банди фоиз) рост меояд. Бинобар ин, зарур аст, ки дар доираи амалисозии консепсияву стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба ин масъала диққати махсус дода шавад. [10, 190].

Умуман, таҳқиқи моҳият ва таркиби даромадҳои аҳолӣ барои баровардани хулосаҳои зерин имкон медиҳад:

– даромадҳои аҳолӣ вазъи муносибатҳои иқтисодии байни давлат, субъектҳои хоҷагидор ва аҳолиро ҷиҳати ба даст овардан, тақсим намудан ва аз нав тақсим кардани қисми муайяни арзиши ба вуҷудовардашуда ва истифодаи онҳоро ифода мекунад;

– сохтори даромади аҳолӣ аз даромадҳои пулӣ, истифодаи хидматрасониҳои ройгон ва ғ., ки ҳамчун пасандози хеш истеъмол карда ва истифода бурда мешавад, иборат мебошад;

– дар асоси тарзи бонизом (системавӣ) таҳқиқи даромадҳои аҳолӣ гузаронида шуд, ки он имкон дод консепсияи таҳлил, принсипҳо ва усулҳои илмии асоси методологии омӯзиши даромадҳои аҳолиро дар шароити муосир ташкилкунанда таҳия карда шаванд.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки ҳангоми интихоби мавқеи асосноккардашудаи методологӣ таҳия кардан ва татбиқ намуданиислоҳоти бозорӣ дар соҳаи сиёсати давлатии иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсати даромадҳо ва музди меҳнат, ки боиси баланд шудани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дар саросари кишвар, вилоятҳо ва ноҳияҳои мегардад, зарур аст.

Ҳамин тариқ, барои таҳияи тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии сокинон гузаронидани мониторинги муаммоҳои иҷтимоии ҷомеаро дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мувофиқи мақсад мешуморем. Аз ин рӯ, мо ба баррасии масъалаи мазкур мегузарем.

**Адабиёт**:


1. Нуралиев А. Система показателей уровня жизни населения. // Мат. Межд. научно-практ. конф. «Достойные условия трудовой жизни как основа развития общества». – Воронеж: 2010.
2. Нуралиев А.Н., Саидов С. некоторые показатели динамики уровня жизни населения / Мат. научно-практ. конф. «Трансформация экономики Таджикистана: состояние, проблемы и перспективы». – Душанбе: Ирфон, 2011.
3. Кадыров Д.Б. Управление изменениями и изменения в управлении в условиях рынка. Д.Б. Кадыров // Вестник ТГНУ, выпуск 1(45), 2008.- С.33-42.
4. Кадыров Д.Б., Ашмаров И.А., Комилов С.Дж. Экономика рынка труда. – Душанбе: Илм, 2010.-172с.
5. Кадыров Д.Б., Раджабов Х.Х. Содержание и факторы роста благосостояния населения Вестник ТНУ-№2-1 (103)-2013-С.41-46.
6. Комилов С.Дж. Теоретические основы формирования и развития механизмов регулирования национального рынка труда // Вестник Таджикского национального университета. № 2 (155). – 2014. - С. 8-14.
7. Комилов С.Дж., Файзуллоев М.К. Основы развития инновационной деятельности предприятий./С.Дж. Комилов, М.К. Файзуллоев - Душанбе: «Ирфон», 2004.- 118с.
8. Шамсов И.С., Раджабов Х.Х. Занятость населения как фактор повышения уровня благосостояния Вестник ТНУ-№2-1 (157)-2015-С.22-27.

9. Юсупов Ш.Н. Обеспечение конкурентоспособности рабочей силы на целевом рынке труда: методологические аспекты //Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: 2017. - № 1. - С.13-18.

10. Юсупов Ш.Н. Анализ состояния конкурентоспособности рабочей силы на рынке труда Республики Таджикистан//Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: 2016. - № 2/10 (219). - С.190-196.

11. Ибрагимов Х.А., Одинаев М.А. Особенности государственного регулирования формирования и распределения доходов населения/ Ибрагимов Х.А., Одинаев М.А // Проблемы перехода к системе национальных счетов и совершенствование методологии расчета статистических показателей. Материалы республиканской научно-практической конфренции ( г.Душанбе, 10 апреля 2019г.). ст. 209-215

## МОҲИЯТИ ДАРОМАДҲОИ ПУЛӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲ ВА СИФАТИ ҲАЁТИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Аннотатсия:** Дар мақола муаммоҳои даромади аҳолӣ ва низоми нишондиҳандаҳои ичтимоӣ, инчунин сатҳи сифати ҳаёти аҳолӣ дида баромада шудааст. Инчунин таъмини даромаднокии аҳолӣ аз ҳисоби музди меҳнат, нафақаи ичтимоӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, даромаднокии аҳолӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ баррасӣ гардидааст. Дар мақола пардохтҳои ичтимоӣ, яъне дататсияи давлатӣ, пардохтҳои транфертӣ, ҷубронпулиҳо дида баромада шудаанд. Муаллиф дар мақола муаммоҳои даромадҳои пулии аҳолиро аз ҳисоби фаъолияти меҳнатӣ дар ташкилотҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши хусусӣ дар шакли ҷадвалҳо ва маълумотҳои оморӣ таҳлил кардааст. Аҳаммияти даромадҳо дар баланд бардоштани некӯаҳволии ҷомеа аз он иборат аст, ки онҳо дар ихтиёри аҳолӣ қарор гирифта, шакли амволӣ доранд, тавассути талаботи пардохтпазир ба раванди истеҳсолӣ таъсир мерасонанд, рушди онро ангезиш медиҳанд, сатҳи некӯаҳволии ба дастовардашуда, қонеъ гардонидани эҳтиёҷот, инчунин тағйироти дар ҳаёт ва суботи иҷтимоии ҷомеа ба вуҷудомадаро тавсиф додааст. Даромади пулии аҳолӣ ҳамчун манбаи сарвати миллии бахши хонаводаҳо ва аҳолӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: даромади аҳолӣ, кафолати иҷтимоӣ, меҳнат, музди меҳнат, бекорӣ, сарват, сатҳу сифати зиндагӣ, шуғли аҳолӣ, кумакпулиҳои давлатӣ, пардохтҳои трансфеертӣ, дататсияи давлатӣ.

## РОЛЬ ДЕНЕЖНЫХ ДОХОДОВ В ПОВЫШЕНИИ УРОВНЯ И КАЧЕСТВА ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Аннотация:** В статье исследуются проблемы доходов и системы социальных показателей, а также качества жизни населения. Также учитывается обеспечение доходов населения за счет заработной платы, социальных пенсий, предпринимательской деятельности, доходов населения за счет частного сектора. В статье рассматриваются социальные выплаты: государственные субсидии, трансфертные выплаты и компенсации. В статье автор анализирует проблему доходов населения за счет занятости в организациях и предпринимательской деятельности в частном секторе в виде таблиц и статистики. Важность доходов в повышении благосостояния общества заключается в том, что они находятся в распоряжении населения, имеют форму собственности, через требования ликвидности влияют на производственный процесс, стимулируют его развитие, достигаемый уровень благосостояния , удовлетворение потребностей, а также изменения в описании жизни и социальной стабильности зарождающегося общества. Автор рассматривает денежные доходы населения как источник национального богатства домохозяйства и сектора населения.

**Ключевые слова:** доход, социальное обеспечение, труд, заработная плата, безработица, благосостояние, уровень жизни, занятость, государственные пособия, трансфертные выплаты, государственные субсидии.

## THE ROLE OF CASH INCOME IN INCREASING THE STANDARD AND QUALITY OF LIFE OF THE POPULATION IN A MARKET ECONOMY

**Annotation:** The article examines the problems of income and the system of social indicators, as well as the quality of life of the population. It also takes into account the provision of income of the population

through wages, social pensions, entrepreneurial activity, income of the population through the private sector. The article deals with social payments: government subsidies, transfer payments and compensations. In the article, the author analyzes the problem of incomes of the population due to employment in organizations and entrepreneurial activity in the private sector in the form of tables and statistics. The importance of income in improving the welfare of society lies in the fact that they are at the disposal of the population, have the form of ownership, through liquidity requirements they affect the production process, stimulate its development, the level of well-being achieved, satisfaction of needs, as well as changes in the description of life and social stability of the emerging society. The author considers monetary incomes of the population as a source of national wealth of the household and the sector of the population.

**Key words:** income, social security, labor, wages, unemployment, welfare, standard of living, employment, government benefits, transfer payments, government subsidies.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Раҷабов Ҳилолиддин Ҳамроҳқулович** – муаллими калони кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. телефон: +992 918868881

**Сведения об автор:** Раджабов Хилолиддин Хамрокулович – старщый преподователь кафедры информационные системы в экономике ТНУ. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Тел: +992 918868881.

**Information about the author:** Radjabov Khiloliddin Hamrokulovich - assistant of the Department of Information Systems in Economics of TNU. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel: +992 918868881.

## НАПРАВЛЕНИЯ УЛУЧШЕНИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПОТЕНЦИАЛА ПЕРСОНАЛА ПРЕДПРИЯТИЯ

*Рахимов У.Дж., Таджикский технический университет имени акад. М.С. Осими*

На работодателей возлагается обязанность в проведении широкого круга мероприятий по обеспечению занятости населения. Среди этих обязанностей немаловажное значение придается разработке и реализации мероприятий, предусматривающих сохранение и рациональное использование профессионального потенциала работников, их социальную защиту, улучшение условий труда и иные льготы. Речь, таким образом, идет о необходимости проведения работодателем определенной кадровой политики, направленной на развитие персонала организации.

Отметим, что развитие персонала - едва ли не основное условие, соблюдение которого обеспечивает конкурентоспособность организации. В этом смысле сам работодатель заинтересован в постоянном совершенствовании профессиональных и иных способностей своих работников. Под термином "персонал" понимается коллектив работников, осуществляющих производственную или, в зависимости от профиля организации, иную деятельность. Все эти работники находятся с организацией-работодателем в трудовых отношениях - работают в ней в соответствии с трудовыми договорами. Независимо от организационно-правовой формы организации на них всех распространяется трудовое законодательство Таджикистана.

Состав персонала неоднороден. Он состоит из различных групп работников, различающихся по своему функциональному назначению в процессе деятельности, направленной на создание конечного продукта организации - каких-либо материальных благ и услуг.

Деятельность всех этих работников, а их может быть несколько тысяч, необходимо скоординировать и направить на достижение определенных производственных и экономических показателей, чтобы их совместная деятельность приносила организации весомый коммерческий результат.

Обеспечить достижение такой цели возможно, если организация организует управление своими кадрами таким образом, чтобы жизненные интересы всех или по крайней мере основной массы работников совпадали с интересами организации. А раз так, то она должна найти возможность определенным образом влиять на каждого отдельно взятого работника: именно с каждым отдельным работником она заключает индивидуальный трудовой договор при его поступлении на работу. Этот договор определяет отношения между организацией и работником как

трудовые. Иной сферы взаимоотношений между работниками и организацией по поводу его труда попросту нет.

Трудовые отношения каждого работника с работодателем индивидуализированы: они регламентируются, в первую очередь, трудовым договором. Когда же речь идет о таких документах, как, например, коллективный договор, правила внутреннего трудового распорядка, положение об охране труда работников и т.п., то эти локальные нормативные акты, адресованные всем или определенным группам работников, все же в конечном счете адресованы каждому отдельному работнику.

Например, каждый работник обязан соблюдать определенные дисциплинарные правила, касающиеся всех членов организации. Он персонально несет ответственность за их нарушение.




Рисунок - Модель характеристики работы

Таким образом, работник персонально реализует свои трудовые права на основе общепринятых в организации правил - ее локальных нормативных актов. Эти локальные акты разрабатываются на базе соответствующих законодательных актов. На основе законодательных и принятых в соответствии с ними локальных нормативных актов работник реализует определенные права и несет соответствующие обязанности.

Для достижения высоких конечных результатов в деятельности организации, повышения ее конкурентоспособности администрации нужна постоянная массовая поддержка работников. Мы остановимся на вопросах разработки и реализации кадровой политики организации: она имеет прямое отношение к каждому работнику, затрагивает интересы всего персонала.

В то же время кадровая политика работодателя отражает его цели, интересы, намерения в использовании рабочей силы:

- отбор, наем, трудоустройство рабочей силы;
- подготовка работников, их адаптация на рабочих местах;
- формы и стандарты оплаты труда;
- условий труда и услуги, предоставляемые работникам;
- формальные и неформальные связи в организации, переговоры о заработной плате и других условиях труда.

**Список использованной литературы**

1. Денисова С.О. Экономика организаций (предприятий) [Текст]: учеб. пособие / С.О. Денисова, Б.С. Вольдер. – М.: [МБИ], 2006.
2. Елизаров Ю.Ф. Экономика организаций (предприятий) [Текст]: учебник / Ю.Ф. Елизаров. – М.: Экзамен, 2008
3. Зайцев Н.Л. Экономика, фирма и управление предприятием [Текст]: учеб. пособие. – М.: ИНФРА-М, 2007.

## РОҲҲОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ИСТИФОДАБАРИИ ИҚТИДОРИ КАДРИ КОРХОНАҲО

**Аннотатсия:** Мақсади ниҳоии сиёсати кадрӣ истифодаи самараноки қувваи корӣ мебошад, ки ба ташкилот имкон медиҳад дар бозор бомуваффақият фаъолият кунад.

Вазифаи асосии корхона тарбия намудани кадрхо, фарохам овардани шароити мусоидтарин барои пурра ошкор намудани кобилияту кобилияти аъзоёни он мебошад. Чунон ки амалияи чахонӣ нишон медихад, агар хар як коркун хукукхои муайяни социалӣ дошта бошад, ин вазифа ба халли наздик шуданаш мумкин аст.

Калидвожаҳо: кадрҳо, мақомот, кормандон, меҳнат, сиёсати кадрии корхонаҳо

## НАПРАВЛЕНИЯ УЛУЧШЕНИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПОТЕНЦИАЛА ПЕРСОНАЛА ПРЕДПРИЯТИЯ

**Аннотация:** Конечная цель кадровой политики - эффективное использование рабочей силы, позволяющее организации успешно функционировать на рынке.

Основной задачей предприятия является развитие персонала, создание наиболее благоприятных условий для полного раскрытия способностей и возможностей его членов. Как свидетельствует мировая практика, эта задача может быть близка к решению, если каждый работник будет обладать определенными социальными правами.

**Ключевые слова:** персонала, власти, работников, трудовых, предприятия кадровой политики

## DIRECTIONS FOR IMPROVING THE USE OF THE POTENTIAL OF THE STAFF OF THE ENTERPRISE

**Annotation:** The ultimate goal of personnel policy is the efficient use of the workforce, which allows the organization to successfully operate in the market.

The main task of the enterprise is the development of personnel, the creation of the most favorable conditions for the full disclosure of the abilities and capabilities of its members. As world practice shows, this task can be close to being solved if each employee has certain social rights.

**Keywords:** personnel, authorities, employees, labor, personnel policy enterprises

## ФОРМИРОВАНИЯ МИКРОКЛАСТЕРОВ КАК ИНСТРУМЕНТ СТИМУЛИРОВАНИЯ РАЗВИТИЯ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА РЕГИОНА

Вступление Республика Таджикистан на пути модернизации экономической и общественной экономики обострило вопрос обеспечения инновационного роста в масштабах страны, а также в каждом регионе. Его решение приобретает особый интерес для аграрных и промышленных регионов, которые имеют значительные трудности в создании эффективных экономик. Они обусловлены не только экономическими и социальными причинами, но еще и недостатком комплексных подходов, которые учитывают специфику, направление развития такого типа регионов [4].

Особое значение в этих условиях приобретает ориентация на создание новой качественной экономики, которая прямо связана с ростом инноваций, инвестиций, инновационной деятельности во всех отраслях и отрасли аграрного сектора. Такая направленность ее развития в первую очередь относится к индустрии, в которой наиболее широкое и связанное необходимо использование новых и инновационных технологий.

Сейчас для Таджикистана вопрос перехода экономики и регионов страны к инновационному пути развития своевременен. При этом важнейшим аспектом развития инновационных экономик регионального уровня является разработка кластерного моделирования их развития в кластерном режиме.

В современных экономических литературах кластер является промышленным комплексом, сформированным на базе территориальных концентраций сетей специализирующихся

поставщиков, главных производителей, потребителей, относящихся к технологической цепочке, и представляет собой альтернативу отраслевым подходам [1].

В рамках проведения постоянных реформ на рынке, обеспечение устойчивого развития сельского хозяйства и создание условия для эффективного функционирования являются одной из ключевых стратегических задач государственной инновационной политики. Сельские районы сегодня обладают такими особенностями, как низкие доходы местного бюджета, недостаток экономических ресурсов, плохая инфраструктура и так далее. Эффективным инструментом для того, чтобы решить эти проблемы, является применение кластера, основанного на формирование микрокластера.

Основная экономическая деятельность сельского хозяйства в современном Таджикистане - сельское производство, а около половины произведенных в стране сельского хозяйства принадлежит личному подсобному хозяйству и фермерскому хозяйству. Особенность функционирования таких форм контроля заключается в ограниченной возможности эффективного осуществления своей деятельности. Недостаток капитала в инвестиции в продукцию, невозможность выхода на крупный рынок производства, нехватка услуг по предоставлению ветеринарной и зоотехнической помощи и других факторов требует включения малых предприятий в создание новых, эффективных организационных форм предпринимательства. Одной из подобных форм может стать создание микрокредитов в деревне.

Микрокластер сельского хозяйства является объединением ассоциаций субъектов, пространственно концентрированных в одном поселении или ряде близких сельской местности и сельского хозяйства, в том числе сельскохозяйственных предприятий, личных подобных хозяйств и сельского хозяйства, местных органов власти, научных учреждений. Все элементы микрокластера взаимодействуют в целях организации эффективного производственного и реализационного производства сельскохозяйственных продуктов от поля до потребительского стола посредством полученного синергетического эффекта для увеличения конкурентного преимущества как отдельных участников и микрокластера в целом» [2].

В агропромышленном микрокластере представлена целостная система пространственно концентрированных субъектов в поселении, в том числе хозяйств населения, сельскохозяйственных организаций, крестьянских фермерских хозяйств, связанных с ним муниципалитетов, элементов инфраструктуры, объединяющих друг друга, взаимодействующих с целью изготовления и дистрибуции сельскохозяйственных продуктов, улучшения эффективности, укрепления конкурентных преимуществ как отдельных участников и других участников.

Основной функцией микрокластера агропромышленного комплекса является комплексность, в которую входят организационно-инновационные элементы. Функция кластерной формы кооперации между населением и его партнерами уменьшает транзакционные затраты и обеспечивает эффект благодаря плодотворному сотрудничеству участников, инновационному характеру использования используемых технологии и методик организации.

Нами предложена модель агропромышленного кластера, организованного на сельской территории (рис. 1). Ученые считают, что центр микрокластера – это перерабатывающие АПК, поскольку они выпускают конечные продукты и производят их качественно, а сам процесс требует использования ресурсов всего сектора экономики. [3].

Мы предлагаем модель агропромышленных кластеров, на территории сельского региона.




Рисунок 1 – **Модель агропромышленного микрокластера**

Микрокластер состоит из следующих элементов:

- промышленный сектор, в рамках которого взаимодействуют сельское хозяйство, личный подсобный хозяйство, дехканские(фермерские) хозяйства и перерабатывающие хозяйства. Ключевой роль в микрокластерном секторе играют перерабатывающие предприятия, которые выполняют функции закупки сельскохозяйственных продуктов местных производителей для производства продукции с более высокими добавленными ценами;

-развитие переработки позволит увеличить спрос на сельхозпродукцию, что позволит увеличить объем производства сырья и малым предприятиям, и сельскохозяйственным организациям;

- административная сфера, состоящая из координационных центров микрокластера, местных властей.

Функции данного сектора - разработка стратегии микроклимата, планы оптимизации деятельности промышленного сектора, продвижение продукции на основном рынке, взаимодействие с микрокластерскими структурами.

К координационному центру должны быть включены руководители сельского хозяйства, дехканские (фермерские) хозяйства, перерабатывающие предприятия и лица, представляющие интересы людей, работающих в личном подсобном хозяйстве. В результате будут учитываться все интересы участников микрокластера.

Для того чтобы обеспечить жизнеспособность микрокластера, выделено следующее:

- государственные органы власти – для успешного функционирования микрокластера агропромышленного комплекса необходимо активно сотрудничать с региональными властями, регулируя и стимулируя деятельность АПК, средствами нормативных правовых актов, субсидий и иных видов финансовых поддержек;

-научные и научно-исследовательские институты, сотрудничество с которыми позволит предприятиям микрокластера обеспечить инновационные разработки, которые позволят снизить затраты на производство, переработку сельхозпродукции, повысить производительность труда.

-«Кадры» - основное условие функционирования агропромышленного комплекса - высокий уровень обеспечения трудовых ресурсов. Для этой цели необходимо активно сотрудничать с образовательными учреждениями, которые подготовляют специалистов по сельскохозяйственному и иному профилю;

- обслуживание – предприятия, обеспечивающие материально-техническую поддержку, включая поставку семян, а также удобрений субъектам микрокласстера;

- «Инфраструктура» – комплекс организаций для обеспечения функционирования микрокластера. Банковская система нужна для кредита субъектов микрокластера.

Маркетинговые организации, консалтинговые и логистические учреждения помогают продвижению изделий, изготовленных субъектами микрокластера.

Поэтому микрокластеры агропромышленного комплекса смогут устойчиво развивать сельские районы и демонстрировать свою сильную конкурентную позицию на рынок. Для перерабатывающих предприятий необходимо создать микрокластеры, способные обеспечить стабильное потребление сельскохозяйственной продукции.

Хусусияти муҳимтарини маблағгузории лоиҳавӣ дар он ифода меёбад, ки барои татбиқи лоиҳаи мушаххас ташкилоти лоиҳавии махсус (SPV – special purpose vehicle ё SPE - special purpose entity) таъсис дода мешавад. Чун қоида SPV ё SPE барои анҷом додани аҳд таъсис дода мешаванд ва ба сифати қарзгир баромад мекунанд, ҳуқуқҳои муайяни моликият ё ӯҳдадориҳоро ба даст меоранд. Онҳо аз ҷониби ташаббускори лоиҳа (бенефисиар) таъсис дода шуда, чунин масъалаҳоро ҳал мекунанд [11, с. 26]:

- манбаъҳо (на танҳо пулӣ)-ро барои татбиқи лоиҳа ҷалб мекунанд;
- татбиқи лоиҳаро ба ҷо меоранд;
- бо қарздиҳандагон ва сармоягузорон аз ҳисоби воситаҳои (ҷараёни пулии) тавлиднамудаи худи лоиҳа ҳисобӣ мекунанд.

Хусусияти дуюми маблағгузории лоиҳавӣ дар воқеан набудани дороиҳо барои таъмини бозпасгардонии воситаҳои қарзии гирифтаи қарзгир дар марҳилаи аввалии давраи сармоягузории лоиҳа ифода меёбад. Таъмини бозпасгардонии қарз, ки SPV ҷалб мекунад, ҷараёни пулие мебошад, ки худи лоиҳа пас аз анҷоми худ тавлид мекунад. Бо мурури азхуд намудани маблағҳо дар марҳилаи сармоягузории лоиҳа дороиҳои бунёдшаванда (бадастовардашаванда) метавонанд ба сифати таъмини гарав ба расмият дароварда шаванд. Маҳз мавҷудияти ана ҳамин хусусият водор менамояд, ки маблағгузории лоиҳавӣ ба шаклҳои нисбатан хавфноки маблағгузории лоиҳаҳо мансуб дониста шавад.

Хусусияти дигари маблағгузории лоиҳавӣ – аз ҷониби таъминкунандаи манбаъҳои маблағгузорӣ барои лоиҳа истифода бурдани олоти молиявии гуногун (қоғазҳои қиматноки саҳмӣ, қарзӣ, ҳосилавӣ) ва намудҳои мухталифи шартномаҳо мебошад.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти хусусиятҳои зикргардида чунин таърифи маблағгузории лоиҳавиро мақбул мешуморем: шакли маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки бо истифодаи олоти молиявии гуногун аз ҷониби ташкилоти лоиҳавии махсус (SPV)-и барои татбиқи лоиҳа таъсисдодашуда ба ҷо оварда мешавад ва ҷараёнҳои пулии ояндаи тавлиднамудаи худи лоиҳа таъмини асосии бозпасгардонии маблағҳои қарз ва манбаи пардохт намудани даромадҳо ба сармоягузорон маҳсуб меёбанд.

Барои механизми маблағгузории лоиҳавии муосир мавҷуд будани чунин шароит муҳим аст:

- истифодаи шумораи зиёди олоти молиявӣ ва ғайримолиявии гуногун;
- пойгоҳи ҳуқуқии гуногуни барасмиятдарории аҳдҳо (шартномаҳо ва қарордодҳо);
- гузаронидани озмунҳо ва тендерҳо, ки барои ташкилоти лоиҳавӣ хароҷоти муҳимро ҷиҳати коркард ва дастгирии ҳуқуқии лоиҳа ба миён меоранд. Ҷой доштани хароҷоти иловагӣ доираи лоиҳаҳои сармоягузориро, ки барои татбиқи онҳо истифодаи маблағгузории лоиҳавӣ мақбул аст, маҳдуд менамояд;
- лоиҳаҳои дорои сатҳи баланди маблағталабӣ, таркиби мураккаб ва муҳлати тӯлонии татбиқ.

Барои доираи истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ метавон лоиҳаҳои сармоягузории давлатиро ҷалб намуд, ки шумораи онҳо дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас аст.

Аксари лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, барномаҳои миллӣ, ҳамчунин лоиҳаҳои сохтмон, азнавсозӣ ва таҷдиди объектҳои истеҳсолии корхонаҳои бахши хусусии иқтисодиёти миллиро метавон бо истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ татбиқ намуд.

Ҳамин тавр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 октябри соли 2021 ба миқдори 74 адад лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 3,5 млрд. доллари ИМА, аз ҷумла 1,97 млрд. доллар (55,4%) - маблағҳои грантӣ, 1,46 млрд. доллар (41,0%) - маблағҳои қарзӣ ва 128,4 млн. доллар (3,6%) - саҳми ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (ҲҶТ ва ТМБ ТМБ) мавриди татбиқ қарор доранд (диаграммаи 1).




Диаграммаи 1. Сохтори маблағгузориҳои лоиҳаҳои сармоягузориҳои давлатӣ
Сарчашма: Маълумоти Кумитаи далатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (https://investcom.tj/)

Дар давоми моҳҳои январ - сентябри соли 2021 аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ (бо қурби асъори буҷетӣ: 1 доллари ИМА = 11,0 сомонӣ) ба маблағи 321,8,4 млн. сомонӣ аз худ карда шудааст, ки ин ба 109,4%-и нақшаи тасдиқшудаи нуҳмоҳаи буҷети лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои соли 2021 баробар аст. Азхудкунии маблағҳои қарзӣ ба маблағи 1373,0 млн. сомонӣ (84,1%) ва грантӣ 1845,4 млн. сомонӣ (141,2%)-и нақшаи нуҳмоҳа таъмин гардидааст.

Маълумоти дар диаграммаи 1 овардашуда тасдиқ менамоянд, ки шароит барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ бо истифода аз имкониятҳои механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд мебошад. Дар ин маврид субъектҳои иқтисодии аз ҷониби давлат таъсисдодашуда дар баробари субъектҳои бахши хусусӣ, метавонанд ба сифати иштирокчиёни раванди маблағгузориҳои лоиҳавӣ, аз ҷумла чун ташкилотҳои лоиҳавии махсус (SPV ё SPE) баромад намоянд.

## АДАБИЁТ:

1. Абдуллоева Н.М. Особенности финансирования проектов в транспортных предприятиях / Н.М. Абдуллоева, Р.К. Раджабов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. - № 1-4-2 (57). – С. 143-147

2. Афанасьева О.Н. Состояние рынка проектного финансирования и факторы, сдерживающие его развитие / О.Н. Афанасьева // Деньги и кредит. - 2014. - №2. -С. 34-36

3. Донецкова О.Ю. Состояние инвестиционного кредита как основы развития реального сектора экономики в России / О.Ю. Донецкова // Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2021. - № 1. – С. 10-21

4. Йескомб Э.Р. Принципы проектного финансирования / Э.Р. Йескомб. - М.: Альпина Паблишер, 2015. - 407 с.

5. Казанский А.В. Риски проектного финансирования и методы их преодоления в российских проектах / А.В. Казанский // Проблемы современной экономики. - 2015. - № 1 (53). - С. 139–143

6. Крупнова Ю.С. О природе банковского инвестиционного кредита / Ю.С. Крупнова // банковские услуги. – 2007. - № 4. – С. 2-20

7. Курбонов А.А. Источники и методы финансирования инвестиционных проектов на рынке транспортных услуг / А.А. Курбонов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. - № 1-4-1 (80). – С. 170—175

8. Никонова И.А. Проблемы развития проектного финансирования в России / И.А. Никонова // Имущественные отношения в Российской Федерации. – 2014. - № 12 (159). – С. 93-99

9. Переверзева В.В., Юрьева Т.В. Проектное финансирование в системе проектного управления / В.В. Переверзева, Т.В. Юрьева // ЭТАП: экономическая теория, анализ, практика. - 2017. - № 5. - С. 36–45

10. Смирнов А.Л., Родионов И.И. Проектное финансирование: за и против / А.Л. Смирнов, И.И. Родионов // Банковское кредитование. - 2015. - № 6 (64). - С. 36–40

11. Федотова М.А., Никонова И.А. Перспективы развития проектного финансирования в Россиии / М.А. Федотова, И.А. Никонова // Финансы и кредит. – 2012. - № 28 (508). – С. 24-29

12. Холназаров М.Б. Ҷалби маблағгузориҳо ба рушди соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Б. Холназаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2021. - № 1-3 (89). – С. 221-224

13. Хушвахтзода Қ.Х. Принсип ва методҳои хавфу хатарҳои сармоягузории корхонаҳои саноатӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Г.Х. Зувайдуллоева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2021. - № 1-1 (83). – С. 174-178

14. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳлили истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар комплексҳои энергетикии Тоҷикистон / Қ.Х. Хушвахтзода, Б.А. Набиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 1. – С. 5-12

15. Esty B.C. The economic motivations for using project finance / B.C. Esty. 2003. URL: http://www.people. hbs. edu/besty/Esty Foreign Banks 3-9-03.pdf

16. Finnerty J.D. Project financing: asset-based financial engineering / J. D. Finnerty. - Hoboken, New Jersey: Wiley & Sons, Inc., 2007 – 496 p.

17. Gatti S. Project Finance in Theory and Practice / S. Gatti. - L.: Academic Press, 2018 - 634 p.

18. Nevitt P., Fabozzi F. Project Financing / P. Nevitt, F. Fabozzi / 7-th Edition. - London: Euromoney, 2000. - 357 p.

## ШАРОИТИ ТАТБИҚИ МЕХАНИЗМИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба таҳқиқ ва баҳодиҳии шароит ва заминаҳо барои татбиқ намудани механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар равандҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ, таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ ва бо баназардошти имкониятҳои дар мамлакат мавҷудбуда истифодаи тарзи маблағгузории лоиҳавӣ барои лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, барномаҳои миллӣ ва лоиҳаҳои бахши хусусӣ тавсия дода мешавад.

**Калидвожаҳо:** ҳадафҳои стратегӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, маблағгузории лоиҳавӣ, хавфҳои сармоягузорӣ, қарзи сармоягузорӣ, лоиҳаи сармоягузории дарозмуҳлат.

## УСЛОВИЯ РЕАЛИЗАЦИИ МЕХАНИЗМА ПРОЕКТНОГО ФИНАНСИРОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена исследованию и оценке условий и предпосылок для реализации механизма проектного финансирования в процессах финансирования инвестиционных проектов в Республике Таджикистан. На основе изучения научной литературы, анализа международного опыта и учета существующих в стране возможностей рекомендуется использование способа проектного финансирования для государственных инвестиционных проектов, национальных программ и проектов частного сектора.

**Ключевые слова:** стратегические цели, инвестиционная деятельность, проектное финансирование, инвестиционные риски, инвестиционный кредит, долгосрочный инвестиционный проект.

## CONDITIONS FOR THE IMPLEMENTATION OF THE MECHANISM OF PROJECT FINANCING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article is devoted to the study and assessment of the conditions and prerequisites for the implementation of the project financing mechanism in the processes of financing investment projects in the Republic of Tajikistan. Based on the study of scientific literature, analysis of international experience and taking into account the existing opportunities in the country, it is recommended to use the method of project financing for public investment projects, national programs and private sector projects.

**Key words:** strategic goals, investment activity, project financing, investment risks, investment loan, long-term investment project.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Рустам Абдуқаюм Рустам** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти PhD кафедари идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **arustam0101@gmail.com.** Тел.: **+992 887-78-07-80**

**Сведения об авторе: Рустам Абдукаюм Рустам** – Таджикский национальный университет, докторант PhD кафедры управления государственными финансами. **Адрес:** Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **arustam0101@gmail.com.** Тел.: **+992 887-78-07-80**

**Information about the author: Rustam Abduqayum Rustam** - Tajik National University, PhD candidate at the Department of Public Finance Management. **Address:** Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **arustam0101@gmail.com.** Тел.: **+992 887-78-07-80**

## АФЗАЛИЯТҲОИ АСОСӢ ДАР СОҲАИ САНОАТИ САБУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТ ВА АМАЛҲО БАРОИ НОИЛ ШУДАН БА АФЗАЛИЯТҲО

*Розиев Д.А. - ассистенти кафедраи молияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Афзалиятнокии саноати сабук бо дастрас будани ашёи хоми ватанӣ, ҳамчунин мавҷуд будани бозори меҳнат, ки ба ташкили шумораи зиёди ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад ва қобилияту имконияти васеи бо маҳсулоти тайёр таъмин намудани аҳолиро дорад, асоснок шудааст.

Бо мақсади омӯзиш ва коркарди тавсияҳо оид ба беҳтар намудани шарту шароитҳои иқтисодӣ-истеҳссолии соҳаи саноати сабук, равандҳои ҷалби сармоягузорӣ корҳои илмии чунин олимону муҳаққиқони ватанӣ, мисли Бобоев А.А.,[39], Нуруллоев З.Х.,[40], Султонова М.К.,[41], Хайдарзода М.И.,[42] ва дигарон равона карда шуда буданд. Аммо, муаммои рушди иқтисодию иҷтимоии ин соҳаи иқтисодиёт ба пурраги ҳалли худро наёфтааст.

Мутобиқи нишондоди омории соли 2019 шумораи корхонаю коргоҳҳои соҳаи саноати сабук 446 корхонаро ташкил дода, ҳиссаи соҳа дар маҷмуи шумораи корхонаҳои саноатӣ якҷо бо корхонаҳои хурд 20,6 фоизро ташкил додааст.

**Ҷадвали 1. Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноати сабук дар солҳои 2014-2019**

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Солҳои | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Нахи пахта | ҳазор тонна | 105,0 | 97,7 | 88,9 | 112,7 | 98,5 | 102,5 |

[39] Бобоев А.А. Оценка инвестиционной привлекательности сельского хозяйства (на материалах Республики Таджикистан). Автореф. дис.... канд. экон. наук. Душанбе, 2010. 27 с.

[40] Нуруллоев, З.Х. Инвестиционное обеспечение развития хлопкопererrабатывающих предприятий Республики Таджикистан. Дис.... канд. экон. наук. Душанбе, 2004. 178 с.

[41] Султанова, М.К. Становление и развитие инвестиционных процессов в легкой промышленности Республики Таджикистанн. Дис.... канд. экон. наук. Душанбе, 2002. 142 с.

[42] Хайдарзода М.И. Формирование и развитие региональных текстильно-швейных кластеров. Автореф. дис.... канд.экон. наук. Душанбе, 2018. 26 с.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Риштаи пахтагин | ҳазор тонна | 8,7 | 4,8 | 9,1 | 17,2 | 20,7 | 22,4 |
| Матои пахтагин | млн $м^2$ | 18,1 | 8,4 | 2,5 | 3,4 | 7,5 | 12,7 |
| Маҳсулоти дӯзандагӣ | млн сомонӣ | 124,3 | 109,3 | 142,8 | 203,1 | 267,2 | 260,6 |
| Ҷӯробу пайпоқ | ҳазор ҷуфт | 1758,1 | 2648,2 | 2912 | 3872 | 5687 | 4124,5 |
| Кешбофӣ | ҳазор сомонӣ | 28,4 | 44,3 | 487,4 | 950,0 | 1006 | 1054,4 |
| Қолин | ҳазор $м^2$ | 1763,3 | 1189,5 | 1705,2 | 2710,8 | 3056 | 4375,9 |
| Коркарди пӯст | ҳазор дона | 1116 | 783,7 | 389,6 | 433,8 | 458,2 | 534,2 |
| Пойафзол | ҳазор ҷуфт | 419,2 | 480,7 | 499,3 | 797,8 | 798,2 | 877,1 |
| Мебел | млн сомонӣ | 21,1 | 15,4 | 17,4 | 25,9 | 42,9 | 54,3 |
| Пилла | тонна | 1431,6 | 897,3 | 931,3 | 928 | 784,9 | 803,7 |

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Давоми солҳои охир дар соҳа истеҳсоли маҳсулоти нави воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда: халта, пахтаи тиббӣ, риштаи полипропиленӣ, риштаи пахтагини рангкардашуда, либоси варзишӣ ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Ҷиҳати коркарди нахи пахтаи истеҳсолшуда дар кишвар 18 корхонаи ресандагӣ бо иқтидори лоиҳавии коркарди 80 ҳазор тонна нахи пахта дар речаи себаста дар як сол мавҷуд мебошанд. Пурра истифода намудани иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда нахи пахта бо арзиши иловашудаи баланд дар дохили ҷумҳурӣ коркард шуда, қисми зиёди он содирот карда мешавад, ки қобилияти содиротии мамлакатро баланд мебардорад. Дар натиҷаи фароҳам овардани имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар самти коркарди нахи пахта соҳаи мазкур аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ ҷолибияти хоса пайдо намудааст.

Рушди соҳаи коркарди ашёи чорво (пӯст ва пашм) бо дар назар доштани истифода аз манбаъҳои мавҷудаи ашёи хоми маҳаллӣ, дар пайдо намудани арзиши иловашудаи маҳсулоти истеҳсолӣ ва аз ин ҳисоб таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ аҳамияти иқтисодии муҳим дорад. Дар ҷумҳурӣ имконияти коркарди 2 млн пӯсти чорвои хурду калон аз ҷониби 7 корхона вуҷуд дорад. Захираи ашёи хом–пӯсти чорво барои корхонаҳои соҳа дар ҷумҳурӣ мавҷуд буда, коркарди амиқи он бо дар назар доштани манъи содироти пӯсти нимтайёр ба зиёдшавии ҳаҷми маҳсулоти чармин ва пойафзол дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Дар ҶДММ «Чарм» коркарди пӯсти чорво то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ба роҳ монда шуда, инчунин дар назди корхона ташхисгоҳ, мағозаи фирмавӣ ва дигар иншооти ёрирасон ташкил карда шудааст.

Саноати коркарди пашм дар ҷумҳурӣ солҳои охир назаррас набуда, дар ин самт фаъолияти корхонаҳо коҳиш ёфтаанд. Солҳои қаблӣ ҶСК «Қолинҳои Қайроққум», ҶСК «Нуртекс», ҶСК «Шариф», ҶСК «Муина» ва корхонаи коркарди пашми шаҳри Ваҳдат ба шустушӯ, коркарди аввалия ва истеҳсоли маҳсулот аз пашм машғул буданд. Истеҳсоли пашм ҳамасола дар ҷумҳурӣ афзоиш ёфта, соли 2014–6778 тонна, соли 2015–7033 тонна, соли 2016–7304 тонна, соли 2017–7521 тонна, соли 2018–7639 тонна ва соли 2019–7771 тоннаро ташкил додааст.

Истеҳсоли пилла дар солҳои охир ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил нашуда, тамоюли пастравӣ дошт. Аз 1431 тоннаи соли 2014 ба 803,7 тоннаи соли 2019 омада расидааст, ки нисбат ба соли 2014 56,2 фоиз коҳиш ёфтааст. Дар ҷумҳурӣ дар самти истеҳсоли риштаи абрешимӣ низ натиҷаҳо назаррас нестанд. Айни замон ҶДММ «ВТ-Силк» бо иқтидори 500 тонна, ҶДММ «Тоҷ-Силк» бо иқтидори 20 тонна ва ҶДММ «Дук» бо иқтидори 70 тонна ба коркарди пилла машғул мебошанд. Имконияти истеҳсолии коркарди пилла 590 тоннаро ташкил намуда, дар ҳолати дуруст ташкил намудани кор ва баланд бардоштани бочи содиротӣ барои пиллаи коркарднашуда то дараҷае иқтидорҳои истеҳсолӣ фаъол гардида, пиллаи истеҳсолшуда дар дохили кишвар коркард ва аз он риштаю матои абрешимӣ истеҳсол мегардад. Майдони тутзорҳои шаҳру ноҳияҳои кишвар дар тарози хоҷагиҳои деҳқонӣ буда, онҳо бо хоҷагиҳои пиллапарварӣ ва бо сохторҳои ҷамъияти саҳомии кушодаи «Пиллаи Тоҷик» дар сатҳи начандон дилхоҳ ҳамкорӣ доранд, ки ин омил ба камшавии базаи хӯрокаи кирмак таъсир мерасонад.

Дар корхонаҳои дӯзандагӣ, ки шумораи онҳо беш аз 100 корхона мебошад асосан дастгоҳҳои истеҳсоли ширкатҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Кореяи Ҷанубӣ, Чехия, Олмон ва Федератсияи Россия васлу насб гардидаанд, ки ин ба баланд бардоштани сифати маҳсулот мусоидат мекунад.

Маҳсулоти истеҳсолкардаи як қатор корхонаҳои соҳа дар бозорҳои хориҷи кишвар, аз ҷумла Италия, Федератсияи Россия ва Беларус харидорони худро пайдо намуда, дар соли 2019 ба маблағи 157 млн сомонӣ шимҳои мардона, бачагона аз матои ҷинс, нимшим, куртаҳои мардона,

- таъмини нокифояи бозори дохилӣ бо пойафзолҳои гуногуни истеҳсоли ватанӣ;
- ба таври зарурӣ истеҳсол ва коркард нашудани пилла то маҳсулоти ниҳоӣ;
- мавҷуд набудани нуқтаҳои ҷамъоварии пӯст ва пашм дар минтақаҳои ҷумҳурӣ;
- дар сатҳи зарурӣ бунёд нагардидани майдони тутзорҳои интенсивӣ барои зиёд намудани хӯроки кирмак;
- нокифоя маблағгузории соҳаи пиллапарварӣ ва нархи пасти хариди пилла.

Афзалиятҳои асосӣ дар соҳа:

- мавҷудияти ашёи хоми маҳаллӣ нахи пахта, пӯст, пашм ва пилла;
- мавҷудияти талаботи бозори дохилӣ бо маҳсулоти тайёр (сару либос, қолин, ҷӯроб, пойафзол, мебел, халта) ва имконияти содироти онҳо;
- қувваи кории нисбатан арзон;
- шароити мусоид дар самти таъсиси корхонаҳои нав.

Самтҳои фаъолият ва амалҳо барои ноил шудан ба афзалиятҳо:

- тақвият бахшидани корҳо ҷиҳати пешгирии воридоти маҳсулот (сару либос, қолин, мебел, пойафзол) ба таври ғайрирасмӣ;
- зина ба зина зиёд намудани ҳаҷми коркарди ниҳоии нахи пахта;
- бо ҷалби сармоя бунёди корхонаю коргоҳҳои нав дар самти коркарди пӯст, истеҳсоли пойафзол, пашм ва пилла;
- андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати марҳила ба марҳила афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли либоси мактабӣ;
- таъмини бештари сохторҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш, сохтмон, қудратӣ, низомӣ, хизматрасонӣ ва дигарон бо маҳсулоти гуногуни корхонаҳои саноати сабук дар асоси фармоиш вобаста ба талабот;
- афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ ва ташкили растаҳои фурӯши ин намуди маҳсулот дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;
- ташкили нуқтаҳои ҷамъоварии пӯст ва пашм дар минтақаҳои ҷумҳурӣ;
- таҳия ва ҷорӣ намудани ҷадвали ягонаи тарифии музди меҳнати кормандони соҳаи саноати сабук ва металлургӣ;
- бунёди майдони тутзор;
- дар ду баст кор кардани корхонаҳои коркарди нахи пахта (ресандагӣ, бофандагӣ, рангуборкунӣ), коркарди пӯст ва истеҳсоли чарми тайёр.

Ҷадвали 2.

Дурнамои истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар солҳои 2020-2025

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Иқтидор | | 2019 ҳисобот | Дурнамо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | лоиҳавӣ | сохташа-ванда | | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 |
| Саноати сабук (ҳамагӣ) | млн сомонӣ | - | - | 2897,9 | 3436,2 | 4001,2 | 4646,3 | 5424,8 | 6295,9 | 7758,0 |
| Суръати афзоиш | фоиз | - | - | 111,6 | 118,6 | 138,1 | 160,3 | 187,2 | 217,2 | 267,7 |
| Ҳисса дар маҷмуи маҳсулоти саноатӣ | фоиз | - | - | 10,5 | 10,7 | 10,7 | 10,6 | 10,6 | 10,5 | 11,1 |
| Шумораи корхона ва коргоҳҳои нав | корхона | - | - | 50 | 58 | 69 | 77 | 92 | 108 | 128 |
| Шумораи кормандон | нафар | - | - | 14900 | 15800 | 16900 | 18000 | 19500 | 21000 | 22000 |
| Шумораи ҷойҳои кории нав | нафар | - | - | 823 | 954 | 1110 | 1230 | 1350 | 1500 | 1900 |
| Хаҷми ҷалби сармоя | млн сомонӣ | - | - | 129,7 | 140 | 160 | 190 | 240 | 280 | 320 |
| Нахи пахта | ҳазор тонна | 1300 | - | 102,5 | 125,0 | 135,6 | 145,8 | 156,9 | 160 | 163,2 |
| Риштаи пахтагин | ҳазор тонна | 80,0 | 17,0 | 22,4 | 30,0 | 50,0 | 60,0 | 72,0 | 94,0 | 125,0 |
| Матои пахтагин | млн $м^2$ | 38,0 | 16,0 | 12,7 | 18,0 | 25,2 | 35,3 | 49,4 | 69,0 | 96,0 |
| Маҳсулоти дӯзандагӣ | млн сомонӣ | - | - | 260,6 | 290,0 | 325,0 | 365,0 | 408,0 | 457,0 | 512,0 |
| Ҷӯробу пайпоқ | ҳазор ҷуфт | 30000 | - | 4124,5 | 4500,0 | 4950,0 | 5445,0 | 5990,0 | 6589,0 | 7200,0 |
| Қолин | ҳазор $м^2$ | 5000 | 1500 | 4375,9 | 5000,0 | 5750,0 | 6610,0 | 7605,0 | 8745,0 | 10055 |
| Коркарди пӯст | ҳазор дона | 2000 | - | 534,2 | 695,0 | 900,0 | 1170,0 | 1521,0 | 1970,0 | 2515,0 |
| Пойафзол | ҳазор ҷуфт | 2625 | - | 877,1 | 1050,0 | 1260,0 | 1520,0 | 1820,0 | 2180,0 | 2620,0 |
| Мебел | млн сомонӣ | - | - | 54,3 | 60,0 | 66,0 | 72,0 | 79,0 | 87,0 | 95,0 |
| Истеҳсоли пиллаи тар | тонна | - | - | 803,7 | 956,0 | 1128,0 | 1331,0 | 1570,5 | 1854,0 | 2188,0 |
| Ресмони абрешимӣ | тонна | 570 | - | 8,9 | 12 | 25 | 50 | 80 | 100 | 150 |
| Маҳсулотҳои нав, аз ҷумла | | | | | | | | | | |
| Халтаи полипропиленӣ | млн дона | 115,0 | - | 58,7 | 64,0 | 70,0 | 77,0 | 85,0 | 93,0 | 105,0 |
| Риштаи полипропиленӣ | ҳазор тонна | 3,0 | - | 2,1 | 2,2 | 2,4 | 2,5 | 2,7 | 2,9 | 3,0 |

Сарчашма: Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2020, №293 тасдиқ шудааст, моддаи 102.

Баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти тайёр, кам кардани маҳсулоти тайёри саноати сабук дар ҳаҷми умумии маҳсулоти воридшаванда, таъсис додани низоми самараноки мусоидат ба воридотивазкунӣ, ки барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ, инчунин заминаи объективӣ барои рушди устувори содироти маҳсулоти тайёр ва воридотивазкунии рақобатпазир мусоидат мекунад.

Тибқи Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати татбиқи босамари чорабиниҳои воридотивазкунӣ ва мутобиқсозии муносиби он бо вусъати имкониятҳои содиротӣ дар давраи миёнамуҳлат аз бозори дохилӣ хориҷ намудани молу маводи воридотӣ, татбиқ ва истифодаи технологияҳои нави барои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ самаранок, соҳаи саноати сабук ҳамчун бахши заминавии афзалиятноки истеҳсолоти маҳсулоти воридотивазкунанда интихоб шудааст.

Самтҳои асосии коҳиш додани маҳсулоти тайёри воридотӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- васеъ ба роҳ мондани истеҳсоли риштаи пахтагини ба соҳаи кешбофӣ ва ҷӯроббофӣ мутобиқ;
- коркард ва тасдиқи чорабиниҳо вобаста ба роҳандозии ҳамкориҳои кооперативӣ байни корхонаҳои соҳаи саноати сабук;
- гузаронидани таҳлилҳои мунтазами воридоти маҳсулоти саноати сабук аз хориҷи кишвар бо мақсади муайян намудан ва ба роҳ мондани намуди маҳсулоте, ки дар дохил истеҳсоли он имконпазир аст;
- таҷдиди назар кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба зерсоҳаи саноати сабук дахл доранд ва ҳангоми зарурат такмилдиҳии онҳо;
- бештар пешниҳоди фармоишҳои давлатӣ ба корхонаҳои соҳа ҷиҳати харидории маҳсулоти тайёри саноати сабук дар доираи эҳтиёҷот.

Маркетинг. Масъалаи ташкили нуқтаҳои фурӯши маҳсулот, мағозаҳои фирмавӣ ва марказҳои ҳунармандон дар баробари кор дар самти баланд бардоштани сифати маҳсулот, инчунин ба фурӯши маҳсулот тақвият дода мешавад. Бе роҳандозии услубҳои нави маркетингӣ инкишофи истеҳсолот ғайриимкон мебошад. Дар ин самт ҳамаи имконияту таҷрибаи муосири тиҷорат, тарғиби молҳои ватанӣ ва коркарди банду басти диққатҷалбкунанда бояд истифода бурда шавад. Иштирок дар намоишгоҳҳои дохилӣ ва хориҷӣ яке аз имконияти асосии омӯзиши талабот ба маҳсулоти истеҳсолшаванда ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти инноватсионӣ ва татбиқи технологияҳои нав дар соҳаи саноати сабук, афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар натиҷаи ҷорӣ намудани технологияи муосир, ба содирот баровардани маҳсулоти ба талаботи стандартҳои муосир ҷавобгӯ ва қонеъ гардонидани бозори дохилӣ бо ин намуди маҳсулот муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар шароити имрӯза, ки татбиқи технологияҳои нав дар соҳаи саноати сабуки кишвар босуръат идома дорад, тайёр намудани мутахассисони касбӣ аҳамияти ба худ хос пайдо карда, аз онҳо азхудкунии дониши устувори асосҳои техника ва технологияи истеҳсолот, усулҳои ташкили меҳнат вобаста ба касби дахлдор, дар амал татбиқ карда тавонистани донишҳои назариявӣ ва дарки муносибатҳои навро ба тайёр намудани ҷавонон барои иштирок дар истеҳсолот тақозо мекунад.

**Адабиёт**


1. Бобоев А.А. Оценка инвестиционной привлекательности сельского хозяйства (на материалах Республики Таджикистан). Автореф. дис.... канд. экон. наук. Душанбе, 2010. 27 с.
2. Нуруллоев, З.Х. Инвестиционное обеспечение развития хлопкоперерабатывающих предприятий Республики Таджикистан. Дис.... канд. экон. наук. Душанбе, 2004. 178 с.
3. Султанова, М.К. Становление и развитие инвестиционных процессов в легкой промышленности Республики Таджикистанн. Дис.... канд. экон. наук. Душанбе, 2002. 142 с.
4. Хайдарзода М.И. Формирование и развитие региональных текстильно-швейных кластеров. Автореф. дис.... канд.экон. наук. Душанбе, 2018. 26 с.
5. Крейнина М.Н. Анализ финансового состояния и инвестиционной привлекательности акционерных обществ в промышленности, строительстве и торговле. М.: Дело и Сервис, 1994. С.9.

6. Султанова М.К. Становление и развитие инвестиционных процессов в легкой промышленности Республики Таджикистанн: дис.... канд. экон. наук [Текст] / М.К. Султанова. Душанбе, 2002. -142 с.
7. Файзуллоев М.К. Совершенствование механизмов управления инновационными процессами на промышленных предприятиях Республики Таджикистан [Текст] / М.К., Файзуллоев // В сборнике: Современные материалы, техника и технология. Материалы 3-й Международной научно-практической конференции. Ответственный редактор Горохов А.А., 2013. С. 341.
8. Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №128).
9. Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006 – 2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2005, №422).
10. Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2011, №409).
11. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.05.2020, № 293).

## АФЗАЛИЯТҲОИ АСОСИИ САНОАТИ САБУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТ ВА АМАЛҲО БАРОИ НОИЛ ШУДАН БА АФЗАЛИЯТҲО

**Антотатсия.** Давоми солҳои охир дар соҳа истеҳсоли маҳсулоти нави воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда: халта, пахтаи тиббӣ, риштаи полипропиленӣ, риштаи пахтагини рангкардашуда, либоси варзишӣ ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Ҷиҳати коркарди нахи пахтаи истеҳсолшуда дар кишвар 18 корхонаи ресандагӣ бо иқтидори лоиҳавии коркарди 80 ҳазор тонна нахи пахта дар реҷаи себаста дар як сол мавҷуд мебошанд. Пурра истифода намудани иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда нахи пахта бо арзиши иловашудаи баланд дар дохили ҷумҳурӣ коркард шуда, қисми зиёди он содирот карда мешавад, ки қобилияти содиротии мамлакатро баланд мебардорад. Дар натиҷаи фароҳам овардани имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар самти коркарди нахи пахта соҳаи мазкур аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ ҷолибияти хоса пайдо намудааст.

**Калидвожаҳо:** саноати сабук, маснуоти қолинӣ, пойафзол, маҳсулоти дӯзандагӣ, саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, истеҳсоли нахи пахта, Стратегияи рушди саноат, маҳсулоти воридотивазкунанда, сикли бофандагӣ, нахи пахта.

**Анотация.** В последний годы в отраслях легкой промышленности наблюдается организация и развитие экспорт ориентированной и импорта замещающей отрасли, такие как производство полиэтиленовых пакетов, медицинского хлопка полипропиленовых нитей, хлопковых нитей, спортивной одежды и т.д.

По переработке производимого хлопкового волокна в стране насчитывается 18 прядильных предприятий с проектной мощностью переработки 80 тыс. тонн хлопкового волокна в трехлетнем режиме. При полной загрузке существующих производственных мощностей хлопковое волокно перерабатывается с высокой добавленной стоимостью внутри страны, и большая его часть экспортируется, что увеличивает экспортный потенциал страны. В результате предоставления налоговых и таможенных льгот при переработке хлопкового волокна этот сектор стал особенно привлекательным для иностранных инвесторов.

**Ключевые слова:** легкая промышленность, ковровые изделия, обувь, швейные изделия, текстильная и швейная промышленность, инвестиционная привлекательность, производство хлопкового волокна, стратегия развития отрасли, импортозамещающая продукция, текстильный цикл, хлопковое волокно.

## MAIN PRIORITIES OF THE LIGHT INDUSTRY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: DIRECTION OF ACTIVITIES TO ACHIEVEMENT OF PRIORITIES

In recent years, the light industry has seen the organization and development of an export-oriented and import-substituting industry, such as the production of plastic bags, medical cotton, polypropylene threads, cotton threads, sportswear, etc. There are 18 spinning enterprises with a design processing capacity of 80,000 tons of cotton fiber in the country for processing the produced cotton fiber in a three-year mode. At full capacity of existing production capacity, cotton fiber is processed with high added value domestically, and most of it is exported, which increases the country's export potential. Due to the provision of tax and customs benefits for the processing of cotton fiber, this sector has become particularly attractive to foreign investors.

**Key words:** light industry, carpets, shoes, garments, textile and clothing industry, investment attractiveness, cotton fiber production, industry development strategy, import-substituting products, textile cycle, cotton fiber.

**Маълумот дар бораи муалиф:** Розиев ДиловарАстанақулович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ассистенти кафедраи молия. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 985-01-67-17

**Сведения об авторах:** Розиев ДиловарАстанакулович – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов. Адрес: 734025, РеспубликаТаджикистан, г.Душанбе, проспектРудаки, 17. Телефон: 985-01-67-17

**Information about authors:** Roziev Dilovar Astanakulovich - Tajik National University, assistant of the Department of Finance. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 985-01-67-17

## АМСИЛАБАНДИИ РУШДИ МАҶМӮИ САЙЁҲӢ

*Сабуров И.М., муаллими кафедраи барномарезии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров»*

Барномаи рушди маҷмӯи сайёҳӣ (МС) ва баромадани он ба реҷаи кории оптимали вақтро талаб менамояд. Барои киёсманди ҳама харҷҳо, натиҷаҳо бояд ба лаҳзаи ибтидоии иҷрои мақсад оварда шаванд. Бинобар ҳамин ҳам меёри самарабахшии сармоягузориҳоро барои истифода дар амсилаҳои хаттии оптимизатсионӣ МС – ро тарҳезӣ мекунем. Ин ҷавобгӯи ба талаботу нишондиҳандаҳои дар амалияи байналхалқӣ қабулшудаи арзёбии самарабахши сармоягузориҳо мебошад. Ба ин мақсад чунин ишораҳоро ворид менамоем: C – бузургии сармоягузори доир ба яке аз вариантҳои лоиҳа; P(C) – бузургии фоида аз рӯи сармоягузории C.

Давраи оғози фаъолияти лоиҳави то расидан ба иқтидори пурраи нақшавиро дар бар мегирад. Яъне фоидаи дар ҳамин марҳила ба даст овардаро акс медиҳад; $\mathrm{P}_N(C)$ – ишораи фоидаи меёри ва чунин мазмун дорад. Сармояи ҳаҷми C дар ҳамин шароити микроиқтисодӣ, дар ҳолати ба иқтидори пурра даровардани объекти лоиҳави ба даст кафолатнок чунин миқдор фоида овардан мумкин аст. Чунин фоида метавонад фоидаи сармояи дар бонк гузошта шуда бошад. Дар ин маврид самарабахшии лоиҳаро тавассути тафриқа тавсиф кардан мумкин аст P(C)- $\mathrm{P}_N(C)$. Барои қабули варианти лоиҳа ҳадди ақал бояд шарти зерин иҷро шавад:

P(C)- $\mathrm{P}_N(C) \geq 0$. Барои интихоби варианти оптималии сармоягузориҳо бояд чунин варианти суммаи сармоягузориҳои овардашудаи C ёфта шавад, ки шарти зеринро қонеъ гардонад:

$$\Delta P(C) = max(P(C) - P_N(C)).$$

Фоидаи меъёри $\mathrm{P}_N(C)$ – ро дар намуди вобастагии хаттӣ баррасӣ кардан мумкин аст: $\mathrm{P}_N(C) = X_N C_N$. Коэффисиенти суммаи сармояҳоро ба фоидаи меъёрӣ оварда чун $X_N$ ишора шуда аст. $X_\mathrm{C}$ бузургии чапа таносубии мӯҳлати меъёрии харочотбарории $t_N$ сармояҳо мебошад ва чунин муайян мешавад: $Y_N = \frac{C}{C_N}$. Дар марҳилаи аз оғоз то охири амалигардонии барномаи рушд коэффисентҳои фоидаи овардашудаи P ва сармоягузориҳои $C$ – ро муайян менамоем. Барои ин аз чунин ишораҳо истифода мебарем. Шумораи марҳилаҳои амалигардонии лоиҳаро бо $T$ ифода менамоем ва шумораи солҳоро дар дохили ҳар ин марҳила бо $\varphi_\tau$. Бузургии τ ин ишораи марҳилаи ҷории сохтмон ё амалигардонии лоиҳа. Нархи ҳисобии сармояро $P$ ифода менамоем ва ба сифати он фоизи бонк

баромад менамояд. Дар ин ҳолат коэффисиенти аз марҳилаи τ ба сумаи фоидаи яке аз лаҳзаҳои амалигардонии барнома овардан чунин ҳисоб карда мешавад:

а) ба лаҳзаи интиҳоии амалигардонии лоиҳа:

$$a_\tau^T = (1+p)\varphi_\tau^T,\ \tau=0,1,2,\ldots,T$$

б) ба лаҳзаи оғози амалигардонии лоиҳа:

$$a_\tau^o = \frac{I}{(I+p)^{\varphi_o^\tau}}$$

Бузургии $\boldsymbol{\varphi_\tau^T}$ – фарқан аз ишораи болои акси шумораи солҳои то охири амалигардонии лоиҳа боқӣ монда мебошад ва чунин муайян мешавад:

$$\varphi_\tau^T = \sum_{i=\tau}^{T} \varphi_i$$

ё ин $\boldsymbol{\varphi_0^T}$ акси миқдори аз лаҳзаи оғози амалигардонии лоиҳа то охири давраи τ ва дар навбати худ чунин муайян мешавад:

$$\varphi_o^\tau = \sum_{i=o}^{T} \varphi_i$$

Системахои иктисодие, ки дар шароити бозор амал мекунанд ва ба зиёд кардани фоида ё зиёд кардани даромади сармоя нигаронида шудааст аз сабаби ба инобат нагирифтани мушкилоти ичтимоии ҷомеа аксар вақт қобили қабул нест. МС, кадоме, ки амсилабанди шаванд ин гуфтаҳо низ пурра дахл доранд. Максимали гардонидании фоида дар натиҷаи оптималигардонии рушди МС, бо намудҳои муосири хизматрасонии гаронбаҳо метавонад шаклҳои нисбатан арзони омавии солимгардонии меҳнаташонро танг намуда аз бозор барорад.

Бинобар ҳамин ҳам ҳангоми амсиласози омилҳои ичтимои ба ҳисоб гирифта шавад. Барои ин ба амсилаҳо ба монанди таносуб ё маҳдудиятҳо ба амсила ворид карда шаванд. Аз ин лиҳоз се тарзи дар амсилаи оптималигардони акс додани омилҳои ичтимои, меъёри дар боло номбаршудаи иқтисодии рушди МС – ро пешкаш менамоем:

- Дар навбати аввал маҳдудият барои қонеъ гардонидани талаботи сайёҳии хизматрасониаш олӣ гузошта мешавад. Ин имкон медиҳад дар баъзе марҳилаҳои рушди МС васеъ намудани иқтидорҳо аз ҳисоби вариантҳои арзон, вале оммавии хизматрасонӣ амали гардад. Афзоиши ҳаҷми хизматрасони ба “сайёҳии арзон” самарабахшии иқтисодиро таъмин менамояд.
- Ҳамчун фоизҳои муайяни нархи роҳхатҳо дотатсияи давлатӣ ва касабавӣ ба саёҳатҳои хизматрасониашон пасту миёна ҷорӣ карда мешавад. Ин ба афзоишу баробари бузургии дотатсия саёҳатҳои хизматрасониашон пасту миёна рақобатпазирии онҳоро таъмин менамояд.
- Байни равияи сайёҳии омавӣ ва баландхизмат таносуби муайян ворид карда мешавад. Ҳатман барои иҷроиши он механизм пешбини шавад ва ин таносуб риоя шавад.

Ҳоло, мувофиқи мақсади тадқиқот барои оптимали гардонии рушди МС коркарди амсилаи иқтисодӣ – математикӣ пешкаш менамоем. Амсила мутобиқи иқтисодиёти бозори буда принсипҳои болои дар он ҷойгир мешаванд. Ҳамин тавр коркарди амсилаи мураккаби динамикии ичтимоӣ – иқтисодӣ бо дарбаргирии принсипҳои боли иҷро мегардад. Барои нисбатан содда гардонидани амсилаи динамикии ҳосилшуда онро ба низоми даврӣ ё зина ба зина гардонида мешавад. Ва онҳо бо ҳам бо ченаки вақт вобаста бошанд. Дар навбати аввал аз чунин тақсимот фадаф содагардони бошад аз тарафи дигар хурд гардонии андозаи амсила мебошад. Гарчанде сохтораш мураккаб ва андозанокиаш калон бошад ҳам дар ин роҳ коркард мешавад ва муҳимаш рақамигардонии масъалаи рушди МС хоҳад буд.

Барои ин иловатан боз ишораҳои зеринро дохил мекунем:

- ба обекти нав сохташавандаи $j$ миқдори сармояи равонашавандаро бо ${X^\tau}_{ijk}$ (ҳазор сом.) ишора менамоем, МС таъиноташ i дар давраи τ;
- $y_{ijk}^\tau$ (ҳазор сом.) ин ҳам ҳаҷми маблағгузори буда танҳо ба объекти таҷдидшавандаи j – и дар давраи τ МС – и таъиноташ i мебошад.
- иқтидори объекти j – и таиноташ $i$ бо $z_{ijk}^\tau$ ишора менамоем. Дар ин ҷо к – сатҳи хизматрасони. Ченаки иқтидор ин миқдори ҷои хоб ё нишаст, ё худ миқдори хизматрасони дар як воҳиди вақт, шабонарӯз, мавсим мебошад.

Сатҳи хизматрасони дар натиҷаи сохтмони нав дар назар дошта шуда мебошад. τ ишораи давраи ба истифода дода шуданро дорад;

- ишора $\Delta Z_{ijk}^{\tau}$ ин айнан мазмуни ишораи Z – ро дорад. Танҳо ин иқтидори иловаги обекти j – и таъминоти i, кадоме, ки дар натиҷаи таҷдиди он дар давраи τ ба амал дароварда мешавад. Мисли пешина к ин сатҳи хизматрасони.

- ишораи дигар ин миқдори маҷмӯи хизматрасониҳо дар мавсим $W_{rk}^{\tau}$ мебошад. $r$ – ишораи гурӯҳи сайёҳон бо намуди сайёҳӣ кадоме, ки хизматрасонии сатҳи $k$ дар давраи $\tau$ расонида мешавад. Ченаки ин бузурги миқдори одам дар як рӯз ё шумораи роҳхатҳо .

- ҷамъи умуми сармоягузории, ки сарчашмаи S гузориш меёбад, дар давраи $\tau$ чун $V_s^{\tau}$ ишора менамоем.

Ҳоло мазумни якчанд коффисентҳо ва меёрҳоро пешниҳод менамоем:

1. Ишораи даромади соф аз гурӯҳи саёҳони r, дар давраи τ ҳангоми хизматрасонии сатҳи k $C_{rk}^{\tau}$ мебошад. Ченаки бузурги ҳазор сомони ба як рӯзи сайёҳ ё як роҳхат ростоянда.

2. Ишораи меъёрҳои харҷи маблағгузориҳои сатҳи k хизматрасонӣ ба обекти таъиноти i $a_{jk}^{ji}$ ва $a_{ik}^{p}$мебошад. Ченак ҳазор сомонӣ ба як воҳиди иқтидор мутаносибан ҳангоми сохтмони нав ва таҷдиди объекти мавҷуда.

3. Дигар ин ишораи меёри талабот ба хизмати $t_{\ ikr}$ мебошад. i – ин таиноти хизматрасонии сатҳи к ба гурӯҳи сайёҳони r мебошад. Роҳхат ё, ки ба саёҳат пешниҳод мешавад аз рӯи r, k муайян мешавад ва ҳатман бояд мутобиқат кунад. Ченаки бузургии ин воҳиди иқтидор ба як сайёҳ ё ба як роҳхат;

4. Фоизҳои кредит, дивидент ва ба монанди инҳо нархи воситаҳои маблағгузори аз манбаи S номида шуда бо $f_s$ ишора шуда аст. Ченак ҳазор сомонӣ;

4.1 Лаҳзаи ба оғози амалигардони овардани маблағи харҷ ё фоидаи давраи τ бо коэффесенти $a_{\tau}^{o}$ ишора шуда чунин муайян карда мешавад (бе ченак):

$$a_{\tau}^{o} = \frac{i}{(I+p)^{o^{\tau}}}\ , \boldsymbol{\tau}=1, 2,\ldots,\mathrm{T}$$

Дар навбати худ $\varphi^{\tau}$ чунин муаян мешавад:

$$\varphi^{\tau} = \sum_{I=1}^{\tau} \varphi_t$$

Ин фоидаи акси миқдори солҳое бошад, ки давраи оғози амалигардони лоиҳа то давраи охиринро дар бар мегирад. Миқдори давраҳое, ки амали гардониро дар бар мегирад бо Т ишора мешавад. $\varphi_t$ – миқдори шумораи солҳоро дар давраи $\tau$; Р - фоизи солонаи бонкро ба сармоя мебошад. 4.2.Меъёрии хароҷотбарории саррмоягузорӣ аз ҳисоби фоида, дар соҳаи сайёҳӣ ба коэффисиенти γ ишора шудааст.

5.Бузургии бе ченак мебошад; ишораи дигар ин мӯҳлати меёрии, соҳавии баргардонидани маблағгузори аз ҳисоби фоида мебошад ва бо $\gamma_{\text{н}}$ ишора шудааст: $\gamma_H = \frac{I}{t_H}$ ; дар ин ҷо $tH$ (сол) – мӯҳлати миёнаи соҳавии мавқуф гузоштани аз ҳисоби фоида хароҷотбарории (ғайридисконтии) сармоягузорӣ; hτ (бо ҳисса аз воҳид) – пардохт аз фоида ба сармоягузории такрорӣ дар давраи τ; ΔН пардохтҳои андозӣ бо ҳиссаҳо аз фоидаи тавозунӣ.

Ишораҳои дигар, дар навбати аввал ин иқтидори объектҳои таъиноти $i$ сатҳи хизматрасонии К бо $N_{ik}$ ишора менамоем. Ин МС дар оғози лоиҳа мавҷуд буд. Чун ченаки ин бузурги метавонад ғунҷоиш, қобилияти хизматрасони, миқдори хизматрасони дар воҳиди вақт баромад кунад. Дигар ин иқтидори объекти $j$ – и таъиноти $i$ ҳангоми сатҳи хизматрасонии, ки аз оғози иҷрои лоиҳа мавҷуд буд ва бояд таҷдид гардад чун $N_{ijk}^{p}$ ишора шудааст.

Ченаки миқдори хизматрасониҳо дар воҳиди вақт. Ишораи $\Delta N_{ijk}^{p}$ низ ишораи иқтидор мебошад, аммо иқтидори максимали объекти $j$ – и таъиноти $i$ дар натиҷаи таҷдид, кадоме, ки бо

расонидани хизматрасонӣ сатҳи К ба даст овардан мумкин аст. Аз эҳтимолият дур нест, ки ба объекти таҷдидшавандаи *i* обектҳои нав сохташавандаи *j* низ дохил карда мешавад. Дар ин ҳолат:

$$\sum_{k\epsilon K}\sum_{i\epsilon i}\Delta N^{p}_{ijk} > \sum_{k\epsilon K}\sum_{i=i}^{n_{ik}} N^{P}_{ijk}$$

Маблағи чун сармоя максимали воридшаванда аз манбаи $S$ дар давраи τ – ро бо $\ddot{\text{I}}^{\tau}_{s}$ ишора менамоем. Ченак ҳазор сомонӣ. Оид ба сарборӣ дар объектҳои МС тибқи намуди $r$ – и сайёҳӣ маҳдудиятҳои эҳтимолӣ чун $W_r$ ишора менамоем. Ченак одам рӯз.

Барои рақамгузории индексҳо ва маҷмӯъҳо чунин ишораҳоро ворид менамоем:

- Ҳамин объектҳо дар маҷмӯ бо назардошти таъминоти онҳо бо $I$ ишора менамоем, яъне $i \epsilon I$;
- Категорияҳои хизматрасонии сатҳи $\kappa$ дар маҷмӯ бо $K$ ишора шудааст ва $k \epsilon K$ мебошад;
- Обектҳои элементарии дигар тақсим намешавад бо $j$ ишора менамоем. Утоқи истиқоматии сайёҳон метавонанд мисоли ин элементҳо бошанд. Таиноти ин обектҳо ба назар гирифта мешавад.
- Объектҳои таҷдидшаванда дар маҷмӯ бо $\boldsymbol{j_p}$ ишора шуда аст, дар мувофиқа бо таинот;
- Объектҳои элементарӣ хизматрасонии сатҳи К бо таиноти i дар ҷамъ чун $n_{ik}$ ишора шудааст.

Барои нисбатан кӯтоҳ намудани навиштаҷот маҷмӯи ҳамаи манбаҳои маблағгузориро бо S, рақами манбаи андӯхтҳои худи бо $S^i$ ва объектҳои элементарии таҷдидшаванда дар маҷмӯ бо $J_p$ ишора шуд. Бо назардошти ин ишораҳо амсила чунин намуд мегардад.

$$\max\left[\sum_{\tau=I}^{T}\sum_{r,k} C^{\tau}_{kr}\,\varphi_r W^{\tau}_{rk}\alpha^{o}_{\tau} - \sum_{r=I}^{T}\gamma\sum_{i,j,k}\alpha^{O}_{\tau}\,x^{\tau}_{ijk} - \sum_{r=I}^{T}\gamma\sum_{i,j,k} a^{O}_{\tau}\,\gamma^{\tau}_{ijk} - \sum_{r=I}^{T}\sum_{s\neq s} a^{O}_{\tau} V^{\tau}_{s}\text{f}_{s}\right]$$

яъне дарёфти қимати максимали мақсад бо иҷро шудани маҳдудиятҳои зерин:

$$\sum_{r\epsilon R} I_{ikr}\,W^{r}_{rk} - \sum_{i=I}^{\tau}\sum_{j=I}^{n_{ik}} Z^{i}_{ijk} - \sum_{i=I}^{\tau}\sum_{j=I}^{n_{ik}}\Delta Z^{\tau}_{ijk} \leq N_{ik}, i\epsilon I, k\epsilon K, \tau = 1,2,\dots,T$$

Акси тавозунҳои иқтидори каналҳои хизматрасони, кадоме, ки бо сатҳи хизматрасони ва таиноти он фарқ доранд:

$$\sum_{j=I}^{n_{ik}} x^{\tau}_{ijk}\frac{I}{\alpha^{M}_{ik}} \geq \sum_{j=I}^{n_{ik}} Z^{\tau}_{ijk}, i\epsilon I, k\epsilon K, \tau = 1,2,\dots,T;$$

Акси тавозунҳои иқтидорҳои аз сохтмони нав илова шуда:

$$\sum_{j=I}^{n_{ik}} \gamma^{\tau}_{ijk}\frac{I}{\alpha^{p}_{ik}} \geq \sum_{j=I}^{n_{ik}}\Delta Z^{\tau}_{ijk}, i\epsilon I_p, k\epsilon K, \tau = \overline{1,T};$$

Ин низ акси тавозуни иқтидори иловагӣ мебошад, аммо аз таҷдиди обектҳо мебошад:

$$\sum_{i=I}^{\tau}\Delta Z^{I}_{ijk} \leq \Delta N^{p}_{ijk}, k\epsilon K, i\epsilon I_P, j\epsilon J_P, \tau = \overline{1,T};$$

Маҳдудияти навбати аз иқтидори мавҷуда бармеояд ва ба ҳаҷми корҳои таҷдид гузошта мешавад:

$$\sum_{s\epsilon S}^{\tau} V^{\tau}_{s} \geq \sum_{i,j,k}\left(X^{\tau}_{ijk} + \gamma^{\tau}_{ijk}\right), \tau = \overline{1,T};$$

Маҳдудиятҳои ба манбаҳои сармоягузорӣ равона шуда:

А) ин маҳдудият ба сармоягузориҳо аз андӯхти худӣ ташаккулёбанда дар давраҳои гузашта мебошад:

$$\sum_{i=I}^{\tau} V^{i}_{S^i} \leq \sum_{i=I}^{\tau-I}\sum_{r,k} C_{rk}\varphi_i\,W^{I}_{rk}h_i(1-H), \tau = \overline{1,T}; S^i\epsilon S$$

Б) маҳдудияти зерин ба манбаҳои дигари сармоягузорӣ гузошта мешавад аз ҷумла ба буҷети маҳаллӣ ҷуммҳуриявӣ ва ғайра:

$V^{\tau}_{s} \leq \ddot{\text{I}}^{\tau}_{s}, s\epsilon S, s \neq s^i, \tau = \overline{1,T};$

Ба сарбории обектҳои МС низ маҳдудият гузошта мешавад ва он намудҳои сайёҳиро ҳам дар бар мегирад:

$$\sum_{k\epsilon K} W_{rk}^{\tau} \leq W_r, r\epsilon R, \tau = \overline{1,T};$$

Маҳдудияти ниҳои ин манфи набудани тағирёбандаҳо мебошад:

$$x_{ijk}^{\tau}, \gamma_{ijk,}^{\tau} z_{ijk}^{\tau}, \Delta z_{ijk}^{\tau}, W_s^{\tau} \geq 0;$$

**Адабиёти истифодашуда**

1. Кадиров А.Л. Точность прогнозирования методом k-ближайших соседей. Материалы 8-ой международной научно-технической конференциии "Информационные системы и тенологии ИСТ-2019", стр. 293-297. 14-сентября 2019г., Коблево-Харьков, Украина. ISBN 987-617-7683-63-5

2. Кадыров А.Л. Сабуров И.М. Оптималигардонии рушди сайёҳӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт" (28 марти соли 2020), Донишкадаи саёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат. Ш. Душанбе.саҳ. 187-191. УДК 657 ББК 65.052

3. Кадыров А.Л. Сабуров И.М. Постановка задачи оптимизации развитие туризма. Ученые записки. Естественные и экономические науки Худжандского Государственного Университета им. академика Б. Гафурова. №2 (53), 2020. УДК 338+51+338.3 ББК 65.050.9(2) 2. ISSN 2077-4974. 0,4 ч.ч.

4. Гебхард Кирхгасснер и Юрген Уолтерс, Введение в современный анализ временных рядов, 2007. стр. 278-284.

## АМСИЛАБАНДИИ РУШДИ МАҶМӮИ САЙЁҲӢ

**Анотатсия:** Дар ин мақола зарурати ба назар гирифтани омилҳо ва талаботҳои асосӣ дар моделсозии рушди комплекси туристӣ асоснок карда шудааст. Дар коэффисиенти оптимизатсия роҳҳои имконпазири ба назар гирифтани омили иҷтимоӣ дар якҷоягӣ бо стандартҳои иқтисодии рушди туризм оварда шудаанд. Бо назардошти омилхои ичтимой модели иктисоди-математикии динамикии тараккиёти комплекси туристӣ тартиб дода шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** Амсиласози, маҷмӯи сайёҳӣ, низомҳои иқтисодӣ, омилҳои иҷтимоӣ саёҳи.

## МОДЕЛИРОВАНИЕ РАЗВИТИЯ ТУРИСТИЧЕСКОГО КОМПЛЕКСА

**Анотатция:** В данной статье обосновывается необходимост учета основных факторов и требований при моделировании развития туристического комплекса. В коэффициенте оптимизации возможные способы учета социального фактора представлены совместно с экономическими стандартами развития туризма. С учетом социальных факторов разработана экономико-математическая, динамическая модель развития туристическрго комплекса.

**Ключевые слова:** Моделирование, туристический комплекс, экономические системы, социальные факторы туризма.

## MODELING THE DEVELOPMENT OF THE TOURIST COMPLEX

**Annotation:** This article substantiates the need to take into account the main factors and requirements in modeling the development of the tourist complex. In the optimization coefficient, possible ways of taking into account the social factor are presented together with the economic standards of tourism development. Taking into account social factors, an economic-mathematical, dynamic model for the development of the tourist complex has been developed.

**Keywords:** Modeling, tourism complex, economic systems, social factors of tourism.

**Маълумот дар бораи муалиф:** Сабуров Ихтиёр Муҳидинович, муаллими кафедраи барномарезии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» тел.:(+992)92-740-22-01, e-mail:ixtier.saburov@bk.ru

**Сведения об авторах:** Сабуров Ихтиёр Мухидинович, преподаватель кафедры программырование Таджикского государственного университета имени Б. Гафурова тел.: (+992) 92-740-22-01, e-mail: ixier.saburov@bk.ru

**Information about authors:** Saburov Ikhtiyor Muhidinovich, teacher of the programming department of the Tajik State University named after B. Gafurov tel.: (+ 992) 92-740-22-01, e-mail: ixier.saburov@bk.ru

## САРЧАШМАҲОИ АСОСИ ҲОДИСАҲОИ ГИДРОМЕТРОЛОГӢ ДАР ТАБИАТ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

***Саидумаров С.С., Сайдумарова М.С.,*** *МДТоҷик «НИИГиМ»*

Омӯзиши равандҳои тағйирёбии иқлим на танхо ба воситаи тахлили ҳарорати ҳаво, боришоту қабати барф, балки тавассути падидаҳои табии гидрометеорологи (ҳарорати баланду паст, чангбод, боришоти сахт, сел, тарма, боришоти жола ва ғайра) низ асос ёфта аст.

Ҳарорати баланд. Минтақаи низоми номусоиди ҳарорати (баробари ва болотар аз 40$^0$С) тамоми қисмҳои ҳамвории кишварро дар бар мегирад. Дар асоси тахлили маълумоти аз мушоҳидахо хосилшуда тамоюли афзоиши теъдоди рӯзҳои дорои ҳарорати бештар аз 40 $^0$С, амалан, дар тамоми минтақаҳои ҳамвори кишвар ба андозаи 30% ва болотар аз он ошкор гардид. Соли 1984 дар Шаҳритус ҳарорати ҳавои болотар аз 40 $^0$С дар 40 рӯз сабт шуд. Камтарин теъдоди рӯзҳои дорои ҳарорати болотар аз 40 $^0$С дар соли 1972 мушоҳида шудааст.

Ҳарорати ҳавои миёнаи шабонарӯзии баробари 10 $^0$С ва пастар аз он низ яке аз падидаҳои хатарноки ҳаво ба шумор меравад. Камтарин теъдоди рӯзҳои сол ба ҳарорати паст дар ҳамворихо (0,2-0,8) қайд шуда аст, гарчанде дар солҳои ҷудогона шумораашон то 5-15 мерасад. Бештарин такрори ҳарорати паст дар ноҳияҳои кӯҳистони ва алалхусус пастхамихо, куталхо ва куллаи кӯҳҳои баланд ба қайд гирифта шуда аст. Дар доманакӯҳхо теъдоди миёнаи рӯзҳои дорои ҳарорати паст аз 6 то 16 ва дар баъзе солхо 25-80 рӯз тафовут мекунад. Умуман, тамоюл ба коҳиши 30-50% рӯзҳои сол бо ҳарорати миёнаи шабонарӯзии поёнтар аз 10 $^0$С мушоҳида мешавад.

Боришоти сахт яке аз хатарноктарин падидаҳои гидрометеорологӣ аст, ки оқибатҳои сахт дорад. Шумораи миёнаи мавридҳои бориши сахт дар ҳудуди Тоҷикистон зиёд набуда, дар як сол аз 0,1 то 6 рӯз ташкил мекунад. Дар баъзе ноҳияхо боришоти сахт аслан вуҷуд надорад. Дар солҳои алоҳида, масалан, соли 1969 теъдоди нимшабонарӯзҳои дорои борандагии сахт 3-5 маротиба бештар аз миқдори миёна будааст, бештарин рӯзҳои борандагии сахт, асосан, ба моҳҳои бахор ва дар ноҳияҳои баландкӯҳ ба тобистон рост меояд. Дар солҳои 1961-1990, теъдоди рӯзҳои дорои боришоти сахт майл ба камшави дошт. Тағйирёбии теъдоди рӯзҳои дорои боришҳои сахти обаки якхела нест. Масалан, дар водии Кӯлоб теъдоди рӯзҳои дорои боришоти сахти обаки 1,5 баробар зиёдтар шуда аст. Баръакс дар ш. Душанбе майли камшави ба андозаи 1,5-2 баробар мушоҳида мегардад.

Боридани жола бисёр вақт ба кишоварзи зарар мерасонад. Манбаъи бештари жолаборишхо қад-қади қаторкӯҳи Ҳисор ва асосан дар кӯҳдоманҳо воқеъ шуда аст. Ба андозаи болорави, теъдоди рӯзҳои жолабори бештар мешавад. Ва зимнан максимуми такроршавандаги аз 0,7-1 рӯз дар водиҳо то 4-8 рӯз дар минтақаҳои баландкӯҳ афзоиш меёбад. Водии Ҳисор аз ҷиҳати такрори боридани жола фарк мекунад, дар ин чо миқдори миёнаи рӯзҳои боридани жола дар сол 1,9-3,5 рӯзро ташкил мекунад. Дар давраҳои байни солҳои 1961-1990 дар водихо ва доманакӯҳхо теъдоди рӯзҳои бориш жола 60-80% камтар будааст. Дар минтақаҳои кӯҳистони такроршавандагии жолабориш тағйир наёфта, дар баъзе ноҳияхо зиёд шудааст.

Селу обхезӣ. Яке аз окибатҳои бороні сел обхезист, ки аксаран дар минтақаҳои кӯҳдоман ва кӯҳистонии Тоҷикистон дар ҳудуди баландиҳои то 2000 м мушоҳида мегардад. Дар ноҳияҳои баландкӯҳ сел мумкин аст дар натиҷаи канда шудани кулҳои муваккати (пиряхи) ба вуҷуд ояд. Маълуман селу обхези хусусияти кӯтоҳмуддат доранд, вале ба маҳалҳои маскуни ва иктисоди мили зиёни калон мерасонанд. Дар давраи таҳқиқот бештарин теъдоди сели фалокатбор дар солҳои 1969, 1970, 1985 ва 1988 ба мушоҳида расидааст. Нишебиҳои ҷанубу Шарқӣи карокӯҳи Ҳисор, нишебиҳои шимолии қаторкӯҳи Туркистон ва нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Курама ва хусусан хавзаҳои Яхсу, Варзоб, Вахш, Обихингов селхезтарин нуктаҳои кишвар ба шумор меравад. Дар тули солҳои 1961-1990 афзоиши теъдоди рӯзҳои селхезии фалокатовар ба андозаи 50-60% ба назар

расидааст. Дар вақтҳои охир селхезиҳои калони дар солҳои 1993, 1998 ва 2002 мушоҳида шуд, ки боиси вайронии бисёр иншооти иктисоди (сарбанди нерӯгоҳи обии Рогун, роххо, хонахо дар вилоятҳои Хатлону Сугд) ва зарарӯ ҳисороти азим гардид.

Тарма. Шароиту ангезаи асосии фуромадани тарма хамоно мавчудияти нишебиҳои 30-50 дарачаги, қабати барф ба гавсии беш аз 30см ва вазъияти марбутаи метеорологист. Дар шароити Тоҷикистон дар қисмати калони манотики кӯҳистони сабаби асосии пайдоиши тарма (60-70%) барфи навборида мебошад. Бештарин такрори тармафурои дар нишебиҳои экспозитсияҳои шимоли ба мушоҳида гирифта шудааст. Максимуми тармафурои ба моҳҳои феврал-март рост меояд бештарин теъдоди чунин рӯзхо дар соли 1978 қайд шуда аст. Дар он сол амалан дар хаммаи ноҳияҳои кӯҳистони тарма фуромад. Дар натиҷа, ҳаракти наклиёти автомобили манъ шуда, дар бисёр чойхо хати алока ва баркрасони вайрон гардид. Солҳои 1976, 1984 ва 1987 теъдоди рӯзҳои тармафурои 2- баробар бештар аз миқдори миёнаи бисёрсола ба қайд гирифта шуда аст. Дар давраи байни солҳои 1961-1990 тамоюли афзоиши рӯзҳои тармафурои ба андозаи 50-70% мушоҳида гардид.

Туманҳои тулонӣ бо давомнокии бештар аз 24-соат ва имкони биниши 50 м ва камтар, падидаи фавкулодда хатарнок ба ҳисоб меравад, гарчанде, ки он дар Тоҷикистон хеле кам мушоҳида мешавад. Туман дар ноябр сар шуда, дар декабр-январ ба ҳадди максимум мерасад ва дар моҳи март ба поён меравад. Ноҳияҳои баландкӯҳи воқеъ дар минтақаи тавлиди абр, ки тамоми сол абр доранд, истисно мебошанд. Дар бештари ноҳияхо давомнокии умумии туман беш аз 50- 70 соат нест. Дар ағбаҳо ва мавзеъҳои барои ҷараёни намноки ҳаво кушода, давомнокии умумии туман то 1200 соат дар сол афзоиш меёбад. Лозим ба ёдоварист, ки туман ба ҳангоми давомнокии маҷмӯии зиёд то 3-5 соат давом мекунад. Дар давоми солҳои 1961-1990 теъдоди рӯзҳои туманноки 20-50% афзоиш ёфта аст.

Туфонҳои чангу ғубор ё чангбод аз ҷиҳати пайдоиш ба маҳалли ва фронтали ҷудо мешаванд. Дар мавриди аввал, ин падида маҳалҳои начандон бузургро фаро мегирад, маҳалҳоеро, ки махинхоканд ва он чо боди муътадил мевазад. Ин ҳодисаро мо аксаран дар ҷануби Тоҷикистон мебинем. Чангбодҳои фронтали, ки маъмулан бо фронтҳои сард хамроханд, ба боло дар водиҳои Кофарнихону Вахш ҳаракат мекунанд. Зимнан шимоли сахту хушки (18-20 м/сония) ғуборолуду тира мумкин аст якчанд соат давом мекунад. Бештарин адади рӯзҳои чангбод, мутавасситан 14-рӯз, дар ҷануби кишвар мушоҳида мегардад. Ҳангоми таҳқиқи такроршавандагии чангбодхо ё туфонҳои чангу ғубор дар давоми солҳои 1961-1990 тамоюл ба коҳиши шумори рӯзҳои чангбоддор ба андозаи 1,5-2 баробар ошкор гардидааст. Вале дар охири солҳои 1990 теъдоди чунин рӯзхо хеле бештар шудааст.

Ҳангоми тадиқиқи тағйирёбии иқлим дар марзи Тоҷикистон асосан хусусиятҳои иқлими маҳал ва ҷараёнҳои шаклдиҳандаи он, таҳлили дақиқи шароити иқлимӣ дар солҳои 1961-1990, ки аз тарафи Созмони ҷаҳонии ҳавошиносӣ (СҶҲ) ҳамчун давраи асосӣ тавсия шудааст, муайян кардани тамоюлҳои тағйири иқлим ва муқоисаи меъёрҳои иқлимии давраи асосӣ бо натиҷаи моделҳои иқлими глобалӣ дар консентратсияи муқаррарии CO2 (1x$CO_2$) ва ба назар гирифта шудааст.

Барои таҳлили тағйирёбии иқлим дар қаламрави Тоҷикистон маълумотҳои мушоҳидавии беш аз си шабакаҳои обуҳавошиносӣ, ки дар минтақаҳои гуногуни иқлимӣ ва ноҳияҳои баландкӯҳ (баландии аз 300 то 4200 м аз сатҳи баҳр) ҷойгир шудаанд, истифода шудаанд.

Таҳияи ангораҳои (сенарияҳои) тағйирёбии иқлим якҷоя бо Маркази омӯзиши тағйири иқлими Ҷумҳурии Озарбойҷон дар асоси маълумоти даҳ шабакаҳои обуҳавошиносии Тоҷикистон, ки аз рӯи мавқеи ҷойгиршавиашон дар минтақаи хос намуна мебошанд, дар пояи маълумоти моделҳои Had CM2, CCCM, CISS, GFD3, UK-89 анҷом дода шуд. Дар моделҳои маълумоти иқлимии давраи солҳои 1961-1990 истифода шуд. Ҳам дар мавриди ҳарорат ва ҳам оид ба боришот беҳтарин натиҷаҳо тақрибан барои ҳамаи истгоҳҳо аз рӯи модели HadCM2 ба даст омадааст.

Барои пурра ба ҳисоб гирифтани ҳамаи омилҳо ба иқлим таъсиркунанда дар моделҳо ҷараёнҳои физикии марбут ба радиатсия, фотохимия, термодинамиқа, бӯхоршавӣ, конденсатсия ва ғайра ҷой дода шуд. Дар моделҳои баробарвазн консентратсияҳои $CO_2$ ҳамчун консентратсияи доимӣ дар назар гирифта шуда баробари 1x$CO_2$, 2x$CO_2$, 4xCO2 ва ғайра. Дар моделҳои нобаробар вазн консентратсияи $CO_2$ ба тарзе дар назар гирифта шудааст, ки пайваста афзоишёбанда буда, соле 1% зиёд мешавад.

Барои моделсозии иқлим аз таъминоти барномавии MAGICC SCENGEN ва воситаҳои компютерии дигар истифода шудааст, ки имкон медиҳанд сенарияи (ангораи) тағйири иқлим ба

назардошти сенарияи афзоиши консентратсияи газҳои парникӣ (газҳои гармхонаӣ) сохта шавад. Моделсозӣ дар ҳудуди 0,5 дараҷаи арзу тӯл маҳдуд карда шуд. Дар ҳамин ҳудуд 4 минтақа баррасӣ мешаванд, ки аз ин Ҷумҳурии Тоҷикистон ба минтақаи Осиё дохил мешавад.

Коршиносон зикр намудаанд, ки миқёси моделҳои глобалӣ бошароити мураккаби иқлимии Тоҷикистон, ки табақабандии баланди иқлими ва боришу намнокшавии чашмгир аз вожагиҳои он аст, ба таври пурра мутобиқат намекунад ва бинобар ин наметавонад бо эътимоди зиёд барои моделсозии иқлими ноҳияҳои алоҳидаи кишвар ба кор бурда шавад.


## АДАБИЁТ:

1. Арутюнов В.С. Глобальное потепление: катастрофа или благо? // Химия и жизнь XXI век. – 2007. - № 3. – С. 16-22.
2. Бобров В. География мира. Интересные факты об изменении климата. - М.: Феникс, 2014. - 160 с.
3. Бобров В. Геоэкологическое моделирование для целей управления природопользованием в условиях изменений природной среды и климата: моногр. - М.: Едиториал УРСС, 2014. - 400 с.
4. Боечин И. Что век текущий нам готовит? // Техника – молодежи. – 2007. - № 3. – С. 4-7.
5. Борисенков Е.П. Климат и деятельность человека / Е.П. Борисенков. - М.: Наука, 2013. - 128 с.
6. Будыко М.И. Изменение климата. Л.: Гидрометеоиздат, 1974. 280 с.
7. Будыко М.И. Климат в прошлом и будущем. Л.: Гидрометеоиздат, 1980. 351 с.

Будыко М.И. Современные проблемы экологической метеорологии и климатологии. – Санкт Петербург: Наука, 2005. 244с.

8. Гор А. Неудобная правда. Глобальное потепление: как остановить планетарную катастрофу. Спб.: Амфора, 2007. 328 с.


## САРЧАШМАҲОИ АСОСИ ҲОДИСАҲОИ ГИДРОМЕТРОЛОГӢ ДАР ТАБИАТ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ


**Анататсия:** Ҳифзи ҳавои атмосферӣ масъалаи муҳими беҳдошти муҳити табиии атроф маҳсуб меёбад. Одамият ҳамчун қисми ҷудонашавандаи экосистема ҳамеша ба ҳифзи он машғул мебошад. Сол аз сол ҳавои атмосфера ифлос ва иқлим баланд шуда истодааст ки ин ба табиат, саломатии инсон, тамоми мавҷудоти зинда ба ҳосили зироатҳои кишоварзи таъсир худашро мерасонад.



**Калимаҳои калидӣ:** атмосфера, муҳити зист, қабати озон, таъсири антропогенӣ, захираҳои табиа, наботот, ҳайвонот.


## ОСНОВНЫЕ ИСТОЧНИКИ ГИДРОМЕТРОЛОГИЧЕСКИХ ЯВЛЕНИЙ В ПРИРОДЕ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА ИЗМЕНЕНИЕ КЛИМАТА


**Анастация:** защита атмосферного воздуха является важным вопросом улучшения окружающей среды. Человечество как неотъемлемая часть экосистемы всегда занимается ее сохранением. Из года в год атмосферный воздух загрязняется, а климат повышается. Это само по себе влияет на природу, здоровье человека, все живое на урожай сельскохозяйственных культур.



**ключевые слава:** окружающая среда, озоновый слой, антропогенное воздействие, природные ресурсы, растения, животные.


## MAIN SOURCES OF HYDROMETROLOGICAL EVENTS IN NATURE AND ITS IMPACT ON CLIMATE CHANGE


**Annotation:** The protection of atmospheric air is an important issue of improving the environment. Humanity, as an integral part of the ecosystem, is always engaged in its preservation. From year to year, the atmospheric air is polluted, and the climate is rising. This in itself affects nature, human health, and all living things on the harvest of agricultural crops.



**Key words:** environment, ozone layer, anthropogenic impact, natural resources, plants, animals.

**Маълумот оид ба муалифон:** Саидумаров Саидаброр Саидбурҳонович - корманди муассисаи МДТоҷик «НИИГиМ». тел.+992501007800; E-mail; saidabror@mail.ru, Сайдумарова Мавзуна Саидбурҳоновна – докторанти PhD бахши якуми Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИҶТ.

**Сведения об авторах:** Саидумаров Саидаброр Саидбуржонович - сотрудник Таджикского государственного учреждения «НИИГиМ». тел.: + 992501007800; Эл. адрес; sayabror@mail.ru, Саидумарова Мавзуна Саидбурхановна - аспирант 1-го отделения Института воды, гидроэнергетики и экологии НИАТ

**Information about authors:** Saidumarov Saidabror Saidburzhonovich - an employee of the Tajik state institution "NIIGiM". tel.: + 992501007800; Email the address; sayabror@mail.ru, Saidumarova Mavzuna Saidburkhanovna - post-graduate student of the 1st department of the Institute of Water, Hydropower and Ecology NIAT

## МОҲИЯТ ВА МАФҲУМИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

*Саттаров А.Ҷ., муаллими калони кафедраи кибернетика ва иқтисодӣ рақамии ДМТ.*
*Ҷобиров Ҷ.Қ. – н.и.ф.-м., дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисодӣ рақамии ДМТ.*

Дар арсаи ҷаҳонишавӣ “рақамикунонӣ” яке аз таҳавуллотҳои асосии ҷомеа мебошад. Махсусан пайдоиши бемории ҳамагири Ковид-19 ҷойгоҳ ва мавқеи рақамикунониро дар ҷомеаи муосир масъалаи мубрам ва аввалиндараҷа гардонид. Сироятёбии аҳоли ҷаҳон ба ин вирус раванди рақамикунониро вусъати тоза бахшида пиёдасозии онро амри ногузир гардонидааст. Ин омил барои гузаштан аз системаи маъмулии иқтисод ба “Иқтисоди рақамӣ”, яъне рақамикунонии иқтисод боис гаштааст, Агарчанде иқдоми рақамикунонӣ аз пандемияи коронивирус пештар оғоз гардида буд. Ин мафҳум дар айни замон дар тамоми ҷаҳон васеъ истифода мешавад ва онро сиёсатмадорон, соҳибкорон, зиёиён ва рузноманигорон истифода мебаранд. Моҳият ва мафҳуми "Иқтисоди рақамӣ" аҳамияити хосаро касб кардааст, зеро онро дар сатҳи давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ меомӯзанд ва баррасӣ менамоянд. Дар асри XXI иқтисоди рақамӣ омили муҳими рушди иқтисодиёт дар ҷаҳон гаштааст. Дар баробари ин иқтисоди рақамӣ чунон бо суръати баланд пеш рафта истодааст, ки шарҳи назариявии онро наметавон сари вақт ба масъалаҳои аз амалия ҳосилшуда, пешниҳод намуд.

Бояд қайд намоем, ки дар ҳамоиши “Гуруҳи бистгона” дар Ханчжоу (2016 с.) таҳти мавзӯи “Иқдоми рушд ва ҳамкории “гуруҳи бистгона” дар соҳаи иқтисоди рақамӣ”, пешниҳод гардида буд, ки иқтисоди рақамӣ ҳамчун “доираи васеъи чорабиниҳои иқтисодие, ки дар худ истифодаи иттилооти рақамикунонида ва донишҳоро ба сифати омили калидии истеҳсолот дар бар мегирад, шабакаҳои муосири иттилоотӣ ҳамчун фазои муҳим барои фаъолият ва истифодаи самараноки технологияи иттилооти коммуникатсионӣ (ТИК) ҳамчун омили муҳими баландравии маҳсулноки ва беҳтаркунии сохтори иқтисодӣ”.[43] тавсиф дода мешавад.

Дар натиҷаи ҷаласаи Шӯрои сарони хукуматҳои кишварҳои ИДМ аз 6 ноябри соли 2020 созишнома оид ба ҳамкории иттилоотии кишварҳои узви ИДМ дар соҳаи рушди рақамии ҷомеа қабул шудааст, ки дар он тарафҳо ба сифати самтҳои асосии ҳамкории иттилоотӣ соҳаҳои зеринро муайян намудаанд:

- мубодилаи таҷриба дар самти танзими ҳуқуқӣ;
- рушди фазои рақамии минтақавӣ ва амнияти иттилоотӣ;
- рушди бозорҳо ва бахшҳои иқтисодиёти рақамӣ;
- рушди муштараки инфрасохтори иттилоотӣ;
- маориф, ташаккули салоҳияти илмӣ, тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо;
- ҳамкории мутақобила ҷиҳати таъмини рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ҳамкории илмӣ;
- ташкили системаҳои дастгирии тадқиқотӣ, ки мустақилияти технологӣ дар ҳар як соҳаи технологияҳои рақобатпазири рақамиро таъмин менамоянд;

[43] Филиппович А.В. Волошин А.В. Обзор подходов к определению сущности цифровой экономики ФГАОУ ВО «Сибирский федеральный университет». URL:http://edrj.ru/article/10-01-2019 (санаи муроҷиат ба сомона:02.06.2021)

- рушди низоми «Ҳукумати электронӣ»;
- таъмини дастрасии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ тибқи қонунгузории давлатҳои иштирокчии созишномаи мазкур;
- таъмини ба ҳаддӣ ақал расонидани нобаробарии рақамӣ;
- мубодилаи таҷриба дар самти малакаҳои рақамӣ ва кор дар татбиқи платформаҳои рақамӣ.[44].

Маълумоти овардашуда татбиқи равандҳои гузариш ба иқтисоди рақамиро дар паҳнои кишварҳои ИДМ-ро нишон медиҳад.

Соли 2016 дар Тоҷикистон "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" қабул гардид, ки дар доираи он ҳукумат се марҳилаи рушди кишварро ба нақша гирифтааст: "гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ", "марҳилаи рушди суръатнок, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст" ва "марҳилаи ба анҷом расонидани саноатикунонии босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо". Рушди соҳаҳои технологӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ тавассути таҳкими рушди институтсионалӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ дар тамоми сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ, пурзӯр намудани ҳифзи ҳуқуқи моликият, такмили низоми ҳуқуқӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди шабакаҳои иттилоотӣ, паркҳои технологӣ ба роҳ монда бояд шавад.[45]

Инҳо нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз нобаробарии рақамӣ барои рушди иқтисодиёти рақамӣ чораҳои муассир андешида мешаванд.

Инчунин барои расидан ба ҳадафҳои "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон" консепсияи "Иқтисоди рақамӣ" аз 29 декабри соли 2019 бо қарори ҳукумати ҶТ қабул карда шудааст. Консепсия гузариши муттасили марҳила ба марҳиларо ба амалисозии дурнамои табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ пешбинӣ менамояд. Дар аввал се марҳила то соли 2040 ба нақша гирифта мешавад. Марҳилаи якум то соли 2025, марҳилаи дуюм то соли 2030 ва марҳилаи сеюм то соли 2040.[46] Дар консепсия оиди мафҳуми иқтисоди рақамӣ таърифи аниқи мафҳуми "иқтисоди рақамӣ" пешниҳод нашудааст. Ҳарчанд ин мафҳум хеле паҳнгардида бошад ҳам, вале то ба ҳол ба таърифи ягонаи он дар сарчашмаҳои илмӣ маълумот оварда нашуда аст. Инчунин дар паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози соли 2021 оид ба иқтисоди рақамӣ махсус аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати милли, Пешвои милат муҳтарам Эмомали Раҳмон таъкидҳо шуда буд. Инчунин ба ҳукумати кишвар оиди ташкили сохтори махсусе, ки соҳаи иқтисоди рақамиро идора ва рушд диҳад, супориш дода шуда буд. Дар натиҷа Раёсати иқтисоди рақамӣ дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо ташкил гардид. Ин ҳама аз моҳияти баланд доштани иқтисоди рақамӣ дар низоми идораи иқтисодиёт шаҳодат медиҳад. Дар ин замина гузариш ба иқтисоди рақамӣ бояд бо сифати баланд анҷом дода шавад.

Иқтисоди рақамиро ҳамчун иқтисодиёте, ки дар асоси технологияҳои рақамӣ ташкил гардидааст, тавсиф додан мумкин аст. Дар зери мафҳуми "Иқтисоди рақамӣ" муаллифон соҳаҳои фаъолияти гуногунро дар назар доранд ва ҳамин тавр, меъёрҳои мухталифро барои дарки ин мафҳум пешниҳод менамоянд.

Аввалин маротиба истифодаи мафҳуми "рақамикунонӣ" ба маънои васеъаш ба Роберт Вахалов мансуб дониста мешавад, ки таърифи ҷомеаи рақамиро дар мақолаи худ соли 1971 истифода кардааст.

Мафҳуми иқтисодиёти рақамиро аввалин маротиба Дон Тапскотт дар китоби маъруфи худ "Иқтисодиётӣ рақамӣ: Дурнамо ва хатарҳо дар давраи иктишофи шабакавӣ" соли 1995 истифода кардааст. Николас Негропонте, асосгузори медиа-лабораторияи институти технологии Массачусетс ва муаллифи китоби "Быт Цифровим", ки соли 1995 нашр гардидааст иқтисодиёти рақамиро ҳамчун истифодабарии "Бит ба ҷойи атомҳо" шарҳ додааст.

---

[44] ПЕРЕЧЕНЬ ДОКУМЕНТОВ, принятых на заседании Совета глав правительств Содружества Независимых Государств 6 ноября 2020 года URL: Итоги заседания Совета глав правительств СНГ и перечень принятых документов (6 ноября 2020 года) (minsk.by) (санаи мурочиат ба сомона: 25.11.2021)

[45] Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

[46] Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоикистон аз «30» декабри соли 2019, №642 тасдиқ шудааст

Мувофиқи таснифи “Oxford English Dictionary”, мафҳуми рақамисозӣ имрӯз ҳамчун мутобиқшавӣ ва афзоиши истифодаи технологияҳои рақамӣ ё компютерӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ, хонавода, корхона ва дар маҷмӯъ, дар иқтисодиёти давлат фаҳмида мешавад.

Дар даврaҳои аввал иқтисодӣ рақамиро баъзан иқтисодиёти иттилоотӣ, интернет-иқтисодиёт, иқтисодиёти креативӣ, иқтисоди нав ва ғ. ном мебурданд. Аммо аз нигоҳи мо ҳамаи ин мафҳумҳои ҳамрадиф истифодашаванда барои падидаҳои навини инъикоси иқтисоди рақамӣ, истифода мешаванд.

Иқтисоди рақамӣ гузаштан аз инқилоби сеюми саноатӣ ба инқилоби чоруми саноатиро ифода мекунад. Инқилоби сеюми саноатӣ, ки баъзан инқилоби рақамӣ низ номида мешавад, ба тағйиротҳое, ки дар охири асри 20 бо гузариш аз дастгоҳҳои аналогии электронӣ ва механикӣ ба технологияи рақамӣ вобаста аст, дахл дорад. Инқилоби чоруми саноатӣ ба инқилоби рақамӣ асос ёфтааст, зеро технологияи муосир ҷаҳони ҷисмонӣ ва кибериро пайваст намуда истодааст.

Иқтисоди рақамӣ аз рақамикунонӣ ва автоматикунонӣ хеле фарқ мекунад. Ин модели нави фаъолият бисёр технологияҳои пешрафта ва платформаи технологияи навро истифода мебарад. Ба монанди: гиперпайвастшавӣ, интернет ашёҳо (англ. internet of things, IoT), маълумотҳои ҳаҷман калон, таҳлили васеъ, шабакаҳои беноқил, дастгоҳҳои мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ. Иқтисоди рақамӣ ин технологияҳоро ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар мувофиқа барои дигаргунсозии мубодилаи анъанавӣ ва эҷоди технологияҳои нав истифода мебарад.

Иқтисоди рақамӣ дар иқтисодиёти муосир тағйирот ва навгониҳои зиёдиеро ба вуҷуд овард. Ширкатҳои нав ва роҳҳои нави ҳамкорӣ пайдо шуданд. Бо вуҷуди ин, бисёр ширкатҳо ва соҳаҳое, ки техника ва технологияи иттилоотии муосирро барои тағйир додани фаъолият истифода набурданд ё натавонистанд, ба коҳиши фурӯш, камшавии ҳиссаашон дар бозор ва ҳатто фурӯпошии комил дучор шуданд.

Вобаста ба таҳлили шарҳи мафҳуми “иқтисоди рақамӣ” месазад қайд намоем, ки он аз нигоҳи мухталиф аз ҷониби муҳақиқону олимони ватаниву хориҷӣ таъриф дода шудааст. Масалан ҳанӯз соли 1999 Н. Лейн (Neal Lane) ёрдамчии президенти ИМА оид ба илм ва технология, дар мақолаи “Рушди иқтисоди рақамӣ дар асри XXI” аввалин маротиба ба зуҳуроти тадқиқшаванда чунин таърифро пешниҳод намуд: “Иқтисоди рақамӣ – ин ҳамгироии технологияи компютерӣ ва коммуникатсионӣ дар шабакаи Интернет ва пайдоиши селоби иттилоот ва технология, ки рушди тиҷорати электронӣ ва тағйиротҳои зиёд дар сохтори ташкилиро ҳавасманд мегардонад”.[47]. Дар баробари ин муаллиф диққати худро ба тиҷорати электронӣ ва таъсири иқтисоди рақамӣ ба махфият, инноватсия, стандартҳо ва нобаробарии рақамӣ равона месозад.

Томас Мезенбург (Thomas Mesenbourg) соли 2001 се унсури иқтисоди рақамиро ҷудо намуд, ки аз рӯйи ақидаи ӯ онҳоро баҳои оморӣ дода, чен кардан мумкин аст:

- Сохтори дастгирикунанда (таъминоти барномавӣ ва дастгоҳӣ, телекоммуникатсия, шабакаҳо ва ғ.);
- Тиҷорати электронӣ (бурдани фаъолияти хоҷагидорӣ ва дилхоҳ равандҳои тиҷорат ба воситаи шабакаҳои компютерӣ);
- Савдои электронӣ (тақсимоти мол тавассути интернет).

Табарзода О.С. ва Расулов А.Р. қайд менамоянд, ки муносибатҳои муосири иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки дилхоҳ соҳаи иқтисод, алалхусус соҳаи молия бояд ба таҳаввулоти муосири технологӣ омода бошанд. Рушди бесобиқаи технологияҳои инноватсионӣ ва технологӣ фаъолсозӣ ва татбиқи технологияҳои муосирро дар соҳаи хизматрасониҳои бонкӣ талаб мекунад, ки ин талаботи рушди иқтисоди муосири Тоҷикистон мебошад.[48]. Маълум аст, ки ҳамаи ин тамоюл ва ё зуҳуроти иқтисодӣ ба рақамикунонии иқтисод асоснок карда мешаванд ва барои устувор гаштани потенсиали рақобатназирии молистеҳсолкунандагон ва сектори молиявии иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

[47] Lane, N. Advancing the digital economy into the 21st century / N. Lane // Information Systems Frontiers. – 1999. – Vol. 1. – № 3. – P. 317–320.

[48] Табарзода О.С., Расулов А.Р. Современные перспективы развития мобильных платежей в системе электронных платежей// Научн. журнал «Таджикистан: экономика и управление». 2021. № 1. С. 39-49.

Новобаста аз корҳои зиёди анҷом дода шуда, то ба ҳол таърифи ягонаи иқтисоди рақамӣ ҳамчун системаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Чӣ хеле, ки бисёре аз мутахассисон эътироф мекунанд, худи таърифи рақамикунони тағйир ёфта меистад.

Барои дарки мафҳум ва моҳияти иқтисоди рақамӣ, лозим донистем таърифҳои иқтисоди рақамиро, ки аз тарафи муҳақиқон, созмону ташкилотҳои байналмиллалӣ ва сохторҳои давлатҳои гуногун пешниҳод шудаанд, дар ҷадвали зерин биёрем:

| | Муаллиф | Таъриф |
|---|---|---|
| 1 | Матюшок В.М. (1999) | Иқтисоди рақамӣ ин шакли фаъолияти иқтисодие мебошад, ки ба муҳити ҷаҳонӣ асос ёфтааст, бо бартарии дониш ва иттилоот ҳамчун муҳимтарин унсурҳои қувваҳои истеҳсолкунанда ва динамикаи босуръати байни талабот ва пешниҳод мебошад. |
| 2 | Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР), 2012 | «Иқтисоди рақамӣ имкон медиҳад то савдо бо маҳсулоту хизматрасониҳо тариқи тиҷорати электронӣ дар шабакаи интернет анҷом дода шавад»,[49]. |
| 3 | Департаменти коммуникатсия ва иқтисоди рақамии Австралия с. 2013 | "Иқтисоди рақамӣ ин шабакаи ҷаҳонии иқтисодӣ ва чорабиниҳои иҷтимоӣ, ки ба воситаи чунин платформаҳо интернет ҳамчунин шабакаҳои мобилӣ ва сенсорӣ амалӣ карда мешавад,[50]. |
| 4 | Колужский М.Л. (2014) | Иқтисоди рақамӣ ин муҳити иртиботӣ барои фаъолияти иқтисодӣ дар Интернет, инчунин шаклҳо, усулҳо, воситаҳо ва натиҷаҳои татбиқи он мебошад. |
| 5 | Парламенти аврупо 2015 | «Иқтисоди рақамӣ ин сохтори мураккаб, ки аз якчанд сатҳ/қабатҳо иборат буда байни ҳам амалан бо гиреҳҳои беохир ва ҳамеша афзуншаванда алоқаманд мебошад». |
| 6 | Аднамах И.С., Сторожева Е.В. (2015) | Иқтисоди рақамӣ ин фаъолиятест, ки бевосита бо рушди технологияҳои компютерии рақамӣ алоқаманд аст, ки он хидматрасонӣ бо пешниҳоди онлайн - хизаматрасонӣ, пардохтҳои электронӣ, тиҷорати интернетӣ, краулфандинг ва ғайраро дар бар мегирад. |
| 7 | Бонки ҷаҳонӣ 2016 | Иқтисоди рақамӣ ин парадигмаи нави рушди босуръати иқтисоди, ки ба мубодилаи додаҳо дар реҷаи реали асос ёфтааст... ин системаи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимои ва фарҳангӣ, ки ба истифодаи технологияи иттилооти коммуникатсионии рақамӣ асос ёфтааст.,[51] |
| 8 | Куприяновский В.П., Синягов С.А., Липатов С.И. (2016) | Иқтисоди рақамӣ ин муносибатҳои иқтисодии ба таври электронӣ тавлидшуда мебошад. |
| 9 | Алексеев И.В. (2016) | Иқтисодиёти рақамӣ ин системаи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионии рақами асос ёфтааст. |
| 10 | TechTarget, 2016 | "Иқтисоди рақамӣ ин шабакаи ҷаҳони намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, ки бо шарофати технологияи иттилооти коммуникатсиони дастрас гардидаанд (ТИК). Бо суханҳои дигар иқтисоди рақамиро |

[49] Hearing The Digital Economy. – Paris: OECD, 2012. // OECD [Electronic resource]. – Mode of Access: http://www.oecd.org/daf/competition/ The-DigitalEconomy-2012.pdf. – Date of access: 24.11.2021

[50] Advancing Australia as a Digital Economy: An Update to the National Digital Economy Strategy. Canberra: Department of Broadband, Communications and the Digital Economy, 2013// DBCDE [Electronic resource]. – Mode of Access: http://apo.org.au/node/34523. – Date of access: 22.10.2021.

[51] Развитие цифровой экономики в России. 20 декабря 2016. Представительство Всемирного банка в России // Всемирный банк [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.vsemirnyjbank.org/ru/events/2016/12/20/developing-the-digital-economy-in-russia-international-seminar-1– Дата доступа: 08.10.2021.

| | | |
|---|---|---|
| | | ҳамчун иқтисодиёте, ки дар асоси технологияи рақамӣ асос ёфтааст фаҳмидан мумкин аст”.[52]. |
| 11 | Кунцман А.А. (2016) | Иқтисоди рақамӣ ин навъи муосири иқтисодиёт буда, нақши бартаридоштаи иттилоот ва дониш ҳамчун муайянкунандаи захираҳо дар истеҳсоли маҳсулоти моддӣ ва хизматрасонӣ, инчунин истифодаи фаъолонаи технологияҳои рақамӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли иттилоот тавсиф мешавад. |
| 12 | Конфронси СММ оид ба савдо ва рушд, соли 2017 | “Иқтисоди рақами истифодаи интернет технологияи рақамӣ дар раванди истеҳсоли маҳсулоту хизматрасони ва савдои онҳо”.[53]. |
| 13 | Урманцева А. (2017) | Иқтисоди рақамиро метавон ҳамчун як қисми муносибатҳои иқтисодӣ тасаввур кард, ки тавассути Интернет, алоқаи мобилӣ ва ТИК миёнаравӣ карда мешавад. |
| 14 | Норец Н.К., Станкевич А.А. (2017) | Системаи муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионии рақамӣ (компютерӣ) асос ёфтааст. |
| 15 | Василенко Н.В. (2017) | Навъи иқтисодиёт, ки бо ҷорӣ намудан ва истифодаи фаъолонаи технологияҳои рақамӣ барои нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли иттилоот дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон тавсиф мешавад. |
| 16 | Сударушкина И.В., Стефанова Н.А. (2017) | Натиҷаи таъсироти табдилдиҳандаи технологияҳои нави таиноти умуми дар сохаи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ки ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва фаъолияти иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. |
| 17 | Путин В.В. (2017) | Иқтисоди рақамӣ ин соҳаи алоҳида нест, дар асл он як тарзи зиндагӣ, заминаи нав барои рушди низоми идоракунии давлатӣ, иқтисодиёт, тиҷорат, соҳаи иҷтимоӣ, дар маҷмӯъ ҷомеа мебошад. |
| 18 | Барномаи «Иқтисоди рақамии ФР» | Иқтисоди рақамӣ ин сохтори иқтисодӣ мебошад, ки бо гузариш ба сатҳи сифатан нави истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - телекоммуникатсионӣ (ТИК) дар тамоми соҳаҳои фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ тавсиф мешавад. |
| 19 | Deloitte, 2017 | “Иқтисоди рақамӣ ин шакли фаъолияти иқтисоди, ки дар натиҷаи миллиардҳо алоқаи мутақобилаи одамон, корхонаҳо, таҷҳизот, додаҳо ва равандҳо ба амал меояд. Асоси иқтисоди рақами гипералоқа мебошад, яъне рушди алоқаи мутақобилаи одамон, ташкилот ва дастгоҳҳо, ки бо шарофати интернет, технологияи мобили ва интернет чизҳо ба вуқӯ мепайванданд”.[54]. |
| 20 | Oxford Dictionary, 2017 | “Иқтисоди рақамӣ ин иқтисодиёте, ки дар асоси технологияи рақамӣ фаъолият менамояд аз он ҷумла амалиётҳои ғайринақди ба воситаи интернет”.[55]. |
| 21 | Институти рушди глобали (Донишгоҳи Манчестер), 2018 | “Иқтисоди рақамӣ ин қисме аз ҳаҷми умумии итеҳсолот, ки пурра ва ё асосан дар базаи технологияи рақамии фирмаҳо истеҳсол карда шуда, бизнес моделашон ба маҳсулот ва хизматрасониҳои рақами асоснок карда шудааст”. |
| 22 | Головенчик Г. Г., 2019 | Иқтисоди рақамӣ ин системаи муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологии байни давлат, ҷомеаи соҳибкорӣ ва шаҳрвандон мебошад, ки дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ амал мекунад, тавассути истифодаи васеи технологияҳои рақамии шабакавӣ, тавлиди намудҳо ва шаклҳои рақамии истеҳсолот ва пешбурди маҳсулот ва хизматрасонӣ ба истеъмолкунанда, ки боиси тағйирёбии доимии |

[52] Rouse, M. (2016) Digital Economy /M. Rouse // Newton: Techtarget [Electronic resource]. – Mode of Access: http://searchcio.techtarget.com/ definition/digital-economy. – Date of access: 20.10.2018.
[53] World Investment Report 2017: Investment and the Digital Economy. – UNCTAD, 2017
[54] What is Digital Economy? – New York: Deloitte, 2017 // Deloitte [Electronic resource]. – Mode of Access: https://www2.deloitte.com/mt/en/pages/technology/articles/mt-what-is-digital-economy.html. – Date of access: 12.10.2018.
[55] Digital Economy / Oxford: Oxford University Press, 2017 // Oxford Dictionary [Electronic resource]. – Mode of Access: https://en.oxfordd iction-aries.com/definition/digital_economy. – Date of access: 15.10.2018

| | | |
|---|---|---|
| | | инноватсионии усулҳо ва технологияи идоракунӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ мегардад. |
| 23 | Исмоилов Ш.М., Хӯҷамқулов Р.Б., Лутфуллоев М. Д., 2020 | Иқтисоди рақамӣ ин ташкили иқтисод ва тиҷорати сифатан нав мебошад, ки дар натиҷаи инқилобҳои илмӣ ва тағйироти технологӣ дар асоси дастовардҳои технологияҳои илмӣ - иттилоотӣ ва рақамикунонии иқтисодиёту ҷомеа бавуҷуд омадааст. |

Аз аксари таърифҳои дар боло зикргардидаи иқтисодиёти рақамӣ дида мешавад, ки қисми ҷудонашавандаи онҳо эътирофи нақши пешбарандаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (рақамӣ) (пеш аз ҳама Интернет) дар иқтисодиёти муосир мебошад. Бештари коршиносон дар таърифҳои пешниҳод намудаи худ мафҳуми иқтисоди рақамиро ҳамчун “сохтори мураккаб” муаррифӣ мекунанд ё онро ҳамчун “маҷмӯи технологияҳо” мебинанд. Дар як қатор корҳо вариантҳои соддакардашудаи таърифи иқтисоди рақамӣ ҳамчун «иқтисодёт дар асоси технологияҳои рақамӣ» оварда шудааст. Ҳамин тавр таърифҳои истилоҳи «иқтисоди рақамӣ» аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва яке аз хосиятҳои фарққунандааш ин тренди (тамоюли) вақт мебошад [33, 42-48].

Воқеан, ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) ба ин ё он дараҷа бо ифтитоҳи шабакаҳо ва рушди ТИК тағйир ёфтанд, аммо маҳз тағйироти солҳои охир ба бисёриҳо имкон медиҳад баҳс кунанд, ки марҳилаи нави иттилоотсозӣ оғоз мешавад, ки номи он "иқтисоди рақамӣ" аст.

Мафҳуми иқтисоди рақамӣ бо мафҳумҳои дар расми 1. оварда вобастагӣ дорад.




Расми 1. Мафҳумҳое, ки бо иқтисоди рақамӣ алоқаманди доранд ва падидаҳои нави онро инъикос мекунанд.

Мафҳумҳои овардашуда ҷузъе аз иқтисоди рақамӣ буда метавонанд, вале иқтисоди рақамиро пурра ифода карда наметавонанд. Иқтисоди рақамӣ бошад ҳамаи ин истилоҳот ва самтҳоро дар бар мегирад вале бо инҳо низ маҳдуд намегардад.

Ҳамин тавр, баъди таҳқиқу омӯзиши таснифу таърифҳои мафҳуми баррасишаванда таърифи зеринро пешниҳод менамоем:

Иқтисоди рақамӣ ин дигаргуншавии (трансформатсияи) фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки истифодабарии технологияҳои информатсиони-коммуникатсионии нави рақамиро дар ҳама соҳаҳои фаъолият дар бар мегирад ва бо муқоиса аз иқтисоди анъанавӣ бояд самараи бештари иқтисодӣ ба бор орад.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло, мехоҳам илова намоям, ки иқтисоди рақамӣ шакли босуръат рушдёбандаи фаъолияти хоҷагидори дар ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Рақамикунони дар ҳама ҷо

нуфуз пайдо карда, дар сектори воқеии иктисодиёт мавқеи мустаҳкамро ишғол менамояд. Иқтисоди рақамӣ шаклу усулҳои маъмулии пешбурди фаъолияти хоҷагидориро дар саросари ҷаҳон босуръат тағйир медиҳад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки дар баробари ҷанбаҳои мусбии татбиқи иқтисоди рақамӣ ҷанбаҳои глобалии таъсири манфӣ ба ҳаёти инсон ва ҷомеа низ вуҷуд дорад.

Хулоса кардан мумкин аст, ки иқтисодиёти рақамӣ на танҳо фаъолияти сифр иқтисодӣ барои истеҳсоли молҳо ва хидматҳои рақамӣ (маҷозӣ), балки иқтисодиётест, ки дар он афзоиши самараноки тавассути тавсеаи қаноатмандии муштариён ба равандҳои рақамӣ ворид карда мешавад; рушди ҳамкориҳои инноватсионӣ дар бозорҳо бо истифода аз шабакаҳои иттилоотӣ барои эҷоди экосистемаҳои рақамӣ; такмили технологии маҳсулот ва хидматҳо дар асоси хулосаҳои рақамӣ; азнавсозии рақамии равандҳои бизнес ва шаклҳои ташкилии идоракуни дар маҷмӯъ мебошад.

**Руйхати адабиёт**

1. Аднамах И.С., Сторожева Е.В. Использование информационных технологий в обеспечении финансовой безопасности банков // Молодая наука – 2015: матер. VI Открытой Междунар. молодежной науч.- практ. конф. 2016. С. 119–121.
2. Азизкулов Д.М. Цифровая экономика: понятие, особенности и перспективы на российском рынке // Вектор экономики. - 2018. - № 3 (21). - С 62-72. [Электронный ресурс] Режим доступа: URL: https: //elibrary.ru/download/elibrary_32751051_13924538.pdf (Дата обращения: 05.02.2022).
3. Алексеев И.В. Цифровая экономика: особенности и тенденции развития электронного взаимодействия // Актуальные направления научных исследований: от теории к практике: матер. X Междунар. науч.– практ. конф. 2016. № 4 (10). Т. 2. С. 42–45.
4. Алимардонов Т.А. Бобоева Р.М. Рушди иқтисоди рақамӣ ва мафҳумҳои асосии он/ Тоҷикистон иқтисод ва идора. Душанбе -2021. С.
5. Алимардонов Т.А. Ҷобиров А.Қ. Моҳияти иқтисоди рақамӣ ва равандҳои асосии ташаккулёбии он/ Тоҷикистон иқтисод ва идора.Душанбе -2021. С.
6. Василенко Н.В. Цифровая экономика: концепции и реальность // Инновационные кластеры в цифровой экономике: теория и практика: тр. науч.- практ. конф. с междунар. участием 17–22 мая 2017 г. / под ред. д-ра экон. наук, проф. А.В. Бабкина. СПб.: Изд-во Политехн. ун-та, 2017. С. 147–151.
7. Головенчик, Г. Г. Цифровизация белорусской экономики в современных условиях глобализации / Минск: Изд. центр БГУ, 2019. – 257 с. ISBN 978-985-553-581-3.
8. Заседание Совета по стратегическому развитию и приоритетным проектам 5 июля 2017 года. Московская область, Ново-Огарёво. URL: http://kremli n.ru/events/president/news/54983.
9. Исмоилов Ш.М., Хӯҷамкулов Р.Б., Лутфуллоев М. Д. Перспективы развития цифровой экономики в условиях республики Таджикистан. Текст научной статьи по специальности «*Экономика и бизнес*» https://cyberleninka.ru/article/n/perspektivy-razvitiya-tsifrovoy-ekonomiki-v-usloviyah-respubliki-tadzhikistan
10. Калужский М.Л. Маркетинговые сети в электронной коммерции: институциональный подход. М.: Берлин: Директ-Медиа, 2014. 402 с.
11. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, №642 тасдиқ шудааст
12. Кунцман А.А. Трансформация внутренней и внешней среды бизнеса в условиях цифровой экономики.URL:https://elibrary.ru/download/elibrary_273 39315_65604226.PDF (дата обращения: 04.06.2019).
13. Куприяновский В.П., Синягов С.А., Липатов С.И. «Цифровая экономика – «Умный способ работать» // International Journal of Open Information Technologies. 2016. № 2. С. 26–32.
14. Матюшок [13] В.М. Сетевая экономика и глобализация экономической деятельности // Информационное общество. 1999. № 6. С. 46–47.
15. Норец Н.К., Станкевич А.А. Цифровая экономика: состояние и перспективы развития // Инновационные кластеры в цифровой экономике: теория и практика: труды научно-практической конференции с международным участием 17–22 мая 2017 г. / под ред. д.э.н, проф. А.В. Бабкина. СПб.: Изд-во Политехн. ун-та, 2017. С. 173–179.

16. Об утверждении программы «Цифровая экономика Российской Федерации». URL: http://government.ru/docs/28653/ (санаи мурочиат ба сомона: 03.06.2021).
17. ПЕРЕЧЕНЬ ДОКУМЕНТОВ, принятых на заседании Совета глав правительств Содружества Независимых Государств *6 ноября 2020 года* URL: Итоги заседания Совета глав правительств СНГ и перечень принятых документов (6 ноября 2020 года) (minsk.by) (санаи мурочиат ба сомона:25.11.2021)
18. Развитие цифровой экономики в России. 20 декабря 2016. Представительство Всемирного банка в России // Всемирный банк [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.vsemirnyjbank.org/ru/ events/2016/12/20/developing-the-digital-economy-in-russia-international-seminar-1. – Дата доступа: 08.10.2021.
19. Саттаров А.Ҷ., Саъдуллозода О.З., Раҷабов Т.Б. Иқтисоди рақамӣ ва криптоасъор. // ДМТ / маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуӣ "Иқтисоди рақамӣ ва зарурияти ҷорӣ намудани низоми нави ҳисобҳои миллӣ" (Душанбе, 17-уми феврали соли 2021)
20. Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
21. Сударушкина И.В., Стефанова Н.А. Цифровая экономика // Азимут научных исследований: экономика и управление. 2017. Т. 6, № 1(18). С. 182–184.
22. Т Бухт, Р. Хикс Определение, концепция и измерение цифровой экономики / Р. Бухт, Р. Хикс // Вестник международных организаций. – 2018.13. – № 2. – С. 143–172.
23. Табарзода О.С., Расулов А.Р. Современные перспективы развития мобильных платежей в системе электронных платежей// Научн. журнал «Таджикистан: экономика и управление». 2021. № 1. С. 39-49.
24. Урманцева А. Цифровая экономика: как специалисты понимают этот термин URL: https://ria.ru /20170616/1496663946.html (дата обращения: 03.06.2021)
25. Филиппович А.В. Волошин А.В. Обзор подходов к определению сущности цифровой экономики ФГАОУ ВО «Сибирский федеральный университет». http://edrj.ru/article/10-01-2022 санаи мурочиат
26. *Хочабекова М.*К., Махмадназарова Ф.М. Мафҳум, хусусият ва роҳҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ //ДМТ / маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуӣ "Иқтисоди рақамӣ ва зарурияти ҷорӣ намудани низоми нави ҳисобҳои миллӣ" (Душанбе, 17-уми феврали соли 2021)
27. Advancing Australia as a Digital Economy: An Update to the National Digital Economy Strategy. Canberra: Department of Broadband, Communications and the Digital Economy, 2013// DBCDE [Electronic resource]. – Mode of Access: http://apo.org.au/node/34523. – Date of access: 22.10.2021.
28. Digital48 Economy / Oxford: Oxford University Press, 2017 // Oxford Dictionary [Electronic resource]. – Mode of Access: https://en.oxfordd iction-aries.com/definition/digital_economy. – Date of access: 15.10.2018.
29. Lane, N. Advancing the digital economy into the 21st century / N. Lane // Information Systems Frontiers. – 1999. – Vol. 1. – № 3. – P. 317–320.
30. Hearing37 The Digital Economy. – Paris: OECD, 2012. // OECD [Electronic resource]. – Mode of Access: http://www.oecd.org/daf/competition/ The-DigitalEconomy-2012.pdf. – Date of access: 24.11.2018.
31. Rouse, 45 M. (2016) Digital Economy /M. Rouse // Newton: Techtarget [Electronic resource]. – Mode of Access: http://searchcio.techtarget.com/ definition/digital-economy. – Date of access: 20.10.2018.
32. What 47is Digital Economy? – New York: Deloitte, 2017 // Deloitte [Electronic resource]. – Mode of Access: https://www2.deloitte.com/ mt/en/pages/technology/articles/mt-what-is-digital-economy.html. – Date of access: 12.10.2018.
33. Саттаров А.Ҷ., Табарзода О.С. Рақамикунонии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили омории он дар рейтингҳои байналмиллалӣ. Маҷаллаи илмӣ "Тоҷикистон иқтисод ва идора" 2020 №4. С.42-48.

## МОҲИЯТ ВА МАФҲУМИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Аннотатсия**. Дар асри 21 иқтисоди рақамӣ ба омили пешбарандаи рушди иқтисоди ҷаҳон табдил ёфтааст. Дар баробари ин, иқтисодиёти рақамӣ чунон босуръат рушд карда истодааст, ки назария барои посух додан ба бисёр муамоҳои аз амалия бармеомада вақтро талаб мекунад. Рушди технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа нишон медиҳад, ки имкони муошират, ҳамоҳангсозӣ ва мубодилаи фаврии иттилоот дар вақти воқеӣ ва аз ҳар гӯшаи ҷаҳон вуҷуд дорад. Бо овардани нақшаҳо, барномаҳо ва консепсияҳои қабулшуда дар сатҳи давлатҳо ва созмонҳои байналмиллалӣ моҳияти иқтисоди рақамӣ нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** рақамикунонӣ, иқтисоди рақамӣ, технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ, интернет, технологияи иттилоотии муосир, индустрия 4.0.

## СВОЙСТВА И ПОНЯТИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

**Аннотация**. В 21 веке цифровая экономика стала движущей силой глобального экономического роста. В то же время цифровая экономика развивается настолько быстро, что теории требуется время, чтобы ответить на многие проблемы, возникающие из практики. Развитие цифровых технологий в экономической и социальной деятельности общества показывает, что появляется возможность для связи, координации и быстрого обмена информацией в режиме реального времени и из любой точки мира. Сущность цифровой экономики демонстрируется путем представления принятых планов, программ и концепций на уровне государств и международных организаций.

**Ключевые слова:** цифровизация, цифровая экономика, информационно-коммуникационные технологии, интернет, современные информационные технологии, индустрия 4.0.

## PROPERTIES AND CONCEPTS OF THE DIGITAL ECONOMY

**Annotation.** In the 21st century, the digital economy has become a driving force for global economic growth. At the same time, the digital economy is growing so fast that theory takes time to answer many of the problems that arise from practice. The development of digital technologies in the economic and social activities of society shows that there is an opportunity for communication, coordination and rapid exchange of information in real time and from anywhere in the world. The essence of the digital economy is demonstrated by presenting the adopted plans, programs and concepts at the level of states and international organizations.

**Keywords:** digitization, digital economy, information and communication technology, internet, modern information technology, industry 4.0.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саттаров Абдукарим Чабборович***, ассистенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Айни 17, E-mail: abkarim@mail.ru. Телефон: (+992) 919-05-50-70; ***Ҷобиров Ҷаббор Қаххорович***– номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии ДМТ, Суроға: 734025, ҶТ, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17. **E-mail**: abdujabbor45@mail.ru. Телефон**:** (+992)900013920.

**Сведения об авторе:** ***Саттаров Абдукарим Джабборович***, ассистенти кафедры кибернетики и цифровой экономики Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Айни 17, E-mail: abkarim@mail.ru. Телефон: (+992) 919-05-50-70. ***Джабиров Дж.К.*** – кандидат физико-математических наук, доцент кафедры кибернетики и цифровой экономки ТНУ, Адрес: 734025, ҶТ, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17. **E-mail**: abdujabbor45@mail.ru. Телефон**:** (+992)900013920.

**Information about the author:** ***Sattarov Abdukarim Jabborovich*** assistants of the department of Cybernetics and Digital Economy, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Avenue 17, E-mail: abkarim@mail.ru. Телефон: (+992) 919-05-50-70; ***Jobirov Jabbor Qahhorovich*** **-** candidate of physical-mathematic sciences, associate professor of the Department of

Economic Cybernetics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. **E-mail**: abdujabbor45@mail.ru, Phone: (+992)900013920.

## СУЩНОСТЬ И ЗАДАЧИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ ПРАВЯЩЕЙ ПАРТИИ ИЛИ ИСТОРИЧЕСКИЙ УРОК КПСС

*Сидиков Н., к.э.н., доцент кафедры высшей математики и информатики, Горно-металлургический институт Таджикистана*

*Туев Ш.Ш., к.п.н., заведущей кафедры вышей математики и информатики, Горно-металлургический институт Таджикистана*

Для простого смертного названия тех или иных партий почти ничего не означают. В их представление – эта определенные, в некоторым образом образованные люды, рвущиейся любимы способами и средствами к власти и что может быть в дальнейшем смутно представляют, и действующие по принципу Наполиона Банапарта: пришел, увидел и победил. Но несмотря на все это, на вопрос: нужен ли руководящая патрия для страны и народа? - безусловно ответ должен быть положителен.

В тоже время, партия (или множество людей единомышленников) получивщая власть (независимо от того законно или не законно) берет на себя огромную ответственность за нынешную и будущую судьбы своей страны и своего народа. Поэтому от интелектуального потенциала и от навиков ведения политической игры этих партийсев зависят очень моногое в подвластной им стране, если не все. “В этом контексте – как справедливо отмечает академик Т. Назаров – старый лозунг о том, что кадры решает все в условиях инновационной экономики не только неустаревает, но и приобретает новое значение и более актуальный характер. ... Но как известно, кадры сами по себе не рождаются, их готовят, нацеливают на определенную задачу, стимулируют их деятельность, соизмеряют затраты и резулльтаты вкладываемого ими труда [3, с. 13].

Поколение авторов родились, воспитывалось (к счастью или к несчастью), получило образование (это точно к счастью) в Советскую эпоху, существовавшую под «чутким» руководством Коммунистической партии Советского Союза (КПСС). КПСС до 1987 года (до перестройки М. Горбачева) несокрушимо считалась руководящей и направляющей силой в обществе, она была вся, всё, везде. Не дай Бог кому-то и где-то высказать что-то не то о партии. Эта был конец для него и для его семьи. Это была настоящая диктатура КПСС. Как бы там ни было, но всему этому после свыше 70 лет правление пришёл конец.

По глубокому убеждению авторов, в развале СССР и во многих других «черных» пятнах в нашей истории виновата именно КПСС. Ведь в других странах (например, в Китае) Коммунистическая партия, хоть и не идеально, но всё же довольно успешно осуществляет руководство и уверенно ведёт страну вперед.

В связи с этими обстоятельствами, мы сочли необходимым разделится с некоторыми соображениями о деятелӣности КПСС с надеждой на то, что другие партии, правящие в нашей Новейшей истории, избегнут ошибок, допущенных в свое время КПСС.

В Советскую эпоху было время, названное периодом НЭПа (введенная В.И. Лениным новая экономическая политика). Когда наше поколение в 70-е годы изучало предмет «Политэкономия», НЭПу уделяли мало внимания как неудачному периоду развития экономики. То есть, тогда, по всей видимости, нам не давали правдивую информацию о роли и значения НЭПа. В то же время в период НЭПа (с 1922 по 1932 гг.) молодая страна Советов достигла небывалых успехов в экономической, финансовой и социальных сферах страны [7]. Анализ и оценка экономических успехов периода НЭП подробно приведены в работе [5, с. 125].

Развал СССР в 1991 году (после 74 лет существования) многих заставил задуматься о его причинах. Каждый (кому это было интересно) по мере своей просвещенности находил для себя причину развала. Многие по сей день обвиняют в развале страны отдельных политических лидеров Б. Ельцина, М. Горбачева и др. Авторы глубоко убеждены, что действия отдельных политических лидеров – это следствия. Главная причина заключалась в экономике страны, а именно - в политике государства по отношению к формам собственности. Практика существования Страны Советов в течение 70-ти лет (до 1987 года), где доминирующую роль играла общегосударственная собственность, окончательно показала свою недееспособность. Начиная с 1987 года (горбачевский

период) в стране произошли определенные экономические реформы: была разрешена частная собственность и хозяйственная деятельность на базе частной собственности, то есть, было намерение вернуться к временам НЭПа. Но слишком поздно одумались. Тем более что в экономической реформе М. Горбачева было слишком много экономически не подкрепленной политики и идеологии, то есть много фальши.

В то же время политические лидеры Китайской Народной Республики в 70-е годы прошлого века поняли несостоятельность и пагубность в экономической системе страны только государственной собственности, и именно с такой точки зрения начали экономическую реформу для построения экономики на основе разнообразных форм собственности. К чему это привело Китай через 30 лет, всем известно, то есть применение идей НЭПа они начали давно и, видимо, своевременно; проводили реформу терпеливо и довольно успешно. Вот по этому поводу отмечает академик Т. Назаров: "Именно Китайской модель в услвиях кризисных ситуаций оказалось наиболее устойчивой, жизнеспособной и менее подверженной всевозможным угрозам и рискам, возникающим в условиях рыночной экономики и цикличного характера ее развития. ... К тому же следует особо подчеркнуть тот факт, что Китаю удалось уже в период первой фазы кризиса увеличить свои валютные резервы до 2,4 трлн. долларов и тем самым доказать, что именно он, а ни какая-нибудь другая страна, способна в условиях глобальной экономической турбулентности быстро преодолеть любые трудности и получить дополнительный шанс на беспримерный успех" [2, с. 88-89].

Эти обстоятельства являлись основой умозаключения автора о том, что при доведения идеи НЭПа до конца в течение 25-30 лет сейчас мир был бы совсем другим: не было бы ни годов репрессий, ни 1941 года, и тем более ни 1991 года, и многого другого, называемого «черной полосой» в нашей с вами истории. Очень жаль! Но, как говорится, история не знает сослагательного наклонения.

Общеизвестно, что основанием (фундаментом) любого общества является его экономика, следовательно, ответ на любые политические (и не только политические) вопросы необходимо искать именно в экономике, и только в экономике. Ведь не без основания было сказано не очень цитируемым ныне политическим лидером начала XX века: «Политика есть сконцентрированное выражение экономики» [4, с. 486]. Если это высказывание перевести на простой язык, оно означает: если экономика страны сильна, то у нее «длинные руки и длинный язык», то есть, если проводимая этими руками политика даже «совсем грязная» - это правильная политика, и если она длинным языком говорит, что «крокодил летает», то почти все (обладатели «языка покороче») утверждают: «Да, летает, но низко». Эта несуразность указывает на весьма низкий уровень использования возможностей человеческого разума на планете, называемой Земля, но это факт.

К сожалению, высший эшелон московской партийной элиты до 1987 года не осознал позитивной роли разнообразных форм собственности в экономике страны, и его представители были фанатично убеждены, что передача части государственной собственности в частные руки – это фактическая передача части власти. Но, как убедительно доказал китайский опыт экономического развития, ничего плохого и опасного в этом нет (при сохранении в руках государства основных рычагов управления). КПСС даже в мыслях не могла допустить такую рокировку, поскольку, согласно её устоям «единственно правильной идеологии», она, и только она должна была быть «руководящей и направляющей» силой во всех сферах государственного управления.

В руках лидеров КПСС (членов Политбюро Центрального Комитета КПСС, а точнее, - в распоряжении ее лидера) был сконцентрирован колоссальный капитал, огромнейшие национальные богатства, прозаично названные «общенародными», являвшимися на самом деле абсолютно ненародными. То есть, общегосударственная собственность фактически была ничейной, но ее «плоды» имели хозяина. В результате главными распределителями общественного богатства, создаваемого с помощью общегосударственной собственности и народного труда, были несколько человек – высшие московские чиновники КПСС. Таким образом, в эпоху после Ленинского социализма единоличным эксплуататором народа было государство в лице КПСС.

Кстати, в основе затеянной М. Горбачевым во второй половине 80-х годов прошлого века реформы - «перестройки и гласности» - тоже лежали идеи НЭП Ленина, хотя тогда об этом прямо не говорилось. Но в горбачевской реформе было слишком много пены - политики и идеологии - и

мало экономики. Чем это закончилось, всем известно: крахом советской экономики, развалом самой большой страны мира - СССР.

В период правления КПСС от аббревиатуры СССР в жизни было больше «социалистического», поскольку социальные блага для граждан СССР, подобно бесплатным медицинским услугам, образованию и многим другим социальным благам, порождали зависть даже у заядлых врагов коммунистического режима. Но эти отдельные социальные меры (даже самые удачные) не были способны решить проблему всеобщей нищеты. Как по этому поводу в свое время точно выразился Уинстон Черчилль: «Врожденный порок капитализма – неравное распределение благ; врожденное достоинство социализма – равное распределение нищеты» [1, с. 615].

Высокие темпы экономического роста достигаются и сохраняются путем разумного управления и использования экономического, финансового, интеллектуального и организационного (с учетом вопросов собственности) потенциала страны. Достигаемый с помощью диктаторских методов экономический рост, сопровождаемый беспощадным эксплуатированием человеческих и природных ресурсов с игнорированием при этом экономических законов, прежде всего в сфере собственности, - временное явление с весьма ограниченным интервалом существования.

В многовековой истории человечества падение государств как формы правления было не раз и, по всей вероятности, будет еще. Но все эти падения имеют общую причину, о которой еще во второй половине XIX века писал Н.Г.Чернышевский. Он, анализируя развитие и падение форм государственного правления во многих странах мира, пришел к следующему, весьма важному, выводу: «Из истории всех наций и всех эпох выводится точно такой же результат: форма держится, пока есть мнение, что она приносит благо; она падает, как скоро распространяется мнение, что она существует только ради самой себя, не заботясь об удовлетворении сильнейших интересов общества. *Форма падает не силою своих врагов, а единственно тогда, когда обнаруживается ее собственная бесплодность для общества»* [6, с. 8].

Весьма примечательно, что это умозаключение Н.Г.Чернышевского точно вписывается в причины распада СССР. Во-первых, именно в 90-е годы XX века СССР во главе с могущественной КПСС «*существовал ради самого себя*», так как правящая партия абсолютно ничего не могла предпринять для обеспечения населения страны самыми необходимыми продуктами питания: мукой, сахаром, растительным маслом, не говоря уже о мясных изделиях. Например, в продовольственных магазинах г. Душанбе – столицы Таджикской ССР, где простой народ мог покупать продукты питания, в 1991 году в свободной продаже не было ничего, кроме соли и томатной пасты в стеклянных банках. Все остальное считалось дефицитом, и даже хлеб поставлялся с большими перебоями, так что за ним выстраивались огромные очереди. Для верхнего эшелона партийной элиты существовали специальные продовольственные магазины (естественно, подальше от народных глаз), но там тоже было негусто, но намного лучше, чем в магазинах для простого народа. Во-вторых, СССР как государственная форма правления «пал не силою своих врагов», а пал, как только «*он стал бесплодным для общества и народа*».

Несомненно, успехи, достижения и прогресс в СССР были немалыми, и, возможно, КПСС вправе приписывать их себе. Но не надо забывать, что самосохранение и самосовершенствование генетически заложены в обществе в целом и в каждом человеке в частности. Правители или правящие партии могут только способствовать ускорению или замедлению темпов этого прогресса, не более того.

Таким образом, **развал СССР имел прежде всего экономические предпосылки, продиктованные экономической системой страны, созданной и управляемой КПСС и базировавшейся только на государственной собственности** со всеми вытекающими из них пагубными последствиями. В результате в годы, предшествовавшие развалу СССР, он был достаточно коррумпированной страной во главе с не менее коррумпированной КПСС, где достойную жизнь имели работники партийного аппарата, обладавшие рычагами распределения народных благ, работники торговли и общественного питания, а трудовой народ, на шее которого сидела вся эта «элита», жил в нищете. То есть, в течение более чем 70 лет КПСС не сумела обеспечить для народов СССР достойную жизнь, не смогла вытащить их из всеобщей нищеты, и в конце концов лидеры КПСС в первые дни после развала СССР начали утверждать, что, оказывается, нельзя создать социалистическое общество.

***Отсюда следует главный исторический урок: в практике государственного управления страной никогда нельзя возвращаться к доминированию государственной собственности, в конечном счете это непременно приведет к краху государства как формы правления.***

Историю существования СССР разделяют на периоды: Октябрьская революция; военный коммунизм; новая экономическая политика; Сталинский период; Хрущёвская оттепель; период застоя; перестройка и распад СССР. Во все эпохи существования на просторах огромной страны Союза Советских Социалистических Республик в действительности имели место: «республики» - сильно зависящие (экономически, политически и идеологически), следовательно, не очень свободные субъекты, где от слова «советы» не было даже духа, поскольку главные управленческие решения по стране принимались (как бы там ни представляли этот процесс) «на основе мнения» единоличного лидера Коммунистической партии в Москве. «Союз» между республиками существовал больше на бумаге, чем в действительности, что было доказано после распада СССР: некогда «союз нерушимых республик» в очень короткий период превратился в противостояние злейших врагов. Как мы уже отметили, больше в этом словосочетании в жизни было, конечно, «социалистического».

«Ум, честь и совесть нашей эпохи» - КПСС как «руководящая и направляющая сила», как единоличная правящая партия, за весь период существования СССР, как и ее центральные московские лидеры, обладавшие решающим голосом при принятии управленческих решений в Стране Советов, являются ответственными и виновными:

1. За разбазаривание народного богатства как единоличный распределитель прибавочной стоимости, созданной народами всего СССР, под предлогом «поддержки мирового Интернационала», в то время когда сам народ жил негусто. Кстати, как правопреемник СССР, Россия по сей день не может собрать эти розданные долги, несмотря на списанные и подаренные части долга.
2. За мучения и страданий советского народа: с 1917 и до 30-х годов: революция, гражданская война, военный коммунизм; в 30-годах - раскулачивание, насильственный отбор имущества у крестьян для создания колхозов, «тройки» и сталинские репрессии, в результате чего были уничтожены более семи миллионов человеческих душ, цвет нации – в основном интеллигенция; начало 40-х годов – Отечественная война, бездушно отправленные на верную смерть миллионы людей, одураченные военной мощью сталинской эпохи, неоплаченный труд миллионов голодных и полуголодных женщин и детей в тылу; послевоенные годы – усердный малооплаченный труд (оплаченный государственными займами на восстановление народного хозяйства, которые в Хрущевскую эпоху были аннулированы) миллионов граждан; 50-е годы – хрущевская оттепель, сопровождаемая кукурузоманией и голодом; 60-70-е годы: брежневский социализм и развитой социализм, когда доминирующим в экономике являлся экспорт ресурсов и сырья (техническая и технологическая отсталость страны от ведущих капиталистических стран мира), за счет которого советский народ более-менее нормально жил всего несколько лет (с 1968 по 1980 гг.), хотя имел место ощутимый дефицит товаров и продуктов питания; 80-е годы – по выражению Маргарет Тэтчер: «пятилетка похорон» и горбачевские «перестройка и гласность», непродуманные и непоследовательные экономические реформы, которые привели к спаду экономики и развалу СССР.
3. За обманутые надежды на строительство прекрасного будущего –«коммунизма», во имя чего миллионы советских людей были фанатично одурачены весьма сомнительной коммунистической идеологией, в которую не верили даже сами «заядлые коммунисты».
4. За бесследно спрятанную (по сей день неизвестно куда) или бездумно разбазаренную валюту КПСС, накопленную по большей части за счет партийных взносов 19-миллионной армии членов КПСС, большинство которых составляли передовики производства, принятые в члены партии не по вере и убеждению, а по номенклатуре. Эти членские взносы по меркам тех времен были довольно большими деньгами: если в среднем каждый член КПСС оплачивал три рубля членских взносов, то в месяц это составляло 57 млн. рублей, или более 87 млн. долларов США, в год это составляло 1,045 млрд. долларов США.
5. За неспособность управлять и за доведение страны до развала, в результате чего на территории многих бывших республик СССР происходили межэтнические, междоусобные гражданские войны, принёсшие не только страдания и огромный социально-экономический, моральный ущерб этим странам, но и унесшие жизнь миллионов граждан, ни в чем не повинных

людей. В том числе Таджикистану гражданская братоубийственная война стоила 7 млрд. долл. США экономического ущерба и более 150 тыс. человеческих жизней, а также неисчислимых страданий жителей республики. Более того, к сожалению, гробы с телами трудовых мигрантов как жертв необъявленной экономической войны по сей день отправляются к нам из Российской Федерации.

6. За оскорбление и унижение веры народов СССР, за разрушение храмов и мечетей «благодаря» бездарной атеистической политике КПСС, за бездушно и безумно затоптанное культурное наследие малочисленных народов.

За все это Коммунистическая партия Российской Федерации (хотя она не правопреемник КПСС), как бы ставшая «еще более умной» после разваленного ею же СССР, должна просить у бывших советских граждан ПРОЩЕНИЯ, если есть у нее хоть капля ПАРТИЙНОЙ СОВЕСТИ!

Несомненно, успехи, достижения и прогресс в СССР были немалые, и, возможно, КПСС вправе приписывать их себе. Но не надо забывать, что прогресс и самосовершенствование заложены генетически в крови каждого человека в частности и общества в целом. Правители или правящие партии могут только способствовать ускорению или замедлению темпов этого прогресса, использовать их для достижения определенной цели, но не более.

## ЛИТЕРАТУРА:


1. Душенко К.В. Мысли, афоризмы и шутки знаменитых мужчин. – М.: ЭКСМО, 2007. - 670 с.
2. Назаров Т.Н. Экономическая реформа, сотрудничество и безопасностӣ (проблемы и суждения). - Душанбе: “Эр-граф”, 2013. - 264 с.
3. Назаров Т.Н. “Экономика Таджикистана: Новое качество”. Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. № 1 (257), 2020. - с. 7-20.
4. Ленин В.И. Избранные произведения В 3-х томах, Т.3.- М.: Изд-во политической литературы, 1982. - 856 с.
5. Сидиков Н. Диалектическое единство науки, образования и экономики страны (проблемы и суждения). – Душанбе: ««Ганҷи Хирад», 2021. – 392 с.
6. Чернышевский Н.Г. Полное собрание сочинений. В 15-ти томах. Том Y, статьи 1858-1859 гг. – М.: Государственное изд-во художественной литературы, 1950. – 1007 с.
7. Сайт: http://www.gistoryja.ru/XIX-nachalo-XXI-v/63-sut-i-soderzhanie-novoj-jekonomicheskoj-politiki.php.


## СУЩНОСТЬ И ЗАДАЧИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ ПРАВЯЩЕЙ ПАРТИИ ИЛИ ИСТОРИЧЕСКИЙ УРОК КПСС


**Аннотация.** В статье анализируются в основном экономическая политика Коммунистической партии Советского Союза за период ее правления страной Советов. Как известно, конечным результатом этой политики являлась в 1991 году падения и развал самой большой страны в мире. При этом, по мнению авторов главной причиной развала страны является экономическая политика тогдашней правящей партии – КПСС, основанной преимущественна на государственной собственности и следовательно, приводится утверждение о том, что в практике государственного управления страной никогда нельзя возвращаться к доминированию государственной собственности, в конечном счете это непременно приведет к краху государства как формы правления.



**Ключевые слова:** политика, партия, экономика, народ, диктатор, экономическое развитие, падение


## THE ESSENCE AND OBJECTIVES OF THE ECONOMIC POLICY OF THE RULING PARTY OR A HISTORICAL LESSON OF THE CPSU


**Annotation.** The article mainly analyzes the economic policy of the Communist Party of the Soviet Union during the period of its rule in the country of Soviets. As you know, the end result of this policy was the fall and collapse of the largest country in the world in 1991. At the same time, according to the authors, the main reason for the collapse of the country is the economic policy of the then ruling party - the CPSU,

based mainly on state property, and therefore, the statement is made that in the practice of public administration of the country one should never return to the dominance of state property, ultimately this will certainly lead to the collapse of the state as a form of government.
**Keywords:** politics, party, economy, people, dictator, economic development, fall

## МОҲИЯТИ МАСЪАЛАҲОИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ПАРТИЯИ ХУКМФАРМО ВА Ё ДАРСИ ТАЪРИХИИ ПКИШ

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур асосан сиёсати иқтисодии Партияи Коммунистии Итиҳоди Шуравӣ (ПКИШ)дар давраи ҳукмронии он таҳлил карда шуда аст. Муссалам аст, ки натиҷаи ин сиёсат ба он оварда расонд, ки дар соли 1991 давлати калонтарини олам пош хурд. Хамзамон, бо ақидаи муаллифон сабаби асосии ин сарнагуншавӣ сиёсати иқтисодии партияи роҳбарикунандаи ҳамонвакта - ПКИШ буд, ки асоси ин сиёсатро умумидавлатии будани тамоми моликият мебошад ва аз ҳамин лиҳоз хулосаи муфид оварда мешавад, ки кишвари дар асоси моликияти давлатӣ асосёфта оянда надорад ва ин хатман ба пош хурдани ин мамлакат оварда мерасонад.
**Калимаҳои калидӣ:** сиёсат, ҳизб, иқтисодиёт, ҳалк, ҳукмфармо, тарақиёти иктисодӣ, сарнагуншавӣ.

## БАЪЗЕ МУАММОҲОИ МОДЕЛСОЗИИ РЕГРЕССИОНӢ БО ЯКЧАНД ОМИЛҲО

*Табарзода О.С., н.и.и., мудири кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии ДМТ,*
*Муминова Н.З. –докторанти PhD-и ДМТ*

Фаъолияти пурсамари иқтисодчии муосир дар соҳаҳои иқтисоду идора ва таҳлилу баҳисобгирӣ аз татбиқи усулҳои риёзӣ ва истифодаи самараноки воситаҳои техникаи муосири ҳисоббарор алоқаманд аст. Ҳангоми таҳқиқ ва таҳлили равандҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ аксар вақт усулҳои моделсозӣ истифода мешаванд, ки ба татбиқи риёзиёт дар иқтисодиёт асоснок шудаанд. Аз ин лиҳоз, дар замони рушди босуръати илму фан ва татбиқи риёзиёт дар иқтисодиёт тахияи моделҳои иқтисодӣ ҳангоми таҳқиқи объектҳо ва равандҳои иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Муҳим аз он хотир аст, ки тавассути моделҳо иқтисодчиён фикру ақидаҳои худро равшану возеҳ ифода карда, раванди иқтисодиро миқдоран баҳо медиҳанд ва дурнамои онро таҳия менамоянд.

Дар айни ҳол муваффақиятҳои ба даст овардаи илми риёзиёт ва техникаи ҳисоббарории ҳозиразамон татбиқи ҳудро дар тадқиқоти соҳаи гуногуни иқтисодӣ муайян кардааст. Таҷрибаи зиёде оид ба гузориши масъалаи иқтисодӣ ва ёфтани ҳалли он бо истифодабарии усулҳои риёзӣ мавҷуд аст. Алалхусус барои муайянкунии ҳалли экстремалии масъалаҳои иқтисодӣ, зичии алоқамандии байни нишондиҳандаҳо, шакли алоқамандӣ ва муодилаи (модели регрессиявӣ) алоқамандии онҳо бо усулҳои риёзӣ қобили қайд аст.

Инсоният дар раванди фаъолияти худ доир ба ин ё он объектҳои иқтисодӣ ва алоқамандии байни онҳо тасаввурот пайдо мекунанд, ки ин тасаввуротҳоро дар шакли соддашуда ифода кардан мумкин аст. Масалан: дар шакли графикҳо, муодилаҳо, формулаҳо, нобаробариҳо, макетҳо ва ғайраҳо. Ҳамаи ин тарзҳои тасвиркуниро дар зери мафҳуми ягонаи умумӣ - модел номидан мумкин аст.

Дар иқтисодиёт имконияти таҷрибаҳои амалӣ хеле маҳдуд аст, чунки тамоми ҷузъҳои иқтисодиёт бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд ва мувофиқан гузаронидани таҷрибаи «соф» номумкин аст. Таҷрибаҳои мустақим бо иқтисодиёт ҳам ҷиҳати мусбат ва ҳам ҷиҳати манфӣ дорад. Ҷиҳати мусбат аз он иборат аст, ки натиҷаҳои кӯтоҳмуддати сиёсати иқтисодии гузаронидашуда дарҳол намоён мешаванд. Ҷиҳати манфиаш аз он иборат аст, ки оқибатҳои дарозмуддати қарорҳои қабулнамударо пешгӯӣ кардан хеле душвор аст.

Бинобарин афзалият ба усули риёзии сохтани моделҳои иқтисодӣ дода мешавад. Яъне омилҳо, объектҳо ва нишондиҳандаҳои иқтисодиро бо функсия, муодила, нобаробаробарӣ ва ё айниятҳои риёзӣ ифода карда мешаванд. Моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ аз моделҳои умумӣ бо он фарқ мекунад, ки онҳо махсус барои масъалаҳои иқтисодӣ сохта машавад ва ё маҳз масъалаҳои иқтисодиро ифода менамояд. Ба моделҳои иқтисодӣ модели интихоби истеъмолкунанда, модели ширкат, модели рушди иқтисодӣ, модели мувозинатӣ дар бозорҳои сармоя, омилҳо, захи-раҳо ва ғайраҳо мисол

шуда метавонанд. Аммо иқтисодиётро ба монанди харитаи ҷаҳон якчанд маротиба хурд карда, дар он таҳқиқот гузаронидан ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз истифодаи усулҳои моделсозии иқтисодӣ мувофиқи мақсад аст.

Моделҳои иқтисодӣ ин тасвири шартӣ ва формалии объекти иқтисодӣ мебошанд, ки барои сода кардани таҳқиқот истифода мешаванд. Моделҳои иқтисодӣ дар шаклҳои шифоҳӣ, аналитикӣ, графикӣ, ифодаҳои риёзӣ ва ғайраҳо тасвир карда мешаванд.

Бинобарон равандҳо ва объектҳои иқтисодиро дар шакли модел тасвир мекунанд ва дилхоҳ қарорҳои иқтисодиро дар он санҷида, таъсири онро муайян мекунанд. Агар таъсири қарори қабулшуда дар модел натиҷаҳои дилхоҳ диҳад, онро дар воқеият амалӣ мекунанд. Дар ҳолати баръакс ҳангоми қабул кардани қарорҳои иқтисодӣ бидуни баҳодиҳии миқдории онҳо оқибатҳои ногуворро интизор шудан мумкин аст. Сохтани модели иқтисодӣ-риёзӣ бояд тавре гузаронида шавад, ки дар он ҳамаи параметрҳо, нозукиҳо ва мақсади масъалаҳои иқтисодӣ дуруст инъикос ёфта, дар баробари ин ҳамаи маҳдудиятҳое, ки ба ҳалли масъала таъсир мерасонанд, ба эътибор гирифта шаванд.

Дар моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ ишоратҳо (тағйирёбандаҳо), рақамҳо, аломатҳо, муодилаҳо, нобаробариҳо ва формулаҳо истифода бурда мешаванд, ки онҳо хусусияти омӯхташавандагии аслро ифода менамоянд. Дар моделсозӣ яке аз мақсадҳои асосӣ - муайян кардани ҳалли беҳтарин ва ё варианти беҳтарини имконпазири идоракунӣ, ё ин ки ёфтани нақшаи беҳтарин мебошад.

Ҳамин тавр, равандҳо ва объектҳои иқтисодӣ бо моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ ифода карда мешаванд ва таъсири қарорҳои иқтисодӣ аввал дар моделҳо санҷида шуда, сипас дар амал татбиқ карда мешаванд. Аз ин ҷо, чунин хулоса бармеояд, ки мақсади асосии сохтани тамоми моделҳо аз он ҷумла моделҳои иқтисодӣ кам кардани хароҷоти санҷишӣ аст.

Моделҳои регрессионӣ айни замон дар таҳқиқоти иқтисодӣ хеле зиёд истифода мешавад. Таҳияи моделҳои регрессионӣ имконият медиҳанд, ки равандҳои иқтисодӣ дуруст ва амиқ таҳлилу пешгӯӣ карда шаванд. Бо ин мақсад аввал ин моделҳо дар асоси гипотезаи иқтисодӣ (қонуниятҳои иқтисодӣ) ва маълумотҳои оморӣ тартиб дода мешаванд, яъне муҳаққиқ бояд аз асосҳои назарияи иқтисодӣ ба таври кофӣ бархурдор буда, ба алоқамандии нишондиҳандаҳои иқтисодиро байни ҳам дарк карда тавонад. Бояд дар назар дошт, ки сохтани моделҳои регрессия содда масъулияти камтарро дорад, чунки дар ин ҳолат мушкилии мултиколлинеарӣ (байни ҳам вобаста будани омилҳо) ҷой надорад. Аксарияти таҳқиқгарони масоили иқтисодӣ кӯшиш мекунад, ки моделҳои регрессияи бисёромиларо тартиб диҳанд, ҳол он ки ин амал мушкилиҳои зиёдеро ба бор меорад. Чӣ хеле ки аз таҷрибаҳо маълум аст, таҳқиқоти регрессияи содда, яъне алоқамандии як нишондиҳанда танҳо аз як нишондиҳандаи дигар натиҷаҳои нисбатан назаррас медиҳанд. Ба инҳо мисол шуда метавонад хати каҷи Филлипс (алоқамандии баръакси сатҳи таваррум ва сатҳи бекорӣ), хати каҷи Энгел (алоқамандии ҳаҷми истеъмол аз бузургии даромад), хати каҷи Лаффер (алоқамандии байни воридоти андоз ва меъёрҳои андозбандӣ) ва ғайраҳо.

Пеш аз сохтани моделҳои регрессионӣ қонуният ё фарзияи (гипотеза) алоқамандии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бояд ошкор ва таъин карда шаванд, яъне муайян кардан лозим аст, ки кадом нишондиҳандаи иқтисодӣ аз кадом омилҳои дигар чӣ гуна вобаста аст. Фарзияҳо оид ба ҷой доштани алоқамандии нишондиҳандаҳои иқтисодиро назарияи иқтисодӣ ва қонуниятҳои равандҳои иқтисодӣ таъмин менамояд. Ҳангоми моделсозии регрессионӣ нишондандаи вобастаи иқтисодиро «натиҷа» бо – $y$ ва нишондаҳандаҳои новобастаро «омилҳо» бо ($x_1, x_2,\ldots, x_n$) ишора менамоянд.

Пас аз муайян намудани фарзияи алоқамандии нишондиҳандаҳо (равандҳо ва ё объектҳо)-и иқтисодӣ маълумотҳои оморӣ истифода мешаванд, ки мушоҳидаю ҷамоварӣ ва гурӯҳбандию дастраскунии онро илми омор таъмин мекунад.

Сипас, дар асоси маълумотҳои оморӣ сохтани графикҳо, моделҳои алоқамандии омилҳо, тафтиши сифати моделҳо ва дигар ҳисобкуниҳои риёзӣ лозим мешавад, ки онҳоро усулҳои риёзӣ таъмин мекунад. Ҳамин тавр, раванди якҷояи таъсири мутақобилаи соҳаҳои номбаршуда, мафҳум ва равиши навро бунёд месозад. Асоси ин усулҳоро таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ ташкил менамоянд.

Масъалаи марказии он дар сохтани моделҳои регрессионӣ ва муайянсозии имкониятҳои истифодабарии он дар пешгӯии равандҳои воқеии иқтисодӣ мебошад.

Регрессияи маҷмӯӣ – ин муодилаи алоқамандии як нишондиҳандаи вобаста аз якчанд омилҳои новобаста аст:

$$y = f(x_1, x_2, ..., x_m) + \varepsilon, \quad (1)$$

дар ин ҷо $y$ – тағйирёбандаи вобаста (тағйирёбандаи натиҷавӣ); $x_1, x_2, ..., x_m$ тағйирёбандаҳои новобаста (омилҳо).

Дилхоҳ тадқиқоти эконометрӣ аз таснифи моделҳо яъне аз тасвири намуди модел (муайянкунии намуди муодилаи регрессионӣ) оғоз мешавад, ки он аз назарияи мувофиқи алоқамандии байни нишондиҳандаҳои иқтисодӣ сарчашма мегирад. Дигар тарз ифода намоем, тадқиқот аз назарияи таъин намудани алоқамандии байни зуҳуротҳо ва равандҳои иқтисодӣ оғоз мешавад. Яъне, пеш аз ҳама муайян карда мешавад, ки кадом нишондиҳандаи иқтисодӣ аз кадом нишондиҳандаҳои дигар вобаста аст. Сипас аз тамоми гурӯҳи омилҳои ба аломати натиҷавӣ ($y$) таъсиррасон, ҳамонҳоеро ҷудо кардан лозим аст, ки таъсири нисбатан назаррас доранд. Барои тадқиқот регрессияи содда кифоя аст, агар омили таъсиррасон ягона бошад. Агар омилҳои таъсиррасон зиёда аз як бошанд, он гоҳ мушкилии интихоби омилҳо ба муодилаи регрессия ба миён меояд. Дар ин маврид кӯшиш карда мешавад, ки таъсири омилҳои дигар ба модел дохил карда шавад, яъне муодилаи регрессияи маҷмӯӣ сохта мешавад:

$$y = a + в_1 \cdot x_1 + в_2 \cdot x_2 + \ldots + в_p \cdot x_p + \varepsilon. \quad (2)$$

Дохил намудани гурӯҳи омилҳо ба муодилаи регрессияи маҷмӯӣ пеш аз ҳама аз тасавуроти тадқиқотчӣ дар бораи табиати алоқамандии натиҷа бо дигар зуҳуротҳои иқтисодӣ вобаста аст. Омилҳое ки ба регрессияи маҷмӯӣ дохил карда мешаванд, бояд талаботҳои зеринро қаноат намоянд.

1) Омил бояд миқдоран ченшаванда бошад. Агар ба модел дохил кардани омили сифатӣ, ки ченаки миқдорӣ надорад, ногузир бошад, он гоҳ ба он ченаки миқдорӣ дода шавад (масалан дар модели ҳосилнокӣ сифати замин дар намуди холҳо (бал) баҳо дода мешавад, дар модели арзиши объекти моликияти ғайриманқул макони ҷойгиршавии объект ба инобат гирифта мешавад ва ҷойгиршавии ноҳияҳо метавонад бо ягон ченак чен ифода шавад) .

2) Бояд омилҳои новобаста байни ҳам алоқаманд набошанд ва дар алоқамандии аниқи функсионалӣ ҳам қарор надошта бошанд. Барои интихоби омилҳо ба модел аз матритсаи коэффисисентҳои ҷуфт истифода мебранд.

Ба модел дохил кардани омилҳое, ки коэффисиенти коррелятсияи баланди байни омилҳоро доранд ($r_{x1,x2} > 0{,}7$) натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда намешавад. Яъне параметрҳои барғалати модели регрессия ҳосил мешаванд ва таҳқиқотро ба гумроҳи мебаранд.

Агар байни омилҳо коэффисиенти коррелятсия ба 1 наздик бошад, он гоҳ таъсироти алоҳида алоҳидаи онҳо ба нишондиҳандаи натиҷавӣ ($y$) муайян карда намешавад. Ҳамин тавр, дар муодилаи $y=a + b_1 \cdot x_1 + b_2 \cdot x_2 + \varepsilon$ фарз карда мешавад, ки омилҳои $x_1$, ва $x_2$ аз ҳамидигар вобаста намебошанд, яъне $r_{x1,x2}=0$. Он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки параметри $в_1$ таъсири омили $x_1$ ро ба $y$, ҳангоми бетағйир будани омили $x_2$ нишон медиҳад. Агар $r_{x1,x2}=1$, он гоҳ бо тағйирёбии омили $x_1$ омили $x_2$ бетағйир буда наметавонад. Аз ин ҷо параметрҳои муодилаи регрессия $b_1$ ва $b_2$ –ро ҳамчун нишондиҳандаҳои таъсиррасони $x_1$ ва $x_2$ ба $y$ қабул кардан мумкин нест.

Коэффисиентҳои *интеркоррелятсия* (коэффисиентҳои коррелятсия байни омилҳои новобаста, $r_{x1,x2}$) имкон медиҳанд, ки омилҳои ба ҳамдигар алоқаманд ва монанд аз модел хориҷ карда шаванд. Чунин ҳисобида мешавад, ки ду тағйирёбанда бо ҳамдигар коллинеарӣ номида мешавад, яъне байни ҳамдигар дар алоқамандии хаттианд, агар коэффисиенти *коррелятсияи байни онҳо* $r_{x1,x2} \geq 0{,}7$ бошад [3,35].

Азбаски яке аз шартҳои сохтани муодилаи регрессияи маҷмӯӣ новобаста будани фаъолияти омилҳо, яъне $r_{x1,x2} = 0$ аст, вобаста будани омилҳо байни ҳамдигар ин шартро вайрон мекунад. Агар омилҳо байни ҳам вобастагии зич дошта бошанд, он гоҳ онҳо нусхаи якдигар буда, чунин тавсия дода мешавад, ки яке аз омилҳо аз модел хориҷ карда шавад. Дар ин маврид ҳамон омиле аз модел хариҷ карда мешавад, ки бо натиҷа ($y$) алоқамандии зич надорад ва коэффисиенти коррелятсияааш хурдтар аст. Агар $r_{yx1} > r_{yx2}$ бошад, тағйирёбандаи $x_2$ аз модел хориҷ карда мешавад ва дар мавриди баракс ($r_{yx1} < r_{yx2}$) тағйирёбандаи вобастаи $x_1$ бояд аз модел хориҷ карда шавад [4,155].

Ҳамин тавр, сохтани моделҳои регрессионии равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоии бо якчанд омилҳо дар назди муҳаққиқ талаботҳои хоси худро мегузорад, ки риояи он ҳатмӣ аст. Ҳангоми риоя накардани онҳо ба шарҳи нодуруст ва барғалати модел ва параметрҳои он оварда мерасонад.

**Адабиёт**:

1. Ходиев Д.А., Хофизов Х.А., Табаров О.С. Моделирование и прогнозирование привлечения инвестиций для освоения природно-ресурсного потенциала региона// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 6. С. 30-36.
2. Бобоева Р.М., Одинаев М.А., Табаров О.С. Вопросы моделирования зависимости роста ввп страны от состояния рынка труда// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2019. № 6. С. 27-33.
3. Набиев Б.А., Табаров О.С., Набиев С.А. Моделсозии раванди сармоягузорӣ ба энергетика ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. № 5. С. 30-39.
4. Одинаев М.А., Табарзода О.С. Экономико-статистическое моделирование демографических процессов республики таджикистан Экономика Таджикистана. 2021. № 3. С. 157-164

## БАЪЗЕ МУАММОҲОИ МОДЕЛСОЗИИ РЕГРЕССИОНӢ БО ЯКЧАНД ОМИЛҲО

**Аннотатсия.** Дар мақола баъзе хусусиятҳои моделсозии иқтисодӣ бо дарназардошти табиати модии объекти таҳқиқот мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Барои таҳқиқи равандҳои иқтисодӣ риояи баъзе қоидаҳои интихоби омилҳо барои моделсозии регрессияи маҷмӯӣ таъкид шудааст.

**Калидвожа**: моделсозии регрессионӣ, мушкилии мултиколлинеарӣ, сифати модел, регрессияи содда ва маҷмӯӣ, коэффисисентҳои интеркоррелятсия.

## НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ РЕГРЕССИОННОЕ МОДЕЛИРОВАНИЕ С НЕСКОЛЬКИХ ФАКТОРОВ

**Аннотация.** В статье рассматриваются некоторые особенности экономического моделирования с учетом материальной природы объекта исследования. Для изучения экономических процессов подчеркивается соблюдение некоторых правил выбора факторов для модели множественной регрессией.

**Ключевые слова:** регрессионное моделирование, проблема мультиколлинеарности, качество модели, простая и сложная регрессия, коэффициенты интеркорреляции.

## SOME REGRESSION MODELING PROBLEMS ARE BY SEVERAL FACTORS

The article discusses some features of economic modeling, taking into account the material nature of the object of study. To study economic processes, the observance of certain rules for choosing factors for the multiple regression model is emphasized.

**Keywords**: regression modeling, multicollinearity problem, model quality, simple and complex regression, intercorrelation coefficients.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Табарзода Орифҷон Сайдалӣ – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи кибернетика ва иқтисодӣ рақамии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ рақамии ДМТ. Суроға: 734025, ҶТ, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 17, E-mail: orif_tabarov@mail.ru, телефон: +992918675250. ***Муминова Нилуфар Зафаровна*** – докторанти PhD-и факултети баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ рақамии ДМТ. Суроға: 734025, ҶТ, ш. Душанбе кӯчаи Борбад 93/9-48, E-mail: ***nilufar.muminova.95@mail.ru***, телефон: +992901519431.

**Сведения об авторов:** Табарзода Орифджон Сайдалӣ – к.э.н., дотсент, заведующий кафедрой кибернетики и цифровой экономики факультет учета и цифровой экономики ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе проспект Рудаки 17, E-mail: orif_tabarov@mail.ru, телефон: +992918675250. ***Муминова Нилуфар Зафаровна*** -докторант PhD факультета учета и цифровой экономики ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 93/9-48, E-mail: ***nilufar.muminova.95@mail.ru,*** телефон: +992901519431.

**Information about the authors:** Tabarzoda Orifjon Saydali – Tajik National University, candidate of the economic sciences, managing pulpit of the cybernetics and digital economy faculty account and digital economy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city Rudaki avenue 17, E-mail:

orif_tabarov@mail.ru, phone: +992918675250. ***Muminova Nilufar Zafarovna -*** PhD student of the Faculty of Accounting and Digital Economy of TNU. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Borbad 93/9-48, E-mail: ***nilufar.muminova.95@mail.ru***, phone: +992901519431.

## ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН ИҚТИСОДИЁТИ РУШДИ ТЕХНОЛОГӢ

*Табарзода О.С., н.и.и, дотсент, мудири кафедраи кибернетика ва иқтисодӣ, ДМТ*
*Расулов А.Р.-докторанти PhD-и ДМТ*
*Муминова Н.З. –докторанти PhD-и ДМТ*

Дар шароити муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ тахти таъсири технологияҳои рақамӣ иқтисодиёт тағйир ёфта истодааст. Яъне, рақамикунонӣ имкониятҳоро барои ба даст овардани донишҳои нав, касбҳо ва такмили ихтисос фароҳам меорад. Иқтисоди рақамӣ рақобатпазирии иштирокчиёни бозорро афзоиш дода, дурнамои рушди корхонаҳо, соҳаҳо ва иқтисоди миллии кишварро муайян мекунад. Агар корхона барои истифодаи фаъолонаи технологияҳои муосир, дастаи кормандони баландихтисос ташкил накунад ва ё барои таҳсил ва рушди минбаъдаи онҳо маблағ сарф кардан нахоҳад, рақобатпазирии он ғайриимкон мегардад. Аҳамияти махсуси проблема аз он иборат аст, ки аз тарафи роҳбарият чунин шароит фароҳам оварда шавад то ки корхона аз ҷиҳати технологӣ ба дигаргуниҳои ҳозираи иқтисодиёт тобовар бошад.

Мақсади тадқиқот низ муайян кардани нақши иқтисоди рақамӣ дар шароити муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Вазифаҳои асосии тадқиқот аз инҳо иборатанд: омӯзиши ҷанбаҳои назариявии иқтисодиёти рақамӣ; баррасии хусусиятҳои асосии иқтисоди рақамӣ; тағйир додани тарзи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии одамон ва корхонаҳо дар зери таъсири иқтисодиёти рақамӣ.

Иқтисодиёт имрӯз ба марҳилаи постиндустриалӣ мегузарад меёбад, ки ҷузъи асосии он технологӣ буда, ҷорӣ намудани инноватсия ва технологияҳои баланд ҳамчун вектор ба ҳисоб мераванд. Дигаргуншавии иктисодиёт корхонаҳоро вазифадор мекунад, ки технологияи меҳнатталаб ва маблағталабро бо технологияи илмталаби иваз кунанд. Тағйироте, ки ба вукӯъ пайваст, зарурияти қабули мафҳумҳои «иқтисоди рақамӣ», «технологияҳои рақамӣ» ва «рақамикунонӣ»-ро ба миён овард.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки санаи 21 декабри 2021 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид: “Ҳамчунин, ҷиҳати рақамикунонии бомароми иқтисоди миллӣ ва ташаккул додани заминаи технологии он баислоҳоти соҳаи алоқа тақвият бахшида, гузариши тадриҷӣ ба иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда шавад” бо марвид аст[1].

Е.В. Яковлева ба иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун як ҷузъи иқтисодиёт ишора мекунад, ки дар он равандҳои асосии тиҷорат тахти таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ тағйир ёфтаанд. Ба андешаи вай, тамоми иқтисодиёти оянда бояд ба иқтисодиёти рақамӣ тааллуқ дошта бошад, зеро истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол бо ҳалли рақамӣ алоқаманд хоҳад буд [2]. Аз ҷониби Е.В. Яковлева, ҷузъҳои асосии иқтисоди рақамӣ дар расми 1 нишон дода шудаанд.




**Расми 1. Унсурҳои асосии иқтисоди рақамӣ**

М.А. Положихина иқтисодиёти рақамиро «системаи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар асоси истифодаи технологияҳои рақамӣ (иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ)» медонад. Технологияҳои рақамӣ, ба ақидаи ӯ, "ҳамбастагии телекоммуникатсионию технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ" мебошанд. Дар доираи рақамисозӣ, М.А. Положихина раванди воридшавии технологияҳои рақамиро қариб ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон ва ҷомеа дарк мекунад [3]. Хулоса, иқтисодиёти рақамӣ як тарзи нави ҳаёт аст, ки дар он рушди фаъоли иқтисодиёт, идоракунии соҳибкорӣ, соҳаи иҷтимоӣ тахти таъсири технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мушоҳида мешавад.

Инқилоби рақамӣ бо суръат ва миқёси назаррас рушд карда истодааст. Дар соли 2017 ҳар як сокини дуюми Замин ба интернет пайваст шудаанд [4], ки зери таъсири омилҳо ҳам системаҳои хусусӣ ва ҳам давлат усулҳои кори худро иваз мекунанд (Расми 2) [4].




**Расми 2. Таъсири иҷтимоӣ ва иқтисодии таъсири технологияҳои рақамӣ**

Бо рақамикунонии равандҳо ва хидматҳо, сифати хизматрасониҳои давлатӣ беҳтар шуда ба онҳо дастрасӣ бештар мешаванд. Барои ширкатҳои хусусӣ имкониятҳои нави тиҷорат пайдо мешаванд. Бо истифодаи дурусти технологияҳои рақамӣ дар корхона хароҷот кам шуда, сифати хизматрасонӣ беҳтар мегардад.

Тибқи пешниҳоди институти глобалии McKinsey, дар 20 соли оянда инқилоби рақамӣ бо суръат рушд меёбад, ки дар натиҷа то 50% равандҳои кор автоматӣ карда мешаванд. Рақамикунонӣ сохтори иқтисодиётро тағйир медиҳад. Баъзе касбҳо аз байн мераванд, дигарон пайдо мешаванд. Молҳо ва хизматрасониҳо дастрастар шуда, зиндагӣ бароҳаттар мешавад. Дар робита ба паҳншавии Интернет, алоқаи мобилӣ, афзоиши босуръати истифодаи технология дар байни корбарони ниҳоӣ ба назар мерасад [7]. Ширкатҳову ташкилотҳо усулҳои нави таҳлили маълумотҳоро ҳангоми кам кардани вақт ва хароҷоти моддӣ қабул мекунанд. Инучунин донишу малакаҳои нав пайдо мешаванд, қарорҳои идоракунӣ тағйир меёбанд ва ҳосилнокии меҳнат меафзояд. Таъсири мусбати рақамисозӣ дар расми 3 нишон дода шудааст.




**Расми 3. Таъсири мусбати рақамикунонии иқтисодиёт**

Дар шароити иқтисоди рақамӣ, рақобатпазирии корхонаҳо аз рӯи сатҳи рақамисозии онҳо муайян карда мешавад. Барои корхона зарур аст, ки аз ҷиҳати технологӣ ба дигаргуниҳои муосир тобовар бошад. Устувории технологии корхона қобилияти дарк кардани дастовардҳои техника ва илмро таъмин мекунад. Корхонаҳо барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани асбобҳои рақамӣ фаъолона кӯшиш мекунанд. Мисоли ин гуфтаҳо, истифодаи асбобҳои рақамӣ дар саноати нафту газ ба шумор меравад. Истифодаи онҳо имкон медиҳад, ки макони ҷойгиршавӣ, баланд бардоштани самаранокии раванди пармакунӣ ва таъмир, кам кардани хароҷоти энергия ва назорати фосилавии кор дар маҳалҳо имконпазир гардад [4]. Сатҳи баланди рақамисозӣ дар шароити муосир синоними дурнамо ва рақобатпазирии корхонаҳост. Индекси рақамӣ ширкатро дар чаҳор асос арзёбӣ мекунад: стратегия, фарҳанги рақамӣ, салоҳиятҳо ва модели ташкилӣ. Он ба натиҷаҳои молиявии қавӣ дар байни корхонаҳое ишора мекунад, ки қарорҳои рақамиро фаъолона татбиқ мекунанд.

Бо дарназардошт ва мубодилаи афкори муаллифони баррасишуда, мо варианти таърифи иқтисоди рақамии ба иҷтимоӣ нигаронидашудаDро пешниҳод менамоем. Иқтисоди рақамии ба иҷтимоӣ нигаронидашуда тарзи нави ҳаётро тавсиф мекунад, ки дар он рушди фаъоли иқтисод, идоракунии соҳибкорӣ ва соҳаи иҷтимоӣ таҳти таъсири технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ сурат мегирад (расми 4).

Рақамикунонӣ ҳаёти одамонро ба самти беҳтар тағйир медиҳад, сифат ва сатҳи зиндагии мардумро беҳтар мекунад. Якчанд хусусиятҳои таъсири мусбии рақамисозиро қайд мекунем:

- баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат;
- афзоиши шумораи ҷойҳои нави корӣ;
- суръат бахшидан ба рушди соҳибкории хурду миёна;
- кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист;
- паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ;
- баланд бардоштани сифати хизматрасонии маишӣ.

Рақобатпазирии корхонаҳо дар иқтисодиёти рақамӣ аз рӯи сатҳи рақамисозии онҳо муайян карда мешавад. Корхонаҳо маҷбуранд, ки воситаҳои рақамиро дар истеҳсоли мол ва хидматҳо фаъолона ҷорӣ кунанд.

Фаъолияти самараноки корхонаҳо танҳо дар сурати истифодаи фаъолонаи захираҳои истеҳсолии иқтисодиёти рақамӣ – иттилоот, дониш ва технологияҳои рақамӣ имконпазир аст. Барои он ки корхона навтарин комьёбиҳои техникӣ ва донишҳоро дар истеҳсолот ҷорӣ намояд, вай бояд аз ҷиҳати технологӣ устувор бошад. Рақобатпазирии корхонаҳо ва устувории технологии онҳо дар иқтисодиёти рақамӣ ба сатҳи рақамисозӣ, инчунин мавҷудияти мутахассисони рақамӣ муайян карда мешавад [8,39-45].

Рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва ҷорӣ намудани онҳо дар тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар аз ҳоҷагиҳои хоаводагӣ ва ширкатҳо (корхонаҳо) тақозо мекунад, ки навовариҳои рақамиро зуд ва самаранок азхуд намуда, дар амал татбиқ намоянд.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз санаи 21 декабри 2021, шаҳри Душанбе. https://mfa.tj/tg/main/view/9389/pajomi-prezidenti-tojikiston-peshvoi-millat-dar-borai-samthoi-asosii-sijosati-dokhili-va-khorijii-jumhuri

2. Яковлева Е. В. Управление интеллектуальными ресурсами работников в условиях инновационного развития цифровой экономики // Креативная экономика. 2018. Т. 12, № 8. С. 1073–1088. DOI: 10.18334/ce.12.8.39292.

3. Положихина М. А. Цифровая трансформация экономики и промышленности: проблемы и перспективы / под ред. А. В. Бабкина. СПб. :С.-Петерб. политехн. ун-т Петра Великого, 2017. 806 с.

4. Национальный индекс развития цифровой экономики. М. : Росатом, 2018. 92 с.

5. Лебедева Т. Е., Егоров Е. Е. HR: тенденции развития в цифровой экономике // Московский экономический журнал. 2018.

6. The Global Competitiveness Report 2012-2013 // World Economic Forum (Geneva, Switzerland, 2012). Geneva, 2102.

7. Саттаров А.Ҷ., Табарзода О.С. Рақамикунонии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили омории он дар рейтингҳои байналмиллалӣ. Маҷаллаи илмӣ “Тоҷикистон иқтисод ва идора” 2020 №4. С.42-48.

8. Табарзода О.С., Расулов А.Р. Современные перспективы развития мобильных платежей в системе электронных платежей// Научн. журнал «Таджикистан: экономика и управление». 2021. № 1. С. 39-49.


## ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН ИҚТИСОДИЁТИ РУШДИ ТЕХНОЛОГӢ


**Аннотатсия**. Моҳияти асосии мақолаи мазкур ба рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва аҳамияти онҳо вобастагии амиқ дорад. Дар мақолаи мазкур фаҳмиш ва нақши технологияҳои рақамӣ дар рушди иқтисодиёт баррасӣ карда мешавад. Инчунин унсурҳои асосии иқтисоди рақамӣ низ муайян карда мешаванд. Мақсади тадқиқот ин муайян кардани нақши рақамикунонии иқтисодиёт барои шароити муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои асосии тадқиқот аз инҳо иборатанд: омӯзиши ҷанбаҳои назариявии иқтисодиёти рақамӣ; баррасии хусусиятҳои асосии иқтисоди рақамӣ; таҳлили тағйироти тарзи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти одамон ва корхонаҳо дар зери таъсири иқтисодиёти рақамӣ. Дар натиҷаи тадқиқот мафҳуми иқтисоди рақамӣ ва таъсири мусбии рақамикунонӣ нишон дода шуда, нақши рақамикунонӣ дар корхонаю ташкилотҳо низ баррасӣ шудааст.



**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти рақамӣ, технологияҳои рақамӣ, рақамикунонӣ, технологияҳои иттилоотӣ, устувории технологии корхонаҳои саноатӣ.


## ЦИФРОВАЯ ЭКОНОМИКА КАК ЭКОНОМИКА РАЗВИТИЯ ТЕХНОЛОГИЙ


**Аннотация.** Актуальность статьи обусловлена интенсивным развитием цифровых технологий и их значимостью. В статье рассматривается понятие и роль цифровых технологий в развитии экономики. Определены базовые составляющие цифровой экономики. Цель исследования состоит в определении роли цифровизации экономики для современных социально-экономических условий. В задачи работы включены: исследование теоретических аспектов цифровой экономики; рассмотрение основных характеристик цифровой экономики; анализ изменения экономического и социального уклада жизни людей и предприятий под воздействием цифровой экономики. В

результате исследования уточнено понятие цифровой экономики, обозначен положительный эффект цифровизации, рассмотрена роль цифровизации на предприятии.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, цифровые технологии, цифровизация, информационные технологии, технологическая устойчивость промышленного предприятия.

**DIGITAL ECONOMY AS AN ECONOMY OF TECHNOLOGY DEVELOPMENT**

**Annotation**. The relevance of the article is due to the intensive development of digital technologies and their significance. The article discusses the concept and role of digital technologies in the development of the economy. The basic components of the digital economy are determined. The purpose of the study is to determine the role of digitalization of the economy for modern socio-economic conditions. The tasks of the work include: the study of theoretical aspects of the digital economy; consideration of the main characteristics of the digital economy; analysis of changes in the economic and social way of life of people and enterprises under the influence of the digital economy. As a result of the study, the concept of the digital economy is clarified, the positive effect of digitalization is indicated, and the role of digitalization in the enterprise is considered.

**Key words:** digital economy, digital technologies, digitalization, information technologies, technological sustainability of an industrial enterprise.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Табарзода Орифҷон Сайдалӣ*** – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи кибернетика ва иқтисодӣ рақамии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ рақамии ДМТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 17, E-mail: ***orif_tabarov@mail.ru***, телефон: +992918675250. ***Расулов Айём Раззоқович*** – докторанти PhD кафедраи кибернетика ва иқтисодӣ рақамии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ рақамии ДМТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 17, E-mail: a.rasulzoda@mail.ru, телефон: +992933507769. ***Муминова Нилуфар Зафаровна*** – докторанти PhD-и факултети баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ рақамии ДМТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе кӯчаи Борбад 93/9-48, E-mail: ***nilufar.muminova.95@mail.ru***, телефон: +992901519431.

**Сведения об авторах**: ***Табарзода Орифджон Сайдалӣ*** – к.э.н., дотсент, заведующий кафедрой кибернетики и цифровой экономики факультет учета и цифровой экономики ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе проспект Рудаки 17, E-mail: ***orif_tabarov@mail.ru,*** телефон: +992918675250. ***Расулов Айём Раззокович*** – докторант PhD кафедры кибернетики и цифровой экономики факультет учетна и цифровой экономики ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе проспект Рудаки 17, E-mail: a.rasulzoda@mail.ru, телефон: +992933507769. ***Муминова Нилуфар Зафаровна*** -докторант PhD факультета учета и цифровой экономики ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 93/9-48, E-mail: ***nilufar.muminova.95@mail.ru,*** телефон: +992901519431.

**Information about the authors:** ***Tabarzoda Orifjon Saydali*** – Tajik National University, candidate of the economic sciences, managing pulpit of the cybernetics and digital economy faculty account and digital economy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city Rudaki avenue 17, E-mail: ***orif_tabarov@mail.ru,*** phone: +992918675250. ***Rasulov Ayom Razzokovich*** - Tajik National University, doctor PhD pulpit of the cybernetics and digital economy faculty account and digital economy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city Rudaki avenue 17, E-mail: a.rasulzoda@mail.ru, phone: +992933507769. ***Muminova Nilufar Zafarovna*** - PhD student of the Faculty of Accounting and Digital Economy of TNU. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Borbad 93/9-48, E-mail: ***nilufar.muminova.95@mail.ru***, phone: +992901519431.

# САМТҲОИ ВОҚЕИИ ТАБДИЛДИҲИИ РАҚАМИИ МАОРИФ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Таибов О. Р.- Муаллими калони кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии ДМТ*

Асри XXI давраи гузариши инсоният ба ҷомеаи информатсионӣ гардид, ки дар он технологияҳои рақамӣ нақши махсус доранд. Муҳимияти ҳалли масъалаи рақамикунонии маориф бевосита зарурати ба зинаи нави тараққиёт гузаштани ҳам ҷомеаи мо ва ҳам ҷаҳон алоқаманд аст.

Ҷорӣ намудани усулҳо ва воситаҳои нави таълиму тарбия боиси дигаргуниҳои иҷтимоӣ гардид ва онҳо дар навбати худ ба таври васеъ ворид шудани технологияҳои рақамӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла маориф гардид.

Вақте ки сухан дар бораи рақамикунонӣ меравад, он пеш аз ҳама ба таъминоти барномавӣ, инфрасохтор, рӯйхати платформаҳо ва интернет- пешниҳодҳо дахл дорад. Ҳангоми истифодаи истилоҳи "табдилдиҳии рақамӣ" аксар вақт танҳо ҷузъи техникии он дар назар гирифта мешавад, аммо тавсия дода мешавад, ки онро васеътар баррасӣ кунем.

Табдилдиҳии рақамӣ ба ҳама соҳаҳо дахолат кардааст: сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ. Дар шароити навсозии босуръат ва муттаҳидкунонии ҷараёни информатсия, таҳсилот дар ташаккули салоҳияти ТИ нақши асосиро мебозад, маҳз таълимест, ки омодагии шахсро ба кор бо сарчашмаҳо ва васоити гуногуни информатсия, дарк кардан ва истифодаи он барои ҳалли мушкилот таъмин менамояд. Маҳз системаи маориф пулест, ки бояд гузариши дилпурона ба асри рақамиро, ки бо намудҳои нави меҳнат ва якбора баланд шудани қобилияти эҷодии инсон алоқаманд аст, таъмин намояд.

Дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа навовариҳо ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон фаъолона ворид карда мешаванд, ки ин аз одамон, аввалан, пайваста инкишоф додан ва такмил додани дониш ва малакаҳои мавҷудбуда ва дуюм, эҷодкорӣ, тафаккури эҷодӣ ва омодагии ҳамкориро талаб мекунад, зеро кори муқаррарӣ бештар тавассути компютер амалӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, технологияҳои информатсионию коммуникатсионӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Пешниҳоди маълумоти пурра, дастрас ва боэътимод - гарави муваффақият дар ҳама гуна соҳаи фаъолият мебошад.

Ба ин васила қайд кардан муҳим аст, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 № 642 «Дар бораи Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба тасвиб расид, ки ба информатсиякунонӣ ва рақамикунонии ҷамъият нигаронида шудааст [1].

Дар ҳуҷҷат ҳамчунин гуфта мешавад, ки аҳолии кишвар аз захираҳои рақамӣ фаъолона истифода мебаранд, бояд то солҳои 2030 на камтар аз 40% бошад. Ин талабот, бешубҳа, таҷдиди сохтори ҷиддиро дар системаи маориф талаб мекунад, ки ҳам бо истифодаи технологияҳои информатсионию коммуникатсионӣ ва ҳам бо ҷомеасозии рақамии донишҷӯён ва такмили салоҳиятҳои ТИК алоқаманд аст.

Технологияҳои рақамӣ ҷаҳонро бо суръати бениҳоят тез ва тарзи зиндагӣ, кор ва омӯзиши одамонро тағйир медиҳанд. Сар задани COVID-19 нишон дод, ки системаи таълим ва омӯзиш ба даврони рақамӣ мувофиқ аст ва тамоюли аллакай мавҷудбударо ба омӯзиши омехта суръат бахшид. Иттиҳоди Аврупо бо камоли майл ба Тоҷикистон дар ҷорӣ намудани имкониятҳои омӯзиши омехта, ки дастрасии ҳамаи ҷавонони Тоҷикистонро ба маводи босифат фароҳам меорад, дастгирӣ мекунад.

Самтҳои татбиқи рақамикунонӣ дар соҳаи маориф инҳоянд:

- рушди китобхонаҳои рақамӣ ва шаҳракҳои донишгоҳӣ.

- таҳия ва пур кардани курси онлайн бо истифода аз қарорҳои барномавӣ амалӣ карда мешавад, ки ба мо имкон медиҳад курсро аз захираҳои информатсионии мавҷудбуда ва дар муҳити махсуси барномавӣ, системаҳои муаллифӣ ҷамъоварӣ кунем.

- лоиҳакашии автоматӣ.

Рақамикунонии таҳсилот инҳоро пешниҳод мекунад:

- истифодаи технологияҳои мобилӣ ва интернетӣ аз ҷониби донишҷӯён, васеъ намудани доираи дониши онҳо, бемаҳдуд гардонидани онҳо;

- истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ;

Дар замони муосир бо дарназардошти муҳиммияти густариши муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ дар шароити ҳамгироии ҷаҳонишавӣ, масъалаи мазкур яке аз самтҳои афзалиятнок ва меҳварии сиёсати иқтисодии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли ҳар кадом давлат саъю кӯшиш дорад то дар низоми иқтисоди байналмилалӣ, савдо ва бозори ҷаҳонӣ ҳиссаи арзандаи худро дошта бошад. Маҳз сатҳ ва дараҷаи рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии давлат, истеҳсоли молҳои рақобатпазир, роҳ ёфтан ба бозори фурӯши мол, иҷрои кор, хидматрасонӣ ва савдои байналмилалӣ, пеш аз ҳама таъмини некуаҳволии шаҳрвандон аз омилҳои асосианд, ки иқтидору тавоноӣ ва мавқеи ҳар як давлатро дар низоми муносибатҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва бозори ҷаҳонӣ муайян месозанд.

Дастгирии давлатии рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити мусоид ба амалишавии сиёсати давлатии иқтисодии хориҷӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гашта, ба афзун гардонидани ҳаҷми содирот, коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии воридот равона гардидааст.

Барои ноил гардидан ба он дар сатҳи давлатӣ иҷрои вазифаҳои стратегии зерин, ки дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 муайян гардидаанд, оғоз карда мешавад:

- ба таври назаррас кам кардани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотии асосии ниёзи мардум;
- таъмини болоравии истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда тавассути андешидани тадбирҳо дар самтҳои пешниҳоди механизми самараноки дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони молҳои ватанӣ ва гузаронидани ислоҳоти зарурӣ дар бахшҳои воқеӣ;
- таъсис додани марказҳои муосири логистикӣ ва васеъ кардани долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодӣ;
- ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани хизматрасонии хатсайрҳои роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ ва намудҳои дигари нақлиёт;
- таъмин намудани болоравии истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда тавассути андешидани тадбирҳо ҷиҳати мусоидат ба содиркунандагону сармоягузорони эҳтимолӣ, инкишофи ҳамкорӣ, занҷирҳои арзиши иловашуда ва гурӯҳбандӣ.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлили гузаронидашудаи тақризии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар давраи аз соли 2000 то соли 2014 мушкилоти асосӣ ва омилҳои боздорандаи содирот ва воридотивазкунӣ ошкор гардида, омилу сабабҳои рақобатпазир набудани истеҳсолкунандагони ватанӣ муайян карда шуданд. Интихоби самтҳои стратегии содироти дорои афзалиятҳо барои рақобат бо дарназардошти таҳлили самтҳои ояндадор ва бозорҳои мақсаднок асоснок карда шудааст. Бо дарназардошти дурнамои воридотивазкунӣ ва имкониятҳое, ки дар бобати таъсис аз сифр, эҳё ва афзун намудани иқтидорҳо дар бозори дохилӣ мавҷуданд, афзалиятҳои бахшу соҳаҳо муайян карда шуда, мавқеъҳои молӣ дақиқ карда шуданд.

Мушкилоти рушди институтсионалии содирот ва воридотивазкунӣ мавқеи асосӣ дошта, роҳи ҳалли мантиқии худро дар чорабиниҳо оид ба такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии ислоҳоти сиёсати савдо ва соддагардонии расмиёти содироту воридот, мусоидат ба ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва технологияҳои нав, бунёди сохторҳои дастгирии содирот, беҳтар намудани инфрасохтори содирот ва содироти дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ташкили шабакаи интиқол ва фурӯши мол дар хориҷа, тақвияти неруи инсонӣ ва тарбияи кадрҳо барои сохторҳои дастгирии содирот ва воридотивазкунӣ пайдо намуданд.

Дастгирии давлатии содирот ва воридотивазкунӣ тадбирҳои воридоти бе андозу бе боҷи технологияҳо ва таҷҳизоти нав, ҳавасмандгардонии содирот дар доираи созишномаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, такмили батанзимдарории гумрукӣ ва асъорӣ, чораҳои зиддидемпингӣ ва муҳофизатӣ, омилҳои андозӣ ва механизмҳои молиявию қарзӣ, аз ҷумла беҳтар намудани дастрасӣ ба молияи содироткунандагон ва истеҳсолоти воридотивазкунанда, инчунин тадбирҳои махсуси соҳавиро пешбинӣ менамояд.

Баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди содирот ва воридотивазкунӣ дар тадбирҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани сифати маҳсулот мутобиқи меъёру стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Иттиҳоди иқтисодии Евразия ва бозорҳои дигари эҳтимолии фурӯш, мукаммалсозии борбандӣ, тамға ва номи тиҷоратии мол, ҷорӣ намудани инноватсия дар истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, мукаммалсозии логистика, инфрасохтори нақлиёт ва инкишофи менеҷменти сифат инъикос меёбад.

Дараҷаи ноилшавӣ ба вазифаҳои пешбинигардидаи стратегӣ ва мақсаднок бо индикаторҳое, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва параметрҳои асосии рушди содирот, воридот ва воридотивазкунии молу хизматрасониҳои асосии алоҳидаро дар бар мегиранд, назорат карда мешавад.

Дурнамои рушди фаъолияти савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 тағйироти ҳаҷм ва сохтори содирот ва воридотро дар доираи се сенария пешбинӣ менамояд: “маъюсона” (пессимистӣ), “воқеъбинона” ва “некбинона” (оптимистӣ), ки бо дараҷаи таъминот бо сармоягузорӣ ва дараҷаи бо дастгирии молиявӣ қонеъ намудани чорабиниҳои барнома муайян

мегарданд. Аз рӯи воқеъбинона амалӣ шудани барнома имконият медиҳад, ки то соли 2020 содирот аз рӯи арзиш қариб 80 фоиз зиёд гардида, таносуби содирот нисбат ба воридот аз 25, фоиз то сатҳи 40 фоиз расонида шуда, савдо то 5,9 фоиз ихтисор карда шавад.

Татбиқи чорабиниҳои асосии Барнома дар нақшаи чорабиниҳо инъикос ёфтааст, ки ба се самти ба ҳам алоқаманд асос меёбад: такмили асосҳои институтсионалии рушди содирот ва воридотивазкунӣ, тақвияти дастгирии давлатии истеҳсолоти ватании ба содирот ва воридотивазкунӣ нигаронидашуда, инчунин баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои истеҳсоли Тоҷикистон дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ. Бешубҳа, дар доираи як барнома ҳал намудани ҳамаи мушкилоти марбут ба рушди содирот ва воридотивазкунӣ имконнопазир аст, бинобар ин тадбирҳои алоҳидаи мушаххас ва чорабиниҳои махсус дар доираи барномаҳои соҳавии таҳияшаванда оид ба рушди бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ бо тамоюли дақиқ ба тақвияти имкониятҳои содиротӣ ва афзун гардонидани воридотивазкунии рақобатнок пешбинӣ карда хоҳанд шуд.

Татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаи мазкур ба самаранокӣ, гуногуншаклӣ (диверсификатсия) ва рақобатпазирии бахши воқеии иқтисодиёт, рушди неруи инсонӣ, тақвияти институтсионалӣ ва гузаронидани ислоҳоту дигаргуниҳои ҷиддӣ афзалияти асосӣ дода мешавад. Вобаста ба ин дар назар аст, ки Барномаи рушди комплекси агросаноатӣ барои солҳои 2016-2020 то охири соли 2016 таҳия ва пешниҳод гардида, тадбирҳои муҳиму фарогирро оид ба самтҳои афзалиятноки номбурда дар сатҳи соҳаҳо ва минтақаҳо муфассал дар бар гирад.

Бинобар маҳдуд будани номгӯи молҳои содиротӣ, ки дар он алюминийи аввалия ва нахи пахта бартарият доштанд, дар давраи мушоҳидашаванда бо ифодаи арзиш тағйироти ҷиддӣ мушоҳида карда намешавад. Коҳиш ё афзоиши содирот бештар бо тағйирёбии нархи ҷаҳонии молҳо дар шакли ашёи хоми аз Тоҷикистон содиротшаванда вобаста мебошад.

Дар мавриди воридот ҳолат дигаргун аст. Соли 2014 ҳаҷми воридот бо ифодаи арзишӣ дар муқоиса бо соли 2000-ум 6,4 баробар, зимнан аз кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 3,9 баробар, аз он ҷумла аз Россия 11,3 баробар ва аз кишварҳои хориҷаи дур 19 баробар, аз ҷумла аз кишварҳои Осиё 45,3 баробар зиёд гардид. Афзоиши назарраси ҳаҷми воридот пеш аз ҳама бо зиёдшавии ҳаҷми воридоти интиқоли пулии муҳоҷирон, талаботи истеъмолии аҳолӣ ва истеҳсолии корхонаву иншоотҳои инфрасохторӣ, нокифоягии ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ барои қонеъгардонии талаботи дохила, маҳдуд ва кӯҳна будани иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ алоқаманд аст.

Тағйирёбии сохтори ҷуғрофии воридот бештар аз ҳисоби рақобатпазир набудани молҳои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз рӯи меъёри нарху сифат ва дараҷаи баландтари диверсификатсияи мол, технология ва хизматҳои аз ҷониби кишварҳои хориҷаи дур, аз ҷумла аз тарафи Хитой ва Туркия пешниҳодшаванда ба амал омад.

Бо таваҷҷуҳ ба принсипи давомоти таҳияи санадҳои стратегӣ, таҳлили татбиқи Барномаи рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 гузаронида шуд. Арзёбии татбиқи Барномаи пешина имконият дод, ки сабақҳои зерини асосӣ гирифта шаванд, ки зимни таҳияи Барномаи мазкур ба назар гирифта шуданд:

- Барнома пеш аз Стратегияи миллии рушд қабул гардида, дар он афзалиятҳо ва индикаторҳои мақсадноки ба таври пурра ба инобат гирифта нашудаанд;
- ҳалли мушкилоти институтсионалии рушди содирот ҳамчун вазифаи афзалиятнок муайян нагардидааст;
- баҳисобгирии нокифояи тағйироти суратгирандаи сохторӣ ва такя ба содироти ашёи хом;
- таваҷҷуҳи нокифоя ба тарбияи кадрҳо, низоми маркетинг ва менеҷмент;
- дараҷаи пасти ҷалби бахши хусусӣ, пешгӯии аз ҳад некбинонаи умедворӣ аз сармоягузорони хориҷӣ;
– ҳамоҳангсозии сусти амалҳои байни вазорату идораҳои соҳавӣ ва бахши хусусӣ, набудани мақоми мушаххаси ваколатдор оид ба татбиқи барнома бо ваколатҳои кофӣ;
- пешбинӣ нашудани механизми таҷдиди назар ва дақиқсозии нишондиҳандаҳои дурнамо бо дарназардошти вазъи воқеии тағйирёбанда.

Ҷиҳати дар сатҳи устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодии берунмарзӣ бояд дар асоси таҳлили иқтидору имкониятҳои минтақаҳо ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки истеҳсолоти саноатӣ бояд барномаҳои соҳавӣ дар тамоми сатҳҳои саноат фаъолона татбиқ карда шаванд.

Дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои дар боло зикршуда метавонад ба инкишофи муносибатҳои хориҷии корхонаҳои мамлакат бо дигар давлатҳо мусоидат намояд.

**Адабиёт:**


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. [Захираи электронӣ]. http://standard.tj.
2. Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ барои солҳои 2016-2020.
3. Внешнеэкономическая деятельность: анализ торговли и инвестиций в Республике Таджикистан Л.Х.Саидмуродов, И.К. Мирзоев, Р.М. Мирбобоев [и др.]. –Душанбе, 2012.
4. Государственное регулирование рыночной экономики / под ред. В.И. Кушлина, Н.А. Волгина. М.: Экономика, 2001. - 735 с.
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то солҳои 2030.: Душанбе. 2016с.


## ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ


**Аннотатсия:** мақола ба дастгирии давлатии рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии корхонаҳои саноатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, баромадан ба бозори берунӣ ва ба рушди иқтисодӣ ноил гаштан бахшида шудааст. Дастгирии давлатии рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити мусоид ба амалишавии сиёсати давлатии иқтисодии хориҷӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гашта, ба афзун гардонидани ҳаҷми содирот, коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии воридот равона гардидааст, ки пурра дар мақола дарҷ гардидааст.



**Калидвожаҳо:** фаъолияти иқтисодии хориҷии корхонаҳо, содирот , воридот, бозори дохилӣ, рушди иқтисодӣ, Стратегияи миллии рушд, рушди неруи инсонӣ, самаранокӣ, маркетинг, менеҷмент.


## ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА РАЗВИТИЯ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ


**Аннотация:** Статья посвящена вопросам государственной поддержки развития внешнеэкономической деятельности промышленных предприятий в условиях глобализации, выхода на внешние рынки и развития экономики. Государственная поддержка развития внешнеэкономической деятельности в республике таджикистан призвана создать благоприятные условия для реализации государственной внешнеэкономической политики, повысить конкурентоспособность отечественной продукции на внутреннем и внешнем рынках, увеличить экспорт, снизить долю товаров народного потребления. И услуги, импорт, который полностью освещен в статье.



**Ключевые слова:** внешнеэкономическая деятельность предприятий, экспорт, импорт, внутренний рынок, экономическое развитие, национальная стратегия развития, развитие человеческих ресурсов, эффективность, маркетинг, управление.


## STATE SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF FOREIGN ECONOMIC ACTIVITY OF INDUSTRIAL ENTERPRISES


**Annotation:** The article is devoted to the state support for the development of foreign economic activity of industrial enterprises in the context of globalization, access to foreign markets and economic development. State support for the development of foreign economic activity in the Republic of Tajikistan is designed to create favorable conditions for the implementation of state foreign economic policy, increase the competitiveness of domestic products in domestic and foreign markets, increase exports, reduce the share of consumer goods and services. Import, which is fully covered in the article.



**Keywords:** foreign economic activity of enterprises, export, import, domestic market, economic development, National Development Strategy, human resource development, efficiency, marketing, management.

**Маълумот дар бораи маллиф:** Шарофудинзода Садафи Сафомудин ассистенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва иқтисоди ДДСТДТ, Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ 35, тел.: 938351274

**Сведения об авторе:** Шарофудинзода Садафи Сафомудин ассистент кафедры информационных технологий и экономики ТГМУ, Адрес: Душанбе, пр. Айни 35, тел.: 938351274

**Information about the author:** Sharofudinzoda Sadafi Safomudin Assistant of the Department of Information Technology and Economics ATSMU, Address: Dushanbe, Ayni avenue 35, tel .: 938351274

## МУАММОҲОИ РУШДИ БОЗОРИ ПАХТАИ ХОМ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Шерматов Р.Б.- муаллими калони кафедраи низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт, ДМТ*
*Мирзоев А.М. - муаллими калони кафедраи низоми иттилоотӣ дар иқтисодиё, ДМТ*
*Шерматов Ғ.Р.-унвонҷуи кафедраи низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт, ДМТ*

Дар адабиётҳои муосири иқтисодӣ мафҳумҳои зиёде мавҷуданд, ки бозорро ҳамчун категорияи иқтисодӣ муайян мекунанд, аммо аксарияти онҳо ба он оварда мерасонанд, ки он шакли муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои соҳибкории инфиродии мустақилона мебошад. Ҳамзамон, муносибатҳои бозорӣ бо дараҷаи рушд, талабот, хусусиятҳои тағирёбӣ, хусусиятҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва дигар хусусиятҳо фарқ мекунанд, ки ин ё он дараҷа бозорро ҳамчун падидаи мураккаби динамикӣ ва бисёрҷониба тавсиф мекунанд.

Бозор ҳамчун соҳаи рушди шаклҳои мубодилаи маҳсулоти меҳнат буда таърихи тӯлонии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат аст. Тақсимоти меҳнат сабаби асосии рушди мубодилаи маҳсулоти меҳнатӣ мебошад. Тақсимоти меҳнат ва бозор низ таърихан бо ҳам алоқаманданд ва дар ҳамкории зич фаъолият ва рушд мекунад.

Дар айни замон, рушди тақсимоти иҷтимоии меҳнат ва шаклҳои мубодилаи маҳсулот дар ҷомеа, гарчанде ки онҳо дар ҳамбастагӣ ва рушди доимӣ қарор доранд, равандҳои зиддиятнок мебошанд, алахусус дар робита бо бахши кишоварзии иқтисодӣ. Дар амал тақсимоти меҳнат дар ҷойгиршавӣ, диверсификатсия, махсусгардонӣ, марказонидан ва консентратсияи истеҳсолот зоҳир мегардад. Дар байни шаклҳои тақсимоти меҳнат ва ҷамъиятигардонии истеҳсолот дар ҷараёни рушди онҳо муносибати доимӣ мавҷуд аст, ки аз шаклҳои иқтисодӣ ва байнихоҷагӣ ба соҳавӣ ва байнисоҳавӣ, минтақавӣ ва байни минтақавӣ ва ба самти муқобил меравад.

Ин нуқтаи назарро олимони муосири иқтисодӣ чунин шарҳ медиҳанд, ки «Асосҳои бозор дар раванди тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ташаккул меёбанд, вақте ки мубодила ва тақсимот василаи байни истеҳсолот ва истеъмолро ба миён меоранд. Ин механизми бозор ҳарчи бештар ва мураккабтар шуда, ҳам ба истеҳсолот ва ҳам ба истеъмолот таъсир мерасонад ва рушди бомуваффақияти онҳоро муқаррар мекунад» [2. 30].

Бозори пахта, ба мисли дигар бозорҳо, як намуди фаъолияти он мебошад, ки муносибатҳои бозорӣ на танҳо дар соҳаи мубодила маҳдуд мешаванд, балки муносибатҳои молӣ-пулиро дар бар мегиранд, ки бо кӯмак ва тавассути он истеҳсол ва фурӯши пахта ба танзим дароварда мешавад ва робитаҳои иқтисодӣ байни ҳамаи иштирокчиёни бозорро ба вуҷуд меоранд. Мувофиқи ин таъриф, бозори пахта системаи мураккаби ташаккулёфтаи иқтисодӣ мебошад, ки ба усулҳои куҳнаи фармон фармоии маъмурии танзими истеҳсолот ва идораи бозорӣ пахта мухолиф аст.

Бозори пахтаи, ки бо марҳилаҳои такрористеҳсоли васеъ дар соҳаи пахта алоқаманд аст, ташаккули динамикӣ ва нисбатан мураккаби сохтории низоми бозорро анҷом медиҳанд. Муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидории бозори пахта ба хариду фурӯш асос ёфта, ҳам таъминоти пахта ва ҳам маҳсулоти коркардшуда ва ҳам талаботро ба онҳо таъмин мекунанд.

Тоҷикистон кишвари индустриалии аграрӣ буда, тақрибан 74% аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Кишоварзии ҷумҳурӣ тақрибан 21,5 фоизи маҳсулоти умумӣ ва миллиро истеҳсол мекунад. Дар сохтори маҳсулоти кишоварзӣ тақрибан 66% дар маҷмӯи пахта истеҳсол карда мешавад. Маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар давраи солҳои 2012-2018 1,4 маротиба афзуда, афзоиши пуркудраттарин дар солҳои 2015-2017 қайд карда шудааст. Баланд бардоштани ҳосилот омили асосии афзоиши истеҳсоли зироат ба шумор рафта, дар вақтҳои охир ба истиснои зироатҳое, ба монанди пахта, ки ҳам ҳосил ва ҳам ҳаҷман кам мешуданд. Пахта яке аз пурарзиштарин тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зиёда аз 30% қувваи корӣ дар ин бахши иқтисодӣ кор мекунанд.

Маблағи сармояи муомилотӣ барои парвариши пахта вобаста аз сатҳи технология ва сифати кор фарқ мекунад. Ҳосили пахта дар солҳои 1991-2019 тақрибан ба 1,69 тонна /га рост меояд.

Таҳлили имкониятҳои истифодаи самараноки иқтидорӣ захирашуда, худи динамикаи истеҳсоли пахта дар даҳсолаҳои охир ва таъминоти моддию техникии муосири он, аз ҷумла коркарди аввалияи пахта, инчунин сатҳи ба дастомадаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ба хулосае меорад, ки, дар ҷумҳурӣ захираҳои боз ҳам калони иқтисодӣ мавҷуданд, ки татбиқи онҳоро далелҳои норавшани рушди муносибатҳои бозорӣ дар зермаҷмааи пахта маҳдуд мекунанд [4. 46].

Дар айни замон, бозори пахта дар муқоиса бо дигар бозорҳои мол талаботҳои хоси худро дорад. Яке аз талаботҳо дар он аст, ки истеҳсоли пахта аз шароити тағйирёбанда ва пешгӯинашавандаи обу ҳаво вобаста аст, бинобар ин, дар системаи муносибатҳои талабот ва пешниҳод, охирин на ҳамеша ба истеҳсолкунандагони мол вобаста аст ва ҳар яке аз онҳо зери хатари муайян қарор дорад.

Талаботи дигар бо кафолатнокӣ ба маҳсулоти саноати пахта алоқаманд аст. Ин омил фоидаи назарраси иқтисодӣ медиҳад, зеро истеҳсолкунандагони мол набояд дар шароити номуайянии фурӯш кор кунанд ва онҳо метавонанд аз ин бартарӣ самаранок истифода баранд [9. 4].

Талаботи муҳими бозори пахта бо он алоқаманд аст, ки корхонаҳои саноатӣ истеъмолкунандаи он мебошанд. Аз ин рӯ, маркетинги бозори ин маҳсулот иштироки миёнаравонро дар бар мегирад, ки маънои аз даст додани ҳиссаи даромади истеҳсолкунандагонро дорад. Сарфи назар аз он, ки дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта хароҷоти маркетинг дар арзиши маҳсулот ҳиссаи калонро ташкил медиҳанд, хароҷот барои он дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти пахта муҳим мебошанд.

Хусусияти бозори пахтаро тавсиф карда, бояд қайд кард, ки ҳам дар иқтисоди нақшавӣ ва ҳам дар ташаккули муносибатҳои бозорӣ, он қисми нисбатан калони истеҳсоли саноати ба ҳисоб рафтаро фаро мегирад. Дар навбати худ, бозори пахта ва маҳсулоти коркардашудаи он бо чандирӣ, зудҳаракатӣ, мавҷудият дар истеҳсолот, ҳам соҳибони калон ва ҳам корхонаҳои хурд, қобилияти зудтар вокуниш нишон додан ба вазъи зуд тағирёбандаи иқтисодӣ хос аст. Аммо бозори пахта метавонад танҳо дар шароити рақобат вуҷуд дошта бошад, ки бе он муносибатҳои бозорӣ ба амал омада наметавонанд, зеро рақобат рушди илмӣ-техникӣ, баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ва кам шудани хароҷоти истеҳсолиро ҳавасманд мекунад.

Муносибатҳои бозорӣ дар истеҳсоли пахта рақобати нархӣ ва ғайримуқаррарӣ ё рақобати ба нарх асосёфта ва рақобати сифати маҳсулотро дар бар мегиранд. Дар баробари ин, моҳияти рақобати нархҳо дар он аст, ки пахта дар бозор бо нархҳои мухталиф пешниҳод карда мешавад. Паст кардани нархҳо асосест, ки фурӯшанда маҳсулоти худро фарқ мекунад, диққати истеъмолкунандаро ба худ ҷалб мекунад ва дар ниҳоят дар бозор муваффақият ба даст меорад. Усули асосии рақобати нархҳо коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ ва аз ин рӯ, нархи пахтаи фурӯхташуда мебошад. Аммо коҳиши нархи маҳсулоти соҳаи пахтакорӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки истеҳсолкунандаи мол захираҳои кам кардани арзиши онро ба охир расонад. Вақте ки мувозинати нисбӣ муқаррар карда мешавад, кӯшиши минбаъдаи паст кардани нарх дар натиҷаи ҳамин тавр амал кардани рақибон оварда мерасонад.

Ҷанбаи асосии тақсимоти бозори аграрӣ дар маҷмӯъ ва аз ҷумла бозори пахта муайян кардани робитаҳои асосии функсионалӣ ва институтсионалӣ мебошад. Ба инҳо дохил мешаванд:

- харидани пахта аз истеҳсолкунандагони он, ки ин барои ташаккули бозори пешрафтаи пахта махсусан муҳим аст, зеро қисми зиёди маҳсулот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ истеҳсол карда мешавад, ки бо сабабҳои гуногун аксар вақт бо нархҳои ниҳоят арзон фурӯхта мешаванд;

- амалиёти нақлиётӣ, боркунӣ ва борфарорӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, зеро мавҷуд набудани таҷҳизоти махсус нигоҳдорӣ ва таҳвили маҳсулоти баландсифатро душвор месозад;

-инфрасохтори бозор ва хидматҳои гумрукӣ;

- пешниҳоди иттилооти фаврӣ ва объективӣ дар бораи шароити бозор бо ёрии системаҳои иттилоотӣ;

- қарздиҳии истеҳсол ва савдои пахта тавассути ташкилотҳои бонкӣ ва қарзӣ.

Дар шароите, ки истеҳсоли умумии пахта бештар аз сатҳи таъминоти техникӣ ва моддии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ вобаста аст, қарздиҳии имтиёзнок ба ин категорияи истеҳсолкунандагон дастгирии бевоситаи давлат ва унсури танзими давлатии бозори пахта дар кишвар хоҳад буд [10. 106].

Рушди бозори дохилии пахта на танҳо ба ҳам пайвастани бозорҳои мавҷудаи минтақавӣ, балки пайвандҳои нави байниминтақавиро талаб мекунад, ки ниёз ба он ҳангоми ташаккули бозори

пешрафтаи пахта ба миён омада, субъектҳои тиҷоратии худро бо системаҳои зарурии иттилоотӣ ва нақлиётӣ таъмин менамояд.

Категорияҳои муҳими иқтисодии бозори пахта талабот, пешниҳод ва нарх мебошанд, ки аз ҷониби субъектҳои хоҷагидории бозор амалӣ карда мешаванд. Дар ин ҳолат, нарх ҳамчун танзими асосии ба даст овардани мувозинати байни талабот ва пешниҳод амал мекунад, танҳо дар сурате, ки принсипи омузиши танзими давлатӣ ва бозори озод риоя карда шавад. Дар давраи пеш аз ислоҳот, ин нақшаи ананавӣ дар кишвар ба мушоҳида мерасид, аммо танҳо бо фарқият, ки ин пешниҳод таъсири афзалиятнок дошт. Онро истеҳсолкунандагони мол ва саноати коркард ташкил кардаанд, нархҳо дар самти таъминот аз ҷониби давлат ба таври қатъӣ танзим карда мешуданд.

Омилҳои муҳимтарини тағирёбии параметрҳои вазъи бозор, самт ва роҳҳои тағирёбии он сатҳ ва динамикаи нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ мебошанд. Масалан, дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта талабот ба ашёи хом на танҳо аз рӯи даромад, балки аз ҷиҳати нарх низ ноустувор аст. Ноустувории талабот ба механизми нарх танзими онро душвор месозад ва амалан тавсеаи таработи дохилиро ҳатто тавассути паст кардани нархи бозор ғайриимкон месозад.

Ташаккули системаи бозор дар соҳаи кишоварзӣ дар ташкили муайяни бозор, ба танзим дарории онро бо мақсади муайян кардани пайдарпаӣ ва афзалияти чорабиниҳои амалишаванда талаб мекунад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки раванди ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ дар бахши кишоварзӣ давраи хеле тӯлониро мегирад. Аз ин рӯ, ташаккули бозори пешрафтаи пахта, ҳамчун системаи муносибатҳои иқтисодӣ раванди мураккаб ва на кӯтоҳмуддат аст,чунки татбиқи он ба вазъи имконоти моддии ҷомеа, инфрасохтори истеҳсолӣ ва бозори пахта, инчунин ба мавҷудияти қонунҳои дахлдор, танзимгарони иқтисодӣ ва танзимкунандаи бозор хос аст.

Мураккабии рушди бозори пахта аз зарурати ба назар гирифтани як қатор омилҳо ва шартҳои вобаста ба мундариҷа, моҳият ва афзалиятҳояшон вобаста аст. Сарфи назар кардани ҳадди аққал яке аз онҳо, тавре ки таҷриба нишон медиҳад, дар аксари ҳолатҳо ба оқибатҳои манфӣ оварда мерасонад. Раванди ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар пахтакорӣ бо мушкилот ва камбудиҳои азим идома дорад, ки онҳо дар коҳиши якбораи истеҳсоли пахта дар корхонаҳои кишоварзи ифода меёбанд. Аз ин рӯ, бозори пахта, ҳамчун системаи муносибатҳои мураккаби иқтисодӣ, бояд робитаҳои кофӣ барои воридот ва содироти маҳсулоти пахтаро дошта бошанд. Дараҷаи рушди робитаҳои байниминтақавии воридот ва содироти маҳсулоти пахта дар бозори пахта аз бисёр омилҳо вобаста аст, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

- сатҳ ва сохтори пахтаи дар кишвар истеҳсолшуда (коркардшуда ва коркарднашуда);

- сатҳи истеҳсоли пахта ва маҳсулоти коркарди он, ки таҳти таъсири омилҳои таърихӣ, миллӣ ва табиӣ-иқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд;

- муносибатҳои муқарраршудаи байниминтақавӣ (байнидавлатӣ) оид ба воридот ва содироти пахта.

Ҳар яке аз ин омилҳо ба ташаккул ва рушди робитаҳои байниминтақавӣ бозори пахта таъсири номуайян дорад, аммо омузиши онҳо ба фаъолияти бозори дохилии пахта таъсири назаррас мерасонад.

**Адабиёт**


1. Абдалимов А. Экономические стимулирование сельскохозяйственного производства в условиях перехода к рыночным отношениям. Автореф. дисс. канд. экон. наук. – Душанбе. -2000. 21с
2. Абалкин Л.И. Труды вольного экономического общество России. М.: 2000 -470 с.
3. Кармишин И.С. Взаимоотношения государства и рынка в современном мире // Обществ. науки и современность. - 2011. - № 1. - С.67-77.
4. Мирзоев Н.Х. Экономический информационные системы-важный фактор управленческой деятельности / Н.Х. Мирзоев, Д.С. Мухсинов, Ш.Н. Юсупов// Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2019. № 8. -Душанбе, 2019.стр. 46-51.
5. Давлатов К.К. Развитие кооперации и интеграции в АПК Республики Таджикистан (монография) Воронеж.: Истоки, 2008, -218 с.
6. Кадыров Д.К. Основные экономические проблемы развития и повышения эффективности хлопководства в условиях технического прогресса. – Душанбе, - 1976. –417с.

7. Мадаминов А.А. Некоторые аспекты устойчивого развития сельского хозяйства/Проблемы экономического устойчивого развития АПК Таджикистана, -Душанбе, -2001, -с.15

8. Шерматов Р.Б. Использование информационно-технологических компонентов в развитии рынка хлопка-сырца / Р.Б. Шерматов, Н.Х. Мирзоев // Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2017. №2/5. Часть II/ -Душанбе, 2017.С.26-33.

9. Шерматов Р.Б. Информационное особенности аграрного рынка проблемы социально-экономичекого развития в Таджикистане / Р.Б. Шерматов, Н.Х. Мирзоев // Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. / -Душанбе, Сино. 2015.С.-3-7.

10. Шерматов Р.Б. Проблемы стимулирования производства и реализации хлопка-сырца в республике Таджикистан /Р.Б. Шерматов// Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук.-Душанбе: Сино, 2011.-№ 6(70). -С.-100-106

## МУАММОҲОИ РУШДИ БОЗОРИ ПАХТАИ ХОМ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Аннотатсия.**Дар мақолаи мазкур муаммоҳои рушди муносибатҳои бозори пахта дар шароити иқтисоди бозоргонӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд карда шудааст, ки яке аз масъалаҳои баҳсталаб дар байни олимон, иқтисодчиён ва мутахасисони соҳа хусусиятҳои рушди иқтисодии дар соҳаи кишоварзӣ ба хисоб меравад. Аз ин рӯ аз ҷониби муалифон роҳҳои рушди муносибатҳои бозори пахта, робитаҳои байниминтақавии бозори пахта ва омилҳои таъсиррасон ба бозори пахта пешниҳод гардидааст.

**Калимаҳои калидӣ:** муносибатҳои бозорӣ, бозори пахта корхонаҳои саноатӣ, маркетинги бозорӣ, содирот, талабот, пешниҳод, нарх.

## ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ РЫНКА ХЛОПКА-СЫРЦА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Аннотация:** В статье анализируется развитие рыночных отношений хлопка в условиях рыночной экономики. Было отмечено, что одним из самых спорных вопросов среди ученых, экономистов и специалистов в данной области является специфика экономического развития в сельском хозяйстве. Поэтому авторы предлагают пути развития отношений на хлопковом рынке, межрегиональные отношения на хлопковом рынке и факторы, влияющие на рынок хлопка.

**Ключевые слова:** рыночные отношения, рынок промышленного хлопка, рыночный маркетинг, экспорт, спрос, предложение, цена.

## PROBLEMS OF DEVELOPMENT OF THE RAW COTTON MARKET IN MODERN CONDITIONS

**Annotation:** The article analyzes the development of cotton market relations in a market economy. It was noted that one of the most controversial issues among scientists, economists and specialists in this field is the specifics of economic development in agriculture. Therefore, the authors propose ways of developing relations in the cotton market, interregional relations in the cotton market and factors affecting the cotton market.

**Key words:** market relations, industrial cotton market, market marketing, export, demand, supply, price.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Шерматов Р.Б.**- муаллими калони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Телефон: **(+992) 904-169-169**

***Мирзоев А.М.***- муаллими калони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Телефон: **(+992)937-048-994**

***Шерматов Гуломҷон Раҷабович*** унвонҷуи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Телефон: **(+992) 904-169-169**

**Сведения об авторов:** ***Р.Б. Шерматов*** стар. преподаватель Таджикского национального

университета. Телефон: **(+992) 904-169-169**

***Мирзоев А.М.*** стар. преподаватель Таджикского национального университета. Телефон: **(+992)937-048-994**

***Г.Р Шерматов*** соискатель Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 904-169-169**

**Information about the authors**: **R.B. Shermatov** old. lecturer at the Tajik National University. Phone: (+992) 904-169-169

***A.M.Mirzoev*** - old. lecturer at the Tajik National University. Phone: (+992)937-048-994

**GR Shermatov** researcher at the Tajik National University. Phone: (+992) **904-169-169**

## ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

*Юсупов Ш.Н., мудири кафедраи низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мақоми хосаи илму пажуҳиш ва ҷойгоҳи баланди илм дар ҷомеа аз ҳидоят ва ғамхории бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад. Бахусус, дар замоне, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш меравад ва пайваста уфуққои нави таҳаввулоти техникиву технологӣ зуҳур мекунанд. Мусаллам аст, ки рушди соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон, сатҳу сифати зиндагии мардум, пеш аз ҳама, аз сатҳи рушди илм, дараҷаи донишу маърифатнокӣ ва соҳибкасбу соҳибҳунар будани афроди ҷомеа вобаста мебошад. Ҳар фарди Тоҷикистон хоҳони он аст, ки давлатамон пешрафтаву нерӯманд ва ҷомеаи кишварамон осудаву мутамаддин бошад.

Дигаргуниҳои куллӣ дар сохтори геополитикии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тағйироти системаи иҷтимоӣ - сиёсӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷаҳони муосир тадриҷан ба давраи сифатан нави рушд ворид мегардад. Раванди ҷаҳонишавӣ тақозо менамояд, ки аксари муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ маданӣ ва сиёсӣ характери умумиҷаҳонӣ касб намоянд. Яке аз падидаи возеҳи ҷаҳонишавӣ, ҳукумати электронӣ маҳсуб меёбад.

Зери мафҳуми ҳукумати электронӣ ин созмон додани шакли нави фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби истифодаи васеъи Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК), ба зуддӣ ва бо сифати баланд таъмин намудани дастрасии шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба ахборот ва хизматрасониҳои давлатӣ оиди натиҷаҳои фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, фаҳмида мешавад.

Ҳукумати электронӣ ҳукумати кушоду равшанест, ки ба муколамаи доими бо Шаҳрвандон омодааст. Ҳар як шахс ҳар замон аз ҳар нуқтаи кишвар, метавонад иттилоот ва хизматрасонии ба худ лозимиро дастрас намояд.

**Ҳукумати электронӣ** – истифодаи технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ (ТИК) дар мақомоти идоракунии давлатӣ, ки дар ҳамбастагӣ бо тағйироти ташкилӣ ва ҷорисозии малакаҳои нав хизматрасонии давлатӣ ва равандҳои демократиро такмил дода, дастгирии ниҳодҳои сиёсати давлатиро таъмин менамояд (аз нуқтаи назари таърифи Иттиҳоди Аврупо)

**ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ** - ин истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо мақсади:

- таъмини шаҳрвандон ба иттилои эътимоднок;
- созмон додани имкониятҳои нави алоқамандии байниҳамдигарии мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо аҳолӣ, соҳибкорӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти идоракунии давлатӣ.

***Вазифаҳои ҳукумати электронӣ:***

- Мувофиқ намудани пешниҳоди хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва соҳибкорон тибқи назарияи электронии ҳокимият;
- Дастгирӣ ва васеъ намудани имкониятҳои худхизматрасонии шаҳрвандон;
- Баланд бардоштани маърифати технологӣ ва тахассуси шаҳрвандон;
- Баланд бурдани сатҳи иштироки интихобкунандагон дар раванди роҳбарӣ ва идораи кишвар;
- Поин бурдани омилҳои ҷойгиршавии ҷуғрофӣ.

*Ҳукумати электронӣ инро таъмин мекунад:*

- Идоракунии самаранок ва камхарҷ;
- Тағйири куллии ҳамгироии байни ҷамъият ва ҳукумат;
- Такмили демократия ва баланд бурдани масъулияти ҳокимият дар назди халқ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба ҳукумати электронӣ якчанд қонунҳо қабул шудааст:

- Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» (08.08.2001);
- Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи электрикӣ» (10.05.2002);
- Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» (10.05.2002);
- Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоъ» (10.05.2002);
- Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи иттилоъ» (02.12.2002).

Инчунин, Стратегияи давлатии «технологияи иттилоотӣ- коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти ҶТ № 1174 аз 05.11.2003); Барномаи давлатии «Рушд ва ҷорикунии технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати ҶТ № 468 аз 3 декабри 2004).

***Консепсияи Ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳо:***

1) 2006-2007 - созмони муҳити иттилоотӣ бо иштироки ҳамаи мақомот ва минтақаҳо;

2) 2008-2009 " ташкили механизми мубодилаи 2 ва зиёда тарафҳо, созмони гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, васеъ кардани захираҳои иттилоотии идораҳо;

3) 2010-2015 - барқарории ҳукумати электронии мутамаркази Тоҷикистон.

Дар баробари ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаҳои стратегии татбиқнамоии технологиякунонии ҳокимият таҳия шуда, мавриди омӯзиш қарор дорад.

***Самтҳои (ҷузъҳои) асосии ҳукумати электронӣ:***

- Гардиши электронии ҳуҷҷатҳо;
- Системаҳои иттилоотӣ- таҳлилӣ;
- Регистрҳои мутамаркази давлатӣ;
- Алоқаи шаҳрвандон бо давлат.

***Мушкилот:***

- Нарасидани мутахассисони баландихтисос;
- Набудани таъминоти барномаҳои ватанӣ;
- Сохтори ҷуғрофии мураккаб;
- Парокандагии шабакаҳо, барномаҳои фаъолият ва ғ.
- Зичии пасти шабакаи телефонӣ дар деҳот;
- Заминаи номукаммали ҳуқуқӣ;
- Норасоии техникӣ;
- Нархҳои баланди хизматрасонии алоқа;
- Ташаккули нокифояи шабакаҳои бесим;
- Талаботи паст ба алоқа дар деҳот;
- Бехабарии кулли аҳолӣ аз имконияти технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.

Ташаккул ва рушди ҳукумати электронӣ масъалаҳои ба ҳам алоқаманди беҳтар намудани ҳамкориҳо дар дохили худи сохтори ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ аз рӯи ҳуҷҷатгузории ғайриқоғазӣ, инчунин таъмини иҷрои аксари вазифаҳои идоракунии давлатӣ, ки ба ҳамкориҳои тарафайни дастгоҳи давлатӣ бо дигар субъектҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси ТИК равона шудааст, дар бар мегирад.

Татбиқи ҳукумати электронӣ дар муносибати ҳукумат бо се намуди **«истифодабарандагон»:** шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ ва корхонаю идораҳои давлаӣ, хизматчиёни давлатӣ ва намояндагони бизнес бояд тағйироту дигаргуниҳои мусбӣ ворид созад.

**G2C - ҳукумат бо шаҳрвандон**

**B2 G - ҳукумат бо Бизнес**

**C2G - шаҳрвандон бо ҳукумат**




**Расми 1.1. формулаи ҳукумати электронӣ**

Ҳукумати электрониро умуман ҳамчун татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ (ТИК) барои баланд бардоштани судмандии вазифаҳо ва ҳадамоти анъанавии давлатӣ метавон таъриф кард. Махсусан, ҳукумати электронӣ «истифодаи технологияҳои рақамӣ барои дигаргун кардани идоракунии давлат бо ҳадафҳои баланд бардоштани асаргузорӣ, судмандӣ ва хидматрасонӣ» мебошад [11].

Дар асри муосир рушди босуръати техникаву технология зиндагии башарро куллан тағйир дода, муносибатҳои ҷамъиятии сифатан навро ба вуҷуд овард. Ҳамарӯза даҳҳо техникаҳои ҷадиди замонавӣ кашф ва ба истифода дода шуда, равишҳои корӣ оҳиста-оҳиста аз шакли қоғазӣ ба шакли электронӣ мегузаранд. Дар ин раванд, кашфи компютер, ихтироъ ва роҳандозии шабакаи глобалии интернет аз нодиртарин дастовардҳои асри гузашта ба шумор меравад. Вале дар асри XXI ин раванд, яъне электронигардонӣ якбора ба суръати баланд ноил гардида, фаъолият ва зиндагии инсониятро ба маротиб осону дигаргун сохт. Он ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири мусбӣ расонида, тараққӣ ёфтани соҳаро дар ҷаҳон хеле боло бурд. Кишвари маҳбуби мо - Тоҷикистон, низ ҳамқадам бо давлатҳои дигари олам пайи тараққӣ ва рушдёбии соҳаи фавқ басо тадбирҳои муҳим андешида истодааст. Аз ин рӯ, бо роҳандозӣ гардидани барномаҳои мушаххаси давлатӣ онҳо сол аз сол ба натоиҷи дилхоҳу назаррас ноил мегарданд. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи мазкур қабул гардида, масъулин пайи татбиқи онҳо ҳамеша ҷаҳду талош мекунанд ва камар мебанданд.

Ҳамин тавр, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 5 ноябри соли 2003, таҳти №1174 консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2012-2020 бо мақсади амалисозии Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, таҳти №468 Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии кишвар бошад, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, таҳти №451 тасдиқ шуда, Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии мамлакат бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 таҳти №1713 қабул гардидааст.

Аз ин фармону қарорҳои ҳаётан муҳими Президенти кишвар маълум мегардад, ки иҷроиши «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон» яке аз системаҳои муҳимтарини коргузории электронии ба хизмартаронии давлатӣ маҳдуд нагардида, балки ба сохтани «ҷомеаи иттилоотӣ», системаи иттилоотӣ дар мамлакат ва ҳамин гуна шакл гирифтани дигар сохторҳои ҳукуматӣ дар манотиқи мухталифи ҷумҳурӣ замина гузошта метавонанд. Дар баробари инкишофи технологияҳои иттилоотӣ имконияти ташкили кори самараноктари сохторҳои давлатӣ, хусусан дар соҳаи хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ба вуҷуд омад ва аз ин ҷо вожаи «ҳукумати электронӣ» мавқеи иҷтимоӣ пайдо кард. Ҳукумати электронӣ бартариҳои ниҳоят зиёд дошта, дар маҷмуъ коргузориҳои муосирро ба миён меорад, ки дар кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон ҳукумат гузаштан ба ин навъ қаринаи замонавии хизматрасониро яке аз ҳадафҳои асосӣ қарор додааст.

Ҳукумати электронӣ низоми ягонаест, ки тамоми мақомоти давлатиро муттаҳид карда, ба онҳо шароит фароҳам меорад, то бо истифода аз шабакаи компютерӣ гардиши ҳуҷҷатҳои электронии байниидоравиро таъмин намоянд. Дар асоси он ба шахсони ҳуқуқию воқеӣ хизматрасониҳои

давлатиро пешниҳод созанд ё арзу шикоятҳои мардумро баррасӣ кунанд. Аз ин рӯ, дар меҳвари бунёдии консепсияи мазкур иттилоот қарор дошта, самтбахшӣ тариқи иттилоот яке ҳадафҳои аслии он ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, системаи ҳукумати электронӣ яке аз унсурҳои асосии бунёди ҷомеаи муосир ва идоракунии давлатӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ маҳсуб ёфта, имконияти гирифтани посуххоро ба суолҳои муҳими иҷтимоӣ бидуни ташвишдиҳии хизматчиёни давлатӣ пешкаш менамояд. Ҳукумати электронӣ кулли монеаҳои имконпазири хусусияти маъмуридоштаро ҳангоми бадастории хизматрасониҳои лозима бартараф сохта, ҳамзамон дастрасии мардумро ба иттилооти расмӣ осон мегардонад.

Ҳукумати электронӣ як ҷузъи ҷомеаи иттилоотӣ буда, дар айни замон дар арафаи шаклгирии умумиҷаҳонӣ қарор дорад. Дар шароите, ки интернет ба воситаи муҳими алтернативии пахши иттилоот зуҳур кардааст, ки масъала аз ҳар ҷиҳат басо аҳамиятнок буда, дар ин ҳолат бояд муносибати нави иттилоотӣ ба роҳ монда шавад. Маҳз аз ҳамин дидгоҳ, «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» як ҷузъи муҳими ахборрасониро ба миён оварда, метавонад дар пешрафти муносибатҳои ҷадиди иттилоотӣ саҳм бигирад. Татбиқи ин гуна тарзи коргузорӣ дар Тоҷикистон низ моҳирона роҳандозӣ гардида, ниҳоят ташкили ҳуҷҷатгузории беқоғаз аст. Дастрасии мардум ба маълумоту иттилооти расмӣ асосан тариқи интернет ва дигар воситаҳои телекоммуникатсионӣ сурат мегирад. Нишондиҳандаҳои сатҳи рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро аз рӯйи беша 50 хусусият баҳо медиҳанд, ки дар се гурӯҳи асосӣ муттаҳид карда шудаанд [10]:

1. Шароити мавҷуда барои инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;
2. Омодагии шаҳрвандон, соҳаҳои корӣ ва мақомоти давлатӣ барои истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;
3. Сатҳи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар бахшҳои ҷамъиятӣ, тиҷоратӣ ва давлатӣ.

Ҳамин тавр, ҳукумати электронӣ яке аз дастовардҳои муосири инсоният буда, баҳри пешрафт ва самаранок ба роҳ мондани муносибати шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ равона гардидааст. Дар баробари амалишавии ҳукумати электронӣ дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои мақомоти давлатӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, аз ҳисоби сарфаи вақт ва харҷи пул боиси боло равтани сатҳу сифати зиндагии мардум мегардад. Чун Тоҷикистон дар минтақаи кӯҳсор воқеъ гардидаасту шаҳру ноҳияҳоро қаторкӯҳҳои осмонбус ва дараҳои тангу чуқур аз ҳамдигар ҷудо менамоянд, таъсиси ҳукумати электронӣ яке аз роҳҳои асосии бурунрафт аз бунбасти коммуникатсионӣ ба шумор меравад.

**Адабиёт:**

**1.** Данилин А. В. Электронные государственные услуги и административные регламенты: от политической задачи к архитектуре ««э–правительства»» / А. В. Данилин. М. : ИНФРА-М, 2004. 336 с.

**2.** Концепции формирования э–правительства в Республике Таджикистан /Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2011 г. № 643.

**3.** Кулик А. Н. Электронное государство в «суверенной демократии» / А. Н. - Кулик // Технологии информ. общ-ва – Интернет и соврем, общ-во: Труды X Всерос. объед. конф. СПб. 23-25 октября 2007 г. – СПб.: Изд-во филолог, фак. СПбГУ, 2007. С. 212-216.

**4.** Кашина ЕЛ. Формирование «э–правительства» в РФ: социально-политический аспект: Автореф. дисс.. канд. полит, наук: 23. 00. 02. - М., 2009. – 29 с.

**5.** Ниёзов А. С. Э–правительство – новый социально-политический институт государственного управления Республики Таджикистан/Материалы тренинга для государственных служащих РТ. Душанбе, 2004. –С. 68-79.

**6.** Овчинников С. А., Гришин С. Е. Причины и условия неудач внедрения э–правительства // Вестник СГСЭУ. 2011. № 4 (38). С. 177 – 180.

**7.** Поляков А. А. Информационные системы в управлении / А. А. Поляков // Вестн. Моск. ун-та. Сер. 21. Управление (Государство и общ-во). 2006. - №3. - С. 23-37.

**8.** Раҳими Фарҳод.Ҳукумати электронӣ-технологияи муосири идоракунии давлатии ҶТ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамои инкишоф». – Душанбе, 15.05. 2018 г. –С.218-220

**9.** Солодов В. В. Э–правительство как инструмент трансформации государственного управления: Автореф. дисс.. канд. полит. наук: 23. 00 02 / В. В. Солодов – М,, 2007. 26 с.

**10.** Саттаров А.Ҷ., Табарзода О.С. Рақамикунонии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили омории он дар рейтингҳои байналмиллалӣ. Маҷаллаи илмӣ “Тоҷикистон иқтисод ва идора” 2020 №4. С.42-48.

**11.** Табарзода О.С., Расулов А.Р. Современные перспективы развития мобильных платежей в системе электронных платежей// Научн. журнал «Таджикистан: экономика и управление». 2021. № 1. С. 39-49.

## ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**Аннотатсия.** Имрӯзҳо дар тамоми манотиқи олам илму технология рушд карда, дар ин раванд падидаҳои нав ба нав ба вуҷуд меоянд ва албатта барои баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасонӣ, маҳсулнокии натиҷаи фаъолияти худ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мунтазам истифода мебаранд.

Яке аз механизмҳои муҳими таъмини шаффофият ва иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди муқовимат ба коррупсия ин ҳукумати электронӣ мебошад.

Дар шароити ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ торафт муассир мегардад. Яке аз намуди он ҳукумати электронӣ мебошад, ки дар идоракунии давлатӣ чун падидаи ҷадиди иҷтимоиву сиёсӣ ва фарогиру самаранок эътироф шудааст. Рушди ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ хусусиятҳои худро дорад.

Ҳукумати электронӣ чун падидаи иҷтимоиву сиёсии замони муосир ба ҷузъи муҳими системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал шудааст. Ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таърихи даҳсолаҳо дорад, торафт тақвият меёбад. Ҳукумати электронӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи иттилоотии муосир возеҳ собит шудааст.

**Калидвожаҳо:** иттилоот, ҳукумат, маълумот, ҷомеа, мақомотҳои давлатӣ, рушди иқтисодӣ, иқтисодиёт. Ҷумҳурии Тоҷикистон, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҳукумати электронӣ, рушд.

## ЭЛЕКТРОННОЕ ПРАВИТЕЛЬСТВО И ОСНОВА ДЛЯ ЕГО ФОРМИРОВАНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Аннотация:** На современном этапе во всех регионах мира наука и технология развивается в этом процессе появляется новые феномены, которые используется для повышения эффективности и качества услуги результатов деятельности органов исполнительные власти.

Одним из важнейших механизмов прозрачничности и активное участие граждан в обществе сопротивление с коррупцией обеспечить электронная правительства.

В информационном обществе резко возрастает роль информационно-коммуникационных технологий (ИКТ). Одним из видов ИКТ является электронное правительство, признанное во всем мире как современный социально-политический и всеохватывающий эффективный институт. Развитие электронного правительства в Таджикистане на современном этапе имеет свои особенности.

Электронное правительство как современный социально-политический институт превратился в важный компонент системы государственного управления Республики Таджикистан.Электронное правительство Республики Таджикистан, имеющее богатую историю, развивается успешно. Электронное правительствовсе отчетливее выступает как ноетъемлемая часть информационного общества.

***Ключевые слова:*** информация, правительство, данные, общество, государственные органы, экономический рост, экономика. Республика Таджикистан, информационно-коммуникационные технологии, электронное правительство, развитие.

# ELECTRONIC GOVERNMENT AND THE BASIS FOR ITS FORMATION IN TAJIKISTAN

**Annotation:** At a modern stage in all regions of the world, science and technology are developing in this process, new phenomena appear that are used to improve the efficiency and quality of the service results of executive bodies.

One of the most important mechanisms of transparency and the active participation of citizens in society is the resistance to corruption to provide e-government.

In the information society, the role of information and communication technologies (ICT) sharply increases. One type of ICT is the electronic government, recognized throughout the world as a modern social-political and all-encompassing and effective institution. The development of e-government of Tajikistan at the present stage has its own characteristics.

E-government as a modern socio-political institution has become an important component of the system of public administration of the Republic of Tajikistan. The e-government of the Republic of Tajikistan, which has a rich history, is developing successfully. E-government is increasingly acting as an integral part of the information society.

***Keywords**: infomration, government, data, society, public authorities, economic growth, economy.* Republic of Tajikistan, information and communication technologies, e-government, development.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ш.Н.Юсупов н.и.и., дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт ДМТ** Телефон: 918123940 почтаи электронӣ: shodmon26101982@mail.ru

**Сведения об авторах: *Ш.Н.Юсупов*-** к.э.н., доцент кафедры «Информационная система в экономика» ТНУ. Телефон: 918123940 Эл.почта: shodmon26101982@mail.ru

**Information about the authors: Sh.N. Yusupov** - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Information System in Economics, TNU. Phone: 918123940 E-mail: shodmon26101982@mail.ru

# ФИШАНГҲОИ КОРКАРДИ СИЁСАТИ САНОАТИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

*Аскарова С.С. - докторанти курси 2 ихтисоси 6D0506(02)- и ДМТ*

Дар шароити муосир барои рушд ёфтани соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳо системаҳои саноатӣ ташаккул дода шуда, рушд меёбанд, ки онҳо дар маҷмӯъ ҳамчун маҳаки рушди ин соҳаҳои кишвар ҳисобида мешаванд. Барои ҳамин зарур мешуморем, ки мафҳуми системаи саноатро аниқтар ва равшантар таҳқик намоем ва муайян намоем, ки то чи андоза ақидаҳо дар корҳои таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ бараъло инъикос гардида аст. Масалан Е.Н. Стрижакова дар мақолаи илмиаш тахти унвони «Системаи саноати Россия: омилҳо ва рушд» зикр мекунад, ки «Дар адабиётҳои иқтисодӣ системаи саноатиро бештар ҳамчун истеҳсолоти саноатӣ мегуянд ва бо ин мақсад онро аз комплекси кишоварзӣ ҷудо мекунанд…». Аммо дар инҷо аз ҷониби муаллиф таърифи системаи саноат дода намешавад. Фақат қайд карда мешавад, ки асоси методикаи муаллифии вобаста ба системаи саноатро назарияи омилҳои истеҳсолот, назарияи технологикунонии истеҳсолот ва усули таҳлили сохторӣ ташкил медиҳанд [62]. Чи тавре, ки мушоҳида мекунем дар ин мақола муаллиф мазмуни мафҳуми системаи саноатро кушода намекунад ва дар асоси назария ва усули таҳлил тамоми фаъолиятҳои вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар гурӯҳҳои сохторҳои агрегиронишуда тибқи принсипҳои монандии равандҳои технологиӣ ва истеҳсолоти якхела гурӯҳбандӣ мекунад. Муалифони мақолаи «Мафҳуми системаи истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ ва давраҳои рушди он» вобаста ба системаи истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ маълумот оварда, ақидаҳои якчанд муаллифон дар бораи ин мафҳумро мавриди омӯзиш қарор дода, аммо вобаста ба системаи саноат бошад таъриф надодаанд. Танҳоаз ҷониби онҳо қайд карда шуда аст, ки «…системаи истеҳсолӣ дар соҳаи саноат яке аз фаъолиятҳои

[62] Стрижакова Е.Н. Промышленная система России: факторы развития // Вестник Института экономики РАН / Е.Н. Стрижакова. Москва, 2016. - № 4. - С. 53 (С. 53-70).

бавуҷудоварандаи системаи саноатӣ дар маҷмӯъ мебошад ва бавуҷуд омадани ин ё он намуди системаи истеҳсолӣ бо ташаккул ёфтани талабот ба маҳсулот дар бозор асоснок карда мешавад, ки онро баҳри қонеъ гардонидани талаботҳои харидорон равона месозанд»[63].

Муҳаққиқи намоёни рус О.С. Сухарев аҳамияти бунёдӣ доштани саноат дар рушди иқтисодиро қайд намуда, ишора ба он мекунад, ки системаи саноати муосир дар худ на танҳо соҳаҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои саноатӣ ва шабакаҳои истеҳсолиро дар бар мегирад, балки элементҳои инфрасохтории самтҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро низ фаро мегирад, ки барои рушди саноат поя мегузоранд. Дар мақолаи «Сиёсати иқтисодӣ: стратегия ва маҳорат» муаллиф технологиякунонии системаҳои иқтисодиро таъриф дода, қайд менамояд, ки «Системаи саноатӣ рушд мекунад ва технологикунонии худро дар асоси техникаи ташкил дода мешуда дар таркибёбии хазираҳои инсониву техникӣ таъмин менамояд. Барои ҳамин бештари хусусиятҳои системаҳои техникӣ, принсипҳои эволютсияи онҳоро метавон дар маҷмӯъ дар ситемаҳои саноатӣ татбиқ намуд».[64] Аммо чи гунае, ки мебинем аз ҷониби муаллиф оид ба таърифи аниқи системаи саноатӣ маълумот дода намешавад.

Дар корҳои олимони ватанӣ низ таърифи системаи саноат мавҷуд нест. Аммо дар баъзе корҳои олимони ватанӣ оид ба комплексҳои саноатӣ сухан меравад. Масалан Н. Қаюмов шарҳи механизми хоҷагидории саноатиро дода, ба равишҳои системавии таҳқиқот ва идоракунии комплексҳои саноатии минтақаҳо ишора мекунад. Муаллиф вобаста ба комплексҳои саноатӣ тавсиф дода бошад ҳам аммо мафҳуми системаи саноатро аниқ намекунад[65].

Дар бештари корҳои муҳақиқони ватанӣ[66], ки аз ҷониби мо мавриди таҳлили амиқ қарор дода шуд, ҳарчанд ба мафҳуми «системаи саноат» дучор ҳам гардем, аммо таърифи аз ҷониби муаллифон дода шуда, ва кушодани таърифҳои мавҷудбуда дида нашуд. Дар баъзеи онҳо вобаста ба комплексҳои ҳудудӣ–истеҳсолӣ, ки равиши ситемавиро истифода мебарад, суханронӣ карда шуда, дар якеаш бошад оид ба ҳалқаҳои саноат ва марказҳои саноат, дар дигараш бошад моделҳои рушди саноатӣ-инноватсионӣ сухан меравад. Аз ҷумла дар бештари корҳои олимони ватанӣ нақши муҳими системаҳои саноатии минтақавӣ дар рушди иқтисодии кишварро дидан мумкин асту аммо шарҳи пурраи системаи саноати минтақаҳо дида намешавад. Таҳлили ақидаҳои олимони ватанӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо бештар назарияҳоеро дидан мумкин аст, ки дар шароитҳои муосир дар фазои минтақавӣ нақши муҳими на танҳо активҳои моддиро баррасӣ намудаанд, балки нақш доштани активҳои ғайримоддӣ ба монанди иттилоот, инноватсия, инфрасохтор, комуникатсия ва дигарҳоро зарур медонанд, ки дар навбати худ ба ташаккул ёфтани шароитҳои мусоиди рушди системаҳои саноатӣ мусоидат мекунанд. Аммо дар ин корҳо низ аз ҷониби муаллифон шароитҳову

---

[63] Вайкок М.А., Водождокова З.А. Понятие производственной системы промышленного предприятия и этапы ее развития // Инновации и инвестиции / М.А. Вайкок, З.А. Водождокова. – М., 2016. - № 11. – С.48-52.

[64] Ниг. ба: Сухарев О.С. Экономическая политика: стратегия и тактика // «Технологичность» российской экономики и новые меры промышленной политики. Захираи электронӣ. URL: https://inecon.org/docs/Sukharev_PTPU_2016-05-8-22.pdf. (санаи муроҷиат 12.04.2021); Сухарев О.С. Экономическая политика и развитие промышленности. - М.: «Финансы и статистика», 2011. – С. 48. (216 с). ISBN: 9785279035007

[65] Каюмов Н.К. Переходная экономика Таджикистана: концепции, цели и механизмы развития. - Душанбе, ИЭ и Д АН РТ, 2013. - 661с.

[66] Низомова Т.Д. Реструктуризация промышленных предприятий переходной экономики // Монография / Т.Д. Низомова. - Душанбе: «Ирфон», 2005. -130 с.; Пулатова И.Р. Формирование и развитие промышленного узла города в условиях перехода к рыночной экономике (на примере города Худжанда Ленинабадской области Республики Таджикистан) // Автореф. дисс. барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ / И.Р. Пулатова - Душанбе, 1999. - 25 с.; Саидмуродов Л.Х. Долгосрочное видение развития Республики Таджикистан // Таджикистан и современный мир / Л.Х. Саидмуродов, Душанбе, 2015. - № 6 (49). - С.20-25.; Мирсаидов А.Б. Кластер как рыночный институт развития пространственной экономики // Экономика Таджикистан / А.Б. Мирсаидов. - Душанбе, 2016. - № 1. - С.61-75. Шамсиев, Ф.К. Теоретические аспекты региональной промышленной системы в условиях становления корпоративных отношений // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. Шамсиев Ф.К., Ходиев Д.А. – Худжанд, 2019. - № 1 (78). - С.71-83.

шартҳои ташаккулёбии ситемаҳои саноатӣ баррасӣ гардида, оид ба мафҳуми системаи саноатӣ маълумот дода намешавад.

Ҳамин тавр таҳлилҳои олимони ватаниву хориҷиро ҷамъбаст намуда, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки чи дар адабиёти хориҷӣ ва чӣ дар адабиёти ватанӣ таърифи мушаххаси системаи саноат хело кам ба назар мерасад ва аз ин лиҳоз месазад, ки ба ин мафҳум равшанӣ андозем.

Бояд қайд намуд, ки ба мафҳуми системаи саноатӣ мафҳуми «системаи идустриалӣ» хело наздик мебошад. Чи хеле, ки муаллифони мақолаи «Системаи идустриалӣ дар шароити ноустувории иқтисодӣ» қайд менамоянд «Вобастагии чуқури системаи индустриалӣ аз давлат ва тавсифи ҳамкориҳо бо мақомотҳои давлатӣ, яъне нисбияти элементҳои баробаршавандаи ҳокимияти давлатӣ бо мақсадҳои ҷамъият шарти асосии мутавозунии системаи давлат ва ҷамъият мебошад ватағйиротҳову рушд, мутобиқшавӣ ба талаботҳои тағйирёбиҳо дар муҳити берунаро муайян месозад… Дар ҷамъияти муосири иттилоотӣ системаи индустриалӣ қисми ҷудонопазири системаи давлатдорӣ мебошад», [67]. Бояд қайд намоем, ки категорияи «системаи индустриалӣ» ҳанӯз аз ҷониби А. Смит ба доираи илмӣ ворид карда шуда буд ва вай мӯҳтавои иқтисодӣ-сиёсии системаи саноатиро муайян карда буд.

Консепсияи рушди системаҳои саноатӣ дар назар дорад, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ мақоми калидиро истеҳсолоти моддӣ касб намуда аст, ки дар натиҷаи саноатикунонӣ ё худ «индустриализатсия» саноатро ташкил медиҳад. То охирҳои асри XX мафҳуми системаи саноатӣ бо мӯҳтавову ҷавҳари истеҳсолоти саноатии корхона якхела фаҳмида мешуд. Асоси модели чунин намуди корхонаро функсияи мақсад ташкил медиҳад, ки натиҷаҳо, хароҷот ва захираҳоро миқдорон ба ҳамдигар алоқаманд месозад. Дар назарияи неоклассикӣ аз ҷониби инъикоскунандагони назарияи рақобати комил истеҳсолоти саноатиро ҳамчун системаи ба таври автоматӣ идорашаванде инъикос карда мешуд, ки корхонаи саноатӣ элементи он мебошад. Барои ҳамин ҳам дар шароитҳои рушд кардани бозор ба чунин элементе ба мисли корхонаи саноатӣ ҳам омилҳои беруна ва ҳам омлиҳои даруна ва ё элементҳои фарққунанда таъсир мерасонанд.

Дар асри нав дар раванди ташаккул додан ва идора намудани истеҳсолоти саноатӣ, махсусан дар сатҳи иқтисодиёти кишварҳо ва минтақаҳоои онҳо принсипи «якпорчагии системавӣ» ва равишҳои кластерии ташаккулёбии иқтисодиёт хело фарох истифода мешаванд. Мутобиқ ба ин равиш ва ин принсип ситемаи саноати кишварҳо ва минтақаҳои ҷудогонаи онҳо ҳамчун сохтори ситемавии дохилии элементҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамкор дида мешаванд, ки барои иҷро гардидани функсияҳои мақсадноки баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар заруранд. Дар ин раванд ҳамчунин рушди назарияи «синергетика» низ бараъло ба назар мерасад, ки қонуниятҳои умумии равандҳои ташаккулёбии ҳолати устувор ва вайрон гардидани сохторҳои мураккаби иқтисодӣ, аз он ҷумла системаҳои саноатиро инъикос мекунад. Бо дигар ибора синергетика назарияи системаҳои мураккабе мебошад, ки барои муайян кардани қонуниятҳои эволютсия ва худташаккулёбии системаҳо бо дарназардошти таъсир расонидан ба бесарурсомонӣ ва идора намудани онҳо равона гардида аст.

Ҳамин тариқ метавон тазаккур дод, ки асосҳои ба вуҷуд омадани системаҳои санотии муосир дар маҷмӯъ ба назарияҳои мукаммалии системавӣ, равишҳои кластерии ташкилдиҳии истеҳсолот, назарияи синергетика бунёд гардида, дар навбати худ дорои зерсистемаҳои гуногунҷабҳаи фарққунанда мебошанд (расми 1.1).

Умуман дар системаи саноатӣ метавон якчанд намудҳои фарққунандаи зерсистемаҳоро ҷудо намуд: зерсиситемаҳои саноатии истеҳсолӣ, ғайриистеҳсолӣ ва истеъмолкунандагон. Ба зерсистемаи аввал субъектони истеҳсолкунандаи система дохил мешаванд, ки ба онҳо корхонаҳои саноатӣ шомил мебошанд. Ба зерсистемаи ғайриистеҳсолӣ бошад тақсимкунандагон ва интиқолкуннадагони маҳсулот дохил мешаванд, ки хизматрасониҳои ба фурӯш баровардани маҳсулотро мерасонанд. Маҳсулоти истеъмолмешудаи таъиноти техникиву истеъмолидошта низ зерсистемаи системаи саноатӣ мебошад. Умуман ин зерсистемаҳо аз рӯи таъиноти функсионалиашон ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидориашон фарқ карда мешаванду дар системаи иқтисодиёти миллӣ системаи алокамандиҳои мураккабро ташкил медиҳанд. Чи хеле, ки аз маълумотҳои дар модели 1.1 овардашуда мебинем, системаҳои истеъмолкунанда ва

[67] Вдовенко З.В. Индустриальная система в условиях экономической нестабильности // Транспортное дело России / З.В. Вдовенко, Д.Н. Клепиков, А.В. Лукьянова– М, 2014. - № 6. - С. 48-51.

истеҳсолкунанда ба системаи истеҳсолоти моддӣ ва системаи ғайриистеҳсолӣ бошад ба соҳаи муомилот тааллуқ доранд.

Бояд қайд намоем, ки баъзе субъектони истеҳсолкунанадаи система ҳамзамон ба ҳайси истеъмолкунанда низ баромад мекунанд, ки онҳо истеъмолгарони захираҳои ашёҳо, маводҳо, меҳнат, таҷҳизот мебошанд.

**Адабиёт**:

1. Стрижакова Е.Н. Промышленная система России: факторы развития // Вестник Института экономики РАН / Е.Н. Стрижакова. Москва, 2016. - № 4. - С. 53 (С. 53-70).

2. Вайкок М.А., Водождокова З.А. Понятие производственной системы промышленного предприятия и этапы ее развития // Инновации и инвестиции / М.А. Вайкок, З.А. Водождокова. – М., 2016. - № 11. – С.48-52.

3. Сухарев О.С. Экономическая политика: стратегия и тактика // «Технологичность» российской экономики и новые меры промышленной политики. Захираи электронӣ. URL: https://inecon.org/docs/Sukharev_PTPU_2016-05-8-22.pdf. (санаи муроҷиат 12.04.2021); Сухарев О.С. Экономическая политика и развитие промышленности. - М.: «Финансы и статистика», 2011. – С. 48. (216 с).

4. Каюмов Н.К. Переходная экономика Таджикистана: концепции, цели и механизмы развития. - Душанбе, ИЭ и Д АН РТ, 2013. - 661с.

5. Низомова Т.Д. Реструктуризация промышленных предприятий переходной экономики // Монография / Т.Д. Низомова. - Душанбе: «Ирфон», 2005. -130 с.

6. Пулатова И.Р. Формирование и развитие промышленного узла города в условиях перехода к рыночной экономике (на примере города Худжанда Ленинабадской области Республики Таджикистан) // Автореф. дисс. барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ / И.Р. Пулатова - Душанбе, 1999. - 25 с.

7. Саидмуродов Л.Х. Долгосрочное видение развития Республики Таджикистан // Таджикистан и современный мир / Л.Х. Саидмуродов, Душанбе, 2015. - № 6 (49). - С.20-25.

8. Мирсаидов А.Б. Кластер как рыночный институт развития пространственной экономики // Экономика Таджикистан / А.Б. Мирсаидов. - Душанбе, 2016. - № 1. - С.61-75.

9. Шамсиев, Ф.К. Теоретические аспекты региональной промышленной системы в условиях становления корпоративных отношений // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. Шамсиев Ф.К., Ходиев Д.А. – Худжанд, 2019. - № 1 (78). - С.71-83.

10. Вдовенко З.В. Индустриальная система в условиях экономической нестабильности // Транспортное дело России / З.В. Вдовенко, Д.Н. Клепиков, А.В. Лукьянова– М, 2014. - № 6. - С. 48-51.

## ФИШАНГҲОИ КОРКАРДИ СИЁСАТИ САНОАТИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

**Аннотация**: Дар мақола асосҳои назариявии рушди системаи саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаҳои саноати республика дар як қатор ташкилоту корхонаҳо тағйироти калон ба амал омада, инчунин таърифҳои муаллифи консепсияи сиёсати саноатӣ.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти миллӣ, сиёсати саноатӣ, рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, низоми саноатӣ, сармоягузорӣ.

## ИНСТУМЕНТОВ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОМЫШЛЕННОЙ ПОЛИТИКИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Аннотация:** В статье рассматриваются теоретические основы развития промышленной системы Республики Таджикистан. Автор отмечает, что в результате проведения экономических реформ в отраслях страны ряд организаций и предприятий претерпели существенные изменения, а также приведен авторские определения концепции промышленной политики.

**Ключевые слова:** национальная экономика, промышленная политика, конкурентоспособность промышленная продукция, промышленная система, инвестиции

## INDUSTRIAL POLICY TREATMENT OF THE LEVELS OF THE NATIONAL ECONOMY

**Annotation:** The article discusses the theoretical foundations of the development of the industrial system of the Republic of Tajikistan. The author notes that as a result of economic reforms in the country's sectors, a number of organizations and enterprises have undergone significant changes, as well as the author's definitions of the concept of industrial policy.

**Key words:** national economy, industrial policy, competitiveness of industrial products, industrial system, investments

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна докторанти PhD, курси 2 ихтисоси 6D0506 (02)- Иқтисодиёт: иқтисодиёти минтақа, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Тел: +992 926165557. E-mail: sanam85@mail.ru

**Сведения об авторах:** Аскарова Санавбархон Султонходжаевна докторант PhD 2 курс специальность 6D0506 (02) - Экономика: региональная экономика, Таджикский национальный университет, Тел: +992 926165557. E-mail: sanam85@mail.ru

**Information about the authors:** Askarova Sanavbarkhon Sultonkhojaevna 2nd year doctoral PhD, specialty 6D0506 (02) - Economics: regional economy, Tajik National University, Tel: +992 926165557., E-mail: sanam85@mail.ru

## МОНИТОРИНГИ ЗАМИНҲОИ КОРАМИ ОБЁРИШАВАНДА ДАР НОҲИЯИ НОСИРИ ХИСРАВ

*Толибов К.Б., Саидумаров С.С., МДТоҷик «НИИГиМ»*

Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои корами обёришаванда ва пешгири кардани шӯршавии заминҳо, сари вақт иҷро намудани чорабиниҳои агротехникӣ, риояи реҷаи обмонӣ, ҷорӣ намудани киштгардон омилҳои асосии ба даст овардани ҳосили дилхоҳи зироатҳои кишоварзӣ мебошанд. Дар минтақаҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ 36200 ҳазор га заминҳои шӯр, наздик ба 240 ҳазор га заминҳои ба таназзулёбии ирригасионӣ гирифтор ва зиёда аз 1597 га заминҳои дуюмбора ботлоқшуда мавҷуданд. Заминҳои корами обёришаванда асосан дар пастиҳои байни кӯҳҳо, қаторкӯҳҳо ва водиҳои дарёҳо ҷойгир шудаанд.

Чуноне ки маълумотҳои Муассисаи Давлатии “Назорати ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодабарии об” то 01.01.2021 сол нишон медиҳанд, аз 255047 га заминҳои корами обии ноҳияҳои водии Вахш, 6735 га дар дараҷаҳои гуногуни шӯрнокӣ қарор доранд.

Майдони умумии заминҳои обии ноҳияи Носири Хисрав 14177 га-ро дарбар мегиранд, ки аз он ҷумла заминҳои шӯрнокиашон миёна 1069 га, ва шӯрнокиашон баланд 395 га-ро ташкил медиҳанд. Дар ноҳияи НосириХисрав (Бешкент) қисми зиёди заминҳои корами обӣ аз нав шӯр ва ботлоқ шудаанд.

Бояд қайд кард, ки дар ноҳияи Носири Хисрав намуди шӯрнокии сулфатӣ-хлорӣ дар заминҳои корами обӣ вуҷуд дорад, ки азхудкунии ин заминҳо ниҳоят кори серхароҷот мебошад.

Омӯхтан ва роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии хокҳои Ҷумҳурӣ ва гузаронидани мониторинги мелиоративии заминҳои дубора шӯршуда яке аз масъалаҳои асоси ба ҳисоб меравад.

Аз рӯйи нақшаи кории илми барои муайян намудани хусусиятҳои агрокимиёвии хок, хусусиятҳои обӣ-физикии хок, шӯрнокии хокҳо, обҳои заҳбурҳо, оби обёрӣ дар охири моҳи март аз қитъаҳои таҷрибавии ноҳияи Носири Хисрав ҷамоати деҳоти “Наврӯз” хоҷагии деҳқонии Ситора намунаҳо гирифта шудаанд. Ташхиси хокҳои ҷамоати деҳоти “Наврӯз”, хоҷагии деҳқонии Ситора нишон доданд, ки аз рӯйи классификатсия ин хокҳо ба хокҳои хокистарранги равшан дохил мешаванд. Мониторинги минтақаи тадқиқотӣ нишон медиҳад, ки нисбати солҳои гузашта хокҳои қитъаи таҷрибавӣ ғизонокиашон кам гардида ҳолати беҳдошти (мелиоративии) он ниҳоят паст шудааст.

Натиҷаи таҳлили озмоишгоҳ нишон дод, ки миқдори моддаҳои ғизоии таркиби хокҳои қитъаи таҷрибавӣ дар дараҷаҳои гуногун қарор доранд (графики 1).




Аз ҷумла миқдори моддаҳои ғизоии органикӣ, гумуси таркиби он дар чуқурии 0 - 25 см ба 1,31 % ва дар чуқурии 25 - 50 см ба 0,98 % баробар мебошад.

Барои хокҳои хокистарранги равшани минтақаи тадқиқотӣ ин миқдори моддаҳои органикӣ (гумус) нишондиҳандаи миёна мебошад.

Таҳлил ва ташхиси элементҳои ғизоии таркиби хок нишон медиҳад, ки миқдори суммаи нитроген дар ин хокҳо ба 13,9 мг/кг мерасад, аз ҷумла нитрогени нитратӣ дар чуқурии 0-25 см ба 15,0 мг/кг, нитрогени аммонийгӣ ба 13,5 мг/кг. Ин нишондиҳанда дар чукурии 25-50 см паст гардида ба 13,6 ва 9,23 мг/кг мерасад. Миқдори фосфори фаъол дар хокҳои қитъаи тадқиқотӣ ба 13,8 мг/кг баробар аст, ин миқдор аз норасоии миқдори элементи фосфор шаҳодат медиҳад. Хокҳои хокистарранги равшани қитъаи тадқиқотӣ аз фосфори фаъол ниҳоят камбағал мебошанд. Таҳлили натиҷаи элементи ғизоии калий нишон медиҳад, ки дар ин хокҳо он ба миқдори 236 мг/кг баробар аст ва хокҳои қитъаи таҷрибавӣ аз он миёна таъмин мебошанд.

Муҳити хок ишқории паст буда, pH ба 7,5-7,6 баробар аст, ки ин муҳит барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ мутобиқ мебошад.

Дар минтақаи таҷрибавӣ сатҳи ҷойгиршавии сатҳи обҳои зеризамини аз 2,0 то 1,30 м ро ташкил медиҳанд.

Хокҳои ҷамоати деҳоти “Наврӯз” ноҳияи Носири Хисрав асосан хокҳои хокистарранги равшан ва хокистарранги ирригатсионии кӯҳна обёришуда мебошанд, ки дар қисмати ҷанубии минтақа ҷойгир мебошанд.

Хокҳои хокистарранги равшан дар шароити иқлими гарму камбориш, ки ҷамъи ҳарорати мусбат ба 5000-6000$^0$С мерасад, инкишоф ёфтаанд. Давомнокии мавсими гарм қариб ба 1 сол мерасад, миқдори бориш ба 150-250 мм баробар аст.

Хокҳои хокистарранги равшан дар водии дарёҳо, дар сатҳи такшониҳои аллювиалии реггилхокҳои қабатнок, дар ҳамвориҳои пешкӯҳҳо бо лёсс пӯшидашуда ва дар сатҳи такшониҳои пролювиалии пешкӯҳҳо ташаккул ёфтаанд. Дар Тоҷикистони Ҷанубу –Шарқӣ онҳо дар баландиҳои аз 700 то 1000 – 1600 м ташаккул меёбанд.

Сатҳи хокҳои хокистарранги равшан аз набототи табиӣ камбағаланд. Ин ҷо асосан набототи эфемерӣ ва эфемероидӣ (пиёзакдор, мятлик, ғешаи борикбарг), шибоғ ва шӯра месабзанд.

Қитъаи тадқиқотӣ дар қисми шимолӣ - ғарбии деҳаи Ҳайдаробод ҷойгир буда, аз шабакаи обдиҳии ВБК-3 бо воситаи шабакаи обдиҳии ОС-18, ки дарозиаш 890 м -ро ташкил медиҳад, обёрӣ карда мешавад. Дар қисми ҷанубии замини таҷрибавӣ заҳкаши Д-15 бо дарозии 1248 м ҷойгир шудааст. Аз тарафи ғарбии замини таҷрибавӣ заҳбури калонтарини ноҳия, ГБК мегузарад, ки обҳои заҳбуру заҳкашҳои минтақаи водии Бешкент ҷамъ шуда, ба дарёи Кофарниҳон партофта мешаванд.Майдони умумии заминҳои минтақаи тақиқотӣ 22,03 га-ро ташкил медиҳанд. Замини қитъаи таҷрибавии хоҷагии деҳқонии Ситора ба 7,2 га баробар мебошад, ки аз он заминҳои корами обӣ 5,97 га- ро ташкил менамоянд. Дар майдони қитъаи тадқӣқотӣ 3,5 га кишти пахт, 0,5 га полезӣ, 0,5 га юнучқа, 0,2 га пиёзи баҳорӣ, дар 1,0 га гандуми тирамоҳӣ ва дар 0,27 га кишти картошкаи

баҳорӣ гузаронида шудааст. Дар заминҳои корами обии хоҷагии деҳқонии Ситора дар масоҳати 3,5 га кишти пахтаи нави “Флеш” гузаронида шудааст. Дар қитъаи таҷрибавӣ дар моҳи март обмонии пеш аз шудгори замин гузаронида шудааст. Меъёри обмонӣ 600-650 $м^3$/га –ро ташкил намуд. Дар аввали моҳи апрел кишти зироати пахта дар хоҷагии Ситора гузаронида, шуда обёрӣ карда шуд. Сабзиши майсаҳо 6-8 рӯз давом намуд. Кишти пахта дар ҷӯякҳо гузаронида шудааст. Назоратҳо нишон доданд, ки баландин қади ниҳолҳои пахта дар моҳи май ба 18-20 см расида, ниҳолҳо аз 5 то 7 адад барг доранд. Ҷуякҳои пахта аз рӯйи реҷаи технологияи пахтакори ягона карда шуда, байни қаторҳо нарм кардашудааст. Дар давраи нашъунамоёбии зироати пахта ду маротиба озуқа, нурии минералӣ ба замин ворид карда шудааст. Нурии маъдании суперфосфат ва нитроамофос бо меъёри 100 кг/га дар охири моҳи май ва нурии нитрогенӣ, карбамид бо меъёри 150 кг/га дар декадаи сеюми моҳи июн ба зироати пахта дода шудааст. Натиҷаи ташхис ва ченкуниҳо дар қитъаи таҷрибавии хоҷагии Ситора нишон доданд, ки зироати пахта баландии қадаш ба ҳисоби миёна ба 97 см мерасад (ба ҳисоби миёна дар 10 растанӣ интихоби). Дар қитъаи таҷрибавӣ дарозии ҷӯякҳои зироати пахта ба 395 метр ва бари ҷӯякҳо ба 60 см баробар аст. Давраи шукуфтан ва гулкунии зироати пахта ба охири моҳи июл дар қитъаи таҷрибавӣ рост омадааст. Натиҷаи таҳлилҳо дар моҳи июл нишон доданд, ки ба ҳисоби миёна дар зироати пахта 7 адад гули шукуфта, 4 адад курак ва 4 адад гул мавҷуд мебошад. Қитъаи таҷрибавӣ дар моҳи июн ва июл 4 маротиба бо меъёри 6600 $м^3$ обёрӣ карда шудааст. Дар давоми нашъунамоёбии зироати пахта ҳарорати ҳаво моҳҳои июл-август ба ҳисоби миёна ба 37-48 $^0$С баробар аст.

Чинаки зироати пахта дар таҷрибагоҳ хоҷагии Ситора дар охири моҳи август сар карда шуд, натиҷа нишон дод, ки дар ду чинаки аввал 4,6 тонна пахта аз майдони 3,5 га ҳосил ҷамъоварӣ карда шудааст, ки он ба ҳисоби миёна ба 14,1 с/га баробар мебошад. Ҷамъоварии ҳосили зироати пахта дар қитъаи таҷрибавӣ давом дорад.

Зироати галладонагӣ гандуми навъи “Алекс дар масоҳати 1,0 га дар хоҷагии Ситора бо меъёри 220 кг/га кишт карда шудааст. Дар давраи нашъунамоёбии зироати гандум ду маротиба обёрӣ карда шудааст. Ба гандуми баҳории навъи “Алекс” ду маротиба озуқа, нурии маъданӣ селитраи аммиякӣ бо меъёри 100 кг/га ва нурии фосфорӣ суперфосфат бо меъёрӣ 80 кг/га дода шудааст. Натиҷаи таҳлилҳои структураи ҳосилнокии зироати гандуми баҳорӣ нишон доданд, ки хушаи гандум аз 24 то 32 дона гандум дошта, қади онҳо ба ҳисоби миёна аз 65 то 75 см мерасад. Ҳосилнокии миёнаи зироати гандум дар қитъаи таҷрибавӣ 24-25 с/га –ро ташкил намуд.

Яке аз сабабҳои паст будани ҳосилнокӣ дар ин заминҳо, ин баланд будани шӯрнокии таркиби хок ва инчунин наздик ҷой гирифтани сатҳи обҳои зеризаминӣ (1,5 м) мебошад.

Мутахасисони шуъба дар аввали моҳи май аз чуқури 25 ва 50 см, барои муайян намудани шӯрнокии таркиби хок намунаҳо гирифтанд. Инчунин аз шабакаи оби обёрӣ ва аз заҳбуру заҳкашҳои поёноб барои гузаронидани таҳлил намунаҳои обро гирифтанд.

Натиҷаи таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар намунаҳои хокҳои қитъаи таҷрибавӣ миқдори намакҳо дар боқимондаи хушк аз 0,036 то 0,132 % дар чуқурии 0-15 см % -ро ташкил менамоянд (графики 2). Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори гидрокарбонат зиёд буда, он дар чуқурии 0-45 см аз 0,043 то 0,050 % баробар аст.

Миқдори анионҳои хлор $Cl^-$ дар чуқурии 0-45 см аз 0,003 % то 0,007 % -ро ташкил менамоянд. Миқдори намкҳои сульфат ($SO_4^{-2}$) дар қабати болоии хок ба 0,033 % баробар буда, дар қабати поёнӣ дар чуқурии 45 см кам гардида ба 0,026 % мерасанд.




Графики 1. Таркиби намакнокии хоки қитъаи таҷрибавӣ дар маҳлули обӣ

Натиҷаи таҳлилҳо дар моҳи июл нишон медиҳанд, ки дар намунаҳои хокҳои қитъаи таҷрибавӣ миқдори умумии ҷамъи намакҳо аз 0,817 % дар чуқурии 0-25 см ва то 0,889 % дар чуқурии 25-50 см -ро ташкил менамоянд (графики 2).




Графики 2. Натиҷаи таҳлили намунаҳои хок, ҷамоати деҳоти «Наврӯз», хоҷагии деҳқонии Ситора

Миқдори намакҳои гидрокарбонат дар хокҳои қитъаи тадқиқотӣ зиёд буда, он дар чуқурии 0-25 см ба 0,031 ва дар чуқурии 25-50 см то 0,150 % баробар аст. Миқдори анионҳои хлор $Cl^-$ дар фасли тобистон дар чуқурии 0-25 см аз 0,027 % то 0,018 % -ро ташкил менамоянд. Миқдори намкҳои сульфат ($SO_4^{-2}$) дар қабати болоии хок ба 0,358 % баробар буда, дар қабати поёнӣ дар чуқурии 50 см кам гардида ба 0,415 % мерасанд.

Натиҷаи таҳлилҳо дар фасли тирамоҳ нишон медиҳанд, ки миқдори моддаҳои ғизоии органикии таркиби хокҳои минтақаи таҷрибавӣ (гумус) дар чуқурии 0 - 25 см ба 1,33 % ва дар чуқурии 25 - 50 см ба 0,93 % баробар мебошад ва миқдори гумуси таркиби хок он қадар тағйир наёфтааст

Таҳлил ва ташхиси элементҳои ғизоии таркиби хок нишон медиҳад, ки миқдори суммаи нитроген дар ин хокҳо ба 15,6 мг/кг мерасад, аз ҷумла нитрогени нитратӣ дар чуқурии 0-25 см ба 16,1 мг/кг, нитрогени аммонийгӣ ба 18,8 мг/кг.

Ин нишондиҳанда дар чуқурии 25-50 см паст гардида ба 11,3 ва 8,8 мг/кг мерасад. Миқдори фосфори фаъол дар хокҳои қитъаи тадқиқотӣ ба 13,1 мг/кг баробар аст, ин миқдор аз норасоии миқдори элементи фосфор шаҳодат медиҳад. Хокҳои хокистарранги равшани қитъаи тадқиқотӣ аз

фосфори фаъол ниҳоят камбағал мебошанд. Таҳлили элементи ғизоии калий ивазшаванда нишон медиҳад, ки миқдори он дар чуқурии шудгори замин ба 218 мг/кг ва дар чуқурии зери шудгор ба 188,1 баробар аст ва хокҳои қитъаи таҷрибавӣ аз он миёна таъмин мебошанд.

Муҳити хок ишқории паст буда, pH ба 7,3-7,5 баробар аст, ки ин муҳит барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ мутобиқ мебошад.

Дар минтақаи таҷрибавӣ сатҳи ҷойгиршавии сатҳи обҳои зеризамини аз 2,3 то 1,80 м ро ташкил медиҳанд.

Натиҷаи таҳлилили хокҳои дар моҳи сентябр аз қитъаи таҷрибавӣ гирифташуда нишон медиҳанд, ки миқдори умумии ҷамъи намакҳо аз 0,811 % дар чуқурии 0-25 см ва то 0,889 % дар чуқурии 25-50 см -ро ташкил менамоянд ( графики 3).




| | Ҷамъи намакҳо, % | HCO3- | Cl - | SO - | Ca +2 | Mg +2 | Na + |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 0 – 25 с/м | Основной | Основной | Основной | Основной | Основной | Основной | Основной |
| 25 – 50 с/м | Основной | Основной | Основной | Основной | Основной | Основной | Основной |

Графики 3. Натиҷаи таҳлили намунаҳои хок, ҷамоати деҳоти «Наврӯз», хоҷагии деҳқонии Ситора дар фасли тирамоҳ

Миқдори намакҳои $HCO_3^-$ дар хокҳои қитъаи тадқиқотӣ зиёд буда, он дар чуқурии 0-25 см ба 0,031 ва дар чуқурии 25-50 см то 0,017 % баробар аст. Натиҷаи таҳлил ва ташхиси миқдори анионҳои хлор $Cl^-$ дар фасли тирамоҳ дар чуқурии 0-25 см нишон доданд, ки миқдори он кам гардида аз 0,022 % то 0,016 % баробар шудаанд. Миқдори намкҳои сульфат ($SO_4^{-2}$) дар қабати болоии хок ба 0,344 % баробар буда, дар қабати поёнӣ дар чуқурии 50 см кам гардида ба 0,403 % мерасанд. Миқдори катионҳои калсий дар қабати шудгори замин ба 0,220 мг/кг, катионҳои магний ба 0,183 мг/кг ва катионҳои натрий ба 0,001 мг/кг баробар мебошанд.

Бо сабаби паст гардидани ҳарорати гармии ҳаво ва бухоршавии обҳо аз қабатҳои гуногуни хок, инчунин бинобар обёри кардани зироати пахта дар қитъаи таҷрибавӣ миқдори намакҳо дар фасли тирамоҳ кам гардидааст.

Руйхати адабиёт

1. Кадастри мелиоративӣ «Оид ба баланд бардоштани сатҳи техникии шабакаҳои обёрӣ ва ҳолати мелиоративии заминҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1.01.2020 с.
2. Ҳисоботи солонаи шуъбаи мелиоратсия. Мониторинг ва баҳодиҳии вазъи беҳдошти ҳолати заминҳои обӣ, роҳҳои беҳтар намудани онҳо ба воситаи усулҳои иноватсионӣ дар шароити водии Бешкенти Тоҷикистон,Душанбе. 2021. С. 35
3. Иброхимов Н.Ш., Ходжаев Ш.И. Водно физические и агрохимические свойство староорошаемых сероземных почв Каралангского массива Вахшской долины. Вестник Таджикского национального Университета (научный журнал), №1/1(156), г. Душанбе, «Сино», 2015 г. С.157-160.
4. Антипов-Каратаев И.А. Керзум П.А. Система мелиоративных мероприятий по освоению засоленных и заболоченных земель и предупреждению вторичного засоления орошаемых почв в Таджикистане. В кн. Проблема засоления почв и водных источников. Изд. АН СССР, М. 1960 г.
5. Ваксман Э.Г., Терновенко Н.Н. Способ промывки содовых солончаков в два этапа. Аннотация по основным законченным работам Таджикского НИИ почвоведения, Душанбе, 1970 г.

## МОНИТОРИНГИ ЗАМИНҲОИ КОРАМИ ОБЁРИШАВАНДА ДАР НОҲИЯИ НОСИРИ ХИСРАВ

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои шӯршавии такрории хок баррасӣ ва таҳлил карда шуда, таркиби намакҳои ҳалшаванда дар маҳлул ва хосиятҳои асосӣ муайян карда шудаанд. Барои дар хок, об нест кардани намакхо, баланд бардоштани хосилхезии замин, мелиорация ва обьёрии зироатхо кори устувори сети захбурхо тавсия карда мешавад.

**Вожаҳои калидӣ:** шӯршавии хок, таркиби агрохимиявӣ, заҳкашӣ, заҳкашӣ, обҳои зеризаминӣ, намакҳо, шусташавӣ.

## МОНИТОРИНГ ОРОШАЕМЫХ ЗЕМЕЛЬ В НОСИРИХИСРАВСКОМ РАЙОНЕ

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются и анализируются проблемы повторного засоления почв, определяется состав растворимых солей в растворе и основные свойства. В целях устранения солей в почве, воды, плодородия почв, мелиорации и орошения сельскохозяйственных культур рекомендуется устойчивая эксплуатация дренажной сети.

**Ключевые слова:** засоленность почвы, агрохимический состав, дренаж, дренаж, подземные воды, соли, промывка.

## MONITORING OF IRRIGATED LAND IN NOSIRIKHISRAV DISTRICT

**Annotation:** This article discusses and analyzes the problems of re-salinization of soils, determines the composition of soluble salts in solution and the main properties. In order to eliminate salts in the soil, water, soil fertility, melioration and irrigation of crops, sustainable operation of the drainage network is recommended.

**Key words:** soil salinity, agrochemical composition, drainage, drainage, groundwater, salts, leaching.

**Маълумот оид ба муалифон:** Толибов Кароматулло Бадриддинович, ГУ МДТоҷик «НИИГиМ», 734064, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шамси 5/1., тел: +992988681888., Сайдумаров Саидаброр Сайдбурхонович, ГУ «ТаджикНИИГиМ», 734064. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шамси 5/1. тел: +992501007800, E-mail: saidabror-92@mail.ru

**Сведения об авторах:** Толибов Кароматулло Бадриддинович, ГУ «ТаджикНИИГиМ», 734064, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шамси 5/1., Тел: +992988681888., Саидумаров Саидаброр Саидбурхонович, ГУ «ТаджикНИИГиМ», 734064. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шамси 5/1. тел: +992501007800, E-mail: sayabror-92@mail.ru

**Information about the authors:** Tolibov Karomatullo Badriddinovich, GU "TajikNIIGiM", 734064, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Shamsi 5/1., Tel: +992988681888., Saidumarov Saidabror Saidburhonovich, GU "TajikNIIGiM", 734064. Republic of Tajikistan, g. Dushanbe, st. Shamsi 5/1. tel: +992501007800, E-mail: saidabror-92@mail.ru

## НОВЫЙ ПОДХОД ОЦЕНКИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРОЕКТНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ СТРОИТЕЛЬНОЙ ОТРАСЛИ РТ.

*Байматова М.М., Абдуганиев Ш.А., Таджикский технический университет имени академика М.С.Осими*

Устойчивое развитие экономики страны прежде всего связано с развитием строительного производства. Решение этой проблемы зависит от темпа производительности труда, от конечных результатов работы предприятий и достижения макроэкономических показателей. [1].

Основным из ключевых мест строительства занимает проектно-изыскательские работы. Их предложения и идеи воплощаются в привлекательные и современные объекты. Обычно, оценивается деятельность проектных организаций методом производительности труда, рентабельности и объемом финансирования.

Но, используемые показатели не отражают результаты влияния проектной организации на развитие экономики и социальной сферы страны, отрасли, региона. Следовательно,

народнохозяйственные результаты деятельности проектной организации фактически не оцениваются.

Для решения таких вопросов предлагаем принципы комплексной оценки социально-экономической эффективности деятельности проектных организаций с учетом их роли в инвестиционном процессе и предлагается система показателей экономической и бюджетной эффективности их деятельности, которые отражают влияние результатов деятельности проектных организаций на национальную экономику.

1. Эффективность деятельности проектной организации равна эффективности проектных решений, что является важнейшей частью эффективности всего инвестиционного проекта. Оно состоит из внутриорганизационных показателей и внешних результатов проектных решений.




Рисунок 1. Показатели эффективности инвестиционного проекта.

2. Применении системы показателей многокритериальной оценки. Применение системы показателей экономического эффекта, стоимостных и натуральных показателей, отражающих влияние (вклад) деятельности проектной организации в изменение макроэкономических показателей развития страны, регионов и отраслей.




Рисунок 2. Показатели эффективности деятельности проектной организации

3. Формировании перечня количественных показателей экономической эффективности деятельности проектной организации, соответствующего стратегическим целям экономической и инвестиционной политики внедряющего данный проект предприятия, отрасли, региона, государства. [2].

В настоящее время одной из важнейших задач строительной отрасли РТ является направление усилия на разработку стратегий развития отрасли и её внедрение с целью повышения экономического и социального развития страны.

По мнению автора, метод оценки функционирования ПО после принятия новой стратегии развития строительной отрасли недостаточно эффективен. Стратегическое управление строительной отрасли требует внедрения новых методов оценки, соответствующим стратегическим целям. Переход от существующих методов оценки к новому подходу оценки рассматривает в своей

научной статье к.э.н., доцент Авдеева Л.А., и предлагает новый метод оценки деятельности проектной организации связывая ее с существующими методами.




Рисунок 3. Связь существующих методов оценки с новым подходом оценки деятельности проектных организаций.

Изучив предлагаемый метод и систем показателей оценки социально-экономической и экологической эффективности деятельности проектных организаций, основанные на положениях международной концепции устойчивого развития преобразуем её для строительной отрасли и принципам нашей национальной экономики. Новый, предлагаемый подход оценки деятельности проектных организаций имеет уровневый и аналитический характер, смотрите рисунок 4.




Рисунок 4. Метод уровневой оценки деятельности на основе ключевых показателей эффективности.

Рассмотрим расчет эффективности на уровне народного хозяйства схематично.

На уровне народного хозяйства данный показатель складывается как часть национального дохода, полученная за счет реализации инвестиционных проектов, выполненных в данной проектной организации.

Народнохозяйственный экономический эффект деятельности проектных организаций в отчетном году - прирост национального дохода можно определить, как сумму 3-х слагаемых:

- прибыль, созданная, собственно, в проектной организацией;
- части прибыли, созданная в организации, внедрившей проект;
- части прибыли, созданной смежными предприятиями (потребителями, в некоторых случаях - поставщиками). [2]. Рассмотрим положения общей эффективности ПО:




Рисунок 5. Показатели эффективности созданный проектной организацией.

Рассмотрим положения общей эффективности строительных компаний внедривший проект разработанный данной ПО:

Расчёт экономической эффективности строительных компаний отличается от проектных. Она сложная: расчет сметной прибыли, расчет экономической эффективности от внедрения инвестиционных проектов и т.п.




Рисунок 6. Показатели эффективности созданный строительной компанией.

Части прибыли, созданной поставщиками. Строительное производство требует сырья для производства, рабочей силы и применение строительных машин и механизмов. Совокупность этих рынков формирует рынок поставщиков. К ним относятся:

- рынок строительных материалов (строительные материалы, конструкций и строительное сырьё)
- рынок труда (специалисты и рабочие)
- лизинговые услуги (строительные машины и механизмы). Влияние этих рынков необходимо изучать тщательно.






Рисунок 7. Показатели эффективности созданный поставщиками.

Части прибыли, созданной потребителями. В группу потребителей строительной продукции входят: государство (объекты социальной инфраструктуры), население (жилые дома, частные фирмы) и предприниматели (объекты коммерческого и производственного назначения).

Эффективность рассчитывается по группам потребителей.




Рисунок 8. Показатели эффективности созданный потребителями строительной продукции.

Народнохозяйственный экономический эффект имеет следующий вид.




Рисунок 9. Народнохозяйственный экономический эффект деятельности проектных организаций.

**Использованная литература:**


1. Байматова М.М., Шаропова М.А. Исследование коммерческой и производственной деятельности проектных организаций в строительной отрасли Республики Таджикистан. Политехнический вестник. №4 (53) 2021.
2. Авдеева Л.А., Мусабирова К.М. Совершенствование системы показателей оценки деятельности проектных организаций // Интернет-журнал «НАУКОВЕДЕНИЕ» Том 8, №4 (2016) http://naukovedenie.ru/PDF/26EVN416.pdf (доступ свободный). Загл. с экрана. Яз. рус., англ.


## РАВИШИ НАВ ДАР БАҲОДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ЛОИХАКАШИИ СОҲАИИ СОХТМОНИ ҶТ

**Аннотатсия.** Дар мақола системаи нишондиҳандаҳои калидии фаъолияти лоиҳакаши дида баромада шудааст. Усул ва системаи нишондиҳандаҳои баҳогузории самаранокии иҷтимои-иқтисодии фаъолияти ташкилотҳои лоиҳакаши пешниҳод карда шудааст. Усули пешниҳодшуда, ба низомномаи консепсияи рушди устувори байналмиллалӣ асос ёфта, натиҷаи кори онҳоро пурра баҳо медиҳад.

**Калидвожаҳо:** ташкилоти лоиҳакашӣ, баҳодиҳӣ, макроэкономика, нишондиҳандаҳо, самаранокӣ, натиҷанокӣ

## НОВЫЙ ПОДХОД ОЦЕНКИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРОЕКТНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ СТРОИТЕЛЬНОЙ ОТРАСЛИ РТ.

**Аннотация.** В настоящей статье рассмотрены системы ключевых показатели проектной деятельности. Предложено подход и система показателей оценки социально-экономической эффективности деятельности проектных организаций. Предлагаемый подход, основанные на положениях международной концепции устойчивого развития, позволяют полно оценить результаты их работы.

**Ключевые слова:** проектные организации, оценка, макроэкономика, показатели, эффективность, результат.

## A NEW APPROACH TO EVALUATION OF THE ACTIVITIES OF DESIGN ORGANIZATIONS OF THE CONSTRUCTION INDUSTRY OF RT

**Annotation.** This article discusses the system of key indicators of project activities. An approach and a system of indicators for assessing the socio-economic efficiency of design organizations are proposed. The proposed approach, based on the provisions of the international concept of sustainable development, allows you to fully evaluate the results of their work.

**Keywords:** project organization; economic impact; efficiency; amount of profit; integrated assessment; performance; economy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Байматова Манзура Менгатовна – муалими калони кафераи “Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмон”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осими.Тел.: (+992) 935-46-00-40. E-mail: Baymatova_2022@mail.ru, Абдуғаниев Абдулмаҷид Маҳмасодикович – муаллими калони кафедраи «Масолеҳҳо, технология ва ташкили сохтмон»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осими.Тел.: (+992) 988-47-00-40. E-mail: 040878@mail.ru,

**Сведения об авторах:** Байматова Манзура Менгатовна - старший преподаватель кафедры «Экономика и управление в строителӣстве» Таджикского технического университета имени М.С. Осими.Тел.: (+992) 935-46-00-40. Электронная почта: Baymatova_2022@mail.ru, Абдуганиев Абдулмаджид Махмасодикович - старший преподаватель кафедры «Материалы, технология и организация строительства» Таджикского технического университета имени М.С. Осими.Тел.: (+992) 988-47-00-40. Электронная почта: 040878@mail.ru

**Information about the authors**: Baymatova Manzura Mengatovna - Senior Lecturer of the Department of " Ec.and Manage. In Const." of the Tajik Technical University named after M.S. Osimi.Tel .: (+992) 935-46-00-40. E-mail: Baymatova_2022@mail.ru, Abduganiev Abdulmajid Mahmasodikovich - Senior Lecturer of the Department of "Materials, Technology and Construction Organization" of the Tajik Technical University named after M.S. Osimi.Tel .: (+992) 988-47-00-40. E-mail: 040878@mail.ru

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ, КАК СПОСОБ ОПТИМИЗАЦИИ СОВЕРШЕНИЯ ТАМОЖЕННЫХ ОПЕРАЦИЙ ПРИ ПОМЕЩЕНИИ ТОВАРОВ ПОД ТАМОЖЕННУЮ ПРОЦЕДУРУ

*Кожомбердиев Б.К. - аспирант Кыргызской государственной юридической академии Кыргызстан*

Использование информационных технологий является неотъемлемой составляющей в реализации современной таможенной политики. Главной задачей информационных технологий является управление информацией внутри таможенной системы с целью повышения эффективности осуществления таможенных операций и создания благоприятных условий для участников внешнеэкономической деятельности. Внедрение электронного декларирования стало одним из серьезнейших шагов на пути к упрощению таможенных процедур, позволяя не только сэкономить время участников ВЭД, но и делая процесс совершения таможенных операций более прозрачным и менее подверженным влиянию различных субъективных факторов.

Расширение практики электронного декларирования является одним из важнейших направлений развития таможенной службы стран ЕАЭС.

В настоящее время деятельность таможенных органов по сокращению сроков совершения таможенных операций теперь является одним из основных критериев оценки работы.

В настоящее время сформирована и реализуется стратегия развития таможенной службы КР на 2018-2025гг.

Стратегия определяет ключевые условия и приоритеты совершенствования таможенной службы на среднесрочную перспективу, с учетом тенденций развития таможенной службы, такие как автоматизация (цифровизация) таможенных процессов, применение системы управления рисками при принятии таможенных решений для ускорения, упрощения таможенных операций, тем самым создавая благоприятные условия для участников ВЭД, в том числе развития транзитного потенциала страны.

Кроме того, цифровизация таможенных процессов также позволит снизить коррупционные риски в сфере таможенного дела.

В этой связи, целью настоящей Стратегии является создание цифровой таможни на основе системы управления рисками с развитой таможенной инфраструктурой.

Достижение стратегической цели будет обеспечено путем выполнения следующих поставленных задач:

- ускорение процесса проведения таможенных операций, посредством применения системы управления рисками и автоматизации таможенных процессов, а также развития электронного межведомственного взаимодействия (безбумажное декларирование);

- развитие эффективной системы таможенного администрирования на основе анализа внешнеэкономических показателей, направленных на обеспечение экономической безопасности;

- реализация наиболее эффективных форм государственно-частного партнерства в области развития таможенной инфраструктуры при гарантии полноценного присутствия государства в ключевых направлениях;

- достаточное ресурсное обеспечение таможенной службы, в части профессионального человеческого потенциала и справедливой мотивации.

Вместе с тем следует отметить, что Стратегия разработана с учетом положений Соглашения по упрощению процедур торговли.

«Автоматизация и использование современных цифровых технологий во всех таможенных процессах («Цифровая таможня»)» Автоматизация и использование современных цифровых технологий во всех таможенных процессах снизит временные издержки участников ВЭД при таможенном оформлении товаров и транспортных средств, создаст благоприятные условия для осуществления ВЭД. Кроме того, позволит обеспечить снижение коррупционных рисков за счет исключения контакта сотрудников таможенной службы с участниками ВЭД. Путем реализации следующих мероприятий планируется:

- дальнейшее развитие электронного таможенного декларирования и системы автоматического выпуска товаров, автоматизация первичного весогабаритного контроля на пунктах пропуска, интеграция системы таможенной службы с системами коммерческих банков для подтверждения уплаты таможенных платежей в режиме онлайн, а также обеспечение достоверности и полноты сведений в первичной документации;

- внедрение единой автоматизированной системы контролирующих органов на пункте пропуска по принципу «Одна остановка», внедрение и развитие механизмов приоритетного прохождения через таможенную границу при международном транзите и перевозке сельскохозяйственной продукции, внедрение электронной системы контроля отслеживания и доставки товаров и транспортных средств до таможенного органа назначения, а также автоматизация таможенного досмотра.

При этом необходимо на всех этапах проведения таможенного контроля и совершения таможенных операций внедрить и совершенствовать уже имеющиеся инструменты системы управления рисками. Система управления рисками и пост таможенный контроль после выпуска товаров будут являться основными приоритетами при цифровизации таможенных процессов.

Одним из основных приоритетных направлений деятельности Государственной таможенной службы является автоматизация и цифровизация таможенных процессов направленное на создание благоприятных условий для участников внешнеэкономической деятельности и повышение качества таможенного регулирования.

ГТС при МФ КР одним из первых государственных органов в Кыргызской Республике внедрили и используют Единую автоматизированную информационную систему (ЕАИС).

На сегодняшний день, в условиях стремительного развития информационных технологий требованием времени является предоставление государственных услуг в сфере таможенного дела в электронном формате.

Данная информационная система позволяет существенно облегчить и ускорить проведение таможенных операций, что в свою очередь создаст благоприятные условия для ведения бизнеса.

С 2018 года идет большая работа по модернизации информационной системы. К примеру, были разработаны и внедрены:

- автоматизированная система учета ввозимых товаров и транспортных средств.

- система предварительного информирования и принятие предварительных решений таможенными органами, что в свою очередь позволяет сократить время прохождения транспортного средства на границе и в местах таможенного оформления.

- система подтверждения оплаты таможенных платежей в режиме реального времени.

Кроме того, завершены мероприятия по информационному взаимодействию с государственными органами в рамках межведомственного электронного взаимодействия «Тундук».

В текущем году, планируется продолжение работ по автоматизации и внедрению современных цифровых технологий для дальнейшего развития электронного таможенного декларирования и

системы автоматического выпуска товаров, включая совершенствование автоматизированного межведомственного взаимодействия.

